ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИТОҶИКИСТОН

БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

АБДУСАМАДИ МУЛЛО

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

(Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои филологияи тоҷики муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2015

**ББК-92я2+83.3(2 тоҷик)+74.261**

**М-81**

**Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2014, №_13/23 ба ҳайси китоби дарсӣ барои муассисаҳои олии касбӣ тавсия шудааст.**

Му{аррир**: А. Муродӣ**

**Муқарризон: Абдуллоев М.,А{мадов М., Шербоев С.**

**М-81 Абдусамади Мулло Методикаи таълими адабиёти тоҷик.- Душанбе: «Ирфон» , 2014, 400 саҳ.**

***Китоби дарсии мазкур иқдоми тоза дар низоми таҳсилот буда, асосҳои методологӣ, тарзи ташкил ва баргузории тадриси адабиёти тоҷикро равшан намудааст. Дар он равиш ва усулҳои навини тадриси адабиёти тоҷик барои омӯзгорон ва толибилмон пешкаш гардида, дар ҷараёни таълим ва омӯзиши фанни адабиёти тоҷик ба омӯзгорон ва донишҷӯён раҳнамойи муфид мебошад.***

**4309000000-125**
**М ----------------------- – 2014 ББК-92я2+83.3**
**М 501 (12) – 2014**

**ISBN 978-99975-0-098-4**

**© Абдусамади Мулло, 2014**

## САРСУХАН

Адабиёт фанни инсоншиносист ва тавассути таълими он мероси маънавии халқ омӯзонида ва бақои умри миллат таъмин мешавад. Омӯзиш, таълим ва мақоми ин фан ба хусус, дар даврони соҳибистиқлолӣ ва ҷаҳонишавӣ басо афзудааст. Таълим ва тадриси адабиёт дар парвариш ва камолоти инсон, ташаккули ёди таърихӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии наслҳо нақши созанда дошта, ҳаёти ҷомеа ва зиндагии маънавии инсониятро тавсиф мебахшад. Вазифаи аслии адабиёт тарбияи инсони бомаърифат ва рисолатманд буда, омӯзиши он ҳадафи миллӣ, ватанхоҳӣ ва инсонпарварӣ дорад.

Адабиёт фақат фанни таълимӣ набуда, василаи камолоти маънавии фарзандони миллат, ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият мебошад ва барои омӯхтани илмҳои дигар заминагузор аст. Азбаски адабиёт василаи дарк ва таҷассуми образноки воқеияти зиндагист, таълими он дар тарбият, бунёди маънавӣ, ахлоқӣ, зебошиносӣ ва таҳзиби инсонҳо муассир аст. Омӯзиши адабиёти тоҷик яке аз омилҳои муассири дарки ғановати забони тоҷикӣ буда, ба ташаккули маҳорати забондонии хонандагон мусоидат менамояд.

Асосҳои методологӣ, роҳу усул ва шеваҳои тадриси фанни адабиёти тоҷик дар замони муосир то андозае дар китоб ва дастурҳои ҷудогона муайян шудааст. Мутаассифона, то кунун китоби дарсии муътамад ва комили усули таълими фанни адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ мавҷуд набуда, донишҷӯён ва омӯзгорон ба он эҳтиёҷманд мебошанд. Бинобар ин, дар заминаи мушоҳида ва таҷрибаи чандинсола дар соҳаи маорифи кишвар адабиётшинос ва методисти шинохта А. Муллоев кори хайр ва судмандеро анҷом дода, эҳтиёҷоти толибилмон ва омӯзгоронро бо эҷод ва нашри китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» таъмин намудааст.

Дар таҳияи китоби мазкур таҷриба ва услуби китобнависии методистони шинохта ва олимони варзидаи рус О.Ю. Багданова, Ф. И. Буслаева, В.В. Голубкова, М.А. Рибникова ва тадқиқоту мақолаҳои ҷудогонаи олимон ва методистони тоҷик Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, М. Шукуров, Н. Маъсумӣ, М.Қозиҷонов, М. Лутфуллоев, С. Наимбоев, С. Давронов, Т. Миров, Қ.Хоҷаев, Ш. Исломов, А. Ваҳҳобов, Ғ. Мирзоев ва дигарон мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст.

Дар муайян намудани мундариҷа ва муҳтавои китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» муаллиф талаботи стандарт, нақша ва барномаи таълимии адабиёти тоҷик ба инобат гирифта шуда, дар қисматҳои ҷудогона мақсаду вазифаҳо, асосҳои методологӣ, мушкилоти назариву амалӣ, зинаҳои таълими адабиёт, намуд, равиш, усул, намуна ва воситаҳои таълими адабиёт, талаботи шахсият ва маҳорати касбии омӯзгор, омӯзиши зиндагинома ва шахсияти адиб, алоқамандии идрок ва эҳсос дар осори адабӣ, хониши адабӣ ва намудҳои он, ҳунари иншонависӣ ва меъёрҳои он муайян карда шудааст.

Дар ҳамин шаклу мазмун таҳия шудани китоби дарсии «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» барои толибилмон, донишҷӯён ва омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик иқдоми хайр ва самаровар буда, ба баланд бардоштани сифати таълими адабиёти тоҷик ва тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб мусоидат менамояд.

Таҳияи китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» дар даврони соҳибистиқлолии давлатии кишвари азизамон таҷрибаи нахустин ва амали шоиставу судманд мебошад. Бинобар ин, аз ҳамкасбон ва омӯзгорони арҷманд таманно дорем, ки чиҳати такмили он дар нашрҳои минбаъда маслиҳат ва пешниҳодоти хешро манзур созанд.

Маҳмадуллои Лутф,<br>академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

# БОБИ 1

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Мақсади аслии омӯзишу парвариши ҷомеа дар ҳама давру замонҳо расидан ба сатҳи баланди одамияту маънавият будааст. Ҳам дар Юнони қадим, ҳам дар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла, Эронзамин дар равиши мактабдорӣ аз оғоз таълимро ба тарбия вобаста донистаанд. Дар ҷаҳони мутамаддини имрӯз низ ҳамин омили таълиму тарбия шоеъ аст.

Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меваи истиқлолияти кишвар буда, дар ҳамбастагии таълиму тарбия тадриҷан амалӣ мешаванд. Таълим ва тарбияи инсони комил ҳадафи ниҳоии консепсияҳои мазкур буда, ин аснод тарбияро василаи камолоти ахлоқӣ ва дар хонандагон ба вуҷуд овардани малакаи зист дар фазои солими ахлоқӣ медонанд. Пӯшида нест, ки ҳадафҳои консепсияҳо ба такомули низоми ахлоқии зиндагӣ ва пешрафти истеъдоди инсон пайванди ногусастанӣ доранд, яъне ғояи низоми пешрафтаи маориф бояд бар маънавияти комил ва асили иҷтимоъ бунёд ёфта бошад.

Омӯзиши осори бадеӣ дар тарбияи маънавии наслҳо дар замонҳои гуногун ҳамчун инъикосгари ҳаёт ва зиндагии мардум, орзуву ормон ва ҳастии маънавии халқ таъсиргузор буда, дар ташаккули шахсият, камолоти олами маънавию ахлоқӣ ва завқи зебоиписандии инсон ҷойгоҳи босазо дорад.

Устод Садриддин Айнӣ дар заминаи як байти Мирзо Абдулқодири Бедил ахлоқи некро аз ҳар гуна илму амал афзалтар ва одобро аз мазҳабу миллатгароӣ болотар таъбир карда буд. Вале ин ҳарф чунин маънӣ надорад, ки ин гуна усули таълимро аз соҳаҳои дигари ҳаёт ҷудо амалӣ созем.

Муҳаммадҷони Шакурӣ ҷиҳати татбиқи консепсия ва барномаҳои омӯзишу парвариш инсонгароии таълимро дар мадди аввал гузошта, таъкид намуда буд:

“Ҳама паҳлӯҳои воқеияти иҷтимоӣ дар омӯзишу парвариш бояд дар назар гирифта шавад ва навҷавонони мо бо хатми мактаби миёна барои зиндагонӣ, барои сахтгирӣ дар воқеияти иҷтимоӣ имконияти зарурӣ ба даст биоваранд. Вале ин кор дар доираи мақсади аслӣ, ки расидан ба одамияту маънавият аст, бояд сурат бигирад».[1]

Воқеан ҳам, агар ҷавононро дар доираи маҳдуди ихтисос таълим ва тарбия диҳем, он гоҳ ҳадафи аслии таълиму тарбия, ки бояд одамияту маънавият бошад, зери суол қарор мегирад. Ҳол он ки мақсади аслии мактабу маориф бояд тарбияи шахсияти дорои маънавияти олӣ бошад, шахсияте, ки ихтисосашро аз роҳи дарки мавқеи маънавиёт танҳо барои манфиати инсон истифода карда тавонад.

Аз ин мавқеъ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва дурнамои рушди кишвар бояд ба инсонгароии таълим арзиши бештаре қоил шуд. Ин корро нафақат ба хотири он бояд кард, ки инсонгароии таълим зиёии комилро ба воя мерасонад, боиси ҳамчунин, бо он хотир, ки адабиёт таҷрибаи наслҳоро фаро гирифта, мантиқи омӯхтан ва андешидан баҳс ва исрор кардан ба ақидаи худро меомӯзад. Ҳамзамон, омӯзиши адабиёт ва санъатшиносӣ имкон медиҳад, ки хонандагон тамаддун ва ҳастии маънавии замонҳои дигар, ба хусус, намояндагони миллатҳои дигарро ба хубӣ шиносанд. Тавассути осори адабӣ асолати мероси маънавӣ ва ҳунарии эҷодкорони халқҳо ва давраҳои мушаххаси таърихиро аз худ менамоянд. Ҳадафи аслии ин кор иборат аз он аст, ки ҳунар, адабиёт ва анвои он ҳисси инсонро таҳрик мебахшад ва он барои эҷодкорӣ, хоҳ техникӣ бошаду хоҳ инсонгароӣ, ниҳоят муҳиму арзишманд аст.

[1] (Муњаммадљон Шакурии Бухорої. Инсонгароии омўзиш ва забони миллї. Душанбе, 2002- с. 50)

Фанҳои таълимӣ ҳар кадоме дар роҳи тарбияи хонандагон ҷойгоҳ ва нақши муайян доранд. Вале муҳаққиқони соҳаи таълиму тарбия дар ин самт ба адабиёт, ки дар ҳақиқат, «оинаи ҳаёти башар» ва «китоби зиндагӣ» аст ва ба хонандагон имконияти хоси таъсири ҳисси гузаштагонро дорад, мақоми бештаре лоиқ дидаанд. Воқеан, адабиёт, таърих, забони модарӣ, асосҳои санъати мусиқӣ, рассомӣ, меъморӣ ва театру кино бештар имкон доранд, ки мабдаъҳои маънавию инсонӣ, тахайюл ва эҷодро инкишоф диҳанд. Ба хусус, эҷоди бадеӣ инсонро беш аз ҳар чизи дигар ба неруи корсози одамият мусаллаҳ месозад.

Адабиёт ифодагари ҳаёти бани башар буда, тарбияи тафаккуру эҳсоси нафис, шинохти шуури солим ва сиришти поки зебоиписанди инсонро ифода месозад ва натанҳо манбаи омӯзишу парвариши маърифати ҳусн, балки василаи муҳими саводнокӣ, маърифатписандӣ ва забономӯзӣ мебошад.

Вале барои он ки адабиёт воқеан ҳам баҳри насли ҷавон сабақи зиндагӣ, мактаби камолоти маънавӣ, инсонӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносӣ гардад, зарур аст, ки онро бисёр ҳам оқилона ва нозукона ба хонандагон таълим диҳем. Таълими адабиёт набояд ба зикри хушку холии номи адибон, санаи тавлиду даргузашт, номгӯи осори онҳо табдил ёбад. Ҳамчунин, дарси адабиёт наметавонад танҳо василаи саргармкунандаи хониши осори бадеӣ бошад. Мушкилоти аслӣ ин аст, ки адабиётро дар мактаб чӣ гуна бояд таълим дод, равишу усул (методикаи) таълими онро чӣ тарз тарҳрезӣ кард.

Дар замони Шӯравӣ ва  имрӯз дар ин замина мактабу маорифи халқи мо ҳанӯз равиши мустақил ва судмандро соҳиб нагаштааст.  Албатта, равишҳои донишмандони рус воситаи хубе барои омӯзиши адабиёти реалистӣ ва муосир буда, дар мактаби тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши эҷодиёти адибони муосир Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода ва чанде дигар то андозае судманд мебошанд. Аммо дар марҳилаи  омӯзиши адабиёти классикӣ бисёре аз

равиш (метод)-ҳои омӯзиши адабиёт на ҳамеша самарабахш мебошанд. Бинобар ин, чиҳати омӯзиши адабиёти ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ равишҳои тоза ва созгори онро мебояд истифода намоем.

Албатта, дар заминаи дигаргунсозиҳои ҷомеаи муосир дар равиши такмили таълими адабиёт баъзе корҳо шурӯъ шудааст, ки усули ҳамгироии тадрис, яъне таълими якҷояи забону адабиёт аз ҷумлаи он ҳаст. Вале дар маҷмӯъ, чи дар замони Шӯравӣ ва чи ҳоло, мактабу маорифи мо соҳиби равиши барозандаи таълим ва тадриси адабиёт нашудааст. Вазъи ин соҳа имрӯз низ ҳам дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоию миёна, ҳам миёнаи касбию олӣ боиси нигаронӣ мебошад.

Муҳаққиқони соҳа равиши омӯзиши адабиётро ҳамчун илми таълими бунёдӣ эътироф карда, шеваҳои тадрис ва фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни таълим ва парвариши фаъолияти талабагон барои дарёфти дониш ва малака ба роҳ мондаанд. Ин фан ҳадаф , вазифаҳои таълим, омӯзиши адабиёт ва мундариҷаи донишҳои адабиро дар мактаб муайян карда, меъёрҳои илмии интихоби осори ғании адабиро барои дар мактаб омӯхтан роҳандозӣ мекунад. Ҳамчунин, таркиби маълумоти адабии хонандагонро дар давраҳои муайяни омӯзиш аз нигоҳи илмӣ асоснок менамояд. Ниҳоят, ин фан равишҳо ва усулҳоеро, ки хонандагон ба омӯзиш ва азхудкунии ғановати осори бадеӣ даст меёбанд, муайян менамояд.

Таҳлили барномаи ҷории адабиёти тоҷик (Душанбе, 2007) аз ҷониби донишмандон ва омӯзгорони соҳа нишон медиҳад, ки он ба таҷдиди назари ҷиддӣ ниёз дорад. Ин барнома омӯзиши осори паҳну парешони зиёди адибонро бе назардошти хусусияти синну сол ва меъёрҳои сифатии таълим дар бар гирифта, дар синфҳои 5-11 ба таври умум омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти 127 (!) адибро фаро гирифта, омӯзиши таълими эҷодиёти 29 адиб дар синфҳои гуногун

такроран омадааст. Ҳатто, адибони ҷудогонаи дар барномаи мазкур овардашуда, аз қабили Варовинӣ Саъдуддин, Абулфайзи Майбадӣ, Фахруддини Розӣ, Нозими Ҳиравӣ ва монанди инҳо дар доираи муҳаққиқони соҳаи адабиёт пурра шинохта нашудаанд. Мушоҳидаҳо аз таҳлили барнома собит месозанд, ки ба хонандагон на парвариши олами зебоӣ , ғановати адабӣ, назокат ва ҳусни маънӣ , завқи зебоипарастӣ, балки як навъ ахбори шарҳиҳолӣ, таърих, тазкиранигорӣ ва маълумоти сатҳии назарии адабиётшиносӣ бе назардошти хусусиятҳои синнусолӣ пешниҳод мегардад. Аз ҷониби дигар, ба омӯзиши асарҳои калонҳаҷм ва арзишманди адибони маъруф ҳамагӣ як-ду соати дарсӣ ҷудо шудааст, ки нокифоя аст.

Гузориши масъалаҳои назарияи адабиёт ва навъҳои адабӣ низ номукаммал сурат гирифтааст. Омӯзиши вазнҳои шеър, баҳрҳо, санъатҳои бадеӣ, ҷинс ва намудҳои адабӣ ноқис ва мухтасар пешниҳод шудааст.

Масалан, дар синфи 5 барои омӯзиши мавзӯи “Зарбулмасал ва мақолҳо”ҳамагӣ 1 соат ҷудо шудааст ва хонанда дар баробари хусусияти жанрии онҳо, ҳамзамон таҳлили ғоявии зарбулмасалу мақолҳо, моҳият ва муҳимияти онҳоро бояд таҳлил ва идрок намояд. Албатта, дар як соат ин ҳадафҳо амалӣ намегардад.

Тарзи гузориши мавзӯъҳо низ сатҳӣ буда, маводи таълимӣ бе таҳлил пешниҳод шудааст. Масалан, зимни таълими мавзӯи Ҷалолуддини Балхӣ пас аз маълумоти мухтасар дар бораи шоир ҳикоятҳои “Бозаргон ва тӯтӣ”, “Марди аблаҳ ва хирс” ва “Табиб ва бемор” пайи ҳам дар ҳаҷми 18 (!) саҳифа оварда шудаанд. Ҳикояти якум аз 94 байт иборат буда, роҷеъ ба он, ҳатто, ягон саволу супориш дар назар гирифта нашудааст. Танҳо барои ҳикояти дуюм дар охир чор савол гузошта шудаасту халос . Роҷеъ ба ҳикояти сеюм низ саволу супорише нест. Чунин тарзи пешниҳоди

мавод шавқу ҳаваси хонандаро ба адабиётдӯстиву шеърдӯстӣ коста гардонида, ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Осори адибони садаи бистум ва даврони истиқлолият асосан дар синфи 11 омӯхта мешавад. Тибқи низоми амалкунандаи соҳаи маорифи кишвар мактаби асосӣ ҳатмӣ буда, бо хатми синфи 9 анҷом меёбад ва таҳсил дар синфҳои 10-11 ҳатмӣ нест. Дар натиҷа тақрибан нисфи хатмкунандагони синфи 9 аз таҳсил берун мемонанд. Онҳо аз осори гаронбаҳои адибони шинохта, мисли устод С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ф. Муҳаммадиев, Л. Шералӣ ва дигар адибони муосир бебаҳра мемонанд.

Равиши (методикаи) таълими адабиёт, пеш аз ҳама, ба таърих ва назарияи адабиёт, педагогика, равоншиносӣ, философия, забоншиносӣ, таърих ва ҷомеашиносӣ алоқамандӣ ва такя дошта, бе амиқ донистани он чи ки адабиётшиносӣ муайян кардааст, ин фан чун илм ҳуқуқи зист надорад. Вале дар ин замина фақат такя ба адабиётшиносӣ кофӣ нест. Ин фан беш аз ин илми омӯзишу парвариш, инсоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ аст. Аз ин мавқеъ вай бо фалсафа, маънавият ва ахлоқ робитаи ногусастанӣ дорад. Ҷавҳари равиши таълими адабиётро усулҳои умумиахлоқӣ чун назарияи омӯзиш, ки қонунияти ҷараёни тарбия ва таълимро ба назар мегирад, ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, ин фан бо педагогика ва равоншиносӣ, махсусан, қисмати дидактика, ки масъалаҳои умумидидактикӣ, таҳаввулоти маънавию ахлоқӣ ва рӯҳии хонандагонро дар ҷараёни таълим ва тарбия омӯхта, асосҳои равонии ин фарояндро бо ҳолатҳои равонии қабули эҷодиёти бадеӣ муайян мекунад, пайванди нагусастанӣ дорад.

Ҳадафи аслии равиши таълими ин фан тарбияи маънавию ахлоқӣ ва маърифати инсон буда, бевосита бо таълими адабиёти бадеӣ сару кор дорад. Табиист, ки вай бо забоншиносӣ, таърих, фалсафа, равоншиносӣ ва илмҳои

дигар пайванди ногусастанӣ дорад. Умуман, пайванд ва алоқамандии равиши (методика) таълими адабиёт бо илмҳои дигар хеле вусъатнок буда, баъзе равишҳои он хусусияти хоси таълимию маърифатбахшӣ доранд. Равишҳои таълими адабиёти тоҷик дар мактабҳои ғайритоҷикӣ чун адабиёти хориҷӣ сурат мегирад.

Аз ин таснифот бармеояд, ки ин равишҳои таълим барои мактабу маорифи мо ҳодисаи нав ва меваи истиқлол буда, ҳар кадоми онҳо махсусияти худро доранд.

Вале усулҳои умумии таълими адабиёт, аз ҷумла, таърихият, илмият, ягонагии мундариҷаву шакл барои ҳамаи ин равишҳо умумӣ боқӣ мемонад.

Ҳамчунин, талабот ба ҷараёни таълим мисли пайванд бо зиндагӣ, низом ва ҳадафмандии таълим, фаҳмо будан, аёният, шаффофият ва таъсиргузор будани натиҷаҳои таълим, ягонагии таълим ва манфиатҳои миллию давлатӣ низ собит ва бетағйир аст. Аммо дар шароити таълими фанни адабиёти тоҷик дар мактабҳои тоҷикӣ ва ғайритоҷикӣ баъзе усулҳо ва талаботи зикршуда метавонанд ба худ шакл ва мундариҷаи тоза гиранд.

Дар мактабҳои тоҷикӣ ва ғайритоҷикӣ низ фанни таълимии адабиёти тоҷик дар маҷмӯъ дарси воҳиди ҳунари суханшиносӣ буда, асосҳои илмии адабиётшиносиро меомӯзад. Чизи дигари муҳим дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик дар мактабҳои миллӣ он аст, ки таълими ин фан бояд миқдори муайяни донишҳои таърихӣ ва назарию адабиро фаро гирад.

Хусусияти хоси таълими адабиёти тоҷик муносибати эҳтиёткорона ва судмандро дар истифодаи аёният ҳангоми омӯзиши осори бадеӣ тақозо мекунад.

Равишҳои хоси таълими адабиёти тоҷик тақозо мекунанд, ки ҳангоми омӯзиши таърихи адабиёти гузашта, имрӯз ва осори алоҳидаи бадеӣ аёният эҳтиёткорона ва судманд истифода карда шавад. Аёният бояд, ки аз воситаҳои асосии таълим барои омӯзиши адабиёт, дарки

моҳияти аслии симоҳои осори бадеӣ ва дарунмояи он бошад. Аёният тасаввуроти хонандагонро таҳрик бахшида, таносуби лозимаи амалу андешаро ба вуҷуд меоварад.

Адабиёт, пеш аз ҳама, навъи ҳунар буда, ҳамчун сухани образнок василаи беҳамтои тасаввури айнӣ аст. Матни асари бадеӣ худ воситаи аёният буда, ҷалб ё истифодаи ягон намуди аёният дар ин ҳол шояд ба иваз кардани як намуди ҳунар ба намуди дигари он боис гардад. Намунаи осори бадеӣ ба сари худ аёнияти беҳамтост, ки дар дарси адабиёт ҷойгоҳи муҳим дорад. Бинобар ин ҳам баъзе муҳаққиқони соҳаи таълими адабиёт истифодаи аёниятро дар ин дарс чун муодили аслии осори адабӣ нолозим ва ҳатто, зиёновар ҳисобидаанд. Ба ин далел, ки ҳама гуна муодили осори адабӣ тасаввури хонандаро нисбат ба адабиёти асил маҳдуд ва нокифоя месозад.

Баъзе равишшиносон ҳамзамон истифодаи намодҳои намоишӣ, тасвирӣ ва шунавоиро ҷоиз донистаанд. Вале аз таҷриба бармеояд, ки таъсири маводи намоишӣ ва намодҳои шунавоӣ диққати хонандагонро аз намоди бадеӣ дур мебарад. Намодҳои намоишӣ зудтар тасаввуротро асир месозанд. Дар ин замина таъсири зиёнбори намоишҳо, ки мардумро аз китоб дур мекунад, ба ҳама маълум аст.

Истифодаи воситаҳои аёнӣ дар дарси адабиёт ҳамон вақт самаранок аст, ки ба тахайюлоти хонандагон таҳрик бахшад ва таваҷҷуҳи онҳоро ба махсусиятҳои зиндагӣ, урфу одат, табиат ва ғайраҳо ҷалб кунад.

Равиши таълими адабиёти тоҷик ҳамон вақт натиҷаи мусбат медиҳад, ки агар синну сол ва имконияти фардии хонандагон ба эътибор гирифта шавад. Имконияти усулие фароҳам овардан лозим аст, ки хонандагон моҳияти асари бадеӣ, ғоя, хусусиятҳои осори бадеӣ ва тимсолҳои онро фаҳмида тавонанд.

Барои хонандагону толибилмони наврас аз осори адабии ниёкон бештар нақлу ривоят, ҳикояту қиссаҳои ҷолиб ва ашъори асил ва андешапарваронаро интихоб бояд намуд, ки

ба завқу биниши онҳо таъсирпазир бошад. Дар ин радиф дар барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ ҷойгир намудани микдори зиёди адибон ва матнҳои душворфаҳми осори адабӣ роиҷ набуда, боиси сатҳӣ ва заиф омӯзонидани осори адибони барҷаста ва дар маҷмӯъ адабиёт мегардад. Омӯзиши амиқи осор, шахсияти адибони барҷаста ва мактаби эҷодии онҳо намоёнгари халлоқияти ҳунарӣ ва бозгӯи осори адабии як давраи муайяни таърихӣ мебошад. Бинобар ин, муҳимтар аз ҳама бояд ба тафсири ғоявӣ ва ҷанбаи ҳунарии каломи бадеъ дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои назарии адабиёт дар осори адибони тавоно ва маъруф таваҷҷуҳ зоҳир кард ва омӯзиши осори онҳоро муфассалтару дақиқ ба зеҳну иродаи хонандагон устувор сохт.

Дар баробари ин, ҳангоми таълими адабиёт гоҳо бетаваҷҷуҳии ҳиссии хонандагон ба осори бадеӣ, ба хусус адабиёти гузашта эҳсос карда мешавад. Сабаби ин гоҳо марбут ба душвории матни пешниҳодшуда мешавад. Ин душворӣ ҳам ба сохтори бадеии асар ва ҳам ба забони он алоқаманд аст. Махсусан, матне, ки ҳамаи калимоти он фаҳмо набошад, дар вақти хондан ба дилу рӯҳи хонанда наздик намеафтад. Дар ин ҳол муаллим ба тафсири луғавӣ ва истифодаи воситаи аёнӣ эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Дар равиши таълими адабиёти тоҷик нуктаҳои зеринро ба эътибор гирифтан лозим аст:

• усули хондан, ки зери ин мафҳум фаъолияти муаллим дар назар аст; усули хондан дар ҷараёни омӯзиши адабиёт аз ҳама асосӣ ва муҳим аст;

• усули тафсирию тасвирӣ бо истифода аз шаклҳои маълуми он, монанди: сухани муаллим, тафсир ва маънидоди асари бадеӣ;

• усули тазаккур, ки шаклҳои маълуми он иборат аст аз суҳбат ва шаклҳои гуногуни нақл;

• усули суолу ҷавоб: шакли маълуми он суҳбат бо роҳи суолу ҷавоб.

Дар ин роҳ равиши таҳқиқӣ ба усули суолу ҷавоб наздик буда, вай бо он фарқ мекунад, ки бештар ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон такя ва то ҷое, ба пешравии ҷараёни ҷустуҷӯҳои эҷодкоронаи онҳо мусоидат менамояд. Агар усули суолу ҷавоб хонандагонро бо роҳи пурсуҷӯ ва супоришҳо ба ҷустуҷӯи мустақилона раҳнамоӣ кунад, равиши таҳқиқӣ ба дӯши хонанда масъулияти муҳаққикро мегузорад. Хонандаро бо чизи тайёр ошно намесозад, дар назди ӯ масъала мегузорад ва хонанда бояд онро мустақилона ҳал кунад. [1]

Мутаассифона, равиши таҳқиқии омӯзиш аз тарафи муаллимони адабиёт самаранок истифода намешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки он аҳёнан корбаст мешаваду бас. Махсусан, истифодаи ин усул ҳангоми таҳлили осори бадеӣ арзишманд аст. Агар ин усули таълим дар дарсҳои таҳлилӣ самаранок истифода шавад, муаллим аз нақли бесамари мазмуни асар то ҷое раҳо меёбад. Дар ин ҳол ҳангоми таҳлили осори бадеӣ ихтиёрро ба дасти хонандагон гузоштан, онҳоро ба амал ва андешаи мустақилона раҳнамоӣ кардан пурманфиат аст.

Ба назари мо, дар зинаи имрӯзаи таҳсилот ва имкониятҳои дастрас мо бояд аз таҷрибаи дар солҳои Шӯравӣ андӯхта истифода карда, роҳҳо ва василаҳои нави таълими адабиётро ҷӯё шавем. Масалан, усули таҳлилию тафсирӣ яке василаҳои озмудаи таълими адабиёт дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот буда, он дар роҳи фарогирӣ ва азхудкунии донишҳои адабӣ мақоми хос дорад. Ин усул василаи пурғунҷиш ва ҳаматарафаест дар роҳи омӯзиши адабиёт.

Равиши таълими адабиёти тоҷик бояд бо фанҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ пайванди мустақим дошта бошад. Мутаассифона, чунин алоқамандӣ дар зинаи имрӯзаи таҳсилот ҳанӯз хеле ночиз ва камсамар аст. Ба хусус, ин равиши омӯзиш бояд ҷузъи асосии таълим дар мактабҳои

[1] Скаткин М.Н. Совершенствование процесса обучения.- Москва 1971, с. 172

олие қарор гирад, ки хатмкунандагонашон омӯзгори забон ва адабиёт мешаванд. Ин мутахассисон бояд донишҳои хуби забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дошта бошанд, чунки онҳо дар як вақт ҳам аз забон ва ҳам аз адабиёт дарс медиҳанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯз дарёфти равишҳои нави таълими якҷояи ин ду фан дар мактаби миёна ва олӣ ба миён меояд.

Мундариҷа ва таркиби равиши таълими адабиёти тоҷик ҳамчун фанни таълимӣ ба адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ такя карда, толибилмонро бо донишҳои назарӣ ва амалӣ мусаллаҳ мекунад ва онҳоро ба хидмати мактабу маориф мекашад.

Дар соҳаи методикаи таълими адабиёти собиқ халқҳои Шӯравӣ як қатор дастовард ва тадқиқот аз ҷониби олимони шинохта А.Д. Алферова, О.Ю. Багданова, Ф. И. Буслаева, В,В, Голубкова, М.А. Рибникова, Н.М. Соколов, Н.И. Кудряшев ва дигарон анҷом дода шудааст. Дар татбиқи омӯзиш ва таълими адабиёти тоҷик тадқиқот ва мақолаҳои ҷудогонаи олимон ва методистони тоҷик Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, М. Шукуров, Н. Маъсумӣ, М.Қозиҷонов, М. Лутфуллоев, Ш. Исрофилниё, Т. Миров, Қ.Хоҷаев, Ш. Исломов, А. Ваҳҳобов ва Ғ. Мирзоев нақши муайян доранд.

Мутаассифона, то кунун китоби дарсии мукаммали методикаи таълими адабиёти тоҷик ва ба талаботи муосири таълим ва тадрис ҷавобгӯ таҳия ва нашр нашудааст.

Китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» дар заминаи таҷрибаҳои муфиди таълими адабиёт ҳам дар мактабҳои замони Шӯравӣ ва мактабҳои даврони истиқлоли кишвар таълиф шуда, ба масъалаҳои мушаххаси таълими адабиёти тоҷик ихтисос ёфтааст. Таркиб ва мундариҷаи китоби мазкур иборат аст аз қисмҳое, ки ба масъалаҳои мушаххаси омӯзиш ва таҳлили осори бадеӣ бахшида шудааст. Дар дохили ин қисматҳо бахшҳои таълими адабиёт дар зинаҳои ҷудогона ҷой дода шудааст ва имкон медиҳад, ки аввал масъалаҳои умумии назарии бо мавзӯъҳои

мушаххаси омӯзиш ва таҳлили адабиёти бадеӣ алоқаманд арзёбӣ шуда, тадриҷан роҳҳои мураккаби шаклҳо ва намудҳои таълими ин фан баррасӣ шавад. Дар қисматҳое, ки ба масъалаҳои мушаххаси омӯзиши осори бадеӣ бахшида шудааст, усули таълими осори бадеии дар жанрҳои гуногун таълифгардида вобаста ба барномаи таълимӣ нишон дода шуда, аз дарсҳои раҳнамо, тафсири маҷмӯӣ, хониши матн, таҳлили он ва натиҷагирӣ аз дарс ва монанди инҳо иборат мебошад.

Дар маҷмӯъ, китоби «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» нахустин китоби мукаммал дар раванди муосири таҳсилот барои толибилмон, донишҷӯён ва омӯзгорони адабиёт буда, дар низоми равиш ва усулҳои тадриси адабиёт раҳнамои судмандест.

Дар та{ияи китоб аз мақолаҳо ва масли{ат{ои судманди олимон ва методистон Ш. Исрофилниё. К. Шукруллоев ва Ҳ. Саидов истифода шудааст, ки ба эшон из{ори сипос ва миннатдорӣ менамоем.

## БОБИ 2

## МУШКИЛОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ

Асри XX1 дар назди мактабу маориф масъалаҳои нави таълиму тарбияро ба миён мегузорад, ки ҳалли самарабахши онҳо ба дарёфт ва корбасти усулҳои нав ва судманди таълим вобаста аст. Замони пуршебу фарози мо дар ин замина дар назди омӯзгорону донишмандони соҳаи таълиму тарбия ва ҳам падару модарону хонандагони мактабҳо масъулияти бузургеро мегузорад. Махсусан, ғояи донишҳои бунёдӣ, бартараф сохтани ҷудоии усулҳои анъанавӣ ва навъи омӯзишу парвариш, мушкилоти гуфтугӯи тамаддунҳо, дарёфти равишҳои ҷомеи усули таълим ва тарбияи низоми меъёрҳои ахлоқии шахсият арзиши хос пайдо мекунанд.

Дар муҳити илмии педагогика аслан калимаи методро истифода менамоянд. М. А. Рибникова оид ба истилоҳи методика таъкид менамояд, ки «Методика истифодаи моҳиронаи вақт ва маҳорати оқилонаи иқтидори хонанда, пайдо намудани асосҳо ва муҳимияти маводи таълимӣ, ташкили бомаҳоратона фаъолият ва меҳнати аҳлонаи синф ва таъсири амиқи он ба фардияти муҳассилин мебошад». [1]

Дар луғати маъмулии илмӣ равишро ба маънии тариқ ё худ роҳи дарёфти мақсад таъбир кардаанд. Дар соҳаи омӯзишу парвариш онро усули омӯзиш маънидод кардаанд, ки тарзи фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда дар ҷараёни таълим ва дарёфти дониш, ба даст овардани малака ва маҳорат ва ташаккули ҷаҳоншиносиро ифода мекунад.

Маҷмӯи фаъолияти асосноки мантиқӣ, шарҳу тафсири матнҳо, амалиёт барои азхудкунии амалӣ ва назарии матлаб ба таркиби равиш дохил мешаванд.

Дар ин робита В.В. Голубков қайд менамояд, ки «методика ба кадом фанни таълимие алоқаманд бошад ҳам, айнияти байниҳамдигарии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки мутаҳаррики мунтазами принсипҳо, мавод ва усулу равиши фаъолияти омӯзгорро муайян намуда, ба се саволи асосӣ: «барои чӣ, чӣ ва чи тавр», ҷавоб медиҳад». [2]

Методика ба система ва консепсияи муайяни таълим далолат намуда, ҳамчун фанни соҳаи педагогика қонуният, вазифа, принсип ва консепсияи илмию тадқиқотии худро дорад. Дар ҳамин асос, академик М. Лутфуллоев дар маҷмӯъ фаҳмиши истилоҳи методикаро чунин ҷамъбаст намудаанд:

- Методика ҳамчун усули фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар бораи роҳ, тарз ва воситаҳои омӯхтани дониш,

---

[1]Рыбникова М.А. Очерки по методике литературного чтения. В кн. Избранные труди. – М., 1985.

[2] Голубков В.В. Методика преподавания литературы.-М., 1962.

ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули чаҳонбинии хонандагон, тарбия ва инкишофи қобиляти онҳо. [1]

Айни замон дар муҳити таълиму тадриси мо ба ин маънӣ калимаи равишро низ пазируфтаанд. Равиш ба маънии тарзи гузаронидани дарси адабиёт қобили қабул аст. Солҳои тӯлонӣ равиши умумии таълими адабиёт шоеъ буд ва омӯзиши давраҳои гуногуни адабиётро пешниҳод мекард. Масалан, равиши омӯзиши зиндагинома, равиши таҳлили асари бадеӣ ва ғайраҳо. Вале дар ҳар давра, ҳарчанд ихтисосӣ бошад ҳам, ягонагии низоми равишҳо ба миён меояд. Яке аз заминаҳои муҳими ягонагии таълими адабиёт дар мактаб низ дар ҳамин аст.

Дар замони Шӯравӣ равиши таълими адабиёти тоҷик ба назария ва амалияи равиши таълими адабиёти рус такя мекард ва имрӯз низ ин равиш идома дорад. Дар замони мо дарси адабиёт нисбат ба ҳар замони дигаре арзиши бештари инсонпарварона ва созандагӣ касб намудааст ва василаи неруманде барои ташаккули ҳамаҷонибаи маънавии насли ҷавон гардидааст. Ин дарс агар босамар ба роҳ андохта шавад, ба маънои томи сухан инсон месозад, инсоне, ки метавонад барои худ зиндагии шарофатмандонаеро созмон дода, дар пешрафти ҷомеа ва ободии кишвар саҳми арзанда дошта бошад. Аз ин назар, масъулияти омӯзгор, ба хусус муаллими адабиёт дар даврони мо дигаргун гардида, вазифаи вай на фақат омӯхтану фаҳмондан, балки андеша ва балоғати сухану маънӣ парваридан, нишон додан, ба ҳаяҷон овардан ва бовар кунондан низ ҳаст.

Донишмандон бар ин назаранд, ки аз мавқеи забоишинохтӣ ва адабиётшиносӣ ва аз рӯи хусусияти

[1] Лутфуллоев М. Осор, љилди 4.- Душанбе, « Собириён», с.5-6.

дақиқии шинохти дунё эҷоди бадеӣ бо илм рақобат дорад. Вале махсусияти он дар ин аст, ки ба хонанда тасвири образноки ҷаҳонеро менамоёнад ва дар худ аломатҳои баҳрабардории забоишиносӣ, маърифати ҳусн, дарси ахлоқӣ ва ниҳоят ҳамон оромиши рӯҳиро ба вуҷуд меоварад, ки барои ҳама муҳим ва созанда аст.

Дар ҳар замоне вазъи маънавии ҷомеа вазифаҳо ва ҳадафҳои методикаи (равиши) таълими адабиётро муайян мекунад. Таваҷҷуҳ ба арзишҳои маънавӣ,ки мутаассифона, хеле аз онҳо аз даст рафтааст, рӯз то рӯз афзоиш меёбад.

Муносибатҳои нави муаллиму хонанда, омодагӣ ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва муҳокимаву андешаронии ҳои мустақил дар муҳити омӯзишу парвариш аҳамияти хос пайдо мекунад. Ин ҷараён барои интихоб ва шарҳу тафсири адабиёти асил ва арзишманд ниҳоят муҳим буда, масъалаи интихоби намунаҳои асари бадеии арзишмандро низ ба миён мегузорад. Таваҷҷуҳ ба мероси адабие, ки арзиши худшиносӣ ва миллӣ дорад, тақвият меёбад. Дар чунин шароит усули таълими адабиёт низ ғунҷоиш ва тавсиаи хоса мехоҳад. Консепсияҳои алтернативии таълим ва фаъолияти илмию амалии омӯзгор, методист ва олими соҳа арзиши бештар пайдо мекунад. Вазъи кунунӣ омӯзиши адабиётро дар матни васеи фарҳангӣ барои шаклгирии шахсияти худшинос тақозо мекунад.

Омӯзгор бояд на фақат махсусияти таълими адабиётро донад, балки дар бораи имконияти дар мактабҳои гуногунтахассус фаъолият намудан низ тасаввурот ҳосил кунад. Дар таҷрибаи гузашта ва муосири мо чанд равиши таълими адабиёт вуҷуд дорад. Дар ин замина тарафдорони ҷараёнҳои ахлоқӣ, ғоявӣ, забоишиносӣ ва ё ахлоқию

забоишиносиро метавон ном бурд. Баъзеҳо дар ҷараёни таълим равиши ғоявию зебоишинохтӣ ва гурӯҳи дигар ҳиссиву зебоишинохтиро афзал дониста, асари бадеиро дар ин замина таҳлил мекунанд. Таълими адабиёт дар мактабҳои мо асосан моҳияти ахлоқию ғоявӣ дошта, ҷанбаҳои ҳунарӣ ва зебоишинохтии осори адабиро аксаран кам ба эътибор мегирад. Имрӯз ҷомеаро хавфи камтаваҷҷуҳии ҷавонон ба арзишҳои ҳунарии осори бадеӣ ба ташвиш наоварда наметавонад.

Аз ин рӯ, дар таълими адабиёт бояд, пеш аз ҳама, ба мустақилияти дарки хонанда эътибор дода шавад. Дар ин равиш ҷараёни таҳлили асари бадеӣ бояд тобеи таҳлили ҷомеъ бошад ва фардияти адиб, поэтикаи осори ӯ ва арзёбии онро дар бар гирад.

Дар ин робита метавон масъалаҳои назарии зерини равиши таълими адабиётро зикр кард:

1. Масъалаи хониш, дарки осори бадеӣ ҳамчун санъати сухан, ташаккули хонанда ва ҷаҳони маънавии вай. Дар ин замина аз гуногунии завқи хонандагон дар интихоби асари бадеӣ низ наметавон сарфи назар кард. Ормонҳои воқеии замон низ омили шаклдиҳандаи завқи хонандаи имрӯзанд, ки дар интихоби осори бадеӣ ва ҷараёни дарки он таъсиргузор мебошанд.

2. Ғаноафзоии тарафайни адабиётшиносӣ ва методикаи таълими адабиёт, омӯзиши масъалаҳо ва дурнамои омӯзиши поэтикаи асари бадеӣ дар дарсҳои адабиёт.

3. Амиқбурди пайванди дарки асар, тафсир, таҳлил ва мустақилияти фаъолияти хонандагон.

4. Омӯзиши масъалаи камолоти адабиётфаҳмии хонандагон на фақат дар соҳаи таҳқиқ, балки ҳамчун асоси таълими фанни адабиёт, интихоби барнома, консепсия,

технологияи дарсҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсили адабиёт аз тарафи хонандагон.

5. Муовизаи таърихии методҳо ва усули омӯзиши адабиёт, навгароӣ дар такя ба суннатҳои гузаштаи таълимии ин фан.

6. Шаклдиҳии намунаҳои нави муносибатҳои муаллиму донишомӯз ва парвариши рӯҳияи эҷодкорӣ дар шогирдон.

7. Ҷустор дар сохтори нави тадрис ва тарроҳии шаклҳои дигари гузаронидани дарс.

Адабиёти бадеӣ дар роҳи ташаккули худшиносии ҷомеаи муосир ва инсонӣ сохтани он омили созанда ба ҳисоб меравад. Вай ёдномаи бадеӣ, зебоишиносӣ ва ахлоқии миллати мо мебошад. Бинобар ин, барои ҳифзи равишҳои судманди методикаи таълими адабиёт, ғанӣ намудани таҷрибаҳои гузашта ва кашфи роҳҳову василаҳои нави таълими ин фан чӣ бояд кард?

Чунон ки маълум аст, дар тайи ду даҳсолаи охир, махсусан, даҳсолаи даврони тозаистиқлолии кишвар дар ин замина тағйироти чашмгире ба вуҷуд омад. Равиши арзиши маводи таърихи адабиёт ва ҳодисаҳои адабӣ тағйир ёфта, барномаҳои нави таълимӣ, дастурҳои гуногун ва китобҳои дарсии нав таҳия ва нашр гардиданд. Садҳо мактабу литсейҳо ва гимназияҳои давлативу хусусӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Намунаҳои гуногуни тарзу тариқи таълими адабиёт бо дарназаргирии таркибҳои бунёдии маълумоти накди адабӣ омода гардиданд. Ин амал танҳо бо мақсади ҳифзи беҳтарин суннатҳои таълими адабиёт дар кишвар, таҳкими пайванди ҳамкориҳои тарафайни муаллиму донишомӯз дар заминаи

назарҳои гуногун роҳандозӣ мегардад. Таҳсилоти пешрав ва босамар асоси методологии таълими ин фан қарор гирифта, дар роҳи такмили барномаи таълимӣ ғояи мутамаркази ҷузъиёти алоҳидаи он дар назар гирифта шудааст. Вобаста ба ин мазмуни нави таълим бо ҷустуҷӯи усулҳои нави таълим, дарёфти мундариҷа ва таркиби нави он сахт пайванд аст.

Ҳамчунон ки масъалаи хониши бадеӣ, ташаккули завқу салиқаи адабиётфаҳмии хонанда ва ҷаҳони маънавии ӯ мушкилоти асосии илмӣ ба назар меояд, дар илми методика усулҳои равиши таълиме афзалият пайдо мекунанд, ки ягонагии дарки матни бадеӣ, таҳлилу тафсири амиқи он ва шинохти поэтикаи нависандаву шоирро замонат диҳанд. Бинобар ин, тасодуф нест, ки дар ҳама давру замон заминаи таркиби бунёдии таълими адабиёт хондан ва омӯзиши асари бадеӣ ва тафсиру таҳлили он шинохта шудааст.

Равиши таълими адабиёт бо мақсади пайдо кардани малакаҳои фардӣ, дарки моҳияти асари бадеӣ ва махсусияти сухани адиб аз синфҳои 1-4 шурӯъ мешавад. Дар синфҳои 5-9 азхудкунии адабиёт дар заминаи таърихию фарҳангӣ ҷараён гирифта, хонандагон дар синфҳои 10-11 ба дарки санадҳои адабиёт ва санъат муносибати бошуурона ва ҳадафмандонаро равиши фаъолият қарор медиҳанд, ки дар дарси адабиёт ба шакли тафсир ва таҳлили матнҳои адабӣ амалӣ карда мешавад.

Камбудии асосии ҷараёни таълими адабиёт аз он иборат аст, ки ба омӯзиши амалии поэтикаи матни бадеӣ, масъалаи тафсири зебоишинохтии он, ки бояд дар ҳадафҳои асосии таълими адабиёт қарор гирад, чандон аҳамият дода намешавад. Солҳои охир дар вақти таҳияи барномаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ба фарогирии баъзе масъалаҳои поэтика

каму беш зоҳир мегардад. Муаллифони китобҳои дарсӣ низ дар таҳлили мавзӯъҳои ҷудогона ба ин мавзӯъ эътибор медиҳанд. Вале дар аксар маврид ҳам барои таҳиягарони барномаҳои таълимӣ ва ҳам муаллифони китобҳои дарсӣ навиштани иншо ва мутаносибии он бо хондану таҳлили образҳои асари бадеӣ ҳамчун арзёбии поэтикаи асар ба назар меомад.

Дар шароити имрӯзаи омӯзишу парвариш, ба хусус дарки ҳамаҷонибаи моҳияти асари бадеӣ аҳамияти тасаввуроти зинда дар вақти хондани асар ва шинохтани моҳияти поэтикаи он аҳамияти хоси услубӣ пайдо мекунад. Дар ин замина таҳлили муқоисавии асар ва муайян кардани хусусияти хоси жанрҳои гуногун зиёда муҳим мегардад. Ҳангоми ин гуна таҳлил бояд алоқамандии ҷузъҳои асар барои муайян кардани поэтикаи асар дар шинохти ғояи ягонаи он диққат дода шавад. Вобаста ба ин мо бояд ба низоми таҳлили асари бадеӣ эътибор дода, дар ҳар ҳолати мушаххас равиши хоси таҳлили поэтикиро ба кор гирем.

Дар заминаи имрӯзаи таълими адабиёт дарёфт ва корбурди чунин усулҳое, ки дарки воҳиди матн, тафсири амиқу ҷомеъ ва шинохти поэтикаи асарро таъмин мекунанд, ниҳоят муҳим аст. Дар ин замина наметавон таҳлили услубӣ ва сохтори асари бадеиро канор гузошт.

Дар вақти таҳлили поэтикаи асари бадеӣ масъалаҳои муаллиф ва мавқеияти он, мавзӯъ ва тамоили ғоявии асар, портрет, муколама, лаҳзаҳои муқаддамотӣ, сабк ва арзиши эҷодиёти нависанда ё шоирро бояд ба эътибор гирифт.

Шарҳи намудҳои гуногуни поэтика дар фарҳангҳои истилоҳотӣ ба тариқи зер омадааст: назарияи адабиёт; таълимот оид ба поэтикаи эҷодиёт; қисмате аз назарияи

адабиёт, ки сохтори асари бадеиро ва воситаҳои зебоишинохтии дар он истифодашударо меомӯзад; сабки ҳунарии ба ҷараён ё замоне марбут.

Дар худи мафҳуми поэтика “таҷриба ва назария”-и шеърият ба ҳам меояд. Донишманди рус В.В.Виноградов бар ин назар аст,ки поэтика “ҳамчун илм дар бораи шакл, намуд, воситаҳо ва усулҳои офариниши асари бадеӣ, дар бораи сохти намудҳо ва жанрҳои офаридаҳои бадеӣ на фақат ҳодисаҳои поэтикаи забониро фаро мегиранд, балки тарафҳои гуногуни сохтори шаклии осори адабӣ ва адабиёти шифоҳиро низ дар бар мегиранд”. [1]

Ин андеша дар бораи осори адабӣ ва таҳлилу арзёбии он ва усулҳои таълими он ҳанӯз ҳам арзишманд мебошад. Масалан, дар заминаи дастурҳои назарии ин донишманд дар вақти таҳлили асари бадеӣ омӯзгор бояд образи асар, ғановати ғоявию бадеӣ ва тафовути онро аз “ман”-и муаллиф фарқ кунад. Дар ин усули таҳлил пайванди маънии поэтикӣ ва шакли сохтории ифодаи он ниҳоят муҳим аст. Дар ин равиш бояд ба эътибор гирифт, ки яке аз масъалаҳои муҳими поэтикаи муосир мушкилоти ҷузъиёти сохтории осори бадеӣ мебошад. Дар ҳақиқат, поэтика ҳамаи намудҳо ва шаклҳои адабиро дар инкишоф ва такомули таърихии онҳо фаро мегирад ва ва осори бадеиро дар сатҳи сохторию назарӣ, таърихию муқоисавӣ, таърихӣ, ҳамчунин, татбиқию муқоисавӣ арзёбӣ мекунад.

Ҳангоми таълими адабиёт бояд дар назар гирифт, ки таҳлили поэтикӣ, пеш аз ҳама, бар он нигаронида шавад, ки

---

[1]Виноградов. В.В. Вопросы языкознания;1962 № 5, с.14

дар маводи бадеӣ низоми муайянеро, ки гурӯҳи усулҳои собити эҷодии адиб бошад, дарёбад ва ба хонанда дастрас гардонад. Сохтори бадеии осори бадеиро таҳлил карда, мо бояд ба кашфи таносуби воситаҳои тасвири бадеӣ дар шароити муайяни таърихӣ ва ҳам сохтори фардию нотакрори асар даст ёбем. Дар ин замина бояд ба назар гирифт,ки истилоҳи поэтика дар аксари ҳолатҳо бо мафҳуми воситаи тасвирии муассир ҳаммаъно мебошад.

Дар вақти таҳлили поэтикӣ аҳамияти сегонаи поэтикаро бояд дар назар гирифт. Пеш аз ҳама, поэтика роҳ ба сӯи объекти омӯзиш ва ё худи объекти омӯзиш аст. Сипас, таркиб ва қонунияти асари бадеиро муайян мекунад. Ҷанбаи сеюми поэтика талабот нисбат ба моҳияти асар мебошад. Фаҳмиши имрӯзаи поэтика таркиби матни бадеӣ ва равиши таҳлили онро муайян мекунад.

Стандарти давлатии таҳсилот омӯзиши адабиёт, ба хусус, осори бадеиро ҳамчун тамоюли муҳими такмили таълими адабиёт дар назар гирифтааст,ки шавқмандии хонандагон ба хониши бадеӣ, такя ба таасуроти хонанда, дарки арзиши бадеии осори адабӣ ва моҳияти ҷовидонагии ин гуна осор асоси онро ташкил медиҳад. Дар ин замина дар вақти таҳлили осори бадеӣ илова ба корбасти истилоҳи таҳлил равиши хондан, дарк, тафсир ва таъбири онро низ бояд ба назар гирифт.

Тавоноии маънавии ҷомеаи муосири тоҷикон, пеш аз ҳама ба фарҳанги мутолиа ва дарки саҳеҳи осори бадеӣ вобаста мебошад. Тавсияи доираи мутолиаи хонандаи имрӯз ба сарчашмаҳои фарҳанги маънавӣ ва ғаномандии донишҳои башарӣ вобаста мебошад. Афсӯс, ки барои муайян намудани дараҷаи шавқмандии хонандагон ба мутолиаи осори бадеӣ

маълумоти дақиқ дар даст нест ва дар ин замина бозпурсие низ анҷом нагирифтааст. Танҳо дар заминаи таҷрибаи муаллимон ва мушоҳидаҳои фардӣ метавон хулоса кард, ки бештари хонандагон мутолиаи осори бадеиро дӯст медоранд ва ба он афзалият медиҳанд. Вале дар рӯ ба рӯи мо хонандаи асри ХХ1 қарор дорад. Ин хонанда шавқмандиҳои дигаре дорад, бо намудҳои гуногуни санъат рӯ ба рӯ мешавад, диди хоси худашро ба воқеият ва ҳаёти фарҳангӣ дорад. Вай метавонад бо нависандагону шоирон мулоқот ороядˌ андешаашро дар бораи китоби хондааш баён кунад. Чун қоида матнҳое, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, пеш аз ҳама, сужетро дар бар мегиранд, лаҳзаҳоеро аз сарнавишти қаҳрамон хулоса медиҳанд, сабки нависанда ё шоирро муаррифӣ мекунанд. Ба назари мо, бисёре аз безавқии хонандагон на ба синну сол ва шавқмандии онҳо вобаста аст, балки ба усули таълими ин фан вобаста мебошад, ки аксаран дар вақти таълим табиати матни бадеиро ба назар намегиранд.

Инкишофи фаъолиятмандии хонанда яке аз вазифаҳои муҳими мактаб мебошад. Барномаи таълимӣ озодии интихоби асари бадеиро барои мутолиа, суҳбат ва омӯзиш бояд замонат бидиҳад. Ба хусус, дар замоне,ки тамоюлҳои манфии адабию фарҳангӣ, ки бештар хусусияти саргармкунӣ доранд, дар ҷомеа афзалият пайдо кардаанд, дарёфти равишҳои таъсиргузори таълими адабиёт ва мутолиаи осори бадеӣ дар шаклгирии маънавиёти солим ба ҷавонон ёрӣ хоҳад расонд. Дар ин равиш таълими поэтикаи матни бадеӣ василаи муҳими ҷалби хонандагон ба адабиёти асил мебошад.

Адабиётӣ бадеӣ худшиносии ҷомеаи муосирро шакл медиҳад. Оғозгоҳ ва бунёди ин ҳама ҳадаф ва ормонҳои нек дар боргоҳи илму маърифат- мактаб амалӣ мегардад. Дар ин замина бисёр муҳим аст, ки ҷанбаҳои маънавӣ ва зебоишинохти осори бадеӣ дар якҷоягӣ омӯзонида шаванд. Ин усули таълим чашми хонандаро ба ҳаводиси таърихӣ ва ҷаҳони муосир боз карда, ба камолоти маънавӣ ва ҳунарии ӯ таъсири судманд мегузорад.

# БОБИ 3

# ТАЛАБОТИ ШАХСИЯТ, ФАЪОЛИЯТ ВА МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бихрад рӯзгор.

**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар раванди таълиму тарбия мақом ва мартабаи омӯзгор ҳамчун шоҳсутуни бинои муаззами таҳсилот шинохта шуда, муҳимтарин омили рушд ва таъмини сифати таҳсилот мебошад. Омӯзгор пеш аз ҳама бояд ҳамчун мутахасиси варзида асосҳои илмӣ ва таълимии фанни худро хуб донад, усул, равиш ва навгониҳои муосирро пайваста аз худ намояд.

Омӯзгор офаридагор ва санъаткори рӯҳи инсон аст, ки бо пешаи муқаддас, маҳорати касбӣ ва маданияти баланди муошират ва муносибат ба таълимгирандагон саҳнаҳои пурсӯзу гудоз ва ибратомӯзи ҳаётро ҳамчун раҳнамову роздони оташинсухан ва тахайюлангез дар ойинаи рӯзгор намоиш дода, аз чашмасори зулоли илму маориф ва бӯстони хирад неруи ақлонӣ, тарбияи зеҳнӣ ва қобиляти эҷодкориро кашф намуда, ҷаҳонбинӣ ва тафаккурро фурӯғ мебахшад.

Омӯзгори адабиёт чун машъалафрӯзи ҷомеа дар раванди рушди муҳити фарҳангӣ ва маънавии иҷтимоъ, тарбияи андешаву худогоҳи миллӣ ва ватандӯстӣ саҳми муносиб мегузорад ва насли наврасро дар рӯҳияи заҳматкашӣ, меҳнатдӯстӣ ва инсондӯстӣ ба камол мерасонад. Вазифаи пуршарафи ӯ тарбия намудани инсони комил, бомаърифат ва ҳамқадами замон аст. Дар ҳақиқат, омӯзгори забон ва адабиёт дар заминаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва

ормонҳои зубдаи иҷтимоъ насли наврасро тарбия намуда ва ба камол расонида, симо ва рисолати инсонро мӯътабар месозад. Шароити мувофиқ баҳри ҳифз ва эҳтироми касби пуршарафи омӯзгорӣ ва арҷгузорӣ ба мақоми омӯзгор ба фароҳам овардани рушди ҷомеаи солиму бомаърифат мусоидат менамояд. Эҳтироми шахсият ва мақоми омӯзгор дар аксар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф дарҷ гадида, низоми ягонаи талабот ва меъёрҳои касбиро муайян намуда, муносибати омӯзгорро бо ҷомеа ба танзим оварда, арзишҳои инсонӣ ва шаъну шарафашро ҳифз мекунад.

Эҳёи ҳастии маънавии миллӣ ҷузъи муҳими барномаҳои давлатӣ буда, хонандагонро дар рӯҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва миллатдӯстӣ тарбия намудан аз муҳимтарин шартҳои таълиму тарбияи насли наврас аст. Бинобар ин, омӯзгори асил барои амалӣ сохтани талаботи Консепсияи миллии таҳсилот бояд ҳамин гуна рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, шахсият ва рафтори вай бояд дар заминаи мабдаъҳои маънавию инсонӣ парвариш ёфта бошад. Ғояи давлати миллӣ ва дурнамои ҳадафҳои он, ки мактабу маориф ҷузъи он аст, мақсади аслии ҳастии маънавии омӯзгорро ташкил медиҳад.

Шахсият, симо ва обрӯю мартабаи омӯзгори забон ва адабиёт, пеш аз ҳама, ба худи ӯ вобастагӣ дошта, дар асоси риояи принсипҳои ахлоқу одоби умумибашарӣ, инсонгароӣ, маърифатандӯзӣ, адолатпарварӣ, соҳибкасбӣ, садоқатмандӣ, масъулиятшиносӣ, озодандешӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ ва накукорӣ бунёд ёфта, вазифаи хешро бо меҳру муҳаббат ва масъулияти баланд иҷро менамояд, фаъолияташро ба рушду такомули ҳамаҷонибаи шахсият ва тарбияи шаҳрванди бошууру боидрок ва дар умум солимгардонии ҳаёти маънавии ҷомеа равона сохта, аз обрӯю эътибор ва мақоми касбии худ сӯиистифода намекунад. Бузургтарин ва шарафмандтарин нишонаи гиромидошти шахсияти ӯ

неъмати ақлу илм аст, ки бо вижагиҳои суханварӣ, навишт, идрок, эҷод ва ҳунар фароҳам меояд. Омӯзгори асил байни шогирдону ҳамкорон ва ҷомеа соҳибобрӯ аз он мегардад, ки бо касби бошарафи хеш ифтихор дорад ва шогирдони солеҳ, ватандӯст ва босавод ба камол мерасонад.

Шарафу бузургӣ, обрӯю эътибор ва манзалати омӯзгор низ аз арзишҳои назарраси чунин сифатҳо, аз қабили ақлу фаросати расо, илмдӯстӣ, фазилатнокӣ, ҳалимӣ, иродатмандӣ, таҳаммулпазирӣ, росткорӣ, боадолатӣ, некбинӣ, зиндадилӣ, рӯҳбаландӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ғояҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, ҳақталошӣ, донишварӣ, хирадмандӣ, маҳорати суханварӣ, эҷодкорӣ, рафтор ва кирдори шоста муайян мегардад.

Муносибати омӯзгор ба омилҳои ташаккули инсонӣ, хусусиятҳои фардӣ, малакаву маҳорат, мансубияти ҷинсӣ, мазҳабӣ, нажоду миллат, аҳволи иҷтимоӣ ва афкори идеологӣ нисбат ба аҳли ҷомеа, махсусан, ба таълимгирандагону толибилмон, сарфи назар аз синну сол, маҳалли истиқомат ва дигар нишонаҳо, набояд бетафовут бошад. Дар фаъолияти касбӣ садоқатмандӣ ва масъулиятшиносӣ, эҷодкорӣ ва мустақилият зоҳир намуда, усулҳои навоваронаи таълиму тарбияро истифода карда, манфиатҳои моддию шахсӣ, оилавию хешовандӣ ва рафиқиро ба инобат намегирад, арзёбӣ ва баҳодиҳии дараҷаи дониши таълимгирандагонро холисона, беғаразона, воқеъбинона ва одилона дуруст муайян менамояд. Вай ба парвариш ва ҳимояи ҷисму рӯҳ, зеҳн, эҳсосот ва тарбияи маънавияти насли наврас ва толибилмон масъул буда, бо ғамхориву мулоҳизакорӣ ва маданиятнокӣ ба суханони шогирдон ва майлу хоҳиши онҳо эътибор дода, таълимгирандагонро ба эҷодкорӣ ҳидоят менамояд, ба

таълимгирандагон хушнудӣ, некхоҳӣ, эътиқоду боварӣ ва некбинию зиндадилӣ бахшида, муҳаббату садоқатро барои зиндагии некбинона бештар гардонда, шахсияти инсонро эҳтиром менамояд.

Омӯзгор шахси шарафманд, пурифтихор, поквиҷдон, покдил, собитқадам, вафодору беғараз, ҳақталош ва шикастанафс буда, барои ноилшавӣ ба натиҷаҳои фаъолияти касбӣ дар доираи имконияти хеш аз ҳама воситаҳо, донишҳои замонавӣ, усулҳои фаъоли таълиму тарбияи муосир истифода мебарад, баҳри ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ, манфиат, шаъну шараф ва номи неки инсон талош меварзад, илму маърифатро меомӯзонад ва инсонро бо нури ақлу дониш зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар месозад. Дар ниҳоди омӯзгор на фақат қобилияти раҳнамоии обод доштани ҷаҳон, шинохти ҳақ ва офаридагорӣ вогузошта шудааст, балки истеъдоду ҳунари тарбиятгарӣ, парвариши ақлу хирад, имону виҷдон ва камолоти инсон ато гардидааст. Ба ин восита инсон дар ин дунё асрори офариниш, парвариш, розҳои вуҷуд ва маънии зиндагиро дарк намуда, баҳри обод ва зебо гардонидани олами хеш талош меварзад.

Омӯзгор парваришгари ақлу хирад ва касбу ҳунаромӯзи насли наврас ва тамоми қишрҳои иҷтимоъ аст. Парвариш ва ё парваридан аз решаи «парвард», ки мансуб ба забони қадимии ниёкон аст, маънои парасторӣ, парвариш, парвардан, ғамхорӣ ва тарбиятро дорад. Маънои маҷозии вожаи «парварида» шогирд ва фарзанд мебошад. Вожаи «парвариш» дар ибтидои тамаддун ба парвариши инсон тааллуқ дошта, минбаъд ба гулу гиёҳ, дарахт ва дигар аҷсоми табиат алоқаманд гаштааст. Дар луғат ва фарҳангҳои гуногун ин таъбир дар вожаи муътабари «Парвардигор» бо фаҳмиши парваришгар, тарбиятгар, парваранда ва мураббии

инсон дарҷ гардида, бишак, бо ҳидоятсозӣ ва парваришгарӣ дар радифи пешаи пайғамбарон ҷойгоҳи сазовор дошта, бо мукофоти амалаш дар назди халқу худои мутаол маҳбуб гардидааст.

Ин маънӣ дар осори адибон ва донишмандони халқи тоҷик фаровон истифода шудааст. Таъкидҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «моро ҳарчанд беҳтар парварӣ», «барои парвариши ҷисм ҷон ранҷа кунам», «зи ҳар хошае хештан парварад» ба бо чунин маънӣ нигаронида шудааст.

Дар ҳақиқат, омӯзгор шахсест бо мақоми шоистаи тарбиятгар, парваришгар ва офаридагор ҳамеша бор бар дил дар талоши роҳи мақсуд бо меҳру садоқат роҳати манзил надорад. Арзишмандии ин вожаи хушоянд, аслӣ ва таърихиро ниёгони мо хуб дарк намудаанд.

Шахсият ва симои омӯзгор инъикосгари ҳастии ӯст ва бо намунаи ибратомӯзи рафтор, кирдор ва пиндораш ҳусни назокату покизагиро риоя карда, ҷомеаро раҳнамоӣ ва тарбия менамояд. Ӯ аз сафсатагӯӣ ва пандомӯзии номатлуб худдорӣ намуда, ба саҳлангориву шитобкорӣ роҳ намедиҳад ва аз дигарон он чизеро, ки худ барои риоя кардан қодир нест, талаб намекунад. Ҳастанд олимону соҳибунвону ҷоизадорону мансабдороне, ки сирати наку ва фаросати комил надошта, бо олимнамоиву фазлфурӯшӣ, мутакаббирию худбинӣ ва ҳарисиву риёкорӣ аз мартабаи инсони комил ва одамият бенасибанд.

Олим ва омӯзгори асил ҳамеша дар бунёди муҳити солиму хайрхоҳ ва бомурувват кумак ва ёрии амалӣ расонида, ба атрофиён ҳамкории судманди эҷодиро ба вуҷуд меоварад ва ҳавасмандиро барои дарёфти андешаву донишандӯзӣ ба роҳ монда. чиҳати тарғибу азхудкунии арзишҳои фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ босубот хидмат

менамояд. Ҳусни баён ва муоширати худро такмил дода, аз истифодаи калимаю ибораҳои қабеҳ ва таҳқиркунанда худдорӣ менамояд. Вай афкору ақидаҳои шахсии динию мазҳабӣ ва сиёсии шахсиашро ба таълимгирандагон таҳмил насохта, аз ҳама гуна амалҳои ифротгаро ва тундрав, ки ба зуҳури беадолатӣ равона мешаванд, худдорӣ намуда, нисбат ба озодандешии солими таълимгирандагон эҳтиромона муносибат мекунад. Ӯ бо маданияту тамкин ва бо риояи ҳусни калом сухан мегӯяд, сабру таҳаммулпазириро пеша сохта, зоҳиру ботини худро яксон дида, аз амалҳои эҳсосотӣ, ки шаъну эътибори инсонии ӯро паст мезананд, худдорӣ менамояд.

Шаъну эътибори омӯзгор аз масъулияти фаъолияти ҷамъиятӣ низ муайян мегардад, ба шарте ки ба нуфузу эътибори фаъолияти касбии ӯ зиён нарасонад ва маҷбурӣ набошад ва нақши мондагорро ҳамчун тарбиятгар ва барандаи нури маърифату дониш дар ҷамъият гузошта, ба шарофати баёни озодии андеша, мавқеи холисонаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти башардӯстонааш дар ҳаёти ҷомеа намунаи ибрат бошад. Бо чунин дарки масъулият омӯзгор уҳдадор аст, ки савганди касбиашро дар ҳама ҳолат сидқан қабул ва иҷро намояд.

Ҳамкорӣ бо волидон, парасторон ва шахсони онҳоро ивазкунанда аз самтҳои муҳими фаъолияти омӯзгор буда, дар таъмини тарбияву таҳсилоти босифат самаре ба бор меоварад. Сари вақт аз ҳолати таълиму тарбияи фарзандон огоҳ намудани онҳо мушкилоти тарбияро осон намуда, муносибатҳои мутақобилаи байни омӯзгор ва падару модар, инчунин, парасторони онҳоро тибқи риояи эҳтирому боварии ҳамдигарӣ, некхоҳӣ, боодобӣ ва беғаразӣ ба роҳ мемонад.

Омӯзгори соҳибкасб бо рисолати ибратомӯзи эҷодгарӣ ҳисси муҳаббати шогирдонро ба илму дониш ва ҳунар бедор сохта, дар шараёни қалби онҳо забонаи оташи меҳрро нисбат ба маънӣ ва ҳусни зиндагӣ фурӯзон сохта, ба онҳо илҳом, тавоноӣ ва ҷасорат бахшида, пояҳои ахлоқӣ ва пойгоҳи маънавии насли наврасро таҳким мебахшад. Нодиртарин ва ҷолибу ҷозибтарин лаҳзаҳои сарнавишти омӯзгор дар шуури шогирдон афкори тозаву солим, озодии андеша, мустақилият, ҳақиқату адолат ва имону виҷдонро парвариш месозад. Вай хирмани илму донишро бо заҳмату ҷоннисорӣ ва ҳунармандӣ пурбор гардонида, бо усул ва шеваҳои тоза ва самараноки тадрис вуҷуди ақлонӣ ва маърифатии шогирдонро ба ҷунбиш оварда, бо рисолат ва ҳалқаи таъсири хеш такон мебахшад.

Дар ҳама самтҳои фаъолият барои омӯзгор малакаву маҳорат ва принсипҳои касбӣ мақоми шоиста дошта, риоя ва эҳтироми он ба баланд бардоштани мақом, нуфуз ва эътибори шахсияти ӯ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар баробари дигар созандагони пешқадами иҷтимоъ омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки аз мавқеъ ва принсипҳои маънавию ахлоқии худ ҳимоя намояд, шаъну эътибори шахсии хешро баланд бардошта, барои амалисозии фаъолияти касбӣ шароити мусоид ва заруриро муҳайё созад ва талаб намояд. Дар ин замина муносибату эҳтироми ҳамдигар, ошкорбаёнӣ, эътимоду садоқатмандӣ ва омода будан ба мубодилаи донишу малакаҳо бунёд меёбад.

Муҳайёсозии муҳити солим, мубодилаи афкор, баробарҳуқуқӣ, хайрхоҳӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ба рушди шахсияти фаъолу созандаи омӯзгор мусоидат менамояд. Дар баробари ин, омӯзгор ҳамчун меросбар ва тарғибгари арзишҳои ахлоқию маърифатӣ бояд аз ихтилофоти беасос ва

мочарочӯёна худдорӣ намуда, ғаразу киначӯйии ҳамкасбонро бартараф созад ва ҳуқуқ надорад, ки дарачаи тахассуси касбии дигар омӯзгорро дар байни ҳакмкасбону атрофиён зери шубҳа қарор диҳад ё паст занад ва ё танқидро барои таҳқир ва тақлид истифода барад.

Бақои умри омӯзгор аз тарбия ва камолоти шогирдон, офаридаҳои эҷодгарӣ ва ҳунармандӣ вобаста буд ӯ тавассути илмдӯстӣ ва хирадпешагӣ сомони зиндагиро ҳифз менамояд. Омӯзгор шахсияти дилогоҳ, худогоҳу худшинос ва худгудоз аст, дар сӯзу соз оламу одамро ба хубӣ шинохта, фаҳму фаросат ва маърифатро идрок намуда, эҳёгарӣ менамояд. Эҳёгарии ӯ суннати эҷодгарӣ ва офаридгорист ва бо ҷасорату иродатмандӣ ба вуҷуд меояд. Ҳеҷ гуна таҳқир , танқид, истинтоқ, азобу шиканҷа ҳақталошӣ ва иродаи омӯзгорро шикаста наметавонад, зеро ӯ дар назди халқу Ватан фарзи имрӯзу қарзи фардоро адо менамояд. Биноан, ба омӯзгор пайкарасозӣ шарт нест, муҷассамаи ӯ дар дилу дидаи халқ ва шогирдон бо азамату шукӯҳ ва намои рӯҳ ҳамеша абадзиндаву ҷовидон аст:

Сабти номи хештан дар санги хоро шарт нест,<br>Зинда он номе, ки дар дилҳои мардум ҷо гирифт.

Омӯзгори эҷодкор ва хештаншинос дар тӯли лаҳзаҳои умр дучори хушбахтиву нокомӣ, хурсандиву мусибат ва мукофоту муҷозоти сарнавишт мегардад, бо таҳаммул мардонавор ҳама саҳнаҳоро паси сар мекунад, барои пайдо намудани мавқеъ, обрӯ ва манзалат талош меварзад. Зиндагии вай майдони набард ва озмоиш аст, ки дар тӯли он роҳи пурнишот, саодатманд ва дар баробари ин пайроҳахои хатарнок ва пурпечутобро сипарӣ намуда, мавқеъ ва манзалати хешро пайдо карда, бо дидаҳои бозаковат ва

назарҳои бофаросат, амали хайру номи нек ба ободии даҳр ва рӯҳи замон нақш мегузорад.

Дар набарди зиндагӣ ҳақшиносӣ, ҷасорат, озодии андеша ва иродатмандӣ аз шоистатарин сифатҳои омӯзгори худогоҳ аст, ки на ҳар кас бо он сазовор мегардад. Омӯзгоре ба он мушарраф мегардад, ки якдилу якчиҳату якрӯ буда, сарвату тахту чоҳу ҷалолро намепарастад ва ба хотири иродат ва эътиқоди шахсӣ фидокорӣ ва ҷоннисорӣ мекунад.

Шайх Саъдии Шерозӣ таъкид менамояд, ки аз дӯсте, ки ахлоқи бадро зебо нишон медиҳад, бояд ранҷид ва аз душмане, ки айбро ошкор бигӯяд, шод мебояд шуд. Касоне, ки туро ситоиш кунанд, ёри ту нестанд ва онҳое, ки накуҳиш кунанд, дӯстони туянд. Камоли шахсият, эътибор, обрӯ ва шуҳрати инсон аз ҳамнишинӣ бо аҳли дил ва шарофати илму амал муяссар шуда, кас тавассути ранҷу заҳмат, адолатпешагӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва донишварӣ соҳиби он мегардад.

Шахсият ва мақоми омӯзгорро шоири маҳбуб Камол Насрулло ба хубӣ баён намудааст:

Баланд аст аз фалак шони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам
Ҳалол аз пори нони муаллим.
Бидон онро, ки виҷдони ҳама халқ
Бувад аз рӯи виҷдони муаллим…

Омӯзгори асил шогирдонашро дар рӯҳияи ватанхоҳӣ ва миллатдӯстӣ тарбия карда, дар ӯ ҳисси масъулиятро нисбат ба имрӯзу ояндаи кишвар бедор мекунад. Тамоми фаъолияти омӯзгор бояд ба он нигаронида шавад, ки аз нахустин қадамҳо мунтазам бунёди инсониро дар вуҷуди хонандагонаш устуворӣ бахшад, тасаввуроти онҳоро дар

бораи масъулияти одамӣ ва мақсади ҳаёт амиқ созад, барои маданияти маънавӣ зерпояи қавие ба вуҷуд оварад.

Дар радифи фазилатҳое, ки аз шахсияти омӯзгори забон ва адабиёт талаб карда мешавад, нутқи муассир, пурэҳсос ва самимӣ ҷузъи муҳим аст. Агар устод нутқи оташин дошта бошад, дар назди хонандагон ҳадафи ҷолиб гузошта тавонад, оташи шавқи онҳоро барафрӯзад, ин, бешак, калиди комёбиҳо хоҳад буд. Набояд фаромӯш кард, ки сухан ҷон дорад ва гоҳо дили хонандагонро сард мекунад ва эътимоди онҳоро нисбат ба устод аз байн мебарад. Аз ҳама муҳим устод бояд намуна бошад, суханашро ба замин нагузорад, ба ваъдааш вафо кунад, агар дар ин замина ӯ собиқадор набошад, ба фаъолияти шогирдонаш таъсири манфӣ мерасонад ва эътибори устодиаш низ аз байн меравад. Фаъолият ва амалу кирдори чунин омӯзгор дар шаклгирии шахсияти шогирдон низ бе таъсир намемонад. Омӯзгор бояд донад, ки кори таълиму тарбия саҳл набуда, омӯзгорӣ пешаи муқаддас аст. Дар радифи омилҳои зиёд рафтори фардии омӯзгор низ арзиши калидӣ дорад, зеро ӯ фақат бо сухан ва панд шогирдро тарбия намекунад, балки ҳастии маънавии ӯ низ намоди тарбия хоҳад буд.

Муаллими забон ва адабиёт бояд инсони фозил ва кордон (ба ин фазилати устод шогирдон ҳама вақт арҷ мегузоранд), мутахассиси хуби дар касби худ доно бошад, аз соҳаҳои дигар, аз ҷумла забоншиносӣ, назарияи адабиёт, адабиётшиносӣ, зебоишиносӣ, санъатшиносӣ ва ғайра низ бохабар бошад.

Бояд таъкид кард, ки омӯзгори асил илова ба дониши амиқ бояд таҷриба ва малакаи кофии корсоз дошта бошад, ки бе ин дар фаъолияташ ба натиҷаи мусбат комёб шудан ниҳоят душвор, ҳатто, гоҳо имконнопазир аст. Вай бояд:

- усули таҳлили адабиётшиносиро донад, мустақилона осори бадеиро арзёбӣ карда тавонад;

• махсусияти таҳлилу тафсири адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, ҷинсу намудҳои он, аз ҷумла, анвои ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмаро донад;

• дар фаъолияти амалиаш равишҳо ва усулҳои таҳлили адабиётшиносӣ ва забоншиносиро бо дарназардошти махсусиятҳои ҷинс ва жанри асари мавриди омӯзиш истифода барад;

• усулҳои гуногуни таълими адабиётро бо назардошти хусусияти миллӣ корбаст намояд;

• равиши хониши муосирро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси забони модарӣ истифода кунад;

• намудҳои гуногуни тафсири матни бадеиро донад, маънии таҳтонӣ ва рамзии суханони тасвирии нависанда ё шоирро кушояд;

• луғатҳои тафсириро истифода карда тавонад;

• матнҳои дарсӣ ва илмии санҷиширо навишта, ба корҳои хаттии хонандагон тақриз нависад;

• барои нисбатан амиқ донистани забон ва ҷузъиёти ҷудогонаи асари бадеӣ осори дигари ҳунариро қиёсан истифода карда тавонад;

• мафҳумҳои асосии назарию адабиро тавзеҳ диҳад;

• ба воситаи осори бадеӣ нутқи хонандагонро ташаккул дода тавонад.

Муҳаббати омӯзгор ба ихтисосаш, ба хонандагон, дарки эҳтиёҷоти онон, хусусиятҳои синнусолӣ, ҳамчунин, ҷидду ҷаҳди такмили маҳорат ва дониш, ҷустуҷӯи доимии эҷодӣ, малака ва хоҳиши гузаронидани тадқиқоти таҷрибавӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро дар кори омӯзиш истифода кардан ба ҷараёни таълиму тарбия таъсири муфид мерасонад.

Дар маҷмӯъ, барои омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик чунин фазилатҳои касбӣ: нутқи муассир, пурэҳтирос, маҳорати сухангуӣ ва ровигӣ, шавқангезии суҳбат, истеъдоди ба гуфтугӯ моил кардан ниҳоят муҳиманд. Маҳорати ҳунарӣ, ошноӣ бо аносири муҳими маҳорати актёрӣ метавонад ба ҷалб ва ошноии хонандагон ба ҷаҳони

бадеии адибони гузаштаву муосир мусоидат кунад. Фазилатҳои зикршуда, донишҳо ва малакаи кордонӣ бояд дар шахсияти омӯзгор, меҳнати ифтихормандонаи он ба таври мутаносиб таҷассум ёбанд.

**Саволҳо ва супориш**

1. Шахсияти омӯзгори адабиёт чӣ сифатҳоро доро мебошад?
2. Омӯзгор кист? Дар ҷомеа чӣ мақом дорад?
3. Ҳунари суханварӣ дар таълими адабиёт чӣ аҳамият дорад?
4. Салоҳияти касбӣ ва вазифаҳои омӯзгори забон ва адабиёт аз чӣ иборат аст?
5. Дар мавзӯи «Омӯзгорӣ касби муқаддас аст» иншои хонагӣ нависед.

**Адабиёт:**


Голубков В.В. Методика преподавания литературы. Москва, 1962

Эшонҷонов А, Шукуров М, Раҳмонов М. Методикаи забони тоҷикӣ. Душанбе, 1964

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. Душанбе, 2002

Муллоев А. Беҳин фарди чаҳон омӯзгор аст. Масъалаҳои маориф, № 5, 2013.

# БОБИ 4

## ДАРСИ МУОСИРИ АДАБИЁТ, НАМУД ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Дар раванди ягонаи ҷаҳонии таҳсилот вобаста ба рушди босуръати технологияи иттилоотӣ, инноватсия ва илму фановарӣ аҳамияти донишҳои назариявӣ ва сарчашмаҳои донишандӯзӣ афзун мегардад. Татбиқи падидаҳои тоза ва навгонии таҳсилот тадриҷан дигар шуда, шаклан тағйир меёбад. Дар раванди ислоҳоти муосири таҳсилот ташкили ҷараёни тадрис ҳамчун омили созанда ва бунёдкор ҷиҳати беҳтар гардонидани сифат ва мазмуни таҳсилот нақши муҳим, созанда ва масъулиятнокро ба уҳда дорад.

Адабиёт барои мактаби миллии мо фақат фанни таълимӣ набуда, вай василаи камолоти маънавӣ, ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият низ мебошад ва барои омӯхтани

илмҳои дигар заминагузор аст. Мақом ва ҷойгоҳи адабиёт ва дигар илмҳои инсонӣ, аз ҷумла, санъат, таърих, фалсафа ва ғайраро дар тарбияи инсон таъйид карда, академик М. Шакурӣ навишта буд:

«Агар эътибори инсонро дар ҷомеа баланд кардан хоҳем, дар омӯзиш ба роҳи инсонгароӣ даромадан лозим меояд. Муваффақият дар амалӣ кардани барномаи гуманитарӣ он гоҳ муяссар хоҳад шуд, ки аз маълумоти одӣ ва шарҳу эзоҳи маҳз, аз фаҳмиши сотсиологии вулгарии адабиёту санъат, аз қориёна ёд кардани қоидаҳои грамматикаву имло қатъиян даст кашем. Ин барнома вазифаеро ба уҳда мегирад, ки фаҳми санъат ва ҳама ҳусну наҷобати онро ёд диҳад, маданияти тафаккуру тахайюл ва мабдаи эҷодиро тараққӣ кунонад, барои аз худ кардани системаи забони модарӣ ва маданияти сухан заминаҳо фароҳам оварад, ба сӯи арзишҳои ҷовиди умумибашарии маънавию ахлоқӣ роҳ кушояд. Бидуни онҳо соҳибмаълумотӣ ва фаъолияти амалии пурсамари инсонро ба тасаввур овардан мумкин нест».[1]

Дар мактабҳои миллии мо донишҳои адабии хонандагон дар заминаи таълими адабиёти тоҷик ва хориҷӣ шакл мегиранд. Ба назари мо, дар як вақт омӯхтани ду адабиёт на фақат донишҳои адабии хонандагонро тақвият мебахшад, балки барои ҳалли амиқи як силсила вазоифи равоншиносӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла, муаллими донишманд метавонад аз ин дарсҳо барои таҳлили қиёсӣ ва омӯзиши матнҳои бадеӣ истифода кунад. Дар заминаи маводи адабиёти тоҷик ва хориҷӣ мафҳумҳои назарии адабӣ шакл мегиранд. Ҷараёни омӯзиши ду адабиёт ба ҳулқу атвори толибилмон низ бетаъсир нахоҳад буд. Алоқаҳои фаннӣ ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик ва хориҷӣ ба рӯҳия ва малакаи хонандагон низ таъсири муфид хоҳад гузошт.

Адабиёти тоҷик дар мактаб, пеш аз ҳама, фанни таълимӣ буда, вазифаи хоси тарбиявӣ ва таълимии худро дорад.

---

[1] Муњаммадљон Шакурии Бухорої, њамон асар, с. 33

Мақоми ин фан, ба хусус, дар даврони ҷаҳонишавӣ меафзояд. Адабиёт дар ташаккули ёди таърихӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии наслҳо мақоми беназир дорад. Таълими равишманди адабиёти тоҷик дар макотиби кишвар омили ташаккули насли бомаънавият ва иқтидормандии давлати тоҷикон хоҳад буд.

Адабиётро дарси инсоншиносӣ гуфтаанд ва тавассути он хонандагон гузаштаву имрӯзаро меомӯзанд, рӯ ба оянда меоранд, амалу кирдор ва рӯҳияи инсонро дарк мекунанд. Бинобар ин Арасту инсонро «маводи аслии шеър» дониста буд.

Омӯзиши адабиёти тоҷик дар мактаб бештар ба шинохти ҳастии инсон, зиндагии ибратомӯз, ҳунари суханварӣ ва маърифати ҳусн қарор гирифтааст. Дар ин радиф омӯзиши назми оламшумули адабиёти форсӣ- тоҷикӣ дар таълими адабиёт ҷойгоҳи намоён дошта, махсусан, масоили шеър, муназзамию мантиқӣ ва хушоҳангии каломи мавзун, риояи вазну қофия, санъатҳои бадеӣ, маҳорати суханварӣ ва умуман, мушкилоти шеършиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Имконияти адабиёт хеле фарох аст. Вай ба будаву набуда мурочиат мекунад. Фароянди ҳаёти ҷомеа ва зиндагии маънавии инсонро тасвир мекунад. Вазифаи маърифатбахшоии вай маҳз дар ҳамин аст.

Азбаски адабиёт василаи образноки дарк ва таҷассуми воқеият аст ва ба эҳсосот ва неруи намодӣ такя дорад, бинобар ин, нақши адабиёти асил дар тарбият ва таҳзиби инсонҳо муассир аст.

Воқеан ҳам, уфуқҳое, ки адабиёт барои инсонҳо мекушояд, таҷрибаҳоеро менамояд, ки хеле амиктар ва инсонитар аз воқеияти зиндагианд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва тазодҳои ахлоқӣ вазифаи аслии таълими адабиёт тарбияи инсони бомаърифат ва боадаб аст, инсоне, ки рисолатмандии миллӣ, ватанхоҳӣ ва инсонпарварӣ дошта бошад. Дар ин замина суханони академик М. Шакурӣ мохияти таълими адабиёт ва усули

раҳоӣ аз бадбахтиҳои маънавию ахлоқиро хеле амиқ ифода мекунад:

«Сифати асосӣ дар ҳастии одамӣ одамият аст. Ва ҳол он ки одамият бидуни рӯҳу дил, бидуни маънавият тасаввур намешавад. Комилан ба зуҳур овардани моҳияти инсонии инсон, фаъол кардани моҳияти аслии ӯ бояд мақсади асосии таълиму тарбияи коллективи меҳнатӣ, кори идеологӣ, ҳар як чорабинӣ, тамоми ҷамъият бошад. Одамӣ, пеш аз ҳама, бояд одам бошад, баъд мутахассис, олим, табиб, инженер, юрист, геолог ва ғайра, на баръакс. Танҳо дар ҳамин сурат одам метавонад, ки мутахассис, ватандӯст ва интернатсионалисти ҳақиқӣ шавад. Дар акси ҳол ихтисос дониши фаровон, назари пурвусъат, кордӯстиву маҳорат ва дигарҳо, инчунин, ватанҳоҳиву интернатсионализм ва ғайра мумкин аст, ки аз маънои аслии худ, аз асоси гуманистӣ маҳрум монад».[1]

Дарси адабиёт, бешак, инсонро ба роҳи одамият ҳидоят карда, ҷомеаро низ аз бисёр бадбахтиҳои эҳтимолӣ наҷот мебахшад. Дар зинаи имрӯзаи инкишофи ҷомеаи инсонӣ, мактабу маориф ва махсусан, адабиёт масъулияти сангинеро бар дӯш дорад, яъне дар роҳи тарбияи насли миллатдӯсту ватанпараст, некхоҳу башардӯст масъул аст. Вай, ҳамчунин, тафаккур ва эҳсосоти инсонро вусъат бахшида, завқи бадеиро ташаккул медиҳад. Бунёди маънавӣ, ахлоқӣ ва зебошинохтии адабиёт дар ҳаддест, ки мақоми онро дар ташаккули ҳиссиёти шаҳрвандӣ ва ормонҳои ахлоқии шахс бебадал сохтааст.

Адабиёти гузашта ва муосири тоҷик арзиши бузурги тарбиявӣ дошта, ғояҳои бузурги одамият, ҳамраъйӣ, инсондӯстӣ ва ғайраро фаро мегирад, онҳо ба ташаккули шахсияти инсон таъсири созанда ва муфид мегузоранд. Таълими адабиёт омилҳои фасоди ахлоқи инсон ва заифияти ҷомеаи инсониро ёдрас мекунад, инсонро ба роҳи худсозӣ ва худафрӯзӣ ҳидоят менамояд.

---

[1] М.Шакурї. Инсонгароии омўзиш ва забони миллї,с.83.

Бояд ба эътибор гирифт, ки ҳеҷ як ҳунарҳои инсонӣ, аз ҷумла, адабиёт агар фақат василае барои ҳадафҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ бошад, наметавонад дар айни ҳол ҷанбаи зебоӣ ва ҷозибаи дилрабоӣ ҳам дошта бошад. Дарвоқеъ, ҳунари адабӣ (адабиёт) ҳам мисли дин, ахлоқ,  хонавода ва мисли ватан як бунёди иҷтимоӣ дорад. Ҳарчанд ба сабаби чандзарфиятӣ буданаш ғолибан аз замони пайдоиши худ тавонистааст дар нақл ва интиқоли дастовардҳои марбут ба бунёдҳои дигар кумак намояд. Агар онро фақат ҳамчун афзоре барои дин ва ахлоқ талаққӣ кунанд, асолати худи онро надида мегиранд. Вале адабиёт дар ҷомеаи мо, ба хусус, мактаб ба сифати бунёди мустақили инсонӣ бояд арҷ ва арзишу мақоме дошта бошад. Ҳамин вижагии адабиёт аст, ки агар мо ба маънӣ ва мақоми он эътибор диҳем, намегузорад инсон ғарқи хоҳишу хостаҳои беманфиати худ шавад. Баръакс маҳз адабиёт ба инсон кӯмак мекунад, то ки гаҳ-гоҳ ба олами ботинӣ, як дунёи беҳтаре, ки офаридаи таҳайюли ҳунарманд аст, паноҳ ҷӯяд ва аз шарру шӯри олами ҳастӣ як лаҳза биосояд.

Адабиёти гузашта ва имрӯзаи тоҷик на фақат ганҷинаи ҳикмат аст, балки дар ҷараёни ташаккули маърифати инсон, раванди суханофаринӣ ва забондонии ӯ ёрии бевосита мерасонад. Омӯзиши адабиёт ҳамчун яке аз омилҳои муассири ёдгории забони тоҷикӣ эътироф шуда, ба махсусияти сохтории табиати он такя дорад. Ба хусус, таълим ва тадриси ҳадафманди адабиёти классикии мо барои ташаккули маҳорати забондонии хонандагон ганҷинаи бебаҳост. Маҳз дар осори адабии гузаштагон, ҳам назму ҳам наср, неруи зебошинохтӣ ва ҳиссии забон амиқ ва пуртаъсир ифода шудааст. Ин фазилати адабиёти мо имкон медиҳад, ки хонандагони мактаб забондону сухангӯ ба воя расанд.

Дар шинохти адабиёт забон таҳдобест, ки болои он бинои асари бадеӣ гузошта мешавад. Ба ифодаи дигар, забон «аввалунсури адабиёт» буда, умқи маънӣ ва ҳунари нависандаро аз бисёр ҷиҳат забони асар ифода мекунад. Зиёда аз ин нависандагону шоирони бузург забонро

ташаккул дода, бар ғанои он меафзоянд. Забон яке аз омилҳои шаклгирии дунёи ақлонӣ ва маънавии инсон аст. Вай нафақат воситаи робита аст, балки дунёи маънавӣ ва фардии инсонро ғанӣ ва пурғунҷоиш месозад. Дар ҳақиқат, лафзу маъниро аз ҳамдигар натавон ҷудо сохт, чунки ба қавли Аҳмади Дониш «алфоз қолаби маъност, то лафз зебо набошад, аз он маънии баланд барнамеояд».

Ҷараёни таълими адабиёт паҳлӯҳои гуногун дошта, тарбияи миллию ватандӯстӣ, ахлоқӣ, муҳаббат ва меҳнати созанда ва ниҳоят, тарбияи зебошинохтиро дар бар мегирад.

Муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ дар осори адибони гузашта ва имрӯз инъикос шудаанд, ки омӯзиши онҳо хонандагонро дар рӯҳияи одамият тарбия намуда, ҳисси одамиятро бедор карда, хонандаро ба роҳи дурусти зист ҳидоят менамояд. Аз ҷумла, мо метавонем дар мисоли образҳои адабиёти бадеӣ хонандагонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстию фидокорӣ тарбия намоем, ки таъсири ин шояд аз таҷрибаи меҳнатӣ кам набошад.

Нақши дарси адабиёт дар тарбияи маънавии хонандагон, ташаккули ормони зебоишинохтии онҳо хеле бузург аст. Имконияти бузурги адабиёти бадеӣ барои тарбияи зебошинохтии хонандагон дар бунёди адабиёт, ки чун навъи ҳунар василаи хоси дарки воқеият мебошад, нуҳуфта аст.

Таълими адабиёти тоҷик дар мактаб ҳадафҳои хос дошта, хонандагонро бо ғановати маънавӣ ва зебошинохтии мероси адабии ҳозорсолаамон ошно сохта, ба ин василa онҳоро бо таърих, фарҳанг ва ғановати маънавии халқ шинос менамояд. Омӯзиши адабиёт таҷрибаи маънавӣ, ахлоқӣ ва зебоишинохтии хонандагонро тавсиа бахшида, тасаввуроти ғоявию ахлоқии онҳоро амиқ месозад. Тафаккури онҳоро образнок ва забонашонро рангин месозад.

Осори бадеӣ ҳамнафаси зиндагӣ, оинаи ҳаёт ва муборизаи мардум дар ҳама давру замон буда, беҳтарин орзуву ормонҳои халқро дар симоҳои бадеӣ парварида, аз

имтиҳони замону зиндагӣ гузашта, то имрӯз ҳамеша ибратомӯз аст.

Нақши адабиёти бадеӣ дар шаклгирии рӯҳияи худшиносии миллии хонандагон ниҳоят бузург аст. Осори бадеӣ ҳисси эҳтиромро нисбат ба халқҳои дигар ва мероси маънавии онҳо дар хонандагон афзоиш медиҳад.

Ин ҳадафҳо ҳамон вақт воқеӣ мешаванд, ки таълими ин фан дуруст ба роҳ монда, ҳангоми таълим хусусияти хоси адабиёти классикӣ ва муосир ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар ин замина таҷрибаи гузаштагони худро омӯхта, аз таҷрибаи мактаби маорифпарварони қарни бист, инчунин, аз таҷрибаи мактаби имрӯзаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, ҳамзабононамон истифода кунем. Бинобар ин, бояд бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ахлоқ ва тафаккури миллӣ таълим дода шавад.

Агар суннатҳои забонӣ ва адабии ҳазорсолаи халқамон дар таълими ин фан ба ҳисоб гирифта нашаванд, идроки хонанда халал меёбад. Бинобар ин ҳам, равиши таълиме, ки барои адабиёти Аврупо ба кор меравад, дар бисёр маврид барои мактаб ва муҳити маънавии мо бесуд ва ё зиёнбор аст. Таълими низоми бадеии адабиёти бегона ба меъёрҳои зебоишинохтии фарҳанги дигар мутобиқ кардани омӯзиши адабиёти тоҷик фаҳмиши суннатии моро то ҷое таҳрик бахшид ва таъсир гузошт, заминаҳои фарҳангию таърихии идроки хонанда тағйир ёфт. Бинобар ин, дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик унсурҳои суннатии тафаккури бадеӣ ва низоми ягонаи фарҳангии таърихиро бояд ба назар гирифт.

Бо ин ҳама мушкилот наметавон маҳдуд ва қаноатманд шуд. Таҳсилоту тарбият дар ҷаҳон ҳамеша зудтағйир ва ба ҷаҳони маънавию бадеии хонандаи муосир таъсиррасон аст. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон бо дастрасӣ ба воситаҳои зиёди иттилоотӣ хонандаро ҳамон вақт метавон ба адабиёт ҷалб кард, ки агар моҳияту мазмуни адабиёт ва таълими он ба рӯҳия ва набзи замон мувофиқ бошад. Ба ифодаи

донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкуб, «фақат лозимаи ин тавфиқ он аст, ки дар барномаи тадрис ба ҷои арза кардани он чи мушкил ва номаънус ва оганда аз чоплусиву худнамоӣ аст, чизҳое арза шавад, ки ҷанбаи инсонии он имкони гуфтушунуди бештаре байни устод ва шогирд ба вуҷуд оварад».[1]

Мутаассифона, равишу усули (методикаи) таълими адабиёт дар мактаби миллии мо ҳанӯз ҳам комилан ба таҷрибаи дарси адабиёти русӣ такя дорад. Ҳол он ки «дар марҳилаи маънирасӣ бисёре аз равиш (метод)-ҳои омӯзиши адабиёт, ки донишмандони рус барои синфҳои 5-11 муайян кардаанд, ба кор намеояд»[2]

М.Шакурӣ равишҳои маорифпарварону донишмандони русро воситаи хубе барои омӯзиши адабиёти реалистӣ ва муосир медонад ва меафзояд: «… дар мактаби тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши адабиёти ҳозираи тоҷикӣ, чунончи эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон аз он равишҳо метавон истифода кард. Барои омӯзиши адабиёти ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ равишҳои дигаре бояд ба кор барем. Омӯзиши адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар бисёр мавридҳо равишҳои хос мехоҳад».[3]

Барои кашфи ин усулҳо мо метавонем ақаллан таҷрибаи мактабҳои маорифпарварони ибтидои қарни гузашта, таҷрибаи беҳтарин муаллимони адабиёти замони Шӯравиро ба кор гирем. Махсусияти таълими адабиёти тоҷикро бунёди равишшиносӣ, адабиётшиносӣ ва ахлоқии он ташкил медиҳад.

Бунёди равишшиносии таълими адабиёти тоҷикро нишондодҳои Консепсияи маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандартҳои давлатии таҳсилот, ки ба принсипҳои халқию классикии омӯзишу парвариш, ба принсипҳои миллии маънавияту ахлоқ такя мекунад, муайян менамояд. Таърих ва

---

[1] Абдулњусайни Зарринкўб. Аз љизњое дигар. – Тењрон, 1379, сањ. 267.
[2] М. Шакурї. Инсонгароии омўзиш ва забони миллї, с. 85.
[3]Њамон љо, с. 85.

маданияти миллии халқ, адабиёту санъат анъанаҳои омӯзгории мардуми мо, ки дар таълимоти насри бадеии таърихӣ, панднома ва ҳаммосаҳо, аз ҷумла, дар ривоят ва қиссаҳо, аз қабили «Авасто», «Дарахти Асурик», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Андарзномаи Бузургмеҳри Ҳаким», «Ёдгори Зарирон», «Камила ва Димна», «Тӯтинома», «Қобуснома», «Синдбоднома», «Хираднома», «Абӯмуслимнома», «Самаки айёр», «Доробнома», «Искандарнома», «Амир Ҳамза», «Гулистон», «Бустон», «Баҳористон», «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Наводир-ул-вақоеъ» ва монанди инҳо инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, осори пурғановати ашъори шоирони адабиёти форсӣ- тоҷикӣ намунаи барҷастаи сарчашмаҳои омӯзишу парвариш мебошад. Равиши таълими адабиёти тоҷик ба таҷриба ва мероси фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик такя мекунад, диққати асосӣ дар омӯзиши адабиёт ба фарогирии таҷрибаи суннатии назарӣ ва амалии миллӣ дода мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ дар ин замина бояд ба махсусияти миллии фан ва таълими он дода шавад, ки пеш аз ҳама, дархури ормонҳои миллӣ бошад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки адабиёти тоҷик ҷузъи муҳими барномаи миллии омӯзиш аст, таълими он дар фазои фарҳангию таърихии миллӣ хусусияти хос касб мекунад.

Равиши таълими адабиёт ба анъанаҳои миллӣ такя дошта, ҳеҷ гоҳ рӯ ба гузашта надорад. Чун мактаби миллӣ замонӣ хоҳад буд, ин равиш низ танҳо ба пояи ҳимояи манфиатҳои имрӯзаи фарҳангӣ ва иҷтимоии тоҷикон ва робитаҳои гуногунпаҳлуи халқи тоҷик бо фарҳангу адабиёти дигар халқҳо устувор хоҳад буд. Ин равиши таълими адабиёт бояд комилан мусоидат намояд, ки шахс тарбият ва фарҳанги воқеӣ ва асилро биомӯзад. Бо мақсади чӣ тавр ва то чӣ ҳад дар зиндагӣ саршор ва баҳраманд шудан худро дар уфуқи кӯчаки пиндорҳо ва хостаҳои шахсӣ маҳдуд набояд кард.

Ҷанбаи асоси адабиётшиносии таълими адабиёти тоҷикро дар мактаби миллӣ муносибати таърихӣ ба санадҳо ва ҳодисаҳои адабӣ ташкил медиҳад. Ҳамчунин, таҳия ва

тафсири адабиётшиносӣ низ ҷузъи ин равиш буда, дар ин замина усули муқоисавию адабиётшиносӣ низ корбаст мешавад.

Заминаи равоншиносии таълими адабиёти тоҷик санадҳои дарки осори бадеӣ мебошанд. Ҳар халқ барои ифодаи ормонаш дар ҳунар воситаҳои гуногунро истифода мебарад. Бинобар ин, ҳамин хусусият барои адабиёт навӣ ва тозагӣ медиҳад.

Дарки дарунмояи осори бадеӣ ба тафаккури бадеии миллӣ вобаста нест. Чунки омилҳои дигари таъсиргузор, мисли фардияти қабулкунанда, фазои иҷтимоие, ки вай парвариш ёфтааст, низ дар ин замина метавонанд фаъол бошанд. Аз ин ҷиҳат дар вақти таълими адабиёти тоҷик бояд заминаҳои равонии дарки масъалаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва бадеии адабиётро ба эътибор гирифт.

Мутаассифона, бунёди усулии таълими адабиёти тоҷик дар замони Шӯравӣ низ дақиқан муайян нашуда буд. Таълими ин фан бо усулҳои омӯзиши адабиёти рус мувофиқ кунонда шуда буд. Таърих ва назарияи адабиёт бо диди сатҳиву умумиятдиҳӣ  ва бадтар аз ин, бо диди иҷтимоигаро тадрис мешуд. Дар ин раванд хусусияти хоси тафаккури миллӣ ва зебоишинохтӣ комилан ба эътибор гирифта намешуд. Аз ин ҷиҳат зарур аст, ки дар мактаб куллан дигар кардани усули омӯзиши адабиётро ба роҳ монем.

Дар мактабҳои миёна, ба вижа, дар синфҳои боло дарси адабиёт хусусияти умумиятгӯйӣ ва шарҳиҳолӣ дошта,  аз дарси таърих кам фарқ дорад. Дар дарси адабиёт бештар муаллим аз вазъи таърихию адабӣ, тарҷумаи ҳоли нависанда, мазмуни асари ӯ, образҳои асосӣ ва ғайраҳо суханронӣ мекунад ва талабагон асосан аз баёни суханҳои ӯ дар бораи асар тасаввурот пайдо менамоянд. Муҳассилин асари бадеиро дар синф кам мехонанд, моҳият ва ормонҳои ғоявии асарро идрок намесозанд. Ин аст, ки хатмкунандагони мактабҳо аз фаҳмидани матни бадеӣ, ҳунари эҷодӣ, балоғати сухан ва ғояи осори адабӣ оҷиз ва бебаҳраанд.

Адабиёт на фақат манбаи омӯзиш аст, балки василаи муҳими забономӯзӣ ва босаводист. Бинобар ин, таълими адабиёти тоҷикро тавре бояд ба роҳ монд, ки вай ба ҷараёни забономӯзии хонандагон ёрӣ расонад. Ин кор ба ҳеҷ ваҷҳ диққати хонандагонро аз адабиёт ва масоили асосии он дур намебарад. Баръакс, маҳорати сухангӯӣ, тафаккури бадеӣ ва завқи зебоишинохтии ӯро равнақ мебахшад.

Адабиёт бояд на фақат ҳадафи тарбиявӣ дошта бошад, балки бевосита сарчашма ва василаи забономӯзӣ низ бошад. Барои омӯзиши забони равону фасеҳ дар таълим бештар ба матнҳои классикӣ бояд такя кард.

Таълими адабиёти тоҷик ҳамчун фанни мустақил аз синфи V оғоз мешавад ва ба ду давраи омӯзиш ҷудо карда мешавад. Дар давраи аввал (синфҳои V-V111) асосан ба хониши бадеӣ афзалият дода шудааст. Даври дуюм (синфҳои 1X-X1) омӯзиши таърихи адабиётро фаро мегирад.

Ин давраҳои таълими адабиёт хусусиятҳои хоси омӯзишии худро дорад. Вале он чи ки барои ҳар ду давра муҳим аст, интихоби маводи бадеист. Интихоби матн ба тақозои барномаҳои таълимӣ асосан ба усулҳои ахлоқию омӯзишӣ такя доранд, ки дар замони имрӯза чандон писандида нест. Дар бисёр мавридҳо вазифаи таҳзибии адабиёт аз назар дур мемонад. Адабиёт василае қарор мегирад барои ба ҳадафҳои дигар расидан. Ҳол он ки ҳунар (осори бадеӣ) агар ҳатто ба унвони восилае ҷиҳати тавсиаи соири бунёдҳо, махсусан, дар мавриде, ки ба назар меояд ин соири бунёдҳо аҳамияти ҳаётии бештаре барои инсон доранд, ба кор равад, ба он бунёдҳо ҳаёт ва давоми бештаре мебахшад, аммо дар ин сурат худаш бидуни он ки асолат ва озодияш муҳтарам бимонад, мавҷудияти худро ҳам аз даст медиҳад ва тадриҷан ба куллӣ мемирад. Ба ин тартиб касоне, ки ҳаққи ҳанарро ба унвони як бунёди мустақили инсонӣ ба ҷо намеоваранд ва мепиндоранд, дар ҳамон зимн кумак ба тавсиаи соири бунёдҳо ҳунар худаш тавсиаи кофӣ меёбад, ҳолашон шабеҳи ҳоли он ҷарроҳ аст, ки бихоҳад як пора аз

бадани бемореро қатъ кунад, то пораи дигарашро тармим намояд. Хатар ин ҷост, ки ҷарроҳи ноқисақл бихоҳад нороҳатии як андоми камфоидаро ба зиёни як андоми муҳим ва ҳаётӣ рафъ кунад… Бидуни шак, наметавон таъсиреро, ки қисса ва шеър (умуман, осори бадеӣ – А.М.) дар тавсиаи соири бунёдҳо доранд, нодида гирифт ва ҳатто, шояд вазифаеро, ки шеър ва қисса аҳёнан ва дар мавқеи хос дар тавсиаи он бунёдҳо доранд, бояд тасдиқ кард, аммо ин вижагии шеър ва қиссаро ҳаргиз набояд дастовез кард. Барои он ки ин ҳунарҳо ҳар вақт ҳам бихоҳанд фақат ба унвони як омили мустақил ба кор гирифта шаванд, беарҷ шумарда оянда ва мавриди таҳқир гарданд.[1]

Вақте ки таълими адабиёт дар мактаб бар зарар ва нобудии меъёрҳои ҳунарии ин фан сурат намегирад, он вақт маводи асили адабиёт-осори бадеӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор мегирад. Омӯзиш ва таҳлили осори бадеӣ дар ҷараёни таълим дар ду равиш, яъне адабиёт чун сухани бадеӣ ва илм дар бораи адабиёт сурат мегирад.

Хониш ва дарки матни бадеӣ аз рӯи қоидаҳое амалӣ карда мешавад, ки ҳар навъи ҳунар тақозо мекунад. Вай, пеш аз ҳама, ангезаи ҳиссӣ дорад. Имконияти асосии адабиёт чун як намуди ҳунар асосан дар ҷараёни хониши аввалин ва дарки матни бадеӣ воқеъ мешавад. Вале хониши бадеӣ таҳлили асари бадеиро ҳеҷ гоҳ истисно намекунад. Дар ин зина илова ба амиқбурди фаҳмишҳои нахустин дигар қонуниятҳо-қонуни дарки илмӣ низ ҳукми қонунӣ пайдо мекунад. Дар ин давра донишҳо доир ба таърих ва назарияи адабиёт дар синфҳои V-V11 асосан ба таҷрибаи мактаби русӣ такя мекунад. Интихоби пораҳои нокомили осори адабӣ ҳам аз адабиёти классикӣ ва ҳам аз адабиёти муосир меъёр шудааст.

Омӯзиши адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ танҳо дар доираи порчаҳои ҷудогонаи асари адабӣ сурат мегирад.

[1] Абдульусайн Зарринкўб. Аз чизьои дигар … саь. 270.

Бинобар ин, моҳият, ғояи асар, симо ва персонажҳо ба пуррагӣ аз худ карда намешавад. Ҳамчунин, бозтоби ҳунарии адабиёт ва муаллифи эҷодкор мақсад ва вазифаҳои осори бадеӣ возеҳ ва равшан шинохта намешавад.

Ҳатто, худи омӯзгорон низ муҳтаво ва муназзамиву пайдарҳамии воқеоти тасвирёбанда, сохтор ва унсурҳои осори адабиро пурра аз худ накарда оҳоро ба хонанда амиқ омӯхта наметавонанд. Айни замон дар тафсири фанни адабиёти тоҷик таҳлил, таркиб ва арзёбии мазмуну мундариҷаи комил, сохтор ва унсурҳои осори адабӣ, шахсияти адиб ва симои ҳунарии вай ба таври дилхоҳ омӯхта намешавад. Мебояд, ки усул ва воситаҳои фаъоли омӯзиш ва таълими адабиёти тоҷик самарабахш истифода шаванд ва ҷиҳати равнақи тафаккури эҷодӣ ва идроки маърифат усулҳои муосири инкишофи малака ва маҳорати хонандагон имконият фароҳам оваранд.

Ҳамзамон, мақсад аз таълими фанни адабиёти тоҷик танҳо шарҳи нақлу ахбори таърихӣ ва саргузашти шахсони ҷудогона набуда, бештар ба тарбияи маънавию эстетикӣ, худшиносӣ, парвариши ҳаёти солим ва эҳсоси зебоипарастӣ, маърифати ҳусн дарёфти арзишҳои ҳунарӣ, ҳусну назокати суханварӣ, ахлоқи ҳамида ва мақоми инсонпарварона нигаронида шудааст.

Мутаассифона, ин таҷрибаи нописанд дар замони истиқлол низ ҳамчун суннат пазируфта шуд ва арзиши маънавӣ ва ҳунарии дарсӣ адабиётро хеле ва хеле поён бурд. Ба ин сабаб хонандагон асари бадеиро дар синф кам ва пора-пора мехонанд ва табиист, ки фаҳмидани онро ёд намегиранд. Яке аз сабабҳои камсаводӣ ё бесаводии хонандагони мактабҳо аз адабиёт маҳз ҳамин аст. Ҳамин омил аст, ки хонандагон мактабро тамом кунанд ҳам, ба фаҳмидан таҳлил ва тафсир кардани матнҳои классикӣ ва муосир қодир нестанд. Биноан, аз  чунин тарзи таълими адабиёт дар мактаби миёна даст кашидан лозим аст.

Талабагон асосан дар синфҳои 5-7 бояд хондану фаҳмидани асари классикиро аз худ намоянд. Ба ин хотир ба омӯзиши осори адибони маъруф ва шинохта бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, то ки асари онҳо ба китоби дарсӣ зиёдтар ва яклухт, бо пораҳои бузург (на кам-кам ва канда-канда) дохил карда шавад ва барои дар синф хондани матн имконият бештар дошта бошанд. Ин равияро вусъат додан, роҳҳои хониши синфӣ ва маънидоди синфии матни классикиро ҷустан зарур аст. Дар синфҳои ибтидоӣ маънидоди матни классикӣ бештар шифоҳӣ ва аз тарафи омӯзгор сурат мегирад... Зинаи дуюм таҳсилоти миёна (синфҳои 5-10) давраи асосии даст ёфтан ба маънои матни классикист. Дар ибтидо худи талабаҳо бо ёрии зернавишти маънидод ва фарҳангҳои гуногун, бо роҳбарии омӯзгор ба маънои мисраву байтҳо роҳ ёфтанро ёд мегиранд, малакаҳои ҷиддии маънирасӣ пайдо мекунанд. Бо дастрасии ин раванд, яъне фаҳмиши маънӣ ва маърифатписандӣ муҳимтарин сифатҳои шахсият ба вуҷуд меояд. Биноан, бунёд ва ташаккули ин сифатҳоро дар раванди тадриси адабиёт дар мактаби миёна мебояд устувор сохт.

Барои омӯзиш дар синфҳои V-V11 пораҳои ҷудогона аз матни классикӣ ва адабиёти имрӯз пешниҳод карда мешаванд, ки ҳатто, аз ҷиҳати мавзӯъ низ миёни худ рабте надоранд. Маълумоти мухтасари тарҷумаҳолӣ ва порае аз асар дониши хонанда ва малакаи адабиётфаҳмии ӯро тақвият намебахшад. Дар ин замина мо бояд ба усули таълими «Гулистон»-и Саъдӣ дар мактабҳои кӯҳна бо истифодаи равишҳои замони муосир истифода кунем. Маводи бадеиро мумкин аст аз рӯи мавзӯъ низ дастабандӣ кард. Ин кор ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки масъалаҳои муҳимеро, ки осори бадеӣ ба миён гузоштааст, дарк кунанд. Дар ин росто завқ ва эҳтиёҷи маънавии хонандаи имрӯзро бояд ба назар гирифт. Матнҳои интихобшуда ва таҳлилу тафсири онҳо бояд, ки дар фазои иттилоотии муосир рақобатпазир бошанд. Ин мавод тавонад, ки диққати хонандаи ҷавонро аз фаҳшу

фуҷури филмҳои саргармкунанда ва фаҳшномаҳои интернетӣ раҳо карда, ба адабиёти асил ва бо маънавият пайвандад.

Дар интихоби матн бояд синну соли хонандагонро низ ба эътибор гирифт. Тадриҷан захираи луғавии матнҳои интихобшуда бояд афзоиш ёбад, аз сода ба мураккаб гароиш пайдо кунад. Матнҳо бояд фарогири луғатҳои нав, таъбироти тоза ва зарбулмасалу мақол бошанд. Ин ҳама ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишинохтии хонандагон мусоидат карда, малакаи таҳлили асари бадеӣ ва хониши муассирро дар онҳо афзоиш медиҳад. Дар ин зина хонандагон оид ба асари бадеӣ чун ҳодисаи ҳунарӣ тасаввурот пайдо мекунанд.

Дар синфи \/111 хонандагон бо осори бадеӣ нисбатан амиқтар ошно шуда, омӯзиши онҳо дар синфҳои баъдӣ хусусияти муъҷази таҳқиқӣ мегирад. Таълими адабиёт дар синфи \/111 хонандагонро ба омӯзиши таърихи адабиёт омода мекунад. Ба ин бояд тартиби таърихии интихоб ва ҷойгиркунии мавод мусоидат намояд. Дарк ва тафсири таркибҳои забонӣ, таҳлили осори бадеии жанрҳои гуногун аз ҳамин давра оғоз шуда, тадриҷан амиқ мешавад ва хонандагонро ба таҳлили мустақилона ва арзёбии порaҳои ҷудогонаи осори бадеӣ омода мекунад. Барои дарки ҳаматарафаи осори бадеӣ маълумоти муфассал дар бораи адиб, ҳадафҳои эҷодиёти ӯ, замони зиндагии вай ва замони таърихие, ки дар он зистааст, ёрии бевосита мерасонад. Махсусияти замони таълифи асар низ бояд ҳаматарафа тафсир шавад.

Савияи дарси адабиёт ва маънавиёти хонандагон минбаъд ба он вобаста мешавад, ки мо чӣ гуна осори бадеиро интихоб мекунем ва дар барномаву китоби дарсӣ ҷойгузин менамоем. Алҳол дар ин замина низ мо меъёри хоси диду водид надорем, ки ин кори омӯзгори адабиётро душвор хоҳад кард.

Вазифаи асосии равиши таълими адабиёти тоҷик дар ин зинаҳои таълим иборат аз он аст, ки дарки ҳаматарафаи

адабиёти бадеиро таъмин намояд ва хонандагон мундариҷаи ғоявӣ ва бадеияти асарҳоро дарк карда тавонанд.

Ин ҳадафро бо ёрии амалҳои зерин, ки барои ҳамин зинаи таълими адабиёт хос мебошанд, анҷом додан мумкин аст: хониши муассири бадеӣ, нақли мазмуни асари хонда шуда, аз ёд кардани пораҳои шеърӣ ва насрӣ, тафсири якҷояи матни асари бадеӣ, суҳбати ангезанда, супоришҳои мухталиф барои азхудкунии дарунмоя ва мундариҷаи асар, тафсири махсусиятҳои низоми бадеии асар, мавқеи забоншинохтии калима дар матн, таҳлили қиёсӣ (дар мисоли ҳаммонанди адибон).

Таълими адабиёт дар синфҳои болоӣ зинаи хос ва нисбатан мураккаб аст. Осори бадеии адибони тоҷик дар қаринаи (контексти) адабӣ-таърихӣ арзёбӣ мешавад. Онҳо дар алоқамандӣ бо замони таърихӣ омӯхта ва таҳлил карда мешаванд. Чунин усули таҳлил бояд тасаввуроти хонандагонро доир ба моҳияти асар, замони таълиф ва хусусиятҳои бадеии он вусъат бахшад. Дар бобҳои монографӣ хонандагон дар бораи ҳаёт ва осори адиб маълумот гирифта, доир ба шахсияти эҷодкор ва осори асосии ӯ тасаввурот ҳосил мекунанд.

Нақл дар бораи осоре, ки матнаш омӯхта мешавад, тафсири он, бояд бо зиндагинома ва роҳи эҷодии адиб пайванд хӯрад. Мавзӯъҳои обзорӣ бояд ҷараёнҳои адабӣ, тамоюлҳои ғоявии он замони таърихӣ ва арзишҳои иҷтимоию фарҳангии онро ошкор созанд.

Вазифаи асосии равиши таълими адабиёт дар ин зинаи таълим, пеш аз ҳама, хонандагонро бо махсусияти ҷараёни таърихӣ-адабӣ ошно карда, доир ба осори адабӣ тасаввуроти комил ба вуҷуд овардан, маҳорати таҳлили асари бадеӣ ва арзёбии онро дар онҳо парваридан, донишҳои назарӣ ва адабии онҳоро ба низом даровардан, хонандагонро ба кори мустақилона дар болои асари бадеӣ омода кардан ва нутқи онҳоро тушаккул додан мебошад.

Ҳангоми таълими адабиёт дар синфҳои боло хониши муассир, таҳлил ва тафсири ҷомеъ, суҳбати ёдовар, иҷрои ҳамагонии супориш барои муайян кардани мундариҷаи ғоявию бадеии асар, ҳунари тасвиргарӣ ва нақши забон дар ифодаи дарунмояи асар воситаи муҳим мебошанд.

Намудҳои мушаххаси фаъолияти хонандагон дар ин зинаи омӯзиш нисбат ба пешина меафзояд. Ҳиссаи ҳар хонанда дар иҷрои супоришҳо зиёд мешавад, маҳсулнокии фаъолияти сухангӯии хонандагон низ боло меравад. Нақши сухани омӯзгор низ афзуда, ҳаҷми маводи пешниҳодшуда ва дараҷаи мураккабии он низ тадриҷан бештар мегардад. Тарзи таҳлил ва тафсири асари бадеӣ низ амиқ меравад. Усули самараноки таҳлил дар ин зинаи омӯзиш суолу ҷавоб мебошад. Суҳбатҳои қиёсӣ доир ба мазмуну мундариҷа, ғояи осори классикӣ ва муосир ва ҳунари нигорандагии онҳо низ дар инкишофи дониш ва завқи зебоишинохтии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Дар ҳамаи давраҳои омӯзиш ва таълими адабиёт арзёбии моҳияти инсонгароӣ, ташаккули шахсият ва камолоти маънавии шахс ҳамчун маҳаки асосӣ ба эътибор гирифта мешавад.

**<u>Саволҳо ва супоришҳо</u>**

1. Ҳадафи аслии таълими адабиётро дар мактаби миллӣ тафсир бахшед.
2. Хусусиятҳои умдаи таълими адабиёти классикии тоҷикро баён кунед.
3. Дар бораи равишшиносии таълими адабиёт, адабиётшиносӣ, асосҳои усулӣ ва заминаҳои равоншиносии онҳо чӣ медонед?
4. Мундариҷа ва таркиби омӯзиши адабиёти тоҷикро дар зинаҳои гуногуни омӯзиш шарҳ диҳед.

## Адабиёти омӯзишӣ

Абдусамади Мулло, Мирзошарифи Шодӣ. Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир. Душанбе, 2007. 153 саҳ.

Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло. Сабақе дигар.

А. Ваҳобов, М. Қозиҷонов. Таълими адабиёт дар мактаб. Душанбе, Маориф, 1988, 192 саҳ.

Бақозода Ҷ. Сифати китоби дарсӣ беҳбудӣ металабад. Дар китоби Ҷӯра Бақозода. Нависанда ва идеали замон. Душанбе, 1987.

Бушмин А.С. Методологические вопросы литературоведческих исследовании. Ленинград, 1969.

Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ.- Душанбе, Маориф, 1992.

Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия. – Душанбе: Маориф, 1983.

Миров Т., Хоҷав Қ. Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе, Маориф, 1991, 249 саҳ.

## 4.1. ДАРСИ АДАБИЁТ ВА ФАНҲОИ ЁРИРАСОН

Дар фароянди омӯзиши адабиёти тоҷик донишҳои аз дигар фанҳо ба даст омада низ истифода карда мешаванд. Алоқаи фанҳои дигар бо адабиёт дар роҳи ба низомоварӣ, амиқбурд ва устувор сохтани дониши хонандагон, шаклдиҳии ҷаҳоншиносии илмӣ мақоми хос дошта, ба тавсиъаи ҷаҳонбинӣ ва афзоиши шавқи донишомӯзии онҳо мусоидат мекунад.

Дар таълими адабиёт роҳ, тарз ва воситаҳои гуногуни омӯхтани дониш, ҳосил намудани маҳорату малака, инкишофи самарабахши нутқи даҳониву хаттӣ, ташаккули тафаккури мантиқӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон истифода мегардад.

Омӯзгори адабиёт дар ҷараёни омӯзиш метавонад, пеш аз ҳама, аз дониш ва малакаҳое, ки хонандагон аз фанҳои инсонӣ ҳосил кардаанд, баҳра барад. Дар ин радиф омӯзиши адабиёт, беш аз ҳама, ба фанҳои забони модарӣ, забон ва адабиёти хориҷӣ, таърих, фалсафа, педагогика , психология, санъат ва мусиқӣ алоқамандӣ дорад. Дар ҷараёни таълим алоқаҳои ҳамзамонӣ ва ғайриҳамзамониро тафовут медиҳанд. Алоқаи ҳамзамонӣ истифодаи санадҳои омӯзишӣ, ҳодисаҳои ҳаммонандро, ки дар фанҳои ба ҳам наздик баён шудаанд, дар назар доранд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи шакли дуюм судмандтар будааст. Агар омӯзгор ба омӯзиши мавзӯи адабӣ омодагӣ дида, вусъат ва такмили онро ба воситаи дигар фан имконпазир ва арзишманд бинад, ин усул ояндадор аст. Масалан, хонандагон очерки Садриддин Айнӣ « Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-ро хеле барвақтар меомӯзанд. Баъдтар онҳо аз таърих бо ҳуҷуми муғулон ошно мешаванд. Муаллими адабиёти тоҷик бояд ба ҳисоб гирад, ки хонандагон дар бораи ин фоҷиа фақат аз дарси таърих маълумоти кофӣ гирифтанашон имконпазир аст. Агар

омӯзгор ба он чи ки хонандагон аз дигар фанҳо медонанд, такя кунад, бояд аз усули пайванди тарҷеӣ истифода намояд. Масалан, ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик омӯзгор аз донишҳои адабиётшиносие, ки хонандагон аз адабиёти хориҷӣ ҳосил кардаанд, метавонад истифода кунад. Дар ин замина қаробати таърихии мавзӯъҳо низ омили ёрӣ ҷустан аз фанҳои дигар, ба хусус, фанҳои инсоншиносӣ мебошад.

Дар роҳи самаранокии таълими адабиёт алоқаҳои ба истилоҳ дохилӣ низ мақоми муҳим доранд. Ин мавзӯъ, ба хусус, барои адабиёти тоҷик арзишманд аст. Зеро ҳавзаи фарогири ин адабиёт вусъатнок буда, дар ташаккули он халқҳо ва кишварҳои зиёде саҳми назаррас доранд. Ин мавзӯъро ҳангоми таълими мавзӯи «Бадриддин Ҳилолӣ» метавон бо раванди алоқаҳои адабии тоҷикону туркҳои чиғатоӣ пайванд дод. Дар заминаи адабиёти муосири тоҷик ва пайвандҳои он бо адабиёти халқҳои шӯравии собиқ низ ин амал судманд хоҳад буд. Ба хусус, таъсири файзбахши адабиёти рус ба адабиёти муосири тоҷик дар ин замина корсоз аст.

Паҳлӯи дигари пайванди адабиёти тоҷик бо адабиёти халқҳои дигар ҳодисаҳои адабии қиёсӣ (типологӣ) мебошанд. Баҳрабардорӣ ё худ таъсирпазирӣ аз адабиёти халқҳои дигар барои адабиёти тоҷик, чи дар гузашта ва чи имрӯз, манфиатбахш будааст. Омӯзгор ин масъаларо ҳам ба воситаи мавзӯъҳои обзорӣ ва ҳам рисолавӣ метавонад таҳлил ва баррасӣ намояд. Фақат масъалаи қаробат ё худ наздикию ҳаммонандии ғоя, мавзӯъ ва навъҳои адабӣ миёни адабиёти тоҷик ва адабиёти ҳинду араб метавонад санади муҳим барои андеша бошад.

Муқоисаи татбиқӣ аз омӯзгор омодагии комилро тақозо мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки бо сарфи соатҳои иловагӣ хонандагон бо қонунияти тараққиёти адабиёт ошно шаванд, донишҳои назариашонро тақвият бахшанд, хусусияти хоси ин ё он адабиётро сарфаҳм раванд.

Дар ин раванд пайванди забон ва адабиёти тоҷик масъалаи хос ва хеле ҷиддист. Матни бадеӣ ба хонанда имкон фароҳам меоварад, ки нозукиҳо ва ғановати забони тоҷикиро сареҳан дарк кунад, мавқеи истифодаи ин ё он калимаю таъбирро шиносад. Адабиёт бояд василаи омӯзиши забон бошад, ба хусус, адабиёти классикии мо, ки забонаш меъёрҳои собит дорад. Муаллими адабиёти тоҷик дар ин замина метавонад аз шарҳое, ки ба девонҳои классикони мо навишта шудаанд, истифода кунад. Дар шарҳҳо масъалаҳои забонӣ якҷоя ба ҳунари бадеии шоир таҳлил ва тафсир шудаанд.

Омӯзгор метавонад як дарсро ба таҳлили луғати шеъри Рӯдакӣ ихтисос диҳад ва дар заминаи қасидаи «Шикоят аз пирӣ» хусусиятҳои хоси забони шоир, ғановати луғавӣ ва маъниофаринии ӯро нишон диҳад. Ҳатто тафсири фақат ифодаи «қатраборон» ва баҳсҳои забонӣ дар атрофи ин ифода ҳусни забони шоири бузургро мекушояд.

Дар дарсҳои забони модарӣ матнҳои адабиро метавон барои ошкор кардани ҳодисаҳои забонӣ, собит сохтани қоидаҳои забон истифода кард. Матнҳои бадеиро метавон барои корҳои хаттӣ, аз ҷумла, диктанти савод, нақли хаттӣ, иншо ва таҳлилҳои наҳвӣ истифода кард.

Дарси забон баъзе малакаҳоро, ки хонандагон аз дарси адабиёт ёд гирифтаанд, тақвият мебахшад. Масалан, омӯзиши хониши муассир бе донистани сохти наҳвии ҷумла имконнопазир аст. Посух ба суолҳо, таҳияи нақша, бозгӯи мундариҷа ва таҳлили асари бадеӣ ҳамзамон донишҳои муайяни хонандагонро оид ба забон мустаҳкам мекунад. Амалӣ сохтани алоқаҳои забон ва адабиёти тоҷик аз он ҷиҳат осон ва самаранок аст, ки ин ду фанро як кас дарс медиҳад. Чунин шароит имкон медиҳад, ки на фақат дониш, балки малака ва тавоноии хонандагон санҷида шавад, ҳамчунин, баъзе равишҳои усулӣ дар таълими адабиёт мушаххас гардад.

Алоқамандии байни дарси адабиётро бо расмкашию мусиқӣ низ метавон амалӣ сохт. Омӯзгори суруд ба муаллими адабиёт ёрӣ медиҳад, ки вай оҳанги сурудро биомӯзад, ҳамроҳ бо хонандагон оҳанги онро ёд гирад, бар матни шоироне, ки осорашон дар дарси адабиёт омӯхта мешавад, суруд тартиб диҳад, шабҳои адабӣ ва дигар чорабиниҳои берун аз синфро бо мусиқиву суруд оро диҳад. Дарси суруд ҳисси зебоишинохтии хонандагонро зиёд мекунад, ба дарки нозукиҳои хониши муассир ёрӣ мерасонад.

Дар дарсҳои адабиёт гоҳо асарҳои мусиқие, ки ҳисси зебоишинохтии хонандагонро ташаккул медиҳанд ва ба ёдгирии матнҳо кумак мекунанд, шунида мешаванд. Азхудкунии суруд арзишҳои дигар низ дорад: хонандагон дар бораи муаллифи суруд маълумот пайдо мекунанд, донишашон оид ба ин соҳаи санъат тавсиа меёбад, завқашонро барои дарки адабиёти бадеӣ бештар мешавад.

Гоҳо дар дарси адабиёт асари мусиқиро метавон шунавонд, ки он дар хонандагон эҳсоси муайянро ба вуҷуд меоварад, барои фаҳмидани матн ба онҳо сабукӣ меорад.

Дар дарси адабиёт метавон ба он малакаҳое, ки хонандагон дар дарсҳои санъати тасвирӣ ҳосил кардаанд, такя кард. Бо мақсади ҳифзи луғатҳои нав ба хонандагон супориш дода мешавад, ки тасвири ашё кашида, зери он номаш навишта шавад. Маслиҳатҳои омӯзгори санъати тасвирӣ барои интихоби тасвирҳои ба мавзӯъ наздик, тасвири адибон ва расмҳо дар мавзӯи асари бадеӣ ёрии воқеӣ мерасонад.

Матнҳои бадеӣ сарчашмаи хос ва бо эътимоди маълумот дар бораи таърихи халқи тоҷиканд. Ҳамчунин, нависанда шоҳиди замони таърихист, ки дар он зиндагӣ кардааст. Илова ба ин, бе донистани захираи дониши хонандагон дар бораи таърих осори адибро дар дарси адабиёт дуруст арзёбӣ кардан ғайриимкон аст.

Омӯзгор метавонад ба хонандагон тавсия кунад, ки осори таърихии адибони тоҷикро хонанд. Хондани осори таърихии устод Садриддин Айнӣ, ба хусус, романҳои таърихии Сотим Улуғзода «Восеъ» ва «Фирдавсӣ», ҳамчунин, қиссаи «Ривояти суғдӣ» ва ҳикояи таърихии «Марги ҳофиз» таассуроти хонандагонро бой карда, дарки зебоишинохтии воқеиятро амиқ мебарад ва ҷаҳоншиносии онҳоро тавсиа мебахшад.

Дар дарси адабиёт омӯзгор имкон дорад, ки аз донишҳои аз дарсҳои ҷамъиятшиносӣ ҳосилкардаи хонандагон истифода кунад. Ин имкон медиҳад, ки бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, ки хонандгон дар дарсҳои адабиёт бо онҳо бархӯрд кардаанд, равшан шавад.

Донишҳои ҷуғрофиёӣ имкон медиҳанд, ки бисёр масъалаҳоро саҳеҳ тасаввур кунанд. Ба малакаҳои аз дарсҳои ҷуғрофиё ҳосилкардаи хонанадагон такя карда, омӯзгори адабиёт метавонад ба хонандагони синфҳои болоӣ дастур диҳад, ки харитаи сафарҳои адибонро созанд. Масалан, таҳияи харитаи сафарҳои Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Мирзо Турсунзода ва монанди инҳоро.

Хондани осори ба табиат бахшидаи адибони тоҷик, ҳайвонотномаҳо на фақат доираи дониши онҳоро ба усулҳои тасвири бадеӣ меафзояд, балки ба дарки нозукиҳои пайванди инсону табиат низ ёрӣ мерасонад. Ҳамин гуна осори бадеиро омӯзгори ҷуғрофиё низ дар дарсҳо метавонад истифода кунад.

Натиҷаи истифода аз алоқамандии фанҳо аз бисёр ҷиҳат ба тавоноии омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълим ва мувофиқати омӯзгорони фанҳои ба ҳам наздик вабаста аст. Ҳамкорӣ дар ин замина ба нақшаҳои умумимактабӣ низ таъсири муфид мерасонад. Дар ин нақшаҳо на фақат корҳои берун аз синф (масалан, маҳфилҳо, шабнишиниҳо, викторинаи адабӣ оид ба ягон саёҳат, нишастҳо ва ҷаласаҳои ихтисосӣ), балки дарсҳои умумӣ, дарсҳои семинарӣ, ки вазифаҳои умумии омӯзиширо муайян мекунанд, зикр

мешаванд. Ҳамчунин, санҷиши байнифаннии дониши хонандагон, донистани малака, иштирок ба дарсҳои ҳаммавзӯъ дар ин равиш роҳандозӣ мешаванд.

Иштироки фаъолонаи хонандагон низ дар ин замина муҳим буда, омӯзгорони таҷрибадор фаъолиятҳои ҷӯяндагии шогирдонро ба роҳ мемонанд. Хонандагони шавқманд ва боистеъдоде, ки мехоҳанд касби ояндаи худро интихоб кунанд, ба ҷустуҷӯ ҳидоят карда мешаванд. Ба онҳо доир ба ҳамгироии фанҳо ва моҳияти он супоришҳо дода мешавад. Алоқамандии фанҳои таълимӣ дониши хонандагонро аз ҳама фанҳо амиқ сохта, мустақилият ва ҷаҳоншиносии ононро афзоиш медиҳад.

## Супориш

1. Дар мавзӯи «Алоқаи адабиёт бо таърих» мақола нависед.
2. Доир ба таърихияти романи Сотим Улуғзода «Восеъ» бо дарназардошти алоқаҳои байни фаннии адабиёт осори шифоҳӣ, таърих ва этнография нишасти мубоҳисавӣ гузаронед.
3. Номгӯи осори бадеии адабиёти тоҷикро тартиб диҳед, ки имкони дар дарсҳои таърих истифода кардан дорад.
4. Доир ба мавзӯи «Тасвири табиат дар шеъри Рӯдакӣ» эссе нависед.

## Адабиёти омӯзишӣ


Балашова Л. Одновременное изучение взаимосвязанных тем на уроке. Масква, 1973

Мусулмонқулов Р. Асоси як тасвири шоиронаи устод Рӯдакӣ. Дар китоби: Раҳим Мусалмонқулов. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. Душанбе, 1984

Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло. Сабақе дигар. Душанбе, Аржанг, 2009, 190 саҳ.

## 4.2. ЗИНАҲОИ ТАЪЛИМИ ОСОРИ БАДЕӢ

### 1. Таснифоти зинаҳо

Омӯзиши осори бадеиро бо мақсади омӯзишию методӣ ба чанд зина метавон тақсим кард: дарси муқаддимавӣ, хондани матни асар, шарҳи мавзӯъ ва мундариҷаи асар, таҳлили асар, мустаҳкамкунӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

Ҳангоми таълими адабиёт зинаҳои зикршуда ба ҳамин шакл ба пуррагӣ шояд корбаст нашаванд. Онҳо дар ҷараёни фаъолияти омӯзгор яке дигареро тақвият мебахшанд ва ё иваз мекунанд. Масалан, ҳангоми таълими очерки таърихию бадеии устод Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» хондани пораҳое аз очерк дар дарси муқаддимавӣ хонандагонро фаъол месозад, шавқи онҳоро ба омӯзиши минбаъдаи ин асар меафзояд.

Дар навбати худ азхудкунии мундариҷаи асар, ки дар ҷараёни хондани он гузаронида мешавад, ба таҳлили матн ва дарки саҳеҳи маънии аслии мундариҷаи асар мадад мекунад.

Дар айни замон мундариҷаи баъзе қисматҳои низоми таъйиншуда барои омӯзиши асари мушаххас дар синфҳои поёнӣ ва болоӣ яксон нест. Ин ба вазифаҳои омӯзиш ва синну соли хонандагон вобастагӣ дорад.

Агар дар дарси муқаддимавӣ барои синфҳои V1-V11 (аввалин зинаи омӯзиши асари бадеӣ) ба хонандагон дар бораи санадҳое, ки дар асари мавриди омӯзиш равшан таҷассум ёфтаанд, хабар дода шавад, вазифаи омӯзиши адабиёт дар синфҳои боло водор менамояд, ки роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб нисбатан пурра ва бонизом таълим дода шавад. Дар синфҳои поён тафсири пешакӣ имтиёз дошта, дар синфҳои болоӣ тафсири таърихӣ-фарҳангӣ ва таърихӣ-адабӣ ҷойгоҳи хос дорад.

Масалан, ҳангоми омӯзиши шеъри Лоиқ «Корези Фирдавсӣ» дар синфи VII омӯзгор дар тафсири пешакӣ оид ба маънии тасвирҳо ва дарунмояи шеър тавзеҳ медиҳад.

Хонандагонро ба дарки маънии рамзии шеър омода мекунад. Сипас, дарсро метавонад ба дастури зер гузаронад.

Баъди тафсири пешакӣ шеърро аввал муаллим хонда, мазмунашро шарҳ медиҳад ва тобишҳои ҳиссӣ ва маънавии онро баён мекунад. Шогирдон аз паи устод матнро мехонанд ва дар атрофи саволи «Мавзӯи шеъри щоир чист?» гуфтугӯ миёни муаллим ва хонандагон ба тариқи зайл идома меёбад.

- Ҷовидонагии номи суханварро шарҳ диҳед.

-Дар кадом пораи шеър дар ин бора сухан меравад?

-Орзуи Фирдавсӣ аз навиштани «Шоҳнома» чӣ буд?

Сатрҳоеро, ки орзуи Фирдавсиро ифода мекунанд, ҷудо мекунем. Тасвири Фирдавсӣ ва Лоиқро дар синф гузошта байтҳоеро, ки ҷовидонагии кор ва номи шоирро таъкид намудаанд, ҷудо менамоем.

Ин гуфтугӯ мавзӯъ ва нақшаи шеърро муайян мекунад.

Даромад.

1. Ҷузъиёт, замон ва макони тасвиршуда.
2. Симои Фирдавсӣ.

Қисми асосӣ

3. Орзуи шоир.
4. Корези Фирдавсӣ.
5. Ноумедии шоир, шикасти орзу.
6. Ҷаҳонбинӣ ва шахсияти адиб, ҳунари эҷодкорӣ.

Нақшаро тартиб дода, шарҳ медиҳем, ки ҳар қисм чӣ тобише дорад. Муносибати шоир ба мавзӯи тасвиркардааш чӣ гуна аст? Оғози шеър даромади роҳкушоест. Қитъаи дуюм афзоиши лаҳн ва нируи таъкиди мантиқиро собит мекунад. Қитъаи сеюм, махсусан, мисраи «Лек на Маҳмуд инъомаш бидод» садоро баландтар мекунад ва таъкидро меафзояд. Дар қитъаи чорум лаҳн нарм шуда, оҳанги нафрат қувват мегирад: «Орзуи шоир андар дил бимурд…»

Дар қитъаи панҷум лаҳн аз нав қувват мегирад ва ба ҷовидонагии кори неку номи нек итминон медиҳад.

Оре, корезе, ки андар назм канд,

Ҷовидон ҷорист бар нафъи башар.
Лек дар ӯ об не, хуни дил аст,
Лек дар ӯ об не, хуни ҷигар…

Интиҳои шеър моро ба ибтидои ором ва дақиқи шеър бозмеоварад.

Афзалият ва неруи чунин хондани ин шеър дар он аст, ки мазмун ва дарунмояи онро даркпазир месозад. Шеъри воҳидро ба қисмҳо ҷудо карда овоз дар ошкор сохтани эҳсосу андешаи шоир саҳм мегирад, ҷавҳари андешаи шоир муайян мешавад, хониши зинда ба ҷовидонагии сухан итминон медиҳад.

Дар синфи Х вазифаи дарси муқаддимавӣ пеш аз омӯзиши мавзӯи рисолавии «Садриддин Айнӣ» мураккабтар мешавад. Эҷодиёти Садриддин Айниро дар қаринаи замони зиндагиаш ҳамроҳ бо ташаккули адабиёти муосири тоҷик шарҳ дода, дар ин замина мавқеи тафсири пешакии таърихӣ ва таърихию адабиро ба назар гирифтан лозим аст.

Зинаи дигари омӯзиш хондани матни асар мебошад, ки дар синфҳои поён ва боло мутафовит аст. То синфи \/111 аксари асарҳо дар синф пурра хонда мешаванд. Илова ба омӯзондани хониши муассир техникаи хониш низ омӯзонда мешавад. Аз синфи \/111 сар карда ҳиссаи хониши мустақилонаи хонагӣ зиёд мешавад, ҳарчанд ки хониши муаллим қисмати асосии корро бар матн дар ҳамаи синфҳо муайян мекунад.

Зинаи сеюм, азхудкунии мундариҷаи асар, фақат дар зинаи сеюми омӯзиш хусусияти мустақилона дорад. Дар синфҳои боло вай бо таҳлили асар якҷоя гузаронида мешавад. Ҳамин тариқ, дар зинаи мазкур яке аз вазифаҳои умумӣ ин аст, ки алоқаи тарафайн бо хонанда барқарор карда шавад. Ба ин васила омӯзгор имкон меёбад, ки савияи хониши аввал ва охирро муқоиса кунад. Чунин усул имкон медиҳад, ки таассуроти комили хонанда ҳифз карда шавад.

Масалан, ҳангоми омӯзиши шеърҳои ба табиат бахшидашуда мазмуни суолҳо метавонад чунин бошад:

1. Шеър ба шумо писанд аст?
2. Дар он дар бораи ба чӣ сухан меравад?
3. Дар шеър чӣ манзарахо дидед?

а) манзара чӣ ранге дошт?

б) оё эҳсос кардед, ки табиат ҳам ҷон дорад?

в) садои табиатро эҳсос кардед?

4. Баъди хондани шеър чиро эҳсос кардед?
5. Чӣ дарде шоирро ба гуфтани ин шеър во доштааст?
6. Ба ин монанд шеърро ёд доред?

Зинаи дигари кор бар болои матн, яъне таҳлили асар дар синфҳои поён ва боло гуногун аст. Дар дарси хониши бадеӣ фақат баъзе ҷузъҳои таҳлил-таҳлили махфӣ, ки аввалин тасаввуротро оид ба асари бадеӣ шакл медиҳад, ворид мешавад. Аз синфи \/111 сар карда ба таҳлил бевосита имтиёз дода мешавад. Дар синфҳои боло мутобиқи талаботи барнома асар дар контексти эҷодиёти адиб аз назар гузаронида мешавад, ба хонандагон шароит фароҳам оварда мешавад, ки хусусияти асосии ҷинсҳои адабӣ, жанрҳоро шиносанд, қаҳрамони асарро тавсиф карда тавонанд. Хонандагон дар таҳлили асар фаъол мешаванд, вале муаллим ба онҳо роҳбарӣ карда, онҳоро таҳрир ва такмил мекунад.

Масалан, дар вақти таҳлили порае аз матни очерки Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар синфи \/1 диққати асосӣ ба ҳусни тасвири Айнӣ дода мешавад. Маҳорати ӯ дар тасвири корномаи хуҷандиён бояд нишон дода шавад. Ҳамин тариқ, баъди хондани матн дараҷаи фаъолии тасаввуроти хонандагон муайян мешавад. Хусусияти ҳис ва тафаккури образноки онҳо ошкор мегардад. Хониши матн ҳамроҳ бо суҳбат ва суолу ҷавоб, ки ба дарки мундариҷаи образноки матн нигаронида шудааст, гузаронида мешавад.

Таҳлили матни Садриддин Айнӣ дар синфи \/11 бо таҳлили нисбатан амиқ ва комил иваз карда мешавад. Масалан, ҳангоми таълими ҳикояти «Бозаргон ва тӯтӣ» аз

«Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ба хонандагон намунаи ҳунари адабӣ будани он ва аз рӯи қонунияти ин ҳунар таҳлил кардани онро бояд муаллим фаҳмонад.

Арзиши ғоявии ин ҳикоятро шарҳ дода, моҳияти тимсоли тӯтӣ ва симои бозаргонро бояд мушаххас намуд. Хонандагон бояд донанд, ки асли мавзӯи ин ҳикоят тасаввуфист ва мақсад аз дарси тӯтӣ ҳамон мавзӯи дунёи фонӣ, яъне ҷаҳонест, ки мо дар он зиндагӣ дорем. Чун хонандаи синфи 7 ба фаҳми ин масъала намерасад, бинобар ин, бояд ҷиҳати ахлоқии ҳикоятро дар мадди назар гирифт. Яъне ғояи ватан ва ватандорӣ метавонад маҳаки андеша бошад. Аз ҳамин мавқеъ дар дарсҳои баъдӣ афсонаро қироат карда, диққати хонандагонро ба тимсолҳои бозаргон, тӯтии асир, тӯтиҳои Ҳиндустон ҷазб намудан ба дарки моҳияти асар мусоидат хоҳад кард. Моҳияти асарро шарҳ дода, дар хотимаи дарс хулосаи аввалро такрор ва такмил мебахшем, барандагони мавзӯъ ва андешаву орои муаллифро дармеёбем.

Асари бадеӣ дар қаринаи роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб таҳлил карда мешавад. Дар таҳлил фаъолияти мустақилонаи хонандагонро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Тадриҷан мундариҷа ва шакли дарс тағйир меёбад. Умумиятдиҳии ин дарс дар заминаи мушоҳидаҳо ва натиҷагириҳое, ки дар ҷараёни омӯзиш ҳосил шудааст, воқеӣ мешавад. Чун қоида, дар дарсҳои хотимавӣ дар асоси матни бадеии омӯхташуда машқҳои инкишофи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ гузаронида мешавад.

Дар синфҳои болоӣ дарсҳои хотимавӣ мураккабтар мешаванд. Бештар натиҷагирӣ аз хусусиятҳои бадеии асар бояд мавриди диққат бошад.

Илова ба он ки дар синфҳои боло дарсҳо мураккабтар мешаванд, равиш ва усули омӯзиш низ як дараҷа тағйир меёбад. Масалан, дар дарсҳои муқаддимавии синфҳои боло омӯзгор зиёдтар сухан мегӯяд, мавқеи сухани ӯ меафзояд, дар зинаи миёна суҳбат шакли асосии омӯзиш хоҳад монд.

Дар бораи мундаричa ва равиши омӯзиши асар дар зинаҳои гуногун андешида, набояд фаромӯш кард, ки мундаричa ва усули омӯзиши маводро аз бисёр ҷиҳат навъ ва намуди асари бадеӣ низ муайян мекунад.

**Дарсҳои муқаддимавӣ.** Зарурати дарсҳои муқаддимавиро ҳамчун зинаи аввали омӯзиши адабиёт вазифаҳои равоншиносию омӯзишӣ ва душвории матни омӯхташаванда муайян мекунад.

Дарсҳои муқаддимавӣ ё худ раҳнамо хонандаро ба дарки комили асари бадеӣ омода мекунанд. Агар тайёрии хонандагон барои фаҳмидани матн кифоя бошад, дастурҳои раҳнамо ва шарҳу баст метавонад камтар бошад. Баръакс, агар хонанда ба фаҳмидани матн ба қадри кифоя омода набошад, он гоҳ роҳнамоии ӯ бештар хоҳад буд. Шарҳу басти пешакӣ хонандаро ба дарки мазмуну ғояи асар, хусусиятҳои бадеии он омода мекунад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дарси роҳнамо дар вақти таълими адабиёти тоҷик иборат аз инҳост:

• шавқи хонандаро ба омӯзиши асар афзудан;
• асосҳои дарки онро ба вуҷуд овардан;
• алоқаро бо осори пеш омӯхташуда таъмин кардан;
• бо луғат ва таъбироти душворфаҳм ошно кардан;
• бо муаллиф, ҷаҳонбинӣ ва хусусияти ҷаҳонфаҳмии ӯ ошно намудан;
• замони таълифи асарро муайян кардан;
• таърихи таълифро хабар додан;
• ҷойгоҳи асарро дар контексти таърихию адабӣ ва эҷодиёти адиб муайян намудан;

Дарси мушаххаси роҳнамо фақат аз якчанд ҷанбаъ иборат аст. Дар шароити таълими адабиёти тоҷик дарси роҳнамо метавонад ҳадафҳои зерин дошта бошад:

• фаҳмиши ғоя ва мавзӯи асарро осон мекунад;
• шавқангез аст;
• барои дарки матни бадеӣ заминаи муайяни ҳиссӣ ба вуҷуд меоварад;

• душвории фаҳмиш ва мушкилоти забониро аз байн мебарад.

Мундариҷаи дарси роҳнамо аз синну соли хонандагон, жанри асари бадеӣ, вазифаи тарбиявию омӯзишӣ, равиши охирини таҳлилӣ, дараҷаи ошноӣ бо назарияи адабиёт вобаста аст.

Дарки асари бадеӣ кори душвор аст, ки ба фаъолияти тафаккури бадеӣ вобастагӣ дорад. Дарси роҳнамо мушкилиҳоеро, ки дар ин роҳ ба миён меоянд, аз байн хоҳад бурд. Тафсир яке аз василаҳоест, ки метавон дар дарси роҳнамо онро истифода кард. Омӯзгор масъалаҳои хусусияти ахлоқӣ, зебошинохтӣ, таърихӣ-адабӣ, этнографӣ ва таърихӣ доштаро шарҳ дода, бо ин роҳ хонандагонро ба фаҳмидани матн тайёр мекунад.

Бештар ба он кӯшидан лозим аст, ки дарси роҳнамо омил ё худ василаи фаъол кардани тасаввуроти хонандагон гардад. Адабиёт дарки образноки воқеият аст. Бинобар ин, образҳои осори бадеиро хонандагон бояд дар тасаввурашон эҳё кунанд ва зинда доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бе тайёрии пешакӣ дар хонандагон таассуроти аёнӣ ба вуҷуд намеояд. Агар чунин таассурот ба вуҷуд ояд ҳам, бо матн ва ғояи асар мувофиқат намекунад. Ҳамин гуна дарси раҳнамо барои донистани образҳои тасаввурии шеъри классикӣ муҳим аст.

Намуди асосии дарсҳои раҳнамо барои синфҳои V1-V11 суханронии муаллим, суҳбат, кор аз рӯи тасвир ва ё маводи намоишӣ, саёҳат, иншои тасвирӣ ва ҳикоят дар асоси мушоҳидаҳои хонандагон мебошад.

Дар синфҳои боло тарзи истифода ва корбурди ин намудҳо дар дарсҳои раҳнамо мураккабтар мешавад. Агар дар дарси хониши бадеӣ суҳбат ва ҳикояти муаллим имтиёз дошта бошад, дар дигар дарсҳои таълими адабиёт ба ҳикояти муаллим унсурҳои лексия ҳамроҳ карда шуда, суҳбат нисбатан пурмазмун ва пурғунҷоиш мегардад.

Паҳлуҳои асосии мундариҷаи дарсҳои раҳнаморо аз назар мегузаронем.

1. Омодагӣ барои шинос шудан бо асар дарки бунёди ғоявӣ ва мавзӯи асарро осон мекунад. Ин усул бо баёни ахбори гуногуне, ки бе донистани он фаҳмидани моҳияти асари бадеӣ душвор мешавад, амалӣ карда хоҳад шуд. Ин метавонад тафсири таърихӣ бошад. Масалан, муаллим пеш аз хондан ё хонондани матни очерки устод Садриддин Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар синфи VII оид ба ҳуҷуми муғулон ба Осиёи Марказӣ маълумоти мухтасар дода, моҳияти ин ҳуҷуми истилогаронаро шарҳ медиҳад. Ҳамчунин, асоси таърихии асар ва таърихияти тасвир низ бояд эзоҳ ёбад. Дар замони ҳуҷуми фашистон ба хоки Шӯравии собиқ ба ин мавзӯъ даст задани устод Садриддин Айнӣ низ бояд арзёбӣ шавад.

Таъкид мекунем, ки ҳикояти муаллим дар бораи сарчашмаҳои ҳаётии очерк фаъолиятнокии хонандагонро дар роҳи дарки асар зиёд мекунад ва тасаввуроти содаю воқеъгароёнаи онҳоро ислоҳ менамояд.

Тафсири таърихии ҳаётӣ ва таърихии фарҳангӣ дар ин ҳол маълумоти таърихиро такмил ва тақвият мебахшад, ки ба хонандае, ки аз замони шурӯи ҳодисаҳо хеле дур аст, барои дарки саҳеҳи воқеияти он замон ёрӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, омӯзгор ба тарзи дастрас дар бораи ҳуҷуми истилогаронаи муғулон нақл мекунад. Маводи тасвирӣ ва намоишӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки дар бораи таърихи ҳуҷуми муғулон ва моҳияти ватандӯстонаи муборизаи хуҷандиён тасаввуроти комил пайдо кунанд.

Дар синфҳои боло тафсири таърихии адабиётшиносӣ, ки таърихи таълифи асар, мавқеи он дар эҷодиёти адиб ва ҷараёни адабиро фаро мегирад, ҷойгоҳи хос дорад. Масалан, хонандагони синфи даҳ бе маълумоти пешакӣ шояд асоси таърихию иҷтимоии «Ҷаллодони Бухоро»-и устод Айниро дарк накунанд. Ба ҳамин монанд маълумоти пешакӣ доир ба зиндагиномаи Аҳмади Дониш лозим аст.

2. Шавқи хонандагонро ба асари барномавӣ афзудан паҳлуи дигари мундариҷаи дарси раҳнамо мебошад. Дарки

осори ҳунар ҳамон вақт лаззатбахш аст, ки агар хонанда аз воқеаҳо, сарнавишти шахсиятҳо пешакӣ лаззат бубарад, агар ин шавқмандӣ дар тамоми ҷараёни кор бо матн риоя шавад. Кори маҷбурии азхудкунии асари бадеӣ шавқи хонандагонро кушта, дар ниҳояти кор нисбат ба хондан дилсард мекунад ва ба рушди шахсият зиёни ислоҳнашаванда мерасонад.

Яке аз ҳадафҳои дарси раҳнамо хонандагонро шавқманд карда, дар онҳо хоҳиши хондани асари бадеиро бедор кардан аст. Ин кор ба василаҳои гуногун иҷро мешавад. Масалан, пеш аз хондани асаре, ки дар боби табиат, фаслҳои сол баҳс мекунад, хонандагонро ба тамошои табиат бурдан судбахш аст. Онҳо махсусияти табиат, фаслҳои солро, ки дар асари бадеӣ тасвир шудааст, омӯхта ҳодисаҳои гуногунро ташхис медиҳанд. Хонандагон дар ин замина аз рӯи мушоҳидаашон метавонанд иншои тасвирӣ нависанд ва то ҷое муассирии тасвири шоиронаро дар қиёс бо матни хондаашон амалан дарк ва эҳсос кунанд.

Воситаи аёнӣ ҳамон вақт ба ҳадаф мерасад, ки агар бо суханони омӯзгор мутобиқат кунад. Маводи интихобкарда набояд танҳо аз ҳисоби хушки санадҳо, шахсиятҳо, ҳодисаҳо иборат бошад. Маҳорати омӯзгор, дониши ҳаматарафаи ӯ, муҳаббаташ ба касб, сухани бурро, унсият бо синф, ба ҳисоб гирифтани синну соли хонандагон, интихоби саҳеҳи мавод заминасози муваффақияти кори муаллим аст.

Ба назари мо, интихоб ва хондани (ҳатто аз ёд кардани) порае аз «Номаи Рустами Фаррухзод» беҳтарин раҳнамо барои дарки ҳашамати таърихӣ ва маънавии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯст.

Рустам ин номаро аз ҷанги Қодисия ба бародараш менависад, ки иборат аст аз тавзеҳоти равшане дар бораи вазъи сиёсиву иҷтимоии Эрон дар оғози қарни панҷум. Вазъи ошуфтаи кишвар, ки бар асари тасаллути тозиён ва ғалабаи ғуломони турк ва туркзодони аморатҷӯй падид омада буд, дар ин санади бисёр бузурги таърихиву адабӣ бисёр муассир будааст, ки Фирдавсӣ нигоштааст:

Биёвард суллобу ахтар гирифт,
Зи рӯзи бало даст бар сар гирифт.
Яке нома сӯи бародар ба дард
Набишту суханҳо ҳама ёд кард.
Нахуст офарин кард бар Кирдгор,
К-аз ӯяст неку бади рӯзгор.
Дигар гуфт, к-аз гардиши осмон
Пажтуҳанда мардум шаванд бадгумон.

Чун ин нома санади муҳим аст ва мақоми шоистаи таърихӣ ва адабӣ дорад, дарёфт ва азхуднамоии матни пурраи он ба мақсади омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз манфиат холӣ нест. Ин маводро дар синфҳои боло баъзе хонандагон метавонанд қаблан тайёр карда, дар синф атрофи он суҳбат кунанд, ки ин шавқи ҳамсинфонашонро бедор мекунад. Ин суҳбати раҳнамо калиде мешавад ба ганҷинаи афкори ватандӯстии Фирдавсӣ.

# БОБИ 5

## ТАЪЛИМИ ВАЗНИ ШЕЪРИ ТОҶИКӢ

Арзиши сухан ва хоса мақоми шеъру хониши муассири он аз замонҳои қадим барои ниёкони мо ҷойгоҳи намоён дорад. Шеър ва каломи мавзун бо хушоҳангӣ ва дилрабоӣ ҳамсафари ҳамешагии ниёкон буд. Мушкилот ва масоили гуногуни назарияи адабиёт аз замонҳои қадим бо тарзу усулҳои ҷудогона омӯзонида мешуданд. Дар асрҳои миёна донишмандон Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ар-Родуёнӣ, Шамси Қайси Розӣ, Насриддини Тӯсӣ, Рашиди Ватвот,

Муҳаммад Авфӣ ва чанде дигарон низом ва системаи масъалаҳои назариявии каломи бадеъро муайян кардаанд. Дар мадрасаҳо илмҳои калом, балоғат, қофия, арӯз, саноеъи бадеӣ, суханварӣ ва дар умум қонунҳои осори бадеӣ, ҳунари шоирӣ ва сабкҳои адабӣ омӯзонида мешуд, ба воситаи баҳсу мунозира, с у ҳбату муҳокимаҳои адибон ва донишмандон дақиқ ва устувор мегардид.

Дар ин замина, яке аз рукнҳои таълими адабиёти тоҷик интихоби матну маводи арзишманди осори адабӣ буда, шинохту арзёбии он тавассути таълими асосҳои назарияи адабиёт, махсусият ва фарқияти байни назму наср, омӯзиш ва таълими вазни шеър , воситаҳои тасвири каломи бадеъ ва дигар масоили адабиётшиносӣ сурат мегирад. Муҳимтар аз ҳама, ҳангоми таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт пайдарҳамӣ, муназзамӣ, дақиқназарӣ, системанокӣ ва алоқамандии зинаҳои таълим ва хусусияти равонию дидактикӣ ба инобат гирифта шавад. Вабаста ба ин, дар барномаҳои таълимии мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо таълими вазнҳои шеъри тоҷикӣ ва шарҳу тафсири каломи мавзун аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Сарчашмаи ин ҳама созандагӣ ва ҳалли мушкилоти омӯзишу парвариш дар дастрасии таҳсилоти босифат аз суруди аллаи модарон оғоз гардида, баъдан дар боғчаи кӯдакон бо сурудҳои гуногун, аз «Бойчечак», «Ман калон мешавам», «Олуча гули бодом», «Гумон набаред» ва ғайраҳо идома меёбанд. Аз нахустин қадам ба остонаи мактаб наврасони хурдсол ба азхуд намудани «Алифбо» ва аз ёд намудани байт ва порчаҳои шеърӣ рубарӯ мешаванд. Хонандагони хурдсол дар зинаи аввали таҳсил ба сухани мураттабу оҳангдор, мавҷудияти каломи мавзун, ки баъдтар бо номи назм ва шеър ёдрас мешавад, шинос мегарданд. Муҳимтар аз ҳама, дар ин давраи таҳсил бояд хусусияти педагогию психологии ташаккули хонандагони хурдсол ба

эътибор гирифта, дар асоси меъёрҳои соддаи фаҳмишу идрок инкишоф ёбанд. Дар баробар ин, айни замон дар методикаи таълими адабиёти тоҷик, махсусан, асосҳои назариявии каломи мавзун мушкилот ва нофаҳмиҳо ҷой доранд.

Мушоҳида аз муқоисаи китобҳои дарсӣ аён месозад, ки дар онҳо меъёрҳои санҷидашудаи аз содда ба мураккаб равона гардидани фаҳмишу дониши мактабиён на ҳамеша риоя мегардад. Шояд ин раванд аз огоҳ набудани муаллифон аз принсипҳои омӯзишу парвариш, асосҳои дидактика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанҳо ва маҳдудияти ҷаҳонбинӣ ва ҳунари эҷодкории онҳо башад. Аз ҷониби дигар, таҳлили барномаи ҷории адабиёти тоҷик (Душанбе, 2007) аз ҷониби мутахассисон равшан сохт, ки дар синфҳои 5-11 омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти 127 адиб пешбинӣ шудааст, ки хеле зиёд аст. Ҳамзамон, таълими эҷодиёти 29 адиб такроран дар синфҳои гуногун зарур дониста шудааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба хонандагон на парвариши ҳусни маънӣ, зебоиписандӣ, завқи адабӣ, балки як навъ тазкираи адабиёт ва адабиётшиносиро пешниҳод кардаем. Матни адабӣ ва маводи назарӣ низ бе назардошти хусусияти синнусолӣ пешниҳод гардида, тақсими соатҳо барои таълими онҳо низ мувофиқи матлаб муайян нашудааст.

Дар китобҳои дарсии адабиёт оид ба хусусияти фарққунандаи назму наср, оҳангнокии сухан, вазни шеър ва мусиқивияти он, баҳрҳои арӯз, мисраъ, байт, ҳиҷо ва хелҳои он, қофия, радиф, жанрҳои адабӣ ва намудҳои он то андозае маълумот дода шудааст. Дар баробари ин, ҳанӯз хараҷу мараҷҳо дар таҳияи барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва воситаҳои аёнии таълим вуҷуд доранд ва танзими маҷмӯи таълимию методӣ ба меъёри муайян надаромада, маълумоти китобҳои дарсӣ ва ҳаҷми муайяншудаи соати

таълим чиҳати омӯзиши масоили назариявии адабиёт ноқис ва сатҳӣ мебошад.

Ислоҳи ин раванди номатлуб дар замони муосир, махсусан, дар даврони ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар боз ҳам бештар аҳамият касб менамояд. Ба андешаи мо, як сабаби асосии коста будани таълими адабиёт дар мактаб ва донишкадаву донишгоҳҳо заъфияти касбии омӯзгорони соҳа мебошад, ки аксаран аз назокати забон ва ғановати осори адабӣ бебаҳраанд, ҳатто, оддитарин масоили шинохти каломи бадеӣ: вазн, қофия, радиф ва умуман, мизони шеърро намедонанд.

Дар таълими адабиёти тоҷик шеър қисми асосӣ ва муайянкунанда буда, вазни шеър аз масъалаҳои муҳим ва мушкили тадрис маҳсуб меёбад. Бинобар муҳим ва мушкил будани масоили вазни шеър зарур аст, ки мухтасар оид ба низом, хусусият ва табиати вазни шеър маълумоти мухтасар пешниҳод намоем.

Дар адабиёти қадим вазн таносуби мувақатии мисраъҳо буда, баъдтар дар асрҳои миёна мизони оҳангнокии каломи мавзун, ки дар асоси зада, миқдори ҳиҷо ва қофия сурат мегирфт, фаҳмида мешуд. Дар замони муосир ҳар як ҷинси адабӣ аломатҳои хоси худро дорад. Дар ин радиф вазн аломат ва хусусияти асосии каломи мавзун буда, шакли асари бадеӣ ва фарқияти байни назму насрро муайян мекунад. Асолат, таърихи пайдоиш, навъҳо ва моҳияти вазни шеърро наомӯхта, аз худ кардани осори адибон, мушкилоти назм ва шеър имконнопазир аст. Ҳамзамон, хониши муассир ва балоғати суханварӣ низ ба фаҳмиши анвоъи улуми сегонаи адабӣ-арӯз, қофия ва бадеъ алоқаманд аст.

Вазн аломати асосии каломи мавзун буда, низому таносуби махсус дар савту ҳиҷоҳои шеър аст. Шиносоӣ ба табиати вазн ва хелҳои он, оҳангнокии шеър, навъҳои ҳиҷо, қофияву радиф, шаклҳои жанрҳои адабӣ ва монанди

инҳо маҳз аз донистани вазн оғоз ёфта, минбаъд такмилу тақвият меёбад. Дар адабиётшиносии муосири ҷаҳон чор навъи вазнро муайян кардаанд: ададӣ (нумерикал), такяӣ (аксентал), сифатӣ (квантативӣ) ва оҳангӣ (тоникӣ).

Дар назми тоҷикӣ ду навъи вазн: ҳиҷоӣ (ададӣ ва ё нумерикал) ва арузӣ (сифатӣ ва ё квантативӣ) мавҷуд аст, ки ҳар яке дорои мушаххасот ва махсусияти назаррас ва давоми мантиқии ҳамдигаранд. Аз ин ҷост, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба тартибу низоми муайян, паси ҳамдигар такрор омадани пораҳои тараннумӣ (рукнҳо), риояи таносуби мисраъҳо, оҳангу мусиқияти шеър, миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва задаро вазн номидаанд.

Қадимтарин намунаҳои назми қавмҳои ориёинажод дар вазни ададӣ ( ҳиҷоӣ) дар осори адабии забони авестоӣ, дар яштҳо ва готҳои зардуштӣ суруда шудааст. Хусусияти асосиии ин намуди вазн дар баробарии миқдори ҳиҷо дар ҳар як мисраъ аст. Бо пайдоиши ва таъсиргузории вазни арӯз доираи истифодаи вазни ададӣ (ҳиҷоӣ) маҳдуд гашта, танҳо дар фолклор ва адабиёти бачагона боқӣ мондааст.

Мисол:

Гу-мон на-ба-ред, (5 ҳиҷо)
Ки ман хурд ҳас-там. (5 ҳиҷо)

О-лу-ча гу-ли бо-дом, (7 ҳиҷо)
Ман дух-та-ра-ки до-дом. (7 ҳиҷо)

Вазни сифатӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва араб вазни арӯз аст, ки дар замони юнонии бостон, санскрит ва лотинӣ хос аст. Асли ин вазн ба сифат ва оҳанги ҳиҷоҳо вобаста мебошад. Низоми вазни арӯз аз рӯи кашфи олими араб- Халил ибни Аҳмад бар нӯҳ рукн бунёд ёфтааст:

1. Ма-фо-ӣ-лун (у - - -)
2. Фо-и-ло-тун (- у - -)
3. Мус-таф-ъи-лун (- - у -)
4. Маф-ъӯ-ло-ту (- - - у)

5. Фа- ӯ – лун (у - - )
6. Ма-фо-и-ла- тун ( у –у у - )
7. Му-та-фо-и- лун (уу –у -)
8. Фо-ъ(и)- ло- тун (- у - -)
9. Мус-таф-ъ(и)- лун (- - у -)

Баъдтар донишманди дигари араб Ҳасан ибни Ахфаш рукни фо-и-лун-ро кашф намуд ва теъдоди аркони арӯзро ба 10 расонид.

Бо мурури замон теъдоди аркони арӯзӣ аз ҷониби донишмандони Араб ва Аҷам афзоиш ёфта, то ба 350 расидааст.

Дар вазни арӯз ҳиҷо мақоми асосӣ ва муайянкунанда дошта, шинохти вазн ба муайянкунии ҳиҷоҳо вобастагӣ дорад.

Дар назмшиносӣ ҳарфҳоро ба ду гурӯҳ: садонок (мусаввват) ва ҳамсадо ҷудо намудаанд:

1.Садонокҳои кӯтоҳ: *а, и, у.*

2. Садонокҳои дароз: *о, ӯ, ӣ.*

Ҳиҷоҳо дар вазни арӯз ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: кӯтоҳ, дароз, кашида (ё якунимҳиҷогӣ). Дар баробари ин ҳиҷоҳои кӯтоҳ ду навъ доранд:

1. Як садоноки кӯтоҳ: а, и, у. Мисол: <u>а</u>-ро-ба, <u>и</u>-до-ра, <u>у</u>-мед.
2. Як ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ дар охир. Мисол: *<u>та</u>*-во-но, *<u>би</u>*-хандид, *<u>бу</u>*-вад.

Ҳиҷоҳои дароз чор навъ мешаванд:

1. Як садоноки кӯтоҳ: *<u>о</u>*-зод, *<u>э</u>*-раҷ, *<u>ӯ</u>*-рун.
2. Як ҳамсадо як садоноки дароз дар охир: *<u>но</u>*-дир, *<u>сӯ</u>*-зон, *<u>бе</u>*-дор.
3. Ду ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ дар мобайн: *рав, дил, тез, бин, дар, гул, нур, шед.*
4. Як садоноки кӯтоҳ ва як ҳамсадо дар охир: *<u>ин</u>*-сон, *<u>ан</u>*-де-ша, *<u>ус</u>*-мон.

Ҳиҷоҳои кашида (ё якунимҳиҷогӣ) шаш навъ мешаванд:

1. Як садоноки дароз ва як ҳамсадо дар охир: _оф_-тоб, _ӯр_-дак, _эҳ_-сон.
2. Ду ҳамсадо ва як садоноки дароз дар мобайн: хур-_шед,_ _дор-боз,_ _мӯр_-ча.
3. Се ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ дар мобайн: _хурд, шаст, бист._
4. Се ҳамсадо ва як садоноки дароз дар мобайн: _дӯст, корд, бехт_.
5. Як садоноки кӯтоҳ дар аввал ва ду ҳамсадо дар охир: _ақл, умр, ишқ._
6. Як садоноки дароз дар аввал ва ду ҳамсадо дар охир: _орд, ӯст._

Дар муайян кардани вазни арӯз ҳиҷоҳои кӯтоҳро бо аломати –У, ҳиҷоҳои дарозро бо аломати - , ҳиҷоҳои кашидаро бо аломати –У ва ҳиҷоҳои охирро бо аломати ~ ишора менамоянд. Ҳамчунин, ҳангоми таҳлили вазни шеър тарзи қироат ва риояи қоидаҳои васли ҳарфҳо ва ҳиҷоҳо дар рукнҳо муҳим мебошад.

Дар омӯзиш ва муайян кардани вазни шеър дар баробари донистани ҳиҷо ва навъҳои он азхуд намудани тақтеъ ва рукн шарти муҳим мебошад. Дар луғат тақтеъ калимаи арабӣ буда, ба маънои қатъ кардан, буридан меояд ва ҳамчун истилоҳи арӯзшиносӣ ба қитъаҳо ва пораҳои ҳамоҳанг ва мутавозӣ тақсим кардани байтро ифода менамояд. Тақтеъ ду хел мешавад: ҳиҷоӣ ва арконӣ ва ё порчаҳои тараннумӣ. Тақтеъи ҳиҷоӣ муайян кардани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ буда, тақтеъи арконӣ, яъне рукнӣ аз рӯи қитаъҳои ҳамоҳанг ба порчаҳои тараннуми ҷудо кардани шеър аст.

Рукн низ калимаи арабӣ буда, маънои поя ва сутунро ифода менамояд. Рукнҳо аз рӯи ҷои ишғолкардаашон дар

байт номҳои ҷудогона мегиранд. Рукни аввали мисраи якуми байт - садр, рукни аввали мисраи дуввуми байт - ибтидо, рукни охири мисраи якуми байт-арӯз, рукни охири мисраи дуюми байт – зарб ё худ аҷз ва рукнҳои байниро ҳашв меноманд. Мисол:

Эй сор-бон/ ко-ҳис-та рон /ко-ро-ми ҷо/-нам ме-ра- вад,
(*садр)* (*ҳашв)* *( ҳашв)* *(арӯз)*
Он дил-ки бо/-худ дош-там/ бо дил-си-то/-нам ме-ра-вад.
(*ибтидо)* (*ҳашв)* *( ҳашв)* *( зарб ё а ҷз)*

Аз рӯи қоидаҳои вазни арӯз аломатҳои шартии ин байт чунин аст:

- - У -/ - - У - / - - У - / - - У - /
- - У -/ - - У - / - - У - / - - У - /

Дар баробари ин, дар байт вобаста ба миқдори рукнҳо вазн тағйир меёбад. Агар байт аз 8 рукн иборат бошад- мусамман (ҳаштгона), аз 6 байт иборат бошад- мусаддас (шашгона), аз 4 рукн иборат бошад - мураббаъ (чоргона), аз ду рукн иборат бошад – мусанно (дугона) номида мешавад. Бинобар ин, байти боло баҳри раҷази мусаммани солим аст, зеро дар баҳри раҷаз (мустафъилун /–У - -/) эҷод шуда, аз ҳашт рукни солим иборат аст.

Ҳамчунин, ҳангоми ба рукнҳо ҷудо кардани байт хониши он дақиқназарона бояд гузаронида шавад. Дар хониши шеър як тартиби муайян ва махсус ба оҳанги шеър алоқаманд аст. Дар чунин навъи хониш истҳои мантиқӣ ба риояи маънои калимаҳо вобаста набуда, як пораи ҷудогонаро дар бар гирифта, ҳудуди рукнҳоро муайян мекунад.

Дар омӯзиши назм аз худ намудани мушкилоти тактеъ ва рукн, қоидаҳои зиҳофат, баҳрҳои аслӣ ва фаръии арӯз, қофия ва радиф, задаи мантиқӣ, анвоъи шеър, балоғат ва фасоҳати калом, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ аҳамияти махсус дорад. Ҳангоми хондани шеър муаллими огоҳ дар баробари ба ташбеҳу тавсифҳо эътибор додан бояд ба танини

фиқраву мисраъҳо низ эътибор диҳад. Муаллиме, ки вазни арӯз ва қавоиди онро намедонад, бешак, дар хониши бадеии муассир (шеър) муваффақ намешавад. Барои мисол, муаллиме, ки вазни шеърро намедонад, байти зерро равону фасеҳ хонда наметавонад. Ҳол он ки агар мо ин суннати хонданро риоя карда натавонем, дар ин равиши хониш ҳеҷ вақт комёб нахоҳем шуд:

*Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,*
*Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.*

Агар вазни арӯзро риоя кунем, ин байти Саъдиро на ба тарзи «тоат он», балки ба сурати «тоъатон» ва «пеш ор»-ро ба сурати «пешор» талаффуз бояд кард. Пас аз он ки байтро дурусту фасеҳ хондем, бояд талаффузро возеҳ бинависем. Ба таъбири дигар, дар таъмини вазни шеър бояд хатро то мумкин аст, ба сурати малфуз наздик кард. Ин хат хатти арӯзӣ номида мешавад. Бинобар ин, ба омӯзгорон ва толибилмон тавсия дода мешавад, ки аз дастурҳои таълимию методӣ истифода намоянд.[1]

Аз таҳлил ва мушоҳидаҳо бармеояд, ки барои хонандагони мактаби таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёну толибилмон ва омӯзгорони соҳаи адабиёт аз худ кардани мавзӯъ ва масоили гуногуни фановарии адабиёт муҳим ва зарур мебошад. Бинобар ин, намунаи мавзӯъ ва масъалаҳои назариявии таълим адабиётро вобаста ба синфҳо чунин муайян намудан мумкин аст:

---

[1] Нигаред ба дастур ва рисолаҳои С.Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, - Душанбе, Маориф, 1992. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан.- Душанбе, Ирфон, 1979. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам.Д., Маориф, 1991. Таҳқиқ ва таълими арӯз,Д., Дониш, 1995. Шарифов Х. Каломи бадеъ. Д., 1992. Б. Сирус. Арӯзи тоҷикӣ. Д., 1963. Таќии Вањидиёни Комёр «Фунун ва саноеъи адабї», Душанбе, 1993)..)

Синфи 5. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи эҷодиёти даҳонакии халқ, (фолклор), намунаҳои эҷоди бадеии халқ, зарбулмасалу мақол, ҳикоя, қисса, симои адабӣ, қаҳрамон, мавзӯъ, ғояи асар, сюжет ва матни асари бадеӣ, маҳорати суханварӣ, инкишофи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ, риояи нозукиҳои баёни нутқ, хониши муассир ва воситаҳои тасвир.
Синфи 6. Муҳимият ва қимати асари бадеӣ, адабиёт-китоби зиндагӣ, мақоми муаллиф ва ҷаҳонбинии ӯ, шахсияти адиб, фаҳмиши ғоя ва симои адабӣ, жанрҳои фолклорӣ, компазитсияи асари бадеӣ, тавсифи табиат (пейжаз), монолог ва диолог, ҳунари суханварӣ, воситаҳои тасвири баён, низом ва меъёрҳои шеър.
Синфи 7. Инсон ва инсонгароӣ, одамият ва маънавият дар адабиёт, адабиёт –оинаи ҳаёти башар; фаҳмиши олами қаҳрамон ва персонажи асари бадеӣ, алоқамандии характер, симо ва воқеияти зиндагӣ; инкишофи фаҳмиши тасвир ва воситаҳои баён, суюжет ва компазитсия, ҷинс ва жанрҳои адабӣ ва намудҳои он: эпос, лирика, драма, арзишмандии ҷузъиёти тасвир, мазҳака ва ҳаҷв ҳамчун воситаи баёни ҷаҳонбинии муаллифи асари бадеӣ, инкишофи шинохти мизони шеър, радиф қофия, вазн, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ.
Синфи 8. Адабиёти бадеӣ ва ҳақиқати ҳаёт, идея ва ҷаҳонбинии адиб, мазмун ва шакли асари бадеӣ, таҷассум ва тасвири образноки ҳаёт, тахайюлот ва ангезиши шуур, образ ва характер; инкишофи фаҳмиши сюжет, унсурҳои он ва компазитсия, воситаҳои тасвири бадеӣ, зиддият, низоъ ва нифоқ дар асари бадеӣ; ҷинс, намуд ва жанрҳои адабӣ, анъана ва навоварӣ, назокати забон ва ғановати асари бадеӣ; афоризм, эпигарф, руҷуи лирикӣ, рамз, мушкилот ва муаммо дар асари бадеӣ.
Синфи 9. Адабият-шакли шуури ҷамъият, вазифаҳои идеологии адабиёт, ягонагии шаклу мазмун, фардият, тип ва типпикунонӣ, шахсият, идеологияи санъаткор ва симои адабӣ; инкишофи фаҳмиши драма, роман ва навъҳои онҳо,

сабки нигориши адиб, шинохту шарҳи матн ва зерматни бадеӣ, бозёфти эҷодии санъаткор.

Синфи 10. Раванди адабӣ ва анъанаву навоварӣ, фарқияти адабиёти бадеӣ аз илм, табиати эстетикӣ ва маърифатбахшии адабиёт, фаҳмиши сабк ва услубҳои адабӣ, мутамоилияти адабиёти бадеӣ, алқамандии илми адабиётшиносӣ бо илмҳои дигар.

Синфи 11. Нависанда, замон ва ҷомеа, идеали санъаткор, падидаҳои шеъри муосир, шеъри озод, методҳои бадеӣ ва равияҳои адабӣ, романтизм, реализм ва модернизм, махсусияти адабиёти миллӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ, ҳамгироӣ ва таъсирпазирии тамаддунҳо.

**Савол ва супориш:**

1. Ҳиҷоҳо чанд навъ мешаванд?
2. Фарқи ҳиҷои граматикӣ аз арӯзӣ аз чӣ иборат аст?
3. Садонокҳо дар ҳиҷосозӣ чӣ нақш доранд?
4. Вазни шеър чист ва чӣ хусусият дорад?
5. Хусусияти вазни арӯз кадом аст?
6. Тақтеъ чӣ маъно ва чанд намуд дорад?
7. Рукн чист ва вобаста ба мавқеъ рукнҳо чӣ ном доранд ?
8. Байтҳоро интихоб намуда, вазн, тақтеъ, рукн ва баҳрҳоро муайян намоед.

**Адабиёти омӯзишӣ:**

1.Давронов С.Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ,-Д.,Маориф, 1992.

2. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан.- Душанбе, Ирфон, 1979.

3.Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. Д., Маориф, 1991.

4.Тоиров У. Таҳқиқ ва таълими арӯз, Д., Дониш, 1995.

5.Шарифов Х. Каломи бадеъ. Д., 1992.

6. Б. Сирус. Арӯзи тоҷикӣ. Д., 1963.

# БОБИ 6

## РАВИШ, УСУЛ ВА ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМУ ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Равиш барои таъйиди ҳақиқат, кушодани роҳҳои дарки мустақилона ва роҳбарии фаъолияти фардии маърифатгарии хонанда хидмат мекунад. Равиш мафҳуми умумиилмӣ буда, муваффақияти истифодаи он дар назария ва амалияи омӯзиш бо он муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза мазмуни истифодаи он дар шароити мушаххаси омӯзишӣ қобили қабул аст.

Ҳангоми муносибати ягонаи умумии равишшиносӣ ба назарияи равишии омӯзиш моҳияти ин мафҳум, алоқаи он бо мундариҷа, ҳадафҳо ва фароянди таълим ба тарзи гуногун ошкор карда мешавад. Дар равиши таълими адабиёт

таснифоти гуногуни усулҳо, ҳамгироии фаъолияти хонанда ва омӯзгор, алоқаи мутақобилаи назарияи умумии равишҳо ва имконпазирии истифодаи он дар таҷриба дар назар аст.

Дар ҷараёни таълими адабиёт, пеш аз ҳама, таносуби амали равишшиносӣ бо махсусияти ғоявию зебоишинохтии мавод ниҳоят муҳим аст. Ташкили хониш, баёни ахбори адабию таҳлилӣ нақлу суҳбатҳо бо хонандагон, таҳияи хониши муассир, иҷрои машғулияти мустақилона, корбасти намудҳои гуногуни ҳунар, аз махсусиятҳои асар (наср ё шеър, роман ё ҳикоя, шеъри лирикӣ, масал, достон, ҳаҷв, драма ва ғайра), ҳисоби дониш ва малакаи хонандагон, истифодаи воситаҳои гуногуни ба эътидоловарии фаъолияти таълимӣ вобаста аст.

Дар истифодаи равиши таълими адабиёти тоҷик бояд хусусияти хоси миллӣ ва халқӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар таносуби амалии равиши таълими адабиёт ҳаҷми барномаи таълимӣ ба назар гирифта мешавад, ки санъати сухан, ҳадафи таълим, сарчашмаи иттилоот, хусусияти хоси амалиёти мутақобилаи омӯзгору хонанда ва ғайра ҷузъи мундариҷаи он мебошад.

Усулҳое, ки омӯзгори забон ва адабиёт дар таълими ин фан ба он такя мекунад, қонунияти раванди омӯзиш, тарбия ва ташаккули тафаккури хонандагонро дар ҷараёни дарки адабиёт ифода менамояд. Маҳз равандҳои муфиди ин ҷараёнро муаллими доно ва ботаҷриба муайян ва роҳбарӣ мекунад. Дар ин ҳол сухан аз низоми усулие меравад, ки тамоми фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро дар бар мегирад.

Усулҳо ҳангоми интихоби мундариҷаи фанни омӯзишӣ ва ҳам ҳалли ҳамаи масъалаҳои таълим амал мекунанд.

Омӯзгори адабиёт бояд на фақат аз рӯи кадом усулҳо фаъолият карданашро донад, балки эҳсос кунад, ки онҳо ба талаботи мактаб ва ҳадафҳои миллӣ ҷавобгӯ бошанд ва эҳтиёҷоти ҷомеаи имрӯзро бароварда тавонанд.

Баъзеи чунин усулҳоро ба таври мушаххас зикр мекунем.

• Ҳадафмандии миллӣ.

• Илмият.

• Таърихият.

• Тааллуқоти миллӣ.

• Ягонагии шакл ва мундариҷа.

• Муназзамӣ.

• Мақоми роҳнамоии омӯзгор дар фаъолияти ақлонӣ ва фаъоли хонандагон.

• Дастрасӣ.

• Аёният.

• Устуворӣ ва таъсирбахшии натиҷаҳои омӯзиш.

• Пайванд бо зиндагӣ, меҳнати садоқатмандона, фаъолияти амалӣ.

• Махсусияти миллии забон ва адабиёти тоҷик.

Ҳар кадоме аз ин усулҳоро аз нигоҳи мақоми онҳо дар низоми таълими адабиёт аз назар мегузаронем.

Консепсияи мактаби миллӣ усули ҳадафмандии миллиро барои ҳамаи фанҳо, аз ҷумла адабиёт вазифаи аввал медонад. Амалӣ намудани ин усул ба ташаккули шахсияте, ки муборизаи фаъоли роҳи худшиносии миллӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати халқҳои кишвар бошад, мусоидат менамояд. Устуворӣ ва абадияти фазои маънавӣ ва сиёсии ҷомеа аз бисёр ҷиҳат ба иҷрои ҳамин ҳадафҳои вобастагӣ дорад.

Маълум, ки таълими адабиёт дар мактабҳои мо сиёсӣ нест. Вале асли адабиёт, ки маънавиёт ва шакли шуури иҷтимоъ буда, ҷузъи ҳастии инсон аст, таъсири он ба фарояндҳои ҳаёти инсон ва ҷомеа нақшгузор мебошад. Бинобар ин, бояд дар назар бигирем, ки мактаби миллӣ, пеш аз ҳама, бо ҳадафҳои якмароми миллӣ боиси пешрафти миллат, шукуфоии кишвар ва устуворию бақои давлат гардад. Адабиёт ҳастии маънавии миллатро ифода мекунад ва бақою пешрафти адабиёт ба саъйи фарзандони миллат вобастагӣ дорад. Аз ин мавқеъ, фақат адабиёти тору пудаш бо ормонҳои халқ танида шуда, аҳдофи миллӣ дошта метавонад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои ҳама эронинажодон ҳамосаи миллӣ буда, падидаи бузурги на

фақат фарҳангию адабии ориёнажод, балки тамоми ҷаҳони мутамаддин аст.

Омӯзиши ин ҳамосаи бузурги миллӣ, ки аҳдофаш таъйиди собиқа ва ҳастии таърихии халқҳои нажоди ориёист, ҳамчун рӯйдоди фарҳангиву адабӣ ба таҳқиқи раванди таърихии инкишофи ҷомеа, робита ва такомули риштаҳои рӯҳонии фикрию маънавӣ бо иҷтимоиёту сиёсат алоқамандӣ мегирад. Илова бар ин дар мавриди адабиёти миллӣ ва ҳадафҳои миллии он бояд дар ёд дошт,ки вақте дарунмояи ин гуна адабиёт бо таърихи халқу миллат ва давлати миллӣ алоқа пайдо мекунад, шакли адабӣ сурати миллию таърихӣ гирифта, ба воқеоти замони таърихӣ ва сарнавишти миллат алоқа пайдо мекунад. Манзур аз ин гуна адабиёт ҳам ҳадафи ахлоқӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳунарист.

Бидуни шак, агар мо арзиши аслии инсонии адабиётамонро ба зеҳни хонанда ғунҷонда тавонем, дарси устод садои нидодиҳандае дар биёбон намегардад. Донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб қатъи иртиботи ҷавононро бо адабиёти гузашта ва инсонӣ қатъи пайванди онҳоро бо ватан медонад. Он чи, ки имрӯз ҷавононро бештар гирифтор медорад, адабиёт ва ҳунари ахлоқшикани ғарбист. Вақте ки адабиёт ва таълими он ҳадафи миллӣ дорад, бар болои бинои номуси миллӣ устувор аст, ҳеҷ гуна таблиғе сари ҷавонони моро пойбанди фасоди маънавӣ ва ахлоқӣ намесозад. Кӣ гуфт, ки адабиёти гузаштаи ғановатманди бостонии мо бо тарзи фикр ва зиндагии имрӯз ҳамоҳангӣ ва таносуб надорад. Ин адабиёт аслият ва табиши ҳунарии фавқуллодае дорад. Осори адибоне амсоли Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлавӣ барои тамоми наслҳои инсонӣ, ҳатто, барои дунёи Ғарб ҳам ҷолиб ва шавқангез аст. Албатта барои ҳифз ва эътидоли он қисме аз ҷанбаҳои заиф ва камарзиш ё нисбӣ ва муваққатии мероси гузашта фақат дар барномаи дарсӣ нодида гирифта шавад, бок нест. Ин ҷавҳари муқаддас дар осори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Аттор, Низомӣ, Ҳофиз ва амсоли онҳо қавӣ аст. Ин чизест, ки донишомӯзи ҷавони

имрӯзи моро метавонад (ва бояд тавонад!) бо адабиёт ва фарҳанги мо мутаассил бидорад ва монеъ аз қатъи иртибот ба гузашта бо рӯҳи миллӣ шавад.

Ҳамин усули ҳадафмандии миллӣ чараёни таҳлили матни бадеиро дар китоби дарсӣ, васоити дарсӣ барои омӯзгору шогирд таҳия ва таблиғ мекунад. Интихоби саре{и матнҳои бадеӣ, ки воқеан ҳам арзиши миллӣ ва бадеӣ дошта бошанд, хеле муҳим аст. Аз ин ҷиҳат вазифаи асосии дарси адабиёт ҳифз ва устувор сохтани арзишҳои маънавии миллӣ дар зеҳни наслҳо буда, танҳо таълими равишманди адабиёт ба ин мусоидат хоҳад кард.

Асли илмият дар бунёди ҳар фанни омузишӣ қарор дорад. Амалӣ сохтани ин асл ба хусусияти фан ва тарзи таълими он вобаста мебошад. Аз ин ҷиҳат асли илмият дар таълими адабиёти тоҷик иҷозат намедиҳад, ки ба хонандагон доир ба таърих, дарунмоя ва хусусиятҳои бадеии адабиёти тоҷик дониши номукаммал, канда-канда ва тасаввуроти ошуфта дода шавад. Бояд дар назар дошт, ки фанни таълимӣ нусхаи ихтисории илмият нест, ки ба он метавон такя зад. Ҳангоми муроҷиат ба фанни омӯзишии адабиёт вазъият мураккабтар мешавад. Зеро ҳангоми таълими ин фан, пеш аз ҳама, бояд донист, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда бо ҳунари эҷодкорӣ сару кор доранд. Ҳунари бадеиро танҳо дар мақтаи ягонаи замони таърихӣ ва фарҳангӣ бо дарназардошти муқаддасоти бунёдии ғоявӣ ва ҳунарии он метавон омӯхт ва аз он натиҷа гирифт.

Моҳияти аслии илмияти таълими адабиётро М. Шакурӣ равшан сохта, таъкид намудааст, ки «асли илмиву назарии омӯзишу парваришро аз гузаштагони худ бояд бигирем. Аммо татбиқи амалии он бояд ба тарзи нав, ба тарзи имрӯз бошад, он асли илмиро, на ба он тарз,ки буд, на ба он тариқ, ки устод Садриддин Айнӣ дар достони «Мактаби кӯҳна» тасвир кардааст, балки бо истифодаи таҷрибаи тоҷикии қарни бист, яъне баъзе равишҳои мактаби Шӯравӣ бо истифодаи таҷрибаи мактаби имрӯзаи кишварҳои хориҷӣ (ба

вежа, Фаронса ва Ҷопон) «бояд ба кор бигирем, худамон равишҳои тозаи имрӯзаро биҷӯем».[1]

Асли таърихият ёрӣ медиҳад, ки дар мактаб ҳангоми таълим низоми илмии омӯзиши адабиёт бунёд карда шавад. Ин аслият имкон медиҳад, ки давраҳои мушаххаси маълумоти адабиро муайян намоем.

Адабиёт дар ҳамаи синну сол бевосита ба мавқеи инсон дар зиндагӣ, рафтори вай таъсир мегузорад. Инсонро во медорад, ки масъули амалу кирдори хеш бошад. Аксар адибон маҳз дар даврони бачагӣ ва баъд низ ба хонанда таъсири бештар мегузорад.

Мактаб хонандаро дар давоми ёздаҳ сол ташаккул медиҳад. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки фақат ба хатмкунандаи мактаб унвони хонандаро ҳадя кунем. Ҳангоми зарурати омӯзиши давраинаи адабиёт бисёр муҳим аст дар назар дошта бошем, ки ҳар кадоме аз давраҳои таҳсилот хатм шудааст ва хонандаи «истеъмолкунанда»-и ҳунар дар даҳ соли омӯзиш мисли инсони баркамол бо завқ талабот ва арзёбии худ аст.

Асли маънии тааллуқоти миллӣ мутобиқан ба адабиёт ва ҳунар пайванд мехӯрад, махсусияти миллӣ ва ҳадафи ғоявии осори бадеиро ба назар мегирад. Ин асл ҳисоби махсусияти миллии ҳар адабиётро таъйид мекунад, ки барои мактаби миллӣ муқаддам аст. Амалӣ сохтани ин асл дар таълими адабиёти тоҷик муроҷиат ба масъалаҳои ҳамгирои адабиёти халқҳо ва таъсири мутақобилаи онҳоро бо инкишоф ва рушд пешбинӣ мекунад.

Асли ягонагии шакл ва мундариҷа ба шарти идроки ҳаматарафаи осори ҳунарӣ асос меёбад. Ҳатто, дар давраи аввали омӯзиши адабиёт, вақте ки хонандагон дар бораи тасвир, ташбеҳ тасаввурот пайдо мекунанд, ба онҳо муҳим аст на фақат ба ёд гиранд, ки ташбеҳ чист,балки он фазилат

[1] М.Шакурии Бухорої. Инсонгароии омўзиш ва забони миллї, саҳ.68.

ва хусусиятро, ки дар тасвири ашё ё ҳаводис ташбеҳ ифода мекунад, дида тавонанд. Тасаввурот дар бораи таносуб ва хушоҳангии ҷузъҳои матни бадеӣ тадриҷан ба вуҷуд меояд. Таносуби устувори образҳо ва хушоҳангии тасвир асолати асари бадеист. Масалан, ба ин байти Рӯдакӣ таваҷҷуҳ кунед:

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.

Зимнан бояд гуфт, ки силсилаи образҳои ин байти шоир таваҷҷуҳ ва нигаронии махсусро талабгор аст: миёни чароғи тобон, симрада, дурру марҷон, ситораи саҳарӣ, қатраборон, таносуби комил аст. Силсила бо зикри ашёи мушаххас ва муҳим оғоз ёфта, бо мафҳуми дигари муҳим ва воқеӣ хатм мешавад. Қатраборон бо ситораи саҳарӣ таносуби комил дорад ва таъсири ҳиссии шеър меафзояд. Тасвир мантиқи қавии шоирро падид овардааст. Одатан хонанда мундариҷаи тасвиршударо пеши назар меоварад, ки ба ифшои маънии сода ва муқаррарӣ ёрӣ мерасонад. Касе, ки ба умқи шеър мерасад, мақоми ташбеҳро дар ифодаи равшани матлаби шоир хуб дарк мекунад.

Асли муназзамиро ба адабиёти таълимӣ мансуб намедонанд. Ҳол он ки ин асл дар ҷараёни таълими адабиёт ва дақиқ омӯхтани асари бадеӣ мавқеъ ва арзиши хос дорад. Мантиқи омӯзиши адабиёт ба он далолат мекунад, ки аз осори алоҳида сар карда,то фароянди таърихии адабӣ бояд бо як низоми собит омӯхта шавад.

Дар ин замина дар ҳар синф ба назарияи адабиёт ва инкишофи нутқ ба тарзи муназзам муроҷиат карда мешавад. Дар омӯзиши адабиёти тоҷик низ низоми муайян вуҷуд дошта, таркиби он аз синф ба синф ғанӣ мешавад

Адабиёти шифоҳӣ (на дар ҳамаи синфҳо).

Адабиёти классикии тоҷик.

Адабиёти хориҷӣ.

Адабиёти муосири тоҷик.

Мақоми раҳнамоии омӯзгор дар фаъолияти ақлонӣ ва фаъоли хонандагон хоси маорифпарварони мо буда, мутаносибии алоқаи омӯзгору талабаро таъйид мекунад. Омӯзгор дар назди хонандагон чун актёри танҳои театр баромад намекунад, балки вай коргардони моҳири намоишномаест, ки ҳеҷ вақт такрор намешавад. Мо медонем, ки одатан коргардони намоишномаро тамошобин намебинад. Вале омӯзгор ва мавқеияти он дар дарси адабиёт аз назари омӯзишу парвариш дақиқан муайян аст. Хонандагон бояд ҳамеша мустақилияташонро дар ҳалли масъалаҳо, ҷустуҷӯҳо, муҳокимаҳо, дарёфтҳо ва арзёбиҳо эҳсос кунанд.

Лексия дар синфҳои боло яке аз воситаҳои ба хонандагон нишон додани савияи фаъолияти омӯзгор аст. Бинобар ин, мақоми омӯзор дар дарси забон ва адабиёт бузург аст. Нақши омӯзгор дар ин дарс чун раҳнамои маънавӣ ба назар меояд. Ҳатто, агар фақат ҷойгоҳи ӯро дар масъалаи забон ва сухангӯӣ ба эътибор гирем ҳам, нақши омӯзгор ба тарзи муассир, боварибахш ва фасеҳ сухан гуфтани ӯ арзиши бисёр ҳам бузург дорад. Меъёрҳои забони тоҷикӣ фақат дар сурати ҳамдигарфаҳмии комили омӯзгору шогирдон риоя хоҳад шуд.

Ҳатто, дар суҳбат, ки яке аз шаклҳои кор буда, ба ҳамаи синфҳо хос аст, нақши раҳнамоии омӯзгор ҳамон вақт самарабахш аст, ки ӯ камтар сухан гӯяду хонандагон бештар шунаванд ва биандешанд.

Ҳамин тариқ, дар ташкили шаклҳои гуногуни фаъолияти ҳадафманди хонандагон ва муайян кардани хоҳиши воқеии ширкати таълимдиҳӣ омӯзгор ҷойгоҳи хос дорад.

Масалан, барои исботи ин мушкилот як лаҳзаи дарсро месанҷем ва баҳогузорӣ мекунем. Баъди хониши матни бадеӣ хонда шуд, омӯзгор ба хонандагон суол медиҳад ва ҳамаи хонандагон барои посух додан якбора даст боло мекунанд. Оё омӯзгор дуруст амал кард? Равшан аст, ки вай иштибоҳ намуд. Ба аҳли синф суоли осон дод ва дар назари мо омӯзгор раҳнамои асосӣ ва синф фаъол ҷилвагар шуд.

Суол ба қадри кофӣ андешида нашуда буд, умқи масъаларо фаро намегирифт, шавқи донистани хонандагонро бедор накард.

Омӯзгор ҳамин хусусияти таълимро дар ҷалби хонандагон, раҳнамоиаш барои фаъол сохтани онҳо бояд ҳамеша дар назар гирад.

Асли усули дастрасии таълим аз бисёр ҷиҳат фароянди омӯзишро муайян мекунад. Омӯзгор бояд синну сол ва имконияти ақлонии хонандагон ва дараҷаи омодагии онҳоро ба эътибор гирад. Интихоби матни бадеӣ, мундариҷаи умумии таълими он, маълумоти назарӣ, санадҳо дар бораи зиндагиномаи адиб ва ғайра дар барномаи таълимӣ гуногунранг буда, ба он нигаронида шудааст, ки ба ҳар як хонанда дастрас ва фаҳмо бошад. Дар ин равиш паҳлӯи таъсири ҳиссии матни бадеӣ низ ба назар гирифта шудааст. Ба хонанда шояд мантиқи сужет фаҳмо бошад, вале маънӣ ва эҳсоси шахсият нофаҳмо ва дилгир аст. Масъалае, ки муаллимро ба андеша бурдааст, низ равшан нест. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки хонандагонро ба дарки ин мавзӯъ ва ҳамдардӣ таҳрик намояд.

Усули дастрасӣ аз омӯзгор тақозо мекунад, ки имконияти воқеии хонандагонро дақиқан ба назар гирад. Аз ҷумла, чунин фазилатҳо, монанди омодагӣ ба хонданро, ки ба синну сол вобаста аст ва ҳатто, дар ин замина хонандагони як синф истеъдоди ҳамсон надоранд, наметавонад ба эътибор нагирад. Чизи дигари муҳим ин аст, ки ба умеди дастрас ва фаҳмо будани таълим корро билкул сода нагирад, тобеъи имконияти хонандагони сустхон ва камистеъдод нагардад. Маҳаки аслиро дар фарогирии синф, дастрасии таълим ва ба низом даровардани фаъолият дар ин самт риоя бояд кард. Хонандагони сустхонро бояд тадриҷан ба он омода кард, ки дар фаҳмидани мавзӯъ, иҷрои супоришҳо ҳам пои ҳамдарсони фаъолашон қадам бардоранд.

Асли аёният дар таълими адабиёт ин дарки вусъатноки алоқаи идроки ҳиссӣ ва мантиқӣ мебошад. Ҳисси бевоситаи дарки осори ҳунарӣ ва шаклҳои он намудҳои гуногуни аёниятро тақозо мекунад, ки пеш аз ҳама ба тақвияти дарки шунавоии сухан нигаронида шудааст.

Мактаб доимо бо маводи гуногуни таълимӣ ғанӣ мегардад. Инҳо филмҳои таълимӣ, пораҳои филмҳои бадеӣ аз рӯи асари бадеӣ, ки ба барномаи мактаб дохил карда шудааст, маводҳои гуногун, маҷмӯаи суратҳо, наворҳои гуногун ва сабти овоз (плёнкаи магнитӣ) ва ғайра мебошанд.

Барномаи таълимии адабиёт бояд ба аёният аҳамияти хос диҳад, зеро муваффақият ва босамарии дарс аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи ҳадафманди аёният вобастагӣ дорад.

Асли пойдорӣ ва таъсирбахшии натиҷаҳои омӯзишро аз таъсири адабиёт ба хонанда ҳам дар солҳои омӯзишӣ ва ҳам дар тӯли зиндагии баъдӣ, ҷустан лозим аст. Он чиро, ки омӯзгор дар тафаккур ва дили хонанда ҷой карда тавонистааст, ҳофизаи вай тамоми умр ҳифз мекунад.

Маҷмӯи қаҳрамонони романи Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ»-ро ба ёд оварда, дар ин миён мо номи Фирӯзаро ҷудо мекунем. Чанд насли хонандагони мактабҳои мо ин ном ва фазилатҳои шахсияти Фирӯзаро на фақат ҳифз кардаанд, балки хонаводаҳои зиёде номи қаҳрамони нависандаро барои фарзандонашон баргузидаанд. Фирӯза ва сарнавишти пуршаъни ӯ дар ёди наслҳо боқӣ мондааст. Дар роҳи пойдорӣ ва таъсирбахшии ғояи ин роман ва шахсияти қаҳрамонони он ҳидмати мактаб, омӯзгор ва китоби дарсӣ назаррас аст.

Валекин ҳофиза метавонад санадҳоро хунсардона ва беэътиноёна қабул кунад. Дар вақти арзёбии таълим ва тарбия дар дарси адабиёт дигар нишондиҳандаҳо муҳиманд; дараҷаи омодагии талаба ҳамчун хонанда, камолоти ғоявию ахлоқӣ ва зебошинохтӣ ва ташаккули завқи зебошинохти дар асоси меъёрҳои ҳунари эҷодӣ. Муносибати фаъолона ба ҳодисаҳои адабӣ, муҳокимаи боэътимод ва возеҳ ва арзёбии осори берун аз синф хондашуда, ёди нек ва миннатпазир дар

бораи он ки эҷодиёти адиб дар мактаб чӣ гуна омӯхта шуд ва ниҳоят дарки пайванди мустаҳками ҳунар, аз ҷумла адабиёт бо зиндагӣ. Ин нукта далели қотеъи пойдорӣ ва таъсирбахшии самараи фаъолияти омӯзгори адабиётро собит месозад.

Дар маҷмӯъ арзёбии ин масъала, ки маҳсули ба назар намоён нест, хеле душвор мебошад. Вале санҷиши ҷузъии он дар ҳар лаҳза ва дар ҳар синф имконпазир аст! Масалан, тавоноии дарки асари бадеӣ ҳамчун чизи яклухти муайян барои соҳибияти малакаҳое, ки барнома ба ҳар синф пешбинӣ менамояд. Ин омилҳоро аз аввалин рӯзҳои омӯзиши адабиёт метавон санҷид ва арзёбӣ кард.

Ҳамчунон ки барномаи таълими адабиёт пешбинӣ менамояд, хонандагон бояд донанд:

-муаллиф ва номи қаҳрамон ва персонажҳо, паҳлуҳои воқеии сужет ва шахсияти қаҳрамони асари омӯхташударо тавсиф карда тавонанд;

-мафҳумҳои асосии адабӣ, ғоя, санъатҳои бадеӣ, воситаҳои тасвир ва муколамаро дарк намоянд;

-аз матни асари омӯхташуда лаҳзаҳоро ҷудо карда пайванди лаҳзаина ва сабабияти байни ҳодисаҳоро муайян карда қиёсот, ташбеҳот, тимсолро ёфта, нақши онҳоро дар контекст шарҳ диҳанд;

-зери раҳнамоии омӯзгор бо қаҳрамонони асар шинос мегарданд ва талабот аз дарси адабиёт афзун гашта, хонанда дар синфҳои болоӣ маҷмӯи донишҳо ва малакаҳоро аз худ мекунад.

Сол ба сол талабот аз дарси адабиёт зиёд мешавад ва хонанда дар синфҳои болоӣ маҷмӯи донишҳо ва малакаҳоро аз худ мекунад. Донишҳо ва малакаҳо, ки байни худ пайванди қавӣ доранд, ба хонанда имкон медиҳанд озодона аз адабиёт баҳра гирад. Матни бадеиро хонда, онро фаҳмад ва ҳис кунад.

Пайванди адабиёт ба зиндагӣ, меҳнати садоқатмандона ва фаъолиятҳои амалӣ ёрӣ мерасонад, ки натиҷаҳои омӯзиш

ҳамзамон амалӣ карда шаванд. Хондани имрӯзаи осори бадеӣ, дуруст хондани он, ба ёд овардани осори қаблан хондашуда, хонандаро аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ сохта, ба вай ёрӣ мерасонад, ки ба ҳаводиси зиндагӣ баҳо диҳад ва дар ҳама ҳол оид ба ин ё он иқдом тасмими дуруст гирад. Адабиёт имкон медиҳад, ки худро дар ҷӯши ҳама гуна вазъият тасаввур карда, дар вақти зарурат ҳамроҳ бо қаҳрамонони асари бадеӣ доир ба рафтори онҳо биандешад. Ҳамроҳи қаҳрамони ғиноӣ эҳсоси амиқ ва хушро аз сар гузаронад.

Хонанда бо мушкилоти гуногуни зиндагии инсон шинос мешавад. Дар ин сурат на фақат оид ба ҳодисаҳое, ки вай дар саҳифаҳои асари бадеӣ ба он рӯ ба рӯ шудааст ва тасмими мушаххас дорад, балки худи мушкилоти табии зиндагӣ ӯро ба гирдоби худ мекашанд ва ҳалли онҳо шояд ба қимати ҳаёт баробар бошанд. Яъне, адабиёт ба дарки мушкилоти беохири зиндагӣ ёрии амалӣ мерасонад.

Умуман пайванди адабиёт ба зиндагӣ имконият фароҳам меоварад, ки хонанда ғановат ва мушкилоти ҷаҳони пуртазодро дарк кунад. Адабиёт хонандаро ба доштани мавқеи фаъол дар зиндагӣ муътақид месозад, неруи мардонагӣ ва донишдӯстӣ мебахшад, ӯро ба рафъи ҳама гуна душворӣ мутмаин месозад.

Ҳамаи усулҳои номбаршуда барои таълими адабиёти тоҷик муфид ва корсозанд. Вале барои таълими адабиёт дар мактабҳои миллии мо усули умумият ва махсусияти забон ва адабиёти миллӣ авлавият дорад. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки дар вақти омӯзиши адабиёт хусусияти хоси фазои фарҳангӣ ва таърихӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ошкор сохтани диди хоси бадеӣ ва ҷаҳоншиносии адибон, меъёрҳои ахлоқӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ ва ғайра аз василаҳое мебошанд, ки махсусияти адабиётро таъйин менамоянд. Дар ин замина ҳодисаҳои адабие чун мавзӯъ ва сабк бояд дақиқан ошкор шаванд. Махсусияти ин мушкилот

ва фароянди он дар адабиёти тоҷик дар шинохти хусусиятҳои хоси адабиёт ёрӣ мерасонад.

Хусусияти адабиёти миллиро набояд якнавохт ва сатҳӣ донист. Онҳо дар тӯли инкишоф тағйир хурдаанд ё тағйир меёбанд. Ошкор кардани ин махсусият барои шинохти ҳуввияти миллии адабиёти тоҷик ниҳоят муҳим аст.

Вале ин равиш бояд бо ба эътибор гирифтани моҳияти умумибашарии адабиёти тоҷик ва ғояҳои инсонпарваронаи он анҷом гирад. Ин умумият барои ташхиси хусусияти хоси адабиёти тоҷик усули бебадал аст.

Асли равишҳое, ки зикр шуд, ҳангоми ташкили дарси адабиёт дар ҳамаи синфҳо фаъолона истифода бурда мешаванд. Вале нақш, меъёр ва дараҷаи таъсири онҳо дар ҳар синф як хел нест. Чунки дараҷаи омодагии ҳар синф гуногун аст. Масалан, усули дастрасӣ дар вақти фаъолият бо хонандагони синни хурду миёна муҳим ва натиҷанок аст. Вале истифодаи он дар синфҳои боло низ манфиатбахш аст. Дар ин сурат мо нафақат имконияти синнусолӣ, балки захоири маълумот, омодагӣ ба дарки ин ё он маводро ба ҳисоб мегирем.

Усули мунтазамӣ дар дарсҳои адабиёт ба тарзи гуногун корбаст мешавад: мантиқи ҷойгиршавӣ ва мураккабшавии мавод, ки аз рӯи мавзӯъ таҳия шудааст, таносуби жанрҳоро ба назар мегирад.

Меъёр ва дараҷаи истифодаи усули аёният низ гуногун аст. Худи аёният, ки дар синфҳои гуногун метавон аз он истифода кард, намудҳои мухталиф дорад.

Тарзи истифодаи усулҳо, хусусияти фаъолияти омӯзгор, ҳар усули амалишаванда, на фақат ба синну соли хонандагони синф, балки аз вазъияти мушаххаси ҳар дарс низ вобаста мебошад. Усулҳое, ки омӯзгор корбаст мекунад, на фақат ба ташкили ҳадафманди дарси адабиёт мусоидат мекунанд, балки мавқеияти муайяни хонандагонро шакл медиҳад. Ба мавқеияти фаъоли ҳаётӣ, ки мактаби миллии мо шакл медиҳад, ҳадафҳо, тамоюлҳои арзишманде дохил

мешаванд, ки барои ташаккули шахсияти баркамол муҳиманд. Истифодаи самаранок ва ҳадафманди дастурҳои фавқ ба ташаккули шахсият ва камолоти маънавии хонандагони мо комилан мусоидат хоҳанд кард.

Усул ва ё методи таълим шева ва тарзу тариқи фаъолияти омӯзгор аст ва тавасссути он хонанда аз асосҳои илму дониш ва парвариши тафаккур баҳраманд мегардад. Мабдаъи донишҳосилкунии хонанда ба тарзу усулҳои фаъолияти таълимии омӯзгор вобастагии қавӣ дошта, интихобу истифодаи он аз масъалаҳои муҳими раванди таълим ва омӯзиши асри бадеӣ маҳсуб меёбад.

Дар омӯзиши адабиёт таснифоти ягонаи тарзу усулҳои таълим вуҷуд надорад, аммо дар интихоби тарзу усули таълим ва ҳадди истифодабарии онҳо маҳорату малака ва қобилияти фардӣ ва касбияти омӯзгор мушаххас ва нақши муайян дорад.

Дар мадраса ва мактабҳои тоинқилобии ниёконамон бештар тарзу усулҳои хониш, махсусан, шоҳномахонӣ, қасидахонӣ ва шарҳу тафсири матн, қироати ифоданок ва тиловати оҳангноки порaҳои ҷудогонаи асарҳо мавқеи намоён дошт. Бо мурури замон ва талаби даврони муосир ин гуна усулу шеваҳо такмил ва таҷдид шуда, тавассути дастовардҳои илми муосири дидактика равиши тоза касб намуданд.

Ҳамин тариқ, равиши таълими адабиёт бо мундариҷаи фанни таълимӣ пайванди комил дошта, шароит фароҳам меоваранд, ки таркиби умумии он бо усулҳо ва талаботи таълимии умумӣ ва равишҳои мушаххас мувофиқат кунад.

Хониши матн усули аввалин ва муҳими азхудкунии мундариҷаи ғоявию зебошинохтии матн ва хусусияти бадеии он мебошад.

Маҳз дар ҷараёни ошношавӣ бо китоб адабиёт ҳамчун фан дар тарбияи маънавӣ ва ғоявию ахлоқии хонандагон бевосита иштирок мекунад. Равиши хондан чи дар гузашта ва чи имрӯз дар таълими савод ва маърифатнокии

хонандагон мақоми хос дошт. Равиши хониш дар таълими адабиёти тоҷик барои таъсири амиқи маънавӣ гузоштан ба хонандагон хеле муассир аст ва имконияти фаровон дорад. Муваффақияти минбаъдаи хонандагон дар раванди омӯзиши адабиёт ба он вобаста аст, ки хонандаи мактаб асарро омӯхтааст ё не? Мазмуни матн таваҷҷуҳи ӯро ҷалб кардааст ё не? Хонанда бошуурона аз худ кардани боигарии адабиётро тадриҷан меомӯзад. Дар ҷараёни хондан ва таҳлили асари бадеӣ хонандагон дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти нависанда, махсусияти адабиёт ҳамчун ҳодисаи адабию иҷтимоӣ, санъати сухан, нақши адабиёт дар ҳаёти ҷомеа дониш мегиранд. Бо ин завқи бадеии хонандагон инкишоф меёбад, маънавиёт ва рӯҳияи онҳо ташаккул меёбад.

Омӯзгор дар ҷараёни омӯзиш ва азхудкунӣ матни бадеиро таҳлил мекунад, малакаи адабиётфаҳмиро ривоҷ медиҳад, андеша ва ҳисси хонандагонро амиқ месозад. Омӯзгор ҳамон вақт дар ин равиш муваффақ мешавад, ки адабиёт ва улуми ба он алоқамандро амиқ донад, асосҳои улуми таълимӣ, хусусиятҳои синну соли хонандагон, ташаббуси эҷодкоронаи онҳоро донад ва маҳорати касбии худро ҳамеша такмил бахшад. Дар ҷараёни хондани адабиёт, агар барои хонандагони ҳамон синну сол дастрас ва фаҳмо бошад, тасаввуроти хонандагон доир ба ҳусни зиндагӣ ва ҳунар, аз ҷумла, адабиёт ташаккул меёбад. Вазифаи аслии идроки ҳиссӣ ва зебошиносӣ аз он иборат аст, ки тафаккури образнок ва маҳорати эҷодии хонандагонро равнақ бахшида, ба он хондани дастҷамъонаи осори бадеӣ ва таҳияи иншои эҷодӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Вазифаи аслии тарбияи зебоишиносии хонанда дар дарси адабиёт аз он иборат аст, ки хонандаро барои соҳиби завқи баланди бадеӣ ва меъёрҳои диди зебоишинохтӣ шудан ҳидоят менамоянд. Шароит фароҳам меоварад, ки хонанда барои дарки адабиёти бадеӣ маҳорат пайдо кунад, зебоиро дар зиндагӣ ва адабиёт ҳис карда тавонад. Ба ин хониши ҳадафманд ва бонизом мусоидат мекунад.

Омӯзгор хонандагонро ба хондани асари бадеӣ омода карда барои азхуд кардани мундариҷа машғулияти махсус мегузаронад. Хонандагон  зери роҳбарии вай образҳои асосии матни бадеиро меёбанд, маънӣ ва дарунмояи асарро ошкор мекунанд, аз рӯи нақшаи қаблан мураттабкардаашон ба саволҳо посух медиҳанд. Дар ин замина таҳлили матн ва ошкор кардани хусусияти хоси он арзишманд аст. Дар вақти омӯзиши як асар ҳикояти хонандаро бо матни иқтибосӣ якҷоя истифода кардан муҳим аст. Дар дигар сурат ҷавоби саволҳо аз рӯи мундариҷаи нақли мухтасари мазмуни матн, суханони аввалини хонандагон дар бораи таассуроти маънавию ҳиссиашон ниҳоят муҳим аст. Дар таҷрибаи мактаби мо нақли мазмун хеле шоеъ буда, барои азхудкунии мазмун, инкишофи нутқи хонанда ёрии амалӣ мерасонад. Аз зинаҳои аввалин сар карда, омӯзгор бояд ба ягонагии шакл ё мундариҷаи асари бадеӣ диққати махсус диҳад.

Дар таълими адабиёти тоҷик истифодаи равишҳо ва усулҳое, ки малака ва ҳунари хонданро дар хонандагон тақвият мебахшанд, онҳоро ба таҳлили мустақилона ва арзёбии асар омода мекунанд, ҳидоят мекунанд, ниҳоят муҳиманд. Хониши бадеӣ аз ҷумлаи чунин равишҳо мебошад. Ин равиши таълим натиҷаҳои аввалини фаъолияти хонандагонро дар хондани асар ошкор мекунад.

Дар ҳамин асос равишшиносон аз қадим хониши муассирро асоси усули таълими адабиёт, бахусус, василаи таҳлили асари бадеӣ донистаанд. Шояд ба сабаби судмандиаш ин равиш дар мактабҳои кӯҳнаи мо низ ба эътибори хос соҳиб будааст. Дар мактаби имрӯза низ омӯзгорон асосан ба хониши муассир такя мекунанд ва воқеан ҳам, ҳунари хонданро ба омили бузурги адабиётфаҳмӣ табдил додан имконнопазир аст. Суннатҳои саводомӯзӣ дар мактаби гузаштаи мо ба равиши хондан такя дошт. Дар замонҳои начандон дур дар мактаби мо хондан василаи саводомӯзӣ ва маънирасӣ буд. Хонандагони мактабҳои кӯҳна илова ба «Ҳафтяк» ва «Чор китоб»,

«Гулистон»- и Саъдӣ, девони Ҳофиз ва Бедилро мехонданд. Ба шаҳодати М. Шакурӣ «талабагон дар мактаби тоҷикии асрҳои гузашта ба воситаи асарҳои Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва Навоиву Фузулӣ, ки шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳонанд, ба арзишҳои олии инсонӣ ва таҷрибаи маънавии замонҳо ва халқҳои гуногун ошно мешуданд. Инсон аз аввал, аз кӯдакӣ имконе пайдо мекард, ки ҳофизаи худро инкишоф диҳад, онро аз дороиҳои маънавию эстетикӣ ғаномандӣ афзояд. Ин аст, ки омӯзишу парвариши асрҳои гузашта, бо вуҷуди ҳама норасоиҳояш, ба устувор кардани пояҳои маънавии ҳастии инсон, устувор кардани ҳикматпарварӣ, парастиши сухан ва ақлу хирад равона шуда буд. Сухани олии Саъдиву Ҳофиз, Бедил ва дигар бузургон шахсро аз аввали роҳи ҳаётӣ ба ҷиддитарин ҷустуҷӯйҳои фалсафию ахлоқӣ шарик месохт».[1]

Дар таърихи мактабу маорифи мо бартарӣ пайдо кардани хониши бадеӣ беҳикмат набудааст. Хондан пеш аз ҳама мактаби бузурги саводомӯзӣ буд, сонияи дари ҳикмат, одаму одамгарӣ ва маънавиёти баландро ба рӯи хонанда мекушод. Бартарии хониши бадеии муассир имрӯз низ дар он аст, ки ба воситаи он хонанда мазмуни матнро зуд аз худ мекунад, балоғат ва нафосати забони тоҷикиро ҳис мекунад. Хонандагон аз асари хондаашон таъсир мегиранд ва ин таъсир, онҳоро дар фаъолияти минбаъдаашон дар роҳи омӯзиши адабиёт ҳамроҳӣ менамояд.

Хондани матн дар синф ба сари худ арзиши хоси зебошинохтӣ дорад. Вале дар таҷрибаи мактабҳои мо хусусияти хоси забонию бадеии онро, ба тавре ки лозим аст, ба ҳисоб намегиранд. Хондани муассир бояд хусусияти хоси бадеӣ ва забонии асарро ифода кунад. Ин усули хониш ба хонанда имкон медиҳад, ки дар бораи жанри асар аввалин тасаввуротро пайдо кунад. Агар хониши бадеӣ дар таълими адабиёт дуруст ба роҳ монда шавад, вуруди хонандагонро ба дарёфти донишҳои назарӣ ва амалии адабӣ осон ва

[1] М.Шакурии Бухороӣ. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ, с. 39

самаранок мекунад. Тарзи хондани асари бадеиро на хонанда, балки муаллифи асар илқо мекунад. Барои ҳифзи ягонагии асар ва идроки комили матн тарзи муаллиф бояд ҳифз карда шавад. Масалан, дар осори лирикӣ муаллиф аз номи қаҳрамони лирикӣ сухан мегӯяд. Дар вақти хондан бояд тобишҳои сухани қаҳрамони лирикӣ ифода карда шавад.

Хонандагон бояд хониши муассирро гӯш кунанд. Шунида тавонистан унсури муҳими равиши хониши муассир аст. Хониши муассир бо тамоми низоми омӯзиши адабиёти тоҷик алоқаманд мебошад. Усули таълим ва муносибати ҷиддӣ ба хониши муассири бадеӣ ба равиши омӯзиши он вобаста мебошад. Дар ин равиш сухани омӯзгор барои хонанда арзиши тақдирсоз дорад.

Сухани омӯзгор ба воситаи нақл воқеӣ мешавад. Дар ин сурат хусусияти синнусолӣ ва ғунҷоиши идроки бадеии хонандагонро бояд дар назар дошт.

Ҳикояти омӯзгор дар дарс маълумоти мухтасари муассирро дар бораи зиндагиномаи адиб, қисмати осори бадеӣ, замони таълифи он, замон ва макони ҷуғрофиёӣ ва ғайра фаро мегирад. Суханронии омӯзгор бояд аз назари сохтор ва мундариҷа комил бошад, санадҳои муҳими таърихӣ, тарҷимаиҳолӣ, эҷодӣ, адабиро дарбар гирад, ба матни бадеӣ ва ёддоштҳо такя кунад. Ҳамин гуна усулро мо метавонем дар синфҳои 7-11 истифода барем. Вале дар синфҳои боло вай як дараҷа мураккаб мешавад.

Ҳикоят бо унсурҳои суханронӣ василаи муъҷаз ва судманди донишдиҳӣ ба хонандагон мебошад. Вай имкон медиҳад, ки дар муҳлати кӯтоҳ мазмуни маводи адабӣ баён карда шавад. Дар баёноти омӯзгор бояд ғановати забони асари бадеӣ таҷассум ёбад. Хонандагон ба сухани омӯзгор гӯш дода, доир ба асар, ҳодисаҳои тасвиршуда ва ҷараёни ҳаводиси ичтимоию адабӣ хулоса мебароранд. Арзиши тарбиявии ин равиш аз он иборат аст, ки ёди хонандагонро тақвият мебахшад, ҳисси коршиносӣ ва лаёқати онҳоро

афзоиш медиҳад, онҳоро ба ифодаи андеша ва натиҷагирӣ завқ мебахшад.

Ҳикояти омӯзгор бо фарогирии аносири лексия (суханронӣ) ; бо асосҳои боҳадаф, мундариҷа ва таркиби мавод тафовут дорад. Дар таҷрибаи омӯзгори адабиёт маҷмӯи усулҳое амалӣ мешавад, ки ба дарки ҳикоят лексия мусоидат мекунад. Дар ин равиш кор бо нақша, истифодаи воситаҳои аёнӣ, хониши пораҳои асари бадеӣ, шунидани суханронии кӯтоҳи хонандагон, навиштани ҳикояти омӯзгор, мустаҳкам ва такрор кардани маълумоти ҳосилшуда нақши муҳим дорад.

Масалан, ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва осори Лоиқ омӯзгор чунин нақлро корбаст карда таъкид мекунад, ки Лоиқ дар силсилаи «Ман намемирам» қисмати ояндаи шеъраш ва ҷовидонагии онро дақиқан баён ва пешгӯӣ кардааст. Омӯзгор метавонад аз ҳашт пораи шеъри поён, ки дар навъи чаҳорпора навишта шудааст, пораҳои лозимиро хонад ва ҳикояташро тақвият бахшад.

То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,
Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст.
Баҳри шуҳрат нест ҳаргиз шеърпардозии ман,
Шеърпардозиам ошӯбе ба рағми мурдан аст.
Дар миёни ин ҳама ҷангбозию розу ниёз,
Бо ҳама эҳсоси гарму шавқу шӯри дилгудоз,
Ман ба ин серӯзадунё ҳадя созам умри худ,
К-аз ҳисоби умри кӯтоҳам шавад умрам дароз.
Ман бар онам, ки ҷаҳони обу гил то ҷовидон
Пиртар гардад ба солу чун сухан монад ҷавон.
Ман бар онам, ки одамӣ ҳар қадр комилтар шавад,
Ташнатар гардад ба меҳру сертар гардад зи нон.
Ман бар онам, гарчи раҳ бурдем то сайёраҳо,
Гарчи нуристони бисёре бало кардем мо.
Шоири равшандиле, соҳибкамоле бештар
Мекунад равшан дили торику ақли тираро…
Гарчи ман ҳам зодаи ин кӯҳсорон будаам,

Ҳамсуруди нағмаҳои обшорон будаам,
Рӯ ба рӯ бо кӯҳ мегӯям на аз кӯҳи баланд,
Сарбаланд аз ҳиммати озодмардон будаам.
Аз баландиҳои олию маҷозии башар,
Орзуи ман набуда ҳеҷ баландии назар.
Кӯҳ бе мо ҳам баланд аст, эй供 бародар, лоф бас!
Фахр кун, гар мекунӣ, ту аз баландии ҳунар…
Дар замони шеърпарварде, ки дилхоҳи ман аст,
Дар заминҳои ҳама рӯи замин роҳи ман аст.
Ин заминро ман нигоҳбонӣ кунам аз қасди бад,
Дидгоҳи шоириам дидбонгоҳи ман аст!
Ин заминро дӯст дорам, бо ҳама мавҷудҳош,
Бо ҳама армону дардаш, бо ҳама мақсудҳош,
Ин заминро дӯст дорам, то ба рӯяш зиндаам,
Баски ҳастам чанд рӯз аз ҷумлаи масъудҳош.

Маънии ҷовидонагии шоир ва шеъри ӯро омӯзгор тақвият мебахшад. Дар ин замина метавонад аз мақолаи Х. Шарифов «Инсон дар марзҳои шеъру шоирӣ» (ниг. Х. Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ. Душанбе, 2009, саҳ.362-371) истифода кунад.

-Ин шеър, нақл мекунад омӯзгор,- ба ҳама гуфтанию даъвоҳо дар зери таассуроти фардӣ ва хоҳишҳои шоир суруда шудааст. Ифшои розҳо ва хоҳишҳои шоирӣ гӯё ангезанда ва василаи таҳрики андешаи шоир будаанд. Шоирони асрҳои миёна дар маънии худогоҳӣ ва фахр аз ҳунари худ суханҳо зиёд гуфтаанд. Аз ин гуна суханон услуби шоиронро муайян кардан мумкин аст. Дар шеъри шоирони ҷавони имрӯза чунин муносибат маънои худнамоӣ ва худогоҳӣ ҳам гирифтааст. Назари Лоиқ ба шеъри худ ва умуман шеър аз он ҷиҳат муҳим аст, ки мавқеи эҷодии ҳамзамонони ин насл ва худи ӯро равшан мекунад. Шеър пардохтан баҳри ҳимояти некӣ бар рағми бадӣ (Ҳурмузу Аҳриман) ва ба хотири зиндагист ва баҳри давоми умр бо шеъру сухан, балки ҷавонии сухан дар ин ҷаҳони пир бо фидои умри серӯза ҳосил мегардад.

Хулосаи калом, сухан, шеър ҳосили умр аст ё ба таъбири дигар, шеър офаридан ба қадри сарфи ҷон баробарӣ дорад ва баҳри ҷон офаридани он василаи абадият аст. Шеър чизе сирф хусусист, на ҳосили талаби ҷамъият ва ситоишу накўҳиши он, чунонки тибқи қоида дар он замон мешинохтанд. Дар ҷаҳони обу гил танҳо сухан ё шеър ҷавон мемонад ва таманнои шоир ин аст, ки шеър дили торикро, ақли тираро равшан мекунад, сарбаландӣ аз ҳиммати мардони баландназару ҳунар бошад, дидбонгоҳи замини шеърпарвар дидгоҳи шоирӣ гардад ва дўстдори «ин замин» бо ҳама мавҷудоташ гардад. Аз ин мавқеи назар шеъри шоир такмили рўҳияҳо, ҳиммати инсонӣ, дўстдории замини шеърпарвари халқи худ аст. Дар маркази андеша ва ҷунбиши қалбии Лоиқ саъйи одамӣ ва меҳру садоқат гузошта шудааст, ғарази холиси мафкуравӣ дар ин суханон ҳузур надорад.

Ба ҳамин равиш монанд суҳбатро дар мавзўи шахсияти Мирзо Турсунзода ва эҷодиёти ў низ гузаронидан мумкин аст. Агар мавзўъ бевосита достони «Чароғи абадӣ» бошад, метавон дар боби заминаҳои таърихии мулоқотҳои Турсунзода бо Айнӣ суҳбат кард, ки барои дарки моҳияти достон хеле арзишманд аст.

Ҳикоя ин на фақат муколамаи омўзгор аст, балки он ифодагарӣ талаботи омўзишу парвариш нисбат ба муомила бо хонандагон мебошад. Омўзгор то надонад, ки сухани ў ба хонандагон асар кардааст ё не, хонандагон фикри ўро фаҳмидаанд ё не, дарсро гузаронида наметавонад.

Ҳамин гуна унсурҳои гуфтугўи хонандагон бо омўзгор ба миён меояд, баёни ў нисбатан ба фаҳми онҳо наздик мешавад, тарзи иштироки хонандагон ба дарс дигаргун мешавад. Ин фазилатҳо дар суҳбати муфассале, ки миёни омўзгору хонандагон баргузор мешавад, нисбатан пурра ошкор мешавад ва имкон медиҳад, ки дар бораи сифати тозаи азхудкунии маводи адабӣ сухан гўем.

Бо истифодаи чунин усули таълими адабиёт омўзгор кўшиш мекунад суолҳои лозима диҳад, дар вақти муҳокимаи

онҳо маълумоти тоза дода, хонандагонро барои ҷавоб гуфтан таҳрик кунад, бо арзёбии дониши хонандагон, натиҷагирии дониш ва таҷрибаи зебоишинохтии онҳо дар ҷараёни фаъолияти якҷоя тақвият бахшад. Ҳамин тариқ, шавқу ҳавас нисбат ба фанни адабиёт зиёд мешавад, фаъолиятмандии хонандагон меафзояд.

Суҳбат ҳамчун равиши таълими омӯзиши адабиёт дар ҷараёни омӯзиш ҳадафҳои гуногун дорад. Вай дониши хонандагонро зиёд карда, онро ба низом медарорад, дар бораи аввалин матни хондашуда андеша ба вуҷуд меоварад, шояд муқаддимаи таҳлили асар бошад, усули кор бо аввалин маълумот аст. Омӯзгор бояд ҳунари саволгузорӣ дошта бошад, то ки хонандагон ӯро дақиқ фаҳманд ва ба саволи ӯ мухтасар ва пурмазмун посух дода тавонанд.

Дар равишшиносии имрӯз намуди суолҳо ва супоришҳо барои истифода дар дарс тақрибан муайян шудааст. Суолҳо бояд барои дарки амиқи мазмуни матни асари бадеӣ ёрӣ расонида, хонандагонро водор кунанд, ки мустақилона натиҷагирӣ кунанд, мавзӯъро муҳокима намоянд, вобаста ба фаъолияти адиб, шахсият ва сарнавишти ӯ суолҳо гузоранд. Суолҳо дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик аҳамияти бузург доранд. Ба хусус, суолҳое, ки масъалаҳои забон ва сабки асар, воситаҳои тасвири бадеӣ ва ғайраро ба миён мегузоранд. Намуди дигари суолҳо метавонанд ба масъалаҳои иҷтимоию зебоишинохтии асари бадеӣ, ошкор сохтани алоқаи намудҳои гуногуни санъат дахл кунанд. Суолҳои шавқангезро метавон дар корҳои беруназсинфӣ, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои адабию ҳунарӣ, нишастҳо, мусобиқаҳо, маҳзарҳо ва ғайра истифода кард. Хусусияти хоси фаъолият ва дараҷаи омодагии хонандагонро ба эътибор гирифта, омӯзгор метавонад ин суолҳоро ҳангоми суҳбат низ истифода барад.

Хонандагон ба суолҳои омӯзгор посух гуфта, матнҳои ба онҳо маълумро муқоиса мекунанд, санадҳои таърихию адабӣ ва тарҷумаҳолиро ошкор намуда, донишашонро такмил

мебахшанд. Ҳангоми суҳбат ба миён омадани масъалаҳои баҳснок ҳодисаи табиист. Омӯзгор дар назди хонандагон оид ба мавзӯъ, ғоя ва бадеияти ин ё он асар масъала гузошта, мушкилоти хусусияти иҷтимоию зебошинохтӣ ва ахлоқидоштаро матраҳ мекунад. Омӯзгор ба ин дастур хонандагонро тадриҷан ба суҳбати мураккабтар роҳнамоӣ мекунад. Бо ин роҳ дониши онҳо такмил меёбад, онҳо дар бораи адабиёт, ин ё он мавзӯи он сӯҳбат карданро ёд гирифта, ақида ва мавқеи худро ҳимоя мекунанд. Чунин суҳбат унвони мубоҳиса ба воситаи суолу ҷавоб сурат гирифта, тафаккури адабӣ ва маҳорати хонандагонро равнақ мебахшад.

Суҳбат ё худ мубоҳиса дар дарсҳои адабиёт аксаран назарҳои гуногунро ба миён меоварад: хонандагон андешаҳои ҳамдарсонашонро тасдиқ ва ё инкор мекунанд. Дар ҳамин замина мубоҳисаҳо ва баҳсу талошҳо ба миён меояд, ки омӯзгор онро роҳбарӣ карда, баҳсро дар атрофи масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва зебошинохтии адабиёт идома медиҳад. Омӯзгор ҷараёни баҳсро ҷилавдорӣ намуда, андешаҳои нодурусти иштирокдорони онро нозукона ислоҳ мекунад ва ҳангоми зарурат идомаи баҳсро ба машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳавола мекунад.

Машғулиятҳои мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни имрӯзаи дарси адабиёт ҷойгоҳи хос дошта, фаъолиятҳои гуногуни онҳоро фаро мегирад. Ба доираи он иҷрои супориши хонагӣ, корҳои гуногун бо адабиёти танқидӣ, амиқбурди дониши хонандагон дар машғулияти берун аз дарс, корҳои тадқиқотӣ дар асоси матни бадеӣ ва ғайра дохил мешаванд. Маҳз дар ҷараёни машғулияти мустақилона имконияти эҷодии хонандагон пурратар амалӣ мешавад.

Дастоварди омӯзиш аз бисёр ҷиҳатҳо бо донишҳои хоси омӯзгор вобастагӣ дорад. Бинобар он ки имконияти ҳозираи мо беохир нест, илми адабиётшиносӣ ва равишшиносӣ ҳамеша дар тағйиру такмил аст. Омӯзгори адабиёт масъул аст, ки бо асосҳои ташкили фаъолияти илмӣ, пеш аз ҳама, бо

низоми фароҳам омадани маълумоти илмию равишшиносӣ ошно бошад. Бо ин мақсад, омӯзгори ояндаи адабиёт ҳангоми таҳсил дар мактаби олӣ бояд хазинаи дастуру китобҳои лозимаро мураттаб созад.

Китобхонаи омӯзгори адабиёт бояд осори классикон, шоиру нависандагони муосир ва хориҷӣ, дастурҳои таълимӣ, осори илмии адабиётшиносиро фаро гирад. Китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, тавсияномаҳо, луғатҳои истилоҳӣ ва тафсирӣ ҷузъи муҳими ин хазина бояд бошанд. Илова ба китобҳои ихтисосӣ дар китобхонаи омӯзгор асарҳо дар бораи санъат, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғайра низ бояд ҷойгоҳи хос дошта бошанд.

Албатта, ҳеҷ китобхонае, аз ҷумла, аз они омӯзгор низ имкони фаро гирифтани ҳамаи китобу васоити таълимиро надорад. Махсусан, дар рӯзгори мо ин мавзӯъ мушкилоти зиёде дорад. Вале пешрафти инноватсия ва соҳаи иттилоотрасонӣ, аз ҷумла интернет, китобхонаҳои расонаӣ дар ин замина дастёри беминнати омӯзгоранд. Ба ин васила омӯзгор метавонад аз навгониҳои адабиёт, илми адабиётшиносӣ ва соҳаи омӯзишу парвариш, ба хусус равишшиносии таълими адабиёт огоҳ бошад. Дар ин кор ба ӯ нашрияҳои тахассусии соҳаи маорифи кишвар, аз ҷумла, «Омӯзгор», «Масъалаҳои маориф», «Маърифати омӯзгор», нашрияҳои дигаре, аз қабили «Садои шарқ», «Номаи пажӯҳишгоҳ», «Ахбори академия», «Паёми донишгоҳ» ва ғайра ёрирасон мебошанд.

Банақшагирии фаъолияти омӯзгор ва танзиму иҷрои саривақтии он аз самтҳои муҳими раванди таълиму тарбия мебошад.

Ҳамчунин, омӯзгори огоҳ ва ба касби худу шогирдонаш дилсӯз ҳамеша дар паи ҷустуҷӯ, дарёфт ва гирдоварии китобҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳое хоҳад буд, ки доир ба адабиёт, осори ин ё он адиб мақола ва гузоришот нашр мекунанд. Ин гуна мақолаҳову гузоришотро ҷамъ овардан,

мухтасари онҳоро рӯнавис кардан ва минбаъд алоқаманд бо мавзӯъ аз онҳо истифода бурдан танҳо ба манфиати кор аст.

Ҳамин тариқ, дар ин замина китобхонаи мактаб низ метавонад дастгири омӯзгор бошад. Барои ин бояд китобхонаҳои мактабҳо муҷаҳҳаз ва фаъол бошанд, то омӯзгорон китоби лозимиро пайдо карда тавонанд.

Банақшагирии фаъолияти омӯзгор, таҳияи нақшаи худтакмилдиҳӣ ба низоми ташкили фаъолияти омӯзгор мансуб аст. Дар ин замина омӯзгор бояд дараҷаи ғоявию назарӣ, касбии омӯзгорӣ, адабиётшиносӣ ва илмию методии худро такмил бахшад. Барои омӯзгори навкор робита ва ҳамкории пайвастаи эҷодӣ бо омӯзгорони собиқадор ва раввишшинос аз манфиат холӣ нест. Дар нақшаи худомӯзӣ илова ба он чӣ ки зикр шуд, бояд шакли ҳисобот ва зикри санаи иҷрои он қайд карда шавад. Такмили донишу маҳорат, худомӯзӣ ва боло бурдани маҳорати касбӣ шарти аслии муваффақияти омӯзгор дар кори таълиму тарбия мебошад.

Нақшаи фаъолияти омӯзгор барои синфи алоҳида паҳлуи асосии кори ӯ буда, нақшаҳои тақвимӣ, мавзӯӣ ва дарсӣ ҷузъи он аст. Нақшаи тақвимӣ тақсими мавзӯъҳоро ба соатҳо барои чоряк, нимсола ва солона дар назар дошта, нақшаи мавзӯи дарсро аз рӯи мавзӯъҳо ба низом медарорад. Нақшаи муқаррарӣ танзими нақшаи ба ҳамин монанди дарсҳост.

Нақшаи фаъолият барои он зарур аст, ки омӯзгор бояд уфуқҳои мушаххаси маълумоти адабии хонандагонро донад, ҷараён ва давраҳои онро ба қайд гирад, имкониятҳои нуқтаҳои ҳамоиши дарси адабиёти тоҷик ва адабиёти хориҷиро аз назари пайвандҳо, таъсири мутақобила ба эътибор гирад. Масалан, мантиқан омӯзиши эҷодиёти Мирзо Турсунзода омӯзгорро метавонад сари масъалаи таъсири адабиёт рус ба эҷодиёти шоир, дӯстии ӯ ва шоири рус Николай Тихонов ба андеша барад. Ба ҳамин монанд дар ҷамъбасти суҳбаташ дар бораи Лоиқ метавонад дар мисоли «Савтҳои форсӣ» - и Есенин доир ба алоқаҳои адабӣ ва таъсири мутақобилаи адабиётҳо таҳлиле анҷом диҳад.

Яке аз вазифаҳои асосии дурнамои нақшаи фаъолият хонандагонро барои омӯзиш ва аз худ кардани луғати асосии асари омӯхташаванда роҳнамоӣ кардан мебошад. Маълум аст, ки фаъолияти омӯзгори адабиёт ҷараёни эҷодкорист, вале агар ин ҷараён низоми муайян надошта бошад, вай моҳияти аслӣ ва ҳадафи асосии худ – давра ба давра ба шакл даровардани дониш ва малакаҳои хонандагонро оид ба адабиёт аз даст медиҳад.

Дар нақшаи тақвимӣ омӯзгор маводи барномаро аз рӯи мавзӯъ ба соатҳо тақсим мекунад. Омӯзгор дар иҷрои ин кор бояд ҳадафҳои зеринро дунбол кунад: муназзамии иҷрои омӯзиши мафҳумҳои назарию адабӣ, ба низом овардани равиши таълим барои такомули нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон аз як мавзӯъ то мавзӯи дигар, мушаххас намудани маводи воситаҳои аёнӣ ва техникӣ дар ҳар давраи омӯзиш, маводро барои дарсҳои такрорӣ омӯхта, рӯйхати адабиёти тавсияviро бо нишондоди муҳлати санҷиш барои хониши берун аз синф мураттаб сохта, гурӯҳи калимаҳо ва таъбиротро барои омӯзиш дар дарсҳои мушаххас нишон диҳад. Барои азёдкунӣ матнро нишон диҳад ва қисмҳои кори таълим, адабиёти илмию методӣ ва маълумотномаро ба назар гирад.

Ин нақшаро омӯзгор дар давоми сол дақиқ карда, ба он тағйироту иловаҳо медарорад, ки аз бисёр ҷиҳат ҷустуҷӯҳои омӯзгорро дар ҷараёни кор ва шароити омӯзиш муайян мекунад.

Нақшаи мавзӯӣ нақшаи тақвимиро мушаххас месозад. Дар ин нақша мавзӯъҳои барномаи таълимӣ аз рӯи соат тақсим карда шуда, навъ ва намудҳои дарс:дарси обзорӣ, дарси омӯзиши зиндагинома ва роҳи эҷодии адиб, дарси тафсири хониш, дарси таҳлили асари бадеӣ, такмили нутқ, дарс-мусоҳиба, дарси хониши берун аз синф муайян карда мешавад. Дар нақшаи мавзӯӣ, илова ба мундариҷаи кор, усулҳо ва вазифаҳои тарбиявию омӯзишии дарс бо афзудани луғати фаъол нишон дода мешаванд. Ҳамчунин, намудҳои

асосии фаъолият дар атрофи воситаҳои забонии асари бадеӣ қайд карда мешавад. Бо андӯхтани таҷрибаи кофӣ сол то сол нақша такмил меёбад, ба он маводи иловагӣ дохил ё ихтисор карда мешавад. Муҳим он аст, ки ҷараёни ҷустуҷӯ ва такмил мутассил идома ёбад, ки бе он такомули маҳорати омӯзгорӣ ғайри мумкин аст.

Ба нақшагирӣ бояд қолабӣ набошад. Таҳияи ҳама гуна нақша фаъолияти эҷодии омӯзгор аст, ки на фақат ба шароити умумии омӯзиш алоқаманд мебошад, балки бештар ба шахсияти омӯзгор аз махсусияти дарки матни бадеӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, нақшаи мавзӯии омӯзиши очерки таърихии устод Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» метавонад ба ин тарз бошад:

**Дарси аввал.** «Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд ва ҷанг дар болои ин шаҳр». Маълумоти мухтасар дар бораи нависанда. Ҳикояти омӯзгор ва суханронии хонандагон, сӯҳбат дар бораи муборизаи тоҷикон бо чингизиён; ҳикояти муаллим; ба воситаи суолҳо нақл кардани мазмун; кор аз болои забон ва таъбирҳо; нақли комили ин пораи асар.

**Дарси дуввум.** Ба ёд овардани саврнавишти Темурмалик ва ёрони ӯ аз пораи аввал; маълумот дар бораи шаҳри Хуҷанд ҳамчун маркази муқтадири тоҷикнишин дар он замон; хондани матн; суҳбат дар атрофи мазмун ва ғояи ватандӯстии асар ва ғайра.

**Дарси сеюм.** Тафсири матн ва таҳлили порае аз он. Сухани муқаддимавии омӯзгор. Таҳлили забонии порае аз асар. Омодагӣ ба нақл. Нақли хонандагон. Идомаи суҳбат дар атрофи қаҳрамонии хуҷандиён. Дарки маънии ватан ва ватандӯстӣ.

**Дарси чорум.** Кори хаттӣ: иншои омӯзишӣ дар мавзӯи «Ватан ва фарзандон».

Дурнамои низоми муайяни дарсҳо имкон медиҳад, ки дар бораи нақшаи дарсӣ ҷиддан ва бо ҳадаф андешида шавад. Нақшаи дарсӣ ҳалқаи низоми ягона буда, нақшаи дурнамо ва

нақшаи дарсӣ қолабӣ нестанд. Онҳо дар асоси талаботи дарс таҳия карда мешаванд ва комилан хусусияти эҷодкорӣ доранд. Ҳама гуна нақшаи дарсӣ мақсади муайяни дарсро ифода мекунад, зинаҳои асосии онро мушаххас месозад, хусусияти кори шогирдон ва муаллимро ифода мекунад (тафсири хониш, азхудкунии мафҳумҳои адабиётшиносӣ, омӯзиши нақл ва ғайра), номгӯи маълумотҳои назарӣ-адабии барои дарс интихобшуда, маводи тасвирӣ ва дигар васоити омӯзишро сабт мекунад.

Дар давраҳои аввал муаллими навкорро лозим аст, ки нақша-конспекте созад, ки ҷараёни дарсро пурра сабт кунад. Нақшаи дарсии муаллимони ботаҷриба, чун қоида, нақша ва конспектро ба ҳам меоварад. Дар нақша вазифаҳои мушаххаси зинаҳои гуногуни дарс бо низоми муайян сабт мешавад. Дар конспект бошад унсурҳои ба ҳамин монанди саволҳои мубоҳиса зикр мешавад.

Намунаи нақшаи дарси аввалро аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус сабт мекунем.

**Мавзӯи дарс.** Хониши тафсирии бобҳои «Андар шинохти ҳаққи падару модар», «Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар» ва «Одоби сухан гуфтан». Суҳбат ва суолу ҷавоб, нақли мазмуни бобҳо. Шарҳи луғат.

**Мақсади дарс.** Омода кардани хонандагон ба хондани порае аз асар. Дар ҷараёни хониш тафсири мафҳумҳо ва луғати душворфаҳм. Нишон додани мавқеи воситаҳои забонӣ дар ифодаи ғояи асар.

Ҷараёни дарс. 1. Сухани муқаддимавии омӯзгор ҳамроҳ бо ҷавобҳои хонандагон.

а) мазмуни мухтасари бобҳои пешина (ахбори муаллим ва хонандагони қаблан омодашуда);

б) тафсири пурраи пешакии қисмати «Одоби сухан гуфтан» бо такя ба боби пешин.

2. Хондани матн.

3. Азхудкунии мундарича. Муайян кардани моҳияти ҳиссии идроки матн ва суоли масъалагузор. Одоби сухан гуфтан чӣ арзиши ахлоқӣ дорад?

4. Хониши тафсирӣ.

5. Таҳлили як пораи асар бо суолу ҷавоб.

6. Тафсири хотимавӣ бо зикри муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ, ки дар матн ба миён гузошта шудааст.

7. Супориш дар хона. Зарбулмасалу мақолаҳоро, ки дар мавзӯи сухан, одоби сухан гуфтан гуфта шудаанд, ҷамъ овардан. Таъбирҳои рамзиро шарҳ додан.

Мураттаб сохтани нақша аз омӯзгор дониши равишшиносӣ ва адабиётшиносиро аз рӯи мавзӯъҳои барнома тақозо мекунад. Вале пайгирии кӯркӯронаи тавсияҳои методӣ натиҷаи судманд нахоҳад дод.

Дарки эҷодкориҳои мавод, интихоби аниқи он дар ҳар дарс, ҳал ва усули омӯзиши он ниҳоят муҳим буда, барои омӯзиши боигарии ғоявию бадеии адабиёти тоҷик пурсамар мебошад.

Матни бадеии барномавӣ ҳамчун маълумоти зебошинохтӣ ва намунаи асари таърихию адабӣ бояд ба омӯзгор фаҳмо бошад. Танҳо дар ҳамин сурат равиши дурусти таълими он аз тарафи муаллим муайян карда мешавад. Таҳияи консепсияи хоси омӯзиш, тартиб додани суолу супоришҳои арзишманд ҳангоми кор бо матн ва ғайра. Ҳамин тариқ, муаллим ба омӯзиши мавзӯъ омода шуда, донишҳояшро дар ёдаш зинда мекунад, ба омӯзиши мақолаҳои таълимӣ тайёрӣ мебинад, дараҷаи фарогирии маълумот ва дастрасии маводи таълимиро месанҷад, бо осори нави адабиётшиносӣ ва равишшиносӣ шинос мешавад, маводи лозимиро аз адабиёти ёддоштӣ ба қайд мегирад, маводи тасвириро интихоб менамояд. Муаллим ҷараёни кор, роҳҳои омӯзиши асар, намудҳои тафсири усулҳо, кор бо луғат ва маводро барои ҳикояти худ интихоб мекунад.

Дар ҷараёни тадрис ва таълими адабиёт кор бо луғат ва таъбироти рамзию тамсилии таҳлили матн ниҳоят

арзишманд аст. Дар натиҷаи чунин таҳлил омӯзгор доир ба таркиби забонӣ, боигарии луғавӣ ва махсусияти матни таҳлилӣ маълумоти муҳимро ба даст меоварад: доираи истифодаи ин ё он луғатро тавзеҳ медиҳад ва меъёри услубӣ ва ҷойгоҳи бадеии онро муайян мекунад. Бо ин усул вай таркиби луғавии хонандагонро дар амиқбурди дарки адабиёт тақвият мебахшад. Муҳимтар аз ин, завқи адабиётфаҳмии онҳоро баланд мебардорад.

Агар аввалин зинаи омӯзиши асар барои хонандагон азхудкунии мазмун ва таркиби забони асар бошад, барои омӯзгор таҳлили пешакии асар мебошад. Агар таҳлили адабиётшиносӣ ва забоншиносии асари бадеӣ дар осори илмии таълимию методӣ қарор гирад, ин кори омӯзгорро хеле осон мекунад. Агар чунин сарчашма набошад он вақт омӯзгор масъул аст, ки худаш мустақилона ба дарс омода шавад ва онро гузаронад. Дар ин сурат ба чунин тарз метавонад шурӯъ кунад: аҳди эҷоди асар; андешаҳои дунёшиносии адиб; тавсифи умуии эҷодиёт ва мавқеи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик; ҷойгоҳи асар дар эҷодиёти адиб ва контексти таърихию адабии замон; таърихи эҷод; мавзӯъ ва ғояҳои он; тобиши асосии маънавии асар ва ҳамоҳангии он бо назари дунёшиносии муаллиф; низоми тимсолҳо ва таркиби бадеӣ.

Баъд аз таҳлили адабиётшиносӣ таҳлили забонӣ сурат гирифта, таҳияи луғот, воситаҳои гуногуни забонӣ (таъбирҳо, зарбулмасалу мақол ва ғайра) ва дараҷаи истифодаи онҳоро дар матни асар дар бар мегирад.

Таҳлили якҷояи адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ дар бораи ғоя ва мундариҷаи асар тасаввуроти комил медиҳад.

Таҳлили луғавию таъбиротӣ ҳангоми омӯзиши матни адабиёт, ба хусус, адабиёти классикӣ ниҳоят муҳим аст. Мутаассифона, ин усул дар мактабҳои мо чандон самаранок истифода намешавад. Дар шароити имрӯза ин усулро бо тарзи дигар бояд истифода кард. Асоси таҳлили забониро на фақат калимаҳои алоҳида, ифодаю таркибот, балки бояд

таҳлили сабки нигориш ва ҳусни бадеии асар низ ташкил диҳад. Дар ҳамин замина омўзгор дар вақти таълими осори Саъдӣ, ба вижа, «Гулистон» метавонад чанд соатро ба мавзўи «Зебошиносии насри Саъдӣ» ихтисос диҳад. Дар дарсҳои қаблӣ омўзгор дар боби мазмуну муҳтаво, нақди вожагонӣ ва шарҳи мушкилоти «Гулистон»-и Саъдӣ гуфтугў карда буд. Чунонки медонем, ба иттифоқи аксари муҳаққиқон шуҳрати «Гулистон» мадюни ҳунарҳои калом аст. Омўзгор барои дарки осори Саъдӣ, хоса, «Гулистон» бояд зарофатҳо, нуктаҳо ва назокати забонӣ ва адабии Саъдиро дар мисоли «Гулистон» тавзеҳ диҳад. Дар ин кор ў фақат бо ироаи шавоҳид, баррасӣ ва таҳлили дақиқ комёб шуда метавонад.

Намунаи ҳамин гуна таҳлилро дар заминаи «Гулистон» пешниҳод мекунем.

Насри «Гулистон» омезаест аз содагӣ ва санъатгарӣ, ки аз он ба саҳли мумтанеъ ёд мекунанд. Насри ин асар ҳам мурассал аст, ҳам мусаҷҷаъ ва ҳам мавзун аст. Насре, ки ба қавли худи Саъдӣ, «мутакаллимонро ба кор ояд ва мутарассилонро балоғат афзояд». Саъдӣ гоҳ насри мурассал ва маснуъро ба ҳам пайванд мезанад ва забони рангине ба вуҷуд меоварад. Интихоби навъи наср ба иқтизои калом, мавзўи сухан ва мақсуди муаллиф бастагӣ дорад. Сухани Саъдӣ гузашта аз фасоҳат, балоғат, саломат, иҷоз, матонат, истеҳком ва зарофат ҳама ороишҳои шеъриро ҳам дар бар дорад.

Бедалел нест, ки донишманди эронӣ Ҳумоӣ насри «Гулистон»-ро ояти муҳками забони форсӣ медонад ва ҳамин имтиёз сабаб шудааст, ки гурўҳи зиёде аз нависандагон таҳти таъсири шеваи ў қарор гиранд. Дар тавсифи сабки Саъдӣ суханони зерини донишманди эронӣ Фурўғӣ баҷо аст: «Саъдӣ ҳафтсад сол пеш ба забони имрўзи мо сухан нагуфтааст, балки пас аз ҳафтсад сол мо ба забоне, ки аз Саъдӣ омўхтаем, сухан мегўем».

Муаллим ҳамин асрори асари Саъдиро бояд ба қадри ҳол кушояд. Назари донишманди дигари эронӣ Юсуфӣ ин ҷо ёригар аст.

«Ҳунари бузурги Саъдӣ ин аст, ки насри форсиро аз чанги такаллуф ва тасаннуъ ва ороишгариҳои зананда ва калимот ва таркиботи дур аз зеҳн ва фазлфурушӣ наҷот дода ва бад-он эътидоле матбӯъ ва мавзун бахшидааст».

Дар насри Саъдӣ дар ин айни наздикии он ба забони муҳовара, бо андаке тааммул нақши қалами устоде бебадалро ба аён метавон дид.

Муаллим интихобан аз ин ду ҳикоят метавонад якеро таҳлил кунад.

**Ҳикояти аввал**

Нохушовозе ба бонги баланд Қуръон ҳамехонд. Соҳибдиле бар ӯ бигузашт. Гуфт: -Туро мушоҳара чанд аст? Гуфт:- Ҳеҷ. Гуфт: -Пас, чаро заҳмати худ ҳамедиҳӣ? Гуфт: - Аз баҳри Худо мехонам. Гуфт: -Аз баҳри Худо махон.

Муаллим метавонад чунин таҳлил кунад: ба зоҳир ҳеҷ санъате дар ин ҳикоят нест. Насре аст сода, бетакаллуф, саҳли мумтанеъ. Танҳо санъати назаргир дар такрори «аз баҳри Худо» ва тақобули «мехонам» ва «махон» аст. Бо ин васф назари латиф дар ҳикоят ва содагии забон достонро хонданӣ ва мондагор кардааст.

**Ҳикояти дуввум**

Аблаҳеро дидам симин, халъате симин дар бар ва қасабе мисрӣ ба сар ва маркабе тозӣ дар зери рон ва ғулом аз пай давон. Касе гуфт: -Саъдӣ чун мебинӣ ин дебои муълам ба ин ҳайвони лояълам?

Гуфтам:- Хате зишт аст, ки ба оби зар набиштааст.

Лаҳни ин ҳикоят низ монанди ҳикояти қабли танзомез аст, аммо калом пурсанъат аст. Ҳазф ва ҷобаҷои феъл, ташбеҳи муракаби «дебои муъалам ба ҳайвони лояълам», «ба хате зишт ба оби зар набишта», истиора гирифтани «ҳайвон» барои «аблаҳ», саҷъ ва ҷиноси иштиқоқи «муълам» ва «лояълам», тавсифҳои кӯтоҳи «қасабе мисрӣ бар сар ва

маркабе тозӣ дар зери рон ва ғуломе аз пай давон», овардани таъбири тасвирии «дар зери рон», ба ҷои «савор бар», барои саҷъ бо «давон» ва чи басо зарифкориҳои дигар аз ҷумла ба амди шукӯҳманд ҷилва додани зоҳири аблаҳ.

Муаллим қаринаи ҳамин гуна дарсро метавонад ба таҳмили аносири забонӣ ихтисос диҳад, ки намунааш метавонад чунин бошад:

Саъдӣ дар вожагузинӣ маҳорат дорад, вожаро дуруст бармегузинад ва дар ҷои худ менишонад. Сухани Саъдӣ, хоҳ қарини иҷоз бошад, хоҳ қарини итноб холӣ аз ҳашв аст. Ҳар гоҳ ба итноб мегарояд, ваҷҳе дорад. Ба муҷазтарин ҳикояти «Гулистон» таваҷҷуҳ кунед.

Ҳиндуе нафтандозӣ ҳамеомӯхт. Ҳакиме гуфт:

-Туро, ки хона найин аст, бозӣ на ин аст!

Мӯсо алайҳисалом Қорунро насиҳат кард, ки аҳсин камо аҳсаноллаҳу алайк (некӣ кун, чунонки Худо ба ту некӣ кардааст). Нашунид ва оқибаташ шунидӣ.

Дар асоси ин ду мисол омӯзгор метавонад аввал муҷазбаёнии Саъдиро, сипас дарозгӯӣ (итноб) накардани ӯро собит созад. Ҳамчунин дар истифодаи калимаву таъбироти арабӣ низ ҳадшинос будани ӯро таъйид кунад.

Дар ҳамин гуна дарс гуфтугӯ дар атрофи насри шоиронаи Саъдӣ низ мувофиқи матлаб аст.

Насри Саъдӣ хислати забони шоирона ё шеъри мансурро дорад ва ин дар дебочаи «Гулистон», дар боби панҷум ба назар намоёнтар аст. Барои намуна дар ҳикояти моҷарои ҷавоне, ки ошиқи шоҳзодае шуд ва бо висоли ӯ ҷон бохт, саҷъ ва ташбеҳ ва истиора ва муроoти назир, мавозина ва иҳом ҷамъ шудааст. Ҷуз ин тавсифоти шоирона, фасоҳат ва равонии гуфтор, вазн ва оҳанги даруни онро ба шеър бадал кардааст.

Якеро дил аз даст рафта буд ва тарки ҷон гуфта ва матмаъи назари ӯ ҷое хатарнок ва вартаи ҳалок, на луқмае, ки мусаввар шудӣ ба ком ояд ё мурғе, ки ба дом ояд.

Изофаҳо ё худ таркибҳои маҷозӣ низ сабки «Гулистон»-ро муайян мекунанд. Монанди: қиблаи чашм, пои вуҷуд, дарди фироқ, хори аҷал, гули рӯ, фарши ҳавас, дасти гетӣ, теғи ҳалок, боғи васл, сармояи умр ва ғайра.

Натиҷаи фаъолияти омӯзгор дар таълими адабиёт аз бисёр ҷиҳат ба таҳлили дуруст, асоснок ва ҳадафманди асари бадеӣ вобаста мебошад. Хондани асари бадеӣ дар фароянди таълими адабиёт аз равиши таҳлили он ҷудо нест. Агар ин ду усули омӯзиш мутаносибан корбаст нашаванд, заҳмати омӯзгор натиҷаи чашмрас нахоҳад дод.

Бояд дар ҷараёни таълими адабиёт дар назар гирифт, ки асари бадеӣ унсури олии адабиёт аст ва мавриди омӯзиши адабиётшиносӣ қарор мегирад. Таълими самараноки ин фан бе донистани асосҳои назарӣ ва амалии таҳлили адабиётшиносӣ ғайри имкон аст. Ҳангоми таҳлил омӯзгор бояд ба хонандагон талқин кунад ва фаҳмонда тавонад, ки адабиёти бадеӣ, пеш аз ҳама осори ҳунар аст. Бинобар ин ҳам, асари бадеӣ ифодагари мундариҷаи муайяни ҳиссию маънавӣ буда, ҳадафи ғоявии муаллифро дар сурати образҳои бадеӣ, ки пеш аз ҳама, арзиши зебошинохтӣ доранд, ифода мекунад. Ба ифодаи дигар, асари бадеӣ ин гуфтори шоиру нависанда дар бораи дунё ва санади бадеии фарди ҳунарманд доир ба воқеияти зиндагист.

Гуфтугӯ дар бораи адабиёт суҳбат дар бораи зиндагист. Дар ин гуфта ҳеҷ чизи ғайритабиӣ нест, зеро миёни адабиёт ва зиндагӣ ҳеҷ вақт девор набуду нест. Вале дар ин ҳол бояд равиши дурусти шинохти адабиёт ва қиёси онро ба зиндагӣ муайян кард, махсусияти зебошинохтии он инро тақозо мекунад.

Солҳои тӯлонӣ таҳлили адабиёт дар мактабҳои мо ба усули таҳлили иҷтимоигаро асос ёфта буд. Дар ин замина савияи ҳунарии осори бадеӣ фуругузор мешуд. Осоре, ки ба сиёсати иҷтимоӣ арҷ мегузошт ё онро таблиғ мекард, арзишманд ҳисобида шуда, ба савияи бадеӣ ва ҳунарии он кам эътибор дода мешуд. Бинобар ин ҳам таълими адабиёт

дар мактабҳои мо ҳамранги омӯзиши дарсҳои иҷтимоиёт сурат мегирифт.

Дар шароити имрӯзаи таълими ин фан, ба хусус дар вақти таҳлили асари бадеӣ савияи бадеӣ ва мавқеияти ҳунари шоиру нависанда бояд дар зинаи аввал бошад.

Агар асари бадеӣ аз рӯи мундариҷа ваҳдати инъикоси воқеияти зиндагӣ ва мавқеияти муаллиф ба он бошад, дар ин сурат шакли асар хусусияти тимсолӣ ва зебошинохтӣ мегирад. Фарқи адабиёт аз дигар намудҳои тафаккури иҷтимоӣ дар он аст, ки адабиёт зиндагиро ба сурати тимсолҳо таҷассум мекунад. Ба ифодаи дигар, ҳамон ашё, ҳодисаҳои мушаххасро истифода мекунад, ки дар шакли худ умумият ёфтаанд. Образҳои адабиёт бештар хусусияти тасвирию намоишӣ доранд, ба онҳо на қатъияти мантиқӣ, балки ҳадафи мушаххаси ҳиссӣ хос аст.

Образнокӣ (тимсоли чизе будан) асоси бадеиятро {ам аз нигоҳи санъат ва ҳам ҳунар такшил медиҳад. Маҳз ба шарофати табиати тимсолиаш асари бадеӣ дастоварди ахлоқӣ ва арзиши зебошинохтӣ дорад.

Аз ҳамин сабаб, мавқеияти омӯзгор дар вақти таҳлили асари бадеӣ хусусияти ягонагӣ, тамомият ва мустақилияти осори бадеиро таъйид карда, муҳимтарин фазилатҳои онро бояд ташхис диҳад.

Муаллим бояд хонандаашро муътақид карда тавонад, ки асари бадеие, ки шоир ё нависанда офаридааст, дар оянда соҳибияташро пайдо карда,  таъсиргузор ба зиндагӣ бошад. Ба ифодаи дигар, зиндагии нисбатан мустақилонаи он оғоз гардида, дар ин замина вазифаи муайянро ба ҷо орад.

Дар ин замина муҳимтарини ин вазифаҳоро тафсир бояд кард.

Асари бадеӣ «китоби зиндагист», яъне аз ягон ҷиҳат зиндагиро тавзеҳ дода, вазифаи маърифатӣ ва донишандӯзӣ дорад. Хонандагон дар ин ҳол метавонанд суол кунанд: ин вазифа ба адабиёт, санъат чӣ муносибат дорад, дар ҳоле ки илмҳое ҳастанд, ки вазифаи аслии онҳо донистани воқеияти

атроф аст? Муаллим бояд хонандаро бовар кунонад, ки адабиёт сурати хоси зиндагиро меомӯзад, ки танҳо ба он дастрас аст ва ҳеҷ чизе ин вазифаи адабиётро иваз карда наметавонад. Агар илм ҷаҳонро дар алоҳидагӣ омӯхта, паҳлуҳои гуногуни ҳодисаву воқеаҳоро кашф кунад, санъат ва адабиёт ҷаҳони яклухт ва таҳқиқнашавандаро меомӯзад. Бинобар ин ҳам мабдаъи омӯзиши адабиёт гоҳо бо мабдаъи омӯзиши илмҳои дигар, аз ҷумла таърих, фалсафа, равоншиносӣ ва ғайра мувофиқ меояд, вале ҳеҷ гоҳ якҷоя намешавад. Қазовати ҳамаи паҳлуҳои зиндагӣ чун воҳиди ягона хоси адабиёт ва санъат мебошад. Адабиёт шакли табиии зиндагиро ба мо менамоёнад. Дар ин ҳол адабиёт ба ҳастии ҳамарӯзаи инсон сару кор дорад, ки хурду бузург, қонунию тасодуфӣ, азоби равонӣ ва тугмаи афтида ба ҳам омадаанд. Илм наметавонад мақсад гузорад, ки зиндагиро бо тамоми фарозу фурудаш биомӯзад, вай бояд майдакориҳоро фурӯ гузорад, аз тасодуфҳо гузар кунад, то ки умумиятро кашф кунад. Вале зиндагӣ ба шинохти хусусияти хоси худ эҳтиёҷ дорад, ки ин корро адабиёт ва санъат бар ӯҳда гирифтаанд. Ба ин далел мундариҷаи адабиёт ҳамон чизест, ки инсон дар зиндагии воқеӣ бо он рӯбарӯ мешавад.

Вазифаи дигари асари бадеӣ арзёбии ҳодисаҳои зиндагист. Нависанда ё шоир ин ё он ҳаводиси зиндагиро тасвир карда, табиист, ки ба наҳве онро арзёбӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар асари бадеӣ аз ҳисси шавқмандӣ ва масъулиятшиносии муаллиф саршор буда, таъкид, тасдиқ рад ва арзёбии он мебошад.

Асоси вазифаи маърифатии арҷгузории осори бадеиро ҳадафи сеюми он - тарбиявӣ бар ӯҳда дорад. Дар масъалаи тафсир ва арзёбии мақоми тарбиявии осори бадеӣ таъкиди муаллим бояд бар он устувор гардад, ки асари бадеӣ ҳаётро меомӯзад, қаҳрамонро пайравӣ мекунад, инсонро ба ин ё он кори аниқ илҳом мебахшад. Вале арзиши тарбиявии адабиёт фақат бо ин маҳдуд намешавад. Балки адабиёти бадеӣ шахсияти инсонро камол бахшида, ба низоми арзишҳои ӯ

таъсир мегузорад, ба ӯ оҳиста-оҳиста фикр ва ҳис карданро меомӯзад. Муаллим бинишу омӯзиши асари бадеиро бо вохӯрии одами хуб, доно ва ҷасур метавонад муқоиса кунад.

Дар дарси адабиёт таҳлили асар ва матнҳои бадеӣ ҷиҳати дарки ғояи асар мусоидат менамоянд. Таҳлили матн ва ё пораи асари бадеӣ аз намуди асосии машғулияти дарси адабиёт буда, дар инкишофи тафаккуру шуур, эҳсоси афкори адабию эстетикӣ, малакаву маҳорати хониш, инкишофи нутқи хаттию даҳонӣ ва банақшагирии фаъолият ёрӣ мерасонад.

Усул ва роҳҳои таҳлил ба хусусияти асари бадеӣ ва принсипҳои муайян такя дорад. Ҳангоми таҳлили асари бадеӣ ва ё порчаҳои ҷудогонаи он ба макон ва қаринаи даврони таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва нуқтаи назари адиб таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бояд талаботи рӯҳия ва набзи замонро ба эътибор гирифт. Ҳар як асари бадеӣ баёнгари ҳодиса, шароит ва чузъиёти давраи муайяни таърихӣ аст ва мавзӯъ, ғоя ва воқеаҳои тасвиршаванда маҳсули он замон мебошанд.

Таҳлили асари бадеӣ вобаста ба намуд, жанр, хусусияти асар ва зинаҳои таълим муайян карда мешавад. Асарҳое, ки аз чиҳати жанр бо ҳам қаробат доранд, эҳтимол усулҳои гуногуни таҳлилро истифода баранд. Ҳангоми таҳлили асари бадеӣ талаботи замон, афкору андешаи қаҳрамон, моҳияти характер ва ҷаҳонбинии адиб ва қаҳрамон баррасӣ мегардад. Таҳлили асари бадеӣ дар асоси нақшаи умумиятдодашуда низ сурат мегирад, ки дар он шароити таърихӣ, симоҳои асар, истифодаи воситаҳои тасвир, баён, сохт ва банду басти асар, забон ва услуби нависанда, маҳорат ва дастоварди эҷодӣ равшан мегардад.

Дар таъин намудани қимати ғоявию бадеии асар масъалаи тасвири воқеияти зиндагӣ, ҳақиқати ҳаёт ва шароити замони таърихии инъикосёфта мавқеи муҳим дорад. Адиб тавассути тасвири манзараҳои табиат, ашёҳо ва ҳодисаву воқеаҳо симои қаҳрамонон ва персонажҳои асари

бадеиро дар ҳамбастагӣ бо чаҳонбинӣ ва биниши эҷодӣ меофарад.

Масалан, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ намунаи барҷастаи достони ҳамосавӣ буда, рӯҳия ва набзи давраҳои муайяни таърихии ҳаёти ниёконамонро дар мубориза ба муқобили истилогарон, ҷангҳои хунин барои тахту тоҷ, ҳифзи ватан, ойини давлатдорӣ, муқаддасот ва асолати миллӣ ва эҳёи фарҳангу тамаддун инъикос намудааст. Дар баробари ин, шоҳасари безаволест, ки дар он афкори баланди ватандӯстона, инсонпарварона, ваҳдату ягонагии халқҳо, маънавияту ахлоқи ҳамида ва панду андарзҳои пурмазмунро баён гардидааст.

Қаҳрамонӣ, диловарӣ ва муборизаҳои Рустаму Суҳроб, Ҷамшед, Каюмарс, Ҳушанг, Сиёвуш, Кова, Гурдофарид, Таҳмина, Манижа ва дигарон ҳазорсолаҳо инҷониб бо симои ҷовидона ва ибратомӯз маҳбуби халқҳо гардидаанд.

Таҳлили забонии асари бадеӣ набояд ҷудо аз ғояи асар анҷом гирад. Ин таҳлил бояд василае барои ошкор кардани ҳунари адиб ва моҳияти консепсияи бадеии он шинохта шавад.

Баъди он ки матни асар (хоҳ шеър бошаду хоҳ наср) ба ҳамин усул омӯхта шуд, омӯзгор имкон дорад баъзе вожаҳои алоҳидаро ба таври ҷудогона тафсир кунад. Ин воҳидҳои тасвирии забониро ба ду гурӯҳ метавон тақсим кард. Аввалин калима ва таъбироте мебошанд, ки бе тафсири дақиқи онҳо маънӣ ва дарунмояи асарро ошкор карда намешавад. Бо тафсири ҳамин гуна воҳидҳои забонӣ метавон қаноат кард, агар дигар унсурҳои забонии матн ба хонандагон фаҳмо бошад. Вале ба он сабаб, ки ба ғайр аз ҳадафи адабӣ таҳлил арзиши тарбиявӣ ва таълимӣ дорад, тафсири гурӯҳи дигари калимаҳо низ ба омӯзиши пурра ва мақсадноки мавзӯъ ёрии бевосита мерасонанд.

Вожаҳо, таъбироту ибораҳои ташбеҳӣ ва истиорӣ гурӯҳи аввали чунин ибораҳо мебошанд, ки дар асари бадеӣ барои сохтани образҳо ба кор рафтаанд ва маънии пурвусъаттаре

доранд. Ба ин дастур калима ва таъбироти бунёдӣ ҷудо-ҷудо тафсир мешаванд. Ин тарзи тафсири калимаҳои ҷудогона ва таъбирот низом ва тартиби муайян доранд. Дар ин сурат ба тақвияти кадом образи бадеӣ омадани онҳо аҳамият пайдо мекунад. Дар ин замина хусусияти зерини ин гуна калимаву ибораҳои ташбеҳӣ ё истиориро ба эътибор гирифтан лозим аст:

а) калимаҳои ғайримустаъмал, ки маънии аслиашон кӯҳна шудааст;

б) вожаҳо ва зарбулмасалу мақолҳое, ки камистеъмоланд;

в) вожа ва зарбулмасалу мақолҳое, ки дар сарфу наҳви тоҷикӣ ҷойгоҳи хоси луғавӣ ва маъноӣ надоранд.

Дар матнҳои бадеӣ, ба хусус, осори классикӣ калимаҳои ғайримустаъмал, ки маънии аслиашон кӯҳна шудааст, зиёд вомехӯранд. Бинобар ин, онҳоро аз матн ҷудо ва маънидод кардан зарур аст. Агар ин кор анҷом нагирад, хонандагон матнро пурра дарк намекунанд ва ин боиси сард шудани шавқи онҳо дар омӯзиши адабиёт мегардад.

Ба гурӯҳи вожаҳо ва зарбулмасалу мақолҳои камистеъмол калима ва мақолу зарбулмасалҳои кӯҳнашуда, унсурҳои гӯиши мардум, луғоти таърихӣ, номҳои мазҳабӣ, ҷуғрофиёӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Аз ин гурӯҳ беш аз ҳама бояд калима, мафҳумҳо ва таъбироти таърихие, ки ба ҳодисаҳои зиндагӣ талмеҳ мезананд ва ё тарзи зиндагӣ, ахлоқ ва маданияти гузаштаро тафсир мекунанд, омӯхта шаванд. Таҳлили хусусияти бадеии ин гуна унсурҳои забонӣ дар матн арзиши хос доранд. Ҳамин гуна калимаю таъбиротро дар ҳикматҳои аз Саъдӣ иқтибосшуда мо нишон додем.

Дар вақти хондани матн бисёр унсурҳои забонӣ ва шаклҳои сарфию наҳвиро, ки имрӯз шоеъ нестанд, ҷудо-ҷудо бояд таҳлил ва тафсир кард, баъзе ҳодисаҳои забониеро, ки имрӯз кӯҳна шудаанд, тавзеҳ додан лозим меояд. Чунки бисёре аз воситаҳои забоние, ки имрӯз шоеъ нестанд, дар

матнҳои бадеӣ, бахусус осори гузаштагон барои сохтани шаклҳои тасвирии бадеӣ истифода шудаанд.

Дар матни бадеӣ ибораҳои рехта зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои ташбеҳию истиорӣ, ифодаҳои образнок, иқтибосҳои қуръонӣ ва ғайр дучор меоянд, ки на фақат тафсири забоншиносиро тақозо мекунанд, балки маънидоди таърихии ҳаётӣ ва таърихии адабиро низ талаб менамоянд.

Тафсирҳои таърихии ҳаётӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки бо воқеият, расму оин ошно шуда, маънии бадеии онро аз матн дарк кунанд.

Тафсири таърихии адабӣ дар ҷараёни омодагии пешакии омӯзгор барои таҳлили матни бадеӣ шурӯъ шуда, маънидоди ҳодисаҳои адабӣ ва санадҳои ҳаёти адабиро дар бар мегирад. Масалан, дар вақти таълими адабиёти классикӣ омӯзгор ба хонандагон дар бораи ҷараёнҳои адабӣ ва ё сабкҳои адабӣ маълумот медиҳад. Таълими ҳар ду мавзӯъ тақозо мекунад, ки омӯзгор санадҳои адабиро вобаста ба ҳаводиси иҷтимоии даврва заминаҳои таърихии пайдоиши сабкҳо ё ҷараёнҳои адабӣ шарҳу тафсир кунад.

Ҳамин гуна тафсири таърихии адабӣ дар вақти таълими адабиёти замони Шӯравӣ низ хеле муҳим ва арзишманд аст. Зеро хонандаи имрӯз аз воқеияти иҷтимоӣ ва адабии он замон огоҳӣ надорад.

Аз он чи гуфта шуд, метавон чунин натиҷа гирифт, ки матни бадеиро бо назардошти ҷузъҳои сарфию наҳвӣ ва низоми образҳои бадеии асар бояд омӯхт. Ин масъала дар шароити имрӯза масъалаи ҳамбастагии саводу маънавиятро ҷиддан ба миён мегузорад, ки бе амалӣ кардани он дар таълими адабиёт ба натиҷаи муҳиме расидан басо душвор аст. Ин гуна таълим хонандаро ба тайи роҳи якумрии фарҳангу маънавият раҳнамоӣ мекунад. Ба ин васила хонанда ҳам дуруст навиштану дуруст сухан гуфтанро ёд мегирад, ҳам барои омӯзиши адабиёт бояд шинохтани ҳусни баркамоли шеъри асил, сухани зебо ва оҳанги дилрабои он ки қобилияти зебошинохтиро афзун мекунад, аз зебоӣ, аз

оҳанги дилнавоз ҳаловат бурданро ёд медиҳад, дилро нарм ва меҳру шафқатро зиёд мекунад, малака пайдо мекунад. Осори аслии адабӣ, хоҳ назму хоҳ наср, муъҷизаи маънавист, ҳар ки бо он унс гирифт, дили ӯ саршори шавқу завқ хоҳад гардид, зиндагиаш нурборон хоҳад шуд. Аз ин мавқеъ таълими намунаҳои асили адабиёти гузаштаву имрӯза бояд асоси барномаи омӯзиши адабиёти тоҷикро ташкил диҳад.

Мо дар боло оид ба усули тафсири таърихии адабӣ сухан карда, шарҳи номҳои таърихии адабиро дар контексти замони таърихӣ муҳим дониста будем. Акнун дар ҳамин замина доир ба тафсири исми Луқмон ва сарнавишти таърихию адабии он маводи зеринро пешниҳод мекунем, ки метавонад барои омӯзгорон намуна бошад.

Исми Луқмони Ҳаким дар барномаи таълими адабиёт ҳангоми омӯзиши ривоят ёд мешавад. Аммо исми Луқмон дар контексти адабу фарҳанги мо ҷойгоҳи хос дошта, дар адабиёт ва таърихи тамаддуни мо рамзи ҳикмати созанда дорад.

Номи Луқмон, пеш аз ҳама, бо он ки дар сарчашмаҳои динӣ ва адабӣ ҳамчун мазҳари ҳикмат ва қаҳрамони ахлоқ зикр шудааст, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Вале он муболиғаҳое, ки дар ҳаққи ӯ гуфтаанд, вуҷуди ӯро дар нигоҳи баъзе аз донишмандон мавриди тардид қарор додааст. Бинобар ин ҳам, гурӯҳе Луқмонро мавҷуди хаёлӣ донистаанд. Вале далелҳое, ки дар кутуби таърихӣ, сарчашмаҳо ва осори адабӣ зикр шудаанд, гувоҳи онанд, ки ӯ шахсияте таърихӣ ва воқеӣ будааст.

Дар сарчашмаҳо оид ба аслу насаб ва нажоди ӯ низ ихтилофи назар аст. Гурӯҳе аз сарчашмаҳо ӯро аз қабилаи Од, гурӯҳи дигар аз бани Исроил дониста, баъзе ба ғуломи ҳабашӣ буданаш низ таъкид варзидаанд. Ривоёти қадими арабӣ ӯро аз қабилаи Од шинохтаанд. Мо аз Қуръон достони қавми Одро, ки ба сабаи куфрони нофармонӣ ба ҳалокат расидаанд, ёд дорем.

Симо, шахсият ва ҳикматҳои Луқмон дар саросари адабиёти мо ҷойгоҳи хос дошта, бо номи номи ӯ масал мезананд ва дар андарзу ҳикматҳо ва ривоёти ахлоқӣ фаровон иқтибос меоваранд.

Луқмони ҳаким кӣ буд? Дар матни фасли алоҳидаи китоб оварда шудааст ва тафсири исми Луқмони таърихӣ ва адабиро рӯшан менамояд.

Муваффақияти омӯзгор аз бисёр ҷиҳат ба омодагии вай ба омӯзиши матн ё мавзӯи таълимӣ вобаста мебошад. Дар ин кор омӯзгор ҳамон вақт комёб мешавад, ки агар ӯ асоси илмии ташкили меҳнати шахсиро донад. Бе донистан ва ташкили дурусти муназзами ин кор дар омӯзиши адабиёт ба ҳадаф расидан қобили тасаввур нест.

## Савол ва супоришҳо:

**1.** Нақшаи солонаи худомӯзиро мураттаб созед, номгӯи китобҳои муҳимро тартиб диҳед.

1. Равиш ва усули таълимро чӣ гуна маънидод мекунед?
2. Равиш ва усулҳои таълим бо мундариҷа ва фароянди омӯзиши адабӣ чӣ пайванде дорад?
3. Кадом равиш ва усулҳоро ном бурда метавонед? Онҳоро бо фаҳмиши мантиқияшон зикр кунед.
4. Истифодаи равиш ва усулҳои таълимӣ чӣ гуна ба пешрафти таълими адабиёт мусоидат мекунад?
5. Дар бораи яке аз унсурҳои равиши таълими адабиёт нақл кунед.
6. Доир ба таносуби истифодаи равишҳои таълими адабиёт мисолҳо оваред.
7. Мубоҳиса, суолу ҷавоб ва суҳбат чӣ нақше дар таълими адабиёт доранд?
8. Равиши (методикаи) таълими адабиёт чиро меомӯзад? Бо кадом шуъбаҳои илм алоқаманд аст.
9. Бо кадом равишҳои таълими адабиёти тоҷик ошно ҳастед? Умумият ва тафовути онҳоро мушаххас кунед.

10. Хусусиятҳои хос ва талаботи равиши таълими адабиёти тоҷик кадомҳоянд? Миёни таълими адабиёти гузашта ва муосир чӣ тафовутҳое мебинед?

11. Аёнияти таълим дар дарсҳои адабиёти тоҷик чӣ мақом дорад?

12. Моҳияти усули дастрасиро ба равиши таълими адабиёт шарҳ диҳед.

**Адабиёти омӯзишӣ:**


1. Рыбникова М.А. Очерки по методике литературного читения. В кн. Избранные труди. – М., 1985.
2. Голубков В.В. Методика преподавания литературы.- М., 1962.
3. Шарипов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Душанбе, 2009.
4. Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло Сабақе дигар, Душанбе, «Аржанг», 2009.
5. Проблемы методов обучения в современной общеобразавательной школе. Москва, 1980.

## 6.1. ТАЪЛИМ ВА ТАҲЛИЛИ АСАРҲОИ ҒИНОӢ (ЛИРИКӢ)

Инсон ва ҷаҳони маънавии он асоси асари ғиноиро ташкил медиҳад. Асари ғиноӣ, пеш аз ҳама, ҷаҳони ботинии инсон, таассуроти фардии ӯро тасвир менамояд. Лирика, яъне асари ғиноӣ бевосита бо эҳсос ва олами маънавии инсон сару кор дорад. Асарҳои ғиноиро хонда, хонандагон хислати инсонро меомӯзанд, нозукиҳои рӯҳи ӯро шинохта, аз рӯи меъёрҳои баланди ахлоқӣ ба рафтору кирдори худ баҳо медиҳанд. Аз ин ҷиҳат шеър ба ақлу дили одамон таъсири бузург мерасонад. Махсусан, хонандагони синфҳои боло ба ашъори ғиноӣ дилбастагии хос доранд, зеро дар ин синну сол шахсият ва тасаввуроти ахлоқию зебоишинохтии онҳо шакл мегирад.

Шеъри ғиноӣ намунаи комили ифодакунандаи сухани ҳиссии муассир аст. Шеъри ғиноиро хонда, хонандагон аз имконоти забон огоҳ мешаванд, маъноҳои асосӣ ва маҷозии калимаҳоро ёд мегиранд. Забони шеъри ғиноӣ намунаи олии таҷассуми бадеии эҳсосу андешаи инсон аст.

Аз ҳамин мавқеъ омӯзиши шеъри ғиноӣ аз масъалаҳои душвори таълим мебошад. Нисбат ба азхудкунии ҳамосаю драма дарки шеъри ғиноӣ ба хонандагон душвор аст.

Дар вақти таҳлили шеъри ғиноӣ хонандагон хоҳу нохоҳ бо мафҳумҳои «шеъри ғиноӣ», «қаҳрамони ғиноӣ» дучор мешаванд. Муаллим бояд ҳамзамон бо хондану таҳлили шеър моҳияти ин мафҳумҳоро ба хонандагон фаҳмонад. Азбаски дар адабиётшиносии мо асари илмие, ки моҳияти шеъри ғиноӣ ва хусусиятҳои муҳими онро шарҳу тавзеҳ

карда бошад, вуҷуд надорад, муаллим хоҳу нохоҳ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешавад. Барои дар ин замина андаке сабук кардани заҳмати омӯзгорон тафсиреро лозим донистем. Назар ба ақидаи донишмандон, лирика гуфтори субъективӣ ва ботинӣ буда, ба ботини мо нигаронида шудааст ва аз рӯи тасаввурот ва ҳиссиёти фард ифода меёбад.

Баъдтар Белинский В.Г. мундариҷаи лирикиро ба худи субъект ва ҳамаи он чизе, ки ба ӯ мегузарад, вобаста карда буд. Яъне лирика ба ифодаи амал ва афкори муайяни объективӣ, ки аз фардияти эҷодии шоир рангин шудаанд, қодир буда, аз онҳо бегонагӣ надорад. Ба ифодаи Муҳаммадҷони Шакурӣ, «лирика одам, ҳаёти вай, фикру ҳиссиёти гуногуни ӯро хеле нозук тасвир намуда, образи барҷастаи инсонро меофарад. Шоири лирик имкон дорад, ки бо сеҳри сухани бадеӣ торҳои ниҳонии дили инсонро ба садо орад ва тамоми ҳастии ӯро ба худи ӯ нишон диҳад».

Ба ифодаи дигар, шоири лирик ба олами атроф аз дариҷаи дили инсон менигарад. Лирика метавонад фикру зикри инсон, ҳаяҷони ботинии ӯро падид оварад. Диди шоири лирик амиқ буда, ҳодисаҳои хурду бузург аз нигоҳи ӯ пинҳон намемонанд. Муҳимтар аз ҳама, сарнавишти ботини инсон, андешаю ормонҳои он дар маркази диққати шоири лирик аст ва инкишофи шеъри лирикӣ ба он овард, ки шахсияти шоир ҳамовози олами ботинии қаҳрамони лирикӣ гардида, ҳатто дар ҳолатҳои ҷудогона гоҳо аз назми ӯ ҷудо гардидааст.

Дар замони муосир шеър ҳаёти мустақиле пайдо кард, ки ба ҳаёти шоир вобастагие надорад. Дар ҳамин давр мафҳуми лирикии «ман» пайдо шуд. Ин мафҳум дар адабиёти нимаи аввали асри Х1Х, ки шахсияти шоир ва эҷодиёти ӯ аз ҳам ҷудо набуду як чизи воҳид буд, вуҷуд надошт. Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ «ман»-и лирикӣ хусусияти ҳатмии эҷоди шоирона гардид. Вале шахсияти шоир ва қаҳрамони назм, «ман»-и лирикӣ ба

ҳамдигар мувофиқат намекардагӣ шуданд. Ба вуҷуд омадани образи объективии шоир боиси ба вуҷуд омадани мафҳуми «қаҳрамони лирикӣ» гардид ва минбаъд ин истилоҳ маънии образ (нақши)-и мустақилро ифода мекард.

Ба ифодаи дигар, мавқеи маънавию ахлоқии шоир дар ашъори лирикӣ пеш аз ҳама дар симои қаҳрамони лирикии ӯ таъйин гардид. Биноан, ин гуна қаҳрамон ҷаҳони ахлоқию маънавии худро берӯю риё пеши хонанда мекушояд, баду нек, орзуву ормонашро пинҳон намедорад.

Омӯзиши лирика дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳои барномаи таълимии адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Чунки тоҷикон мардуми суханпарвар ва фарҳангсолори тамаддуни башар буда, тору пуди сиришти азалиашон аз овони хурдсолӣ бо каломи мавзуну оҳангнокии сухан танида шудааст. Ҳар як фарди тоҷик аз нахустин рӯзи ҳаёташ бо сухани оҳангноку дилнишини аллайи модар ва муҳити ахлоқию маънавӣ сару кор дорад. «Алла» шаҳсуруди модарон аст ва роҳи зиндагии пурпечутоб ва ибратомӯзро бо оҳанги хуш ва дилнавоз баён месозад. Баъдан сурудҳои бачагона аз қабили «Бойчечак», «Ман калон мешавам», «Гумон набаред», «Олуча гули бодом» ва монанди инҳо дар боғчаҳои кӯдакона ҳангоми бозиҳои бачагона саршар аз муҳаббат сароида мешаванд. Аз остонаи нахустини мактаб бо дарси «Алифбо» хонандагони хурдсол ба байту шеърҳои кӯдакона ва оҳангу сухани мавзуну мураттаб шинос гашта, моҳияту назокати онро аз бар мекунанд.

Омӯзиши адабиёти тоҷик дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот низ дар заминаи осори пурарзиши саромадони ин адабиёти оламшумул, ки бештар бо шеър ва назм ифода ёфтааст, сурат мегирад. Муаллим дар вақти таълими лирика табиист, ки бо эҷодиёти шоирони алоҳида сару кор мегирад. Бинобар ин ҳам, бояд дар назар дошт, ки фазилатҳои умумии дар боло зикршуда ба қаҳрамони лирикии шоирон муштарак бошанд ҳам, вале қаҳрамони лирикии ҳар шоир бо

фазилатҳои хосаш фарқ мекунад. Дар ин замина табиати эҷодӣ ва савияи ҳунарии ҳар шоире аҳамият пайдо мекунад. Бешак, шеъри лирикии ҳар шоир аз табиати инсонии ӯ баҳра мегирад.

Омӯзгор дар вақти таълими шеъри лирикӣ ба ин нуқта бояд мутаваҷҷеҳ шавад, ки қаҳрамони лирикӣ мазҳарест, ки он таҷаллигоҳи ахлоқ ва маънавиёни инсон аст. Шоири тавоно дар симои қаҳрамони лирикиаш ҷаҳони худ ва инсонҳоро меғунҷонад.

Дар эҷодиёти аксари шоирони пешина ва шоирони имрӯз, аз Мирзо Турсунзода сар карда то Лоиқу Бозору Гулназару Гулрухсор ва дигарон намунаҳои хуби шеъри лирикиро дучор мешавем. Назокат ва покии ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ дар ашъори шоирони тавонои мо ифода шуда, ба дил асари амиқ мегузорад ва таассуроти моро оид ба зиндагӣ такмил мебахшад.

Барои хонандагон арзиши маънавию ахлоқии шеъри лирикӣ аз ҳама муҳим аст ва ҳам дар барнома ва ҳам китобҳои дарсӣ аз ҳамин мавқеъ маводи бадеӣ интихоб шудааст.

Аз ин ҷост, ки таҳлили асари лирикӣ аз назари методӣ кори душвор аст. Таҳлили бомуваффақият моҳияти асар ва ҳунари шоирро ошкор месозад, ба ҳусни бадеии он латма намезанад, балки барои ифшои арзишҳои бадеию маънавии он мусоидат менамояд. Таҳлили асар хониши хонандагонро такмил дода, фаҳмиши онҳоро амиқ месозад.

Таҳлили ғоявию бадеии асари лирикӣ, пеш аз ҳама, мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ, созмон, сужет, забон ва сабкро дар назар дорад. Вале муаллим барои ҳамаи паҳлӯҳои асарро санҷидан имкон надорад. Махсусияти шеъри ин ё он шоирро ба назар гирифта, ба кадом ҷузъҳои асар такя карда таҳлил намуданро муайян менамояд.

Ҳамаи унсурҳои асари бадеии лирикӣ метавонад ҳангоми таҳлил мавриди қазоват қарор гирад, ба шарте ки муаллим ба ин восита ба дарунмояи он нуфуз карда тавонад.

Барои таҳлил ва омӯзиши бомуваффақияти асар интихоби аз назари методӣ асоснок мақоми ҳалкунанда дорад.

Гуногунрангӣ ва махсусияти асари бадеии лирикӣ моҳият ва усули таҳлили онро муайян менамояд. Вале усули таҳлилро табиати асари бадеӣ муайян карда, ҳар асар мутобиқи хусусияти он бояд хонда ва таҳлил карда шавад.

Адабиётшинос Шарифмуроди Исрофилниё ба мушкилоти методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дуруст таъкид намудааст, ки донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ, алалхусус, шеър аз масъалаҳои муҳими таълими адабиёт дар мактаби миёна ва факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо маҳсуб меёбад. Дар ин робита саҳм ва мақоми омӯзгор назаррас буда, бояд аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ бошад, то ки дарсаш самараи хуб дода, шогирдонро ба дарки сухани адиб ҳидоят карда тавонад . Дар таълими асарҳои ғиноӣ шеваи таҳлилию тафсирӣ ва шарҳи каломи бадеъ, махсусан, тафсири шеър мақоми аввалиндараҷа дорад. Бинобар ин, пеш аз ҳама, омӯзгори адабиёт бояд аз назокату забон, ғановати осори адабӣ ва шеваи тадрису таҳлили каломи бадеӣ бархурдор бошад. Дар шарҳу тафсири каломи бадеъ ба чунин омилҳои шинохт ва азхудкунии шеър бояд эътибор дод:

1. Қироати саҳеҳ ва муассири шеър шарти нахустини шинохти шеър ва дарёфти маънии мақсуди шоир буда, ба дарёфти дурусти вазну қофияву радиф ва маънии шеър мусоидат мекунад. Муайян намудани вазни шеър, дарёфти қофия, радиф ва ҳарфи равӣ низ дар дарки маънӣ ва таъйини ҳунари шоир нақши муҳим дорад. Барои хонандаи мактаби миёна донистани ҳиҷоҳои арӯзӣ, қофияву радиф ва дарёфтани ҳарфи равӣ ва ба донишҷуёни риштаи суханшиносӣ ва муҳаққии ин соҳа фаҳмиши хелҳои қофия, таъйини вазни шеър ва дигар масоили поэтикаи шеър тавсия мешавад.

2. Дарёфти калидвожаҳо, яъне калима ва ибораҳои маъниофар, таъбироти шоирона, шинохти мизон, фаҳмиши ғоя ва моҳияти шеър, истилоҳу таъбироти хаёлангез ва мушкилфаҳм.

3. Корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар шеър. Хаёлангезӣ ва ё сувари хаёл чун асл ва ҷавҳари шеър шинохта шуда, пайвандест миёни табиат ва авотифу эҳсосоти шоир. Он ба шеър зебоӣ мебахшад, ҳунари шоирро дар тасвирҳои шоирона таҷассум мегардонад.

4. Омили аз ҳама муассир дар шинохти маънии шеър идрок ва эҳсоси ҷаҳонбинии адиб, шинохти шахсият ва ҳунари офаридагории адиб ва арзишмандии ғояи асари бадеӣ мебошад.

Дар шинохти каломи мавзун, дарёфти моҳияти андеша, маънӣ, таъини мизони шеър: вазн, қофия, радиф, ҳарфи ровӣ ва вожаҳои калидӣ қироати саҳеҳи матни шеър ва риояи дурусти мизон ва қолаби шеър нақши муҳим мебозад. Қироати ифоданок ва муассири шеър барои дарёфти ҳадафи ғоявӣ, арзиши осор, муайян намудани мизони шинохти шеър ва таъйини ҳунари шоир мусоидат менамояд.

Таҳлил ва тафсири байти зерини шеъри устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чиҳати шинохт ва бардошти дарки маънӣ ҳамчун намунаи барҷаста шинохта шудааст. Дар байти

*Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.*

корбурди устодонаи санатҳои тасвир, аз қабили:

**ташхис**: хандидани лола ва гиристани абр**;**

**таҷнис** : лола ва абрро дар шакли мавҷудоти зинда ҷон мебахшад ва мегирёнаду механдонад.

**ташбеҳ:** чеҳраи Лайло ва гиряи Маҷнун (сурхии чеҳраи Лайло ҳамсранги лола ва боридани борон ҳамсони гиряи Маҷнун);

**киноя:** «хандидани лола», киноя аз шукуфтани он ва «гиристани абр» киноя аз боридани борон аст, ки тимсоли дидаи Маҷнун, ки дар фироқи Лайлӣ ҳамеша гирён аст;
**талмеҳ:** ишора ба қиссаи шӯрангези сарнавишти Лайлӣ ва Маҷнун;
**мусаҷҷаъ (саҷъ):** ҳар байт ба чор пораи баробарвазн тақсим шудааст, ки онро ба тоҷикӣ «чорбаҳра» низ мегӯянд.

1. /Бихандад лола бар саҳро / (2) /ба сони чеҳраи Лайло/,
3 /Бигиряд абр бар гардун / (4) ба сони дидаи Маҷнун/.

Дар ин байт санъати муроoти назир, таносуб ва инсиҷоми калимот низ ба назар мерасад.

Табиист, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик бидуни донистани ирфони ошиқона дарки шеъри шоирони ориф имконнопазир аст. Бинобар ин, сараввал омӯзгорро мебояд шогирдонро бо тасаввуф ва ирфони адабиёти форсии тоҷикӣ ошно сохта, ба тариқи фишурда моҳияти ирфони ошиқонаро баён кунад.

Намунаи барҷастаи таҳлили шеъри орифона мақолоти «Гуфтор дар фазилати сухан» аз маснавии «Махзанулаcрор" – и Низомии Ганҷавӣ мебошад, ки Ш. Исрофилниё дар китоби «Сухани аҳли дил» дарҷ намудааст ва оно {амчун намуна пешкаш менамоем.

Абӯмуҳаммад Илёс писари Юсуф писари Закӣ Муайяд Низомии Ганҷавӣ яке аз аркони шеъри форсӣ буда, дар радифи бузургтарин шоирони дунё меистад ва дорои мактаби адабии хоси худ аст. Ҳаким Низомӣ зиндагии зоҳидонае ба сар бурда, хидмати ҳуккомро қабул накардааст, ҳарчанд ки шоҳони зиёде ӯро чандин бор ба дарборашон даъват кардаанд.

Ҳаким Низомӣ аз худ мероси ғание боқӣ гузошта, ки чи аз ҷиҳати маъонӣ ва чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ беназир аст ва баъдина мавриди истиқболи шоирони дигар қарор гирифтааст, вале касе аз пайравонаш ба пояи ӯ нарасидаанд. "Махзанулаcрор" нахустин маснавии "Хамса"-и шоир буда, яке аз асарҳои ахлоқӣ ва фалсафии адабиёти форсу тоҷик

мебошад, ки обуранги сӯфиёна дорад. Маснавии мазкур аз бист мақола (боб) иборат буда, сужаи ягона надорад ва мақолоти он ба масоили мухталиф, амсоли офариниши олам, ситоиши сухан, ҳақиқати ҳастӣ, ишқ ва ғайра бахшида шуда аст.

ГУФТОР ДАР ФАЗИЛАТИ СУХАН

Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт
Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.
Пардаи хилват чу барандохтанд,
Ҷилваи аввал ба сухан сохтанд.
То сухан овозаи дил дарнадод,
Ҷон тани озода ба гил дарнадод.
Чун қалам омад шудан оғоз кард,
Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард.
Хатти ҳар андеша,ки пайвастаанд,
Бар пари мурғони сухан бастаанд.
Нест дар ин кӯҳнаи навхезтар,
Мӯйшикофе зи сухан тезтар.
Аввали андеша пасини шумор,
Ҳам сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор!
Тоҷварон, тоҷвараш хондаанд
В-он дигарон он дигараш хондаанд.
Гаҳ ба навое аламаш баркашанд,
Гаҳ ба нигоре қаламаш даркашанд.
Мулки табиат ба сухан хӯрдаанд,
Муҳри шариат ба сухан кардаанд,
К-он сухани мову зари хеш дошт,
Ҳар ду ба саррофи сухан пеш дошт.
Аз сухани тозаву зарри куҳан,
Гуфт: Чӣ беҳ? Гуфт: Сухан беҳ,сухан!
Садрнишинтар зи сухан нест кас,
Давлати ин мулк суханрост бас.
То сухан аст, аз сухан овоза бод,
Номи Низомӣ ба сухан тоза бод!

БАЙТИ 1. Манзур аз қалам дар ин байт қалами машият ва офариниши Худованд аст. ДАР ГИРИФТАН: Оғоз кардан. МАЪНӢ: Аз аввалин ҷунбиш ва такони қалами машияти Парвардигор сухан нигошта ва офарида шуд. Аввалин офаридаи Худованд сухан аст.

БАЙТИ 2. БАРАНДОХТАН: Бардоштан, берун андохтан, дур кардан. МАЪНӢ: Чун парда аз хилватсарои хос бардоштанд ва ҳанӯз ҳеҷ офаридае халқ нашуда буд, дар он хилват нахустин офаридае, ки ҷилвагар шуд, сухан буд.

БАЙТИ 3.МАЪНӢ: Дар ин байт ишора дорад ба офариниши Одам ва даромадани ҷон ба тани хокии Одам ва дар ин замина мегӯяд: Рӯҳи озода немехост гирифтори ҷисми хокӣ шавад ва ба ин кор тан намедод, то он ки сухан аз вуҷуди дил дар андаруни тани одамӣ хабар дод. Яъне агар сухан намебуд, ҷон дар тан намедоромад.

БАЙТИ 4 . МАЪНИИ ин байт бо байти аввал тақрибан яке аст.

БАЙТИ 5. МАЪНӢ: Хабаррасони андешаҳо аз касе бар касе кабӯтари сухан аст. Шоир ба як маҳорати фавқулода таърифи суханро дар ин байт додааст. Сухан, ки паёму андеша аст, миёни гӯянда ва шунаванда, ба хатте монанд карда, ки ду танро ба ҳам мепайвандад ва бо таваҷҷӯҳ бо ин ки дар қадим бо воситаи кабӯтар аз касе ба касе хабар мефиристонданд, шоир бо истифодаи ташбеҳи бисёр зебое, яъне мурғи суханро офарида маънии фавқулзикрро баён кардааст.

БАЙТИ 6. КӮҲНАИ НАВХЕЗТАР: Киноя аз ҷаҳони офариниш аст. МӮЙШИКОФ: Киноя аз бисёр дақиқ ва борикандешӣ, нуктасанҷӣ. МАЪНӢ: Аз ҷиҳати дақиқандешӣ ва борикбинӣ ҳеҷ чиз монанди сухан нест.

БАЙТИ 7. МАЪНӢ: Аввал андеша баъд шумор, варианти дигари он ки хеле маъмул аст, аввал андеша баъд гуфтор мебошад.

БАЙТИ 8. МАЪНӢ: Суханро ҳар кӣ ба ҳар навъе таъриф кардаанд, шоҳон онро чун шоҳи ҳама чиз донистаанд, зеро ҳадафи ниҳоии офариниш сухан аст

БАЙТИ 9. АЛАМ: Парчам, ливо. МАЪНӢ: Шоир суханро ба шоҳе монанд кардааст, ки қалам ва алам дорад ва мегӯяд: Гоҳ ливои султони суханро ба василаи наво ва овоз бармеафрозанд ва гоҳ қалами султони суханро ба воситаи нигор ва нигоштан берун меоваранд. Хулоса ин ки сухан гоҳ шифоҳӣ баён мешавад ва гоҳ хаттӣ.

БАЙТИ 10. МАЪНӢ: Шоҳон бар иқлиму кишварҳо бо ёрии сухан салтанат рондаанд, пайғамбарон ва пешвоёни дин аҳкоми динӣ ва шариати худро ба сухан муқаррар ва тасдиқ кардаанд.

БАЙТҲОИ 11, 12. АРАЗ: Матоъ. САРРОФИ АРАЗ: Заршинос, фарққунандаи пули сара аз носара, шиносандаи арзиши матоъу коло. ЗАРИ КУҲАН: Тиллои холис. МАЪНӢ: Зари холис ва шеъри моро барои арзишёбӣ назди сарроф бурд ва пурсид, ки аз сухану шеъри тоза ва зари холис кадом як беҳтар аст? Сарроф ба таъкид ҷавоб дод, ки сухан беҳтар аст

БАЙТИ 13. САДРНИШИНТАР: Болонишин, раис, сардор. МАЪНӢ: Пешгоҳнишин ва садри ҳама чиз сухан аст ва алҳақ сухан молику сарвари мулки ҷаҳон аст

БАЙТИ 14. ОВОЗА: Ин ҷо ба маънии шуҳрат, мартаба. МАЪНӢ: То сухан аст шуҳрату мартаба аз сухан бод ва номи Низомӣ низ ба суханаш зиндаву ҷовид ва наву зебо бод

Омӯзгори адабиёт ҳангоми таҳлили шеър бояд ба нуктаҳои мазкур таваҷҷӯҳ дошта, шогирдонро ба дарки дурусти шеър раҳнамун созад. Танҳо бо ин шева тавонад ҳунари шоирро шиносонад ва маънии мақсудро дарёбад адабиётро ба ҳайси як санъату ҳунар таълим диҳад.

Мушкилоти тафсир ва таҳлили шеъри орифона дар адабиёти тоҷик ҷойгоҳи босазо дорад. Бидуни донистани ирфони ошиқона дарки шеъри шоирони ориф, монанди Аттору Мавлавӣ ва ё Саъдию Ҳофиз аз имкон берун аст.

Муаллим бояд сараввал шогирдонро бо тасаввуф ва ирфони адабиёти форсии тоҷикӣ ошно созад.Таҳлили шеър аз ҷониби донишмандон ва омӯзгорон ба тарзи сабку салиқаи хеш амалӣ мегардад. Шеваи саҳеҳи онро дар такя бо андеша ва намунаи мисолҳои таҳлилнамудаи адабиётшинос Ш. Исрофилниё ба тариқи фишурда моҳияти ирфони ошиқонаро баён мекунем.

Бояд зикр кард, ки орифон эътиқод доранд, ки мабдаъ ва холиқи ҳастӣ Худованди мутаъол аст, яъне тамоми мавҷудот тавассуди Ӯ офарида шуда ва дар ҳамаи онҳо заррае аз нури Ӯ мавҷуд аст. Агар дар ҷамодот камтар, дар наботот бештар аст ва нисбат аз наботот дар ҳайвонот бештар ва дар инсоният аз ҳама беш аст. Дар байни инсонҳо низ нури худовандӣ яксон нест, ашхосе, ки зеботаранд, ҳусни худовандиро бештар инъикос мекунанд, новобаста аз он ки кофаранд ё мусалмон, бутпарастанд ё насоро, зананд ё мард. Албатта, на ҳама урафо ба ин ақида мувофиқанд. Орифон ҳастиро бар ду навъ медонанд: олами рӯҳонӣ ва олами моддӣ. Ин ду олам дар мактабу мазҳабҳо ва ҷараёнҳои ирфонию фалсафӣ бо номҳои мухталиф ёд шудааст. Масалан, мутакаллимин онҳоро олами маъқулот ва олами маҳсусот ё олами амру олами халқ, аҳли фалсафа олами метафизик ва олами физик ё олами мовароуттабиаву олами табиат, ишроқиён олами нуру олами зулмот ва бархе олами улвию олами сифлӣ ва амсоли инҳо номидаанд. Вобаста ба ин орифон бар онанд, ки вуҷуди ҳақиқии инсонро рӯҳ ташкил медиҳад ва рӯҳи инсон партаве аз рӯҳи Худованд аст. Рӯҳи инсон пеш аз он ки ба ин дунёи модию хокӣ ояд, дар олами рӯҳонӣ будааст. Ин рӯҳи инсон ё зурроти бани Одам дар рӯзи азал, ки бо унвони «аҳди аласт», «рӯзи азал» ва мисоқи олами зур ёд мешавад ва ишора ба пеш аз оғози офариниш дорад, бо мушоҳида ҷамоли маъшуқи азалӣ ба Ӯ ошиқ мешавад ва Худованд низ ба офаридаи худ ошиқ мегардад. Ишқе, ки орифон аз он ёд мекунанд, реша ба рӯзи азал дорад ва дуҷониба аст, ҳам ошиқ ба маъшуқ ошиқ асту

ҳам маъшуқ ба ошиқ илтифот дорад. Ба таъбири дигар, дар рӯзи мисоқ рӯҳи инсон бо мушоҳидаи ҷамоли Худованд ба Ӯ ошиқ шуд ва Худованд низ ба Одам муштоқ гардид. Чунончи, Ҳофиз мегӯяд:

Сояи маъшуқ агар уфтод бар ошиқ чӣ шуд,
Мо ба ӯ муҳтоҷ будем, ӯ ба мо муштоқ буд.

Орифон ин аҳдро аҳди азал ё аҳди аласт номидаанд ва такя ба Қуръон доранд, ки Худованд бар ваҳдонияти худ аз бани Одам бар худашон гувоҳ гирифтааст ва он дар Сураи «Аъроф» ояи 172 ёд шудааст: « Ва Парвардгори ту аз пушти бани Одам фарзандонашро бурун овард. Ва ононро бар худашон гувоҳ гирифт ва пурсид: «Оё ман парвардгоратон нестам?» Гуфтанд: «Оре, гувоҳӣ медиҳем», то дар рӯзи қиёмат нагӯед, ки мо аз он бехабар будем». Ин маъниро Шайх Аттор хеле зебо баён мекунад:

Мо зи хароботи ишқ масту аласт омадем,
Номи «бало» чун барем, чун ҳама маст омадем.
Пеш зи мо ҷони мо хӯрда шароби аласт,
Мо ҳама з-он як шароб масту аласт омадем…

Ҳамчунин бино ба ақидаи эшон, рӯҳи инсон дар як замони мушаххас аз ватани аслии хеш, яъне олами рӯҳонӣ (ба қавли Мавлоно, «найистон») ҷудо шуда, вориди дунёи моддӣ мегардад. Ин ҷо ҳамон қиссаи машҳури Одаму Ҳаво ва аз ҷаннат ронда шудани онҳо дар назар аст. Рӯҳи инсон дар оғоз сайри нузулӣ мекунад ва дар ин дунёи моддӣ асир мегардад ва аз он маҳдудтар побанди қафаси ҷисм мегардад. Рӯҳи инсон ҳамон вақт комил мегардад, ки бояд сайри суудӣ кунад ва худро аз банди нафсу шаҳвоти нафсонӣ ва аз қайди дунёву тааллуқоти дунявӣ озод созаду дубора ба ватани аслии худ – олами рӯҳонӣ бирасонад. Дар ин масъала, яъне расидан ба ватани аслӣ – олами рӯҳонӣ, ё ба таъбири

соддатар расидан ба Худо низ орифон дар як ақида нестанд. Баъзе аз онҳо, монанди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муътақиданд, ки солики роҳи тариқат, ки мехоҳад ба висоли маъшуқ ва маъбуди худ бирасад, бояд аз сад майдон гузар созад. Гурӯҳи дигар, аз ҷумла ишроқиён, монанди Шиҳобиддин Яҳёи Суҳравардӣ бар онад, ки толиби маъшуқ бояд аз ёздаҳ кӯҳ убур кунад. Файласуфи бузурге монади Ибни Сино, ки дар охири умр ба тасаввуф гаравид, ҳашт кӯҳ ё мақомро пешниҳод кардааст. Аммо аксари орифону сӯфиён монанди Шайх Аттору Мавлои Рум мӯътақиданд, ки барои расидан ба камол ва мушоҳидаи ҳазрати улуҳият бояд аз ҳафт водӣ гузар кард, ки он водиҳо ба тариқи зайланд: 1) талаб, 2) ишқ, 3) маърифат, 4) истиғно, 5) тавҳид, 6) ҳайрат ва 7) фано. Шайх Аттор дар «Мантиқуттайр» ин водиҳоро аз забони Ҳудҳуд чунин тафсир додааст:

Гуфт: Моро ҳафт водӣ дар раҳ аст,
Чун гузаштӣ ҳафт водӣ, даргаҳ аст.
Ҳаст водии талаб оғози кор,
Водии ишқ аст аз он пас, беканор.
Пас сеюм водист он маърифат,
Пас чаҳорум водии истиғно сифат.
Ҳаст панҷум водии тавҳиди пок,
Пас шашум водии ҳайрат саъбнок.
Ҳафтумин водии фақр асту фано,
Баъд аз ин рӯю равиш набвад туро.

Аз сӯи дигар, барои дарёфтани ҳунари шоир бояд байтро аз нигоҳи нақди сохторгаро (Formalism) баррасӣ кард, ки он низ вобаста ба инсиҷоми аҷзо ё худ таносуби калом аст. Инсиҷоми аҷзо, яъне ҳеҷ ҷузве қобили ҳазф шудан нест. Масалан, ғазали Ҳофиз аз он рӯ зебост, ки инсиҷоми аҷзо дорад. Мо ба тариқи намуна байте аз Ҳофизро аз ин дидгоҳ баррасӣ мекунем:

Хезу дар косаи зар оби тарабнок андоз,

Пештар з-он ки шавад касаи сар хок, андоз.

Дар ин байти Ҳофиз  ҳама калимот ба ҳамдигар таносуби маъноӣ доранд. Масалан, «касаи зар» бо «оби тарабнок», «косаи сар», «хок», «андоз» ва ҳатто бо «хез» низ таносубу ҳамоҳангӣ дорад. «Косаи зар» бо «косаи сар» илова бар он ки таҷнис шуда, иртиботи маъноӣ низ дорад: Аз косаи сар низ коса, ҷоми шаробнӯшӣ месохтаанд. Шоҳон аз косаи сари душманонашон баъд аз ғолиб омадан ҷоми шаробнӯшӣ месохтаанд ва аҷибтар он аст, ки косаи сари душмани кушташударо бо зар (тилло) рӯпӯш мекардаанд. Коса бо хок низ иртиботи бевосита дорад: а) Косаро аз хок (гил) месохтанд, б) Коса баъд аз шикастану аз байн рафтан ба хок мубаддал мегардад. Ҳамин гуна таносуб «коса» бо «хез»(феъли амр) дорад: а) Шаробро аз ҷой бархоста (хеста) ба қадаҳ ё коса ва ё ҷом мерезанд, б) Яке аз ойини боданӯшӣ чунин буда, ки агар ба саломатии бузургворе (масалан, шоҳ ё амир ва ё пир) шароб нӯшиданӣ шаванд, барои эҳтироми ӯ ҳатман аз ҷой бархоста менӯшиданд. Чунин таносуби маънойӣ байни дигар калимоти ин байт низ вуҷуд дорад. Масалан, феъли амри «андоз» (ба маънии рез, масалан, ҷой андоз, об андоз, ки дар шеваи водии Зарафшони Тоҷикистон хеле маъмул аст, аммо дар Эрони имрӯза ба маънии қасд ва майли ҳамла кардан, андоза, миқёс ба кор меравад) бо «хез» (аз ҷой бархоста андохтан(рехтан), бо «коса» (ба коса андохтан(рехтан), бо «хок» (хок андохтан (рехтан), бо «оби тарабнок-бо истиора шароб» (шароб андохтан), бо «сар» (ба сар хок андохтан(рехтан) таносуби маъноӣ дорад.  Дар байти Ҳофиз наметавон калимае беҷо ё ҳазф кард ва ба ҷояш калимаи дигар гузошт. Агар ин кор сурат гирад, шояд маънӣ ва вазн халал наёбад, аммо накҳати байт  ва  вусъати маъноӣ аз байн меравад.

Аз сӯи дигар, дар ин байт такрори ҳарфи «з» дар калимоти «хез», «зар», «андоз», «з-он» ва боз «андоз» оҳангнокии байтро таъмин намудаанд.

Табиист, ки омӯзгорони адабиёт ҳангоми таҳлили шеър ба ин нуктаҳои ишорашуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, шогирдонашонро ба дарки дурусти шеър раҳнамун месозанд ва бо ин восита ҳунари шоирро шинохта, маънии мақсудро дармеёбанд ва адабиётро ба ҳайси як санъату ҳунар таълим медиҳанд.

Адабиёти ғановатманди бостонии халқи тоҷик инъикоскунандаи ормонҳои таърихиву фарҳангии мардум буда, дар шаклҳо ва навъҳои гуногуни адабӣ баён ёфтааст. Мо бо шоҳкориҳои адабиёти худ ифтихор дорем, онро ҳамчун силоҳи наҷотбахш ва бақои умри миллат медонем. Шоҳкориҳои осори адабии мо бо камоли устодиву ҳунармандӣ ва зеботарин тарзи шоирона офарида шуда, аз шавқу завқу хаёлангез, сӯзу гудози ошиқона, ҳусни пурназокат, нозу карашма ва истиғнои маъшуқ дар андарзу суханони ҳакимона ва панду ҳикматҳои орифонаю хирадмандана дар анвои мухталифи адабӣ инъикос гардидааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик бошад, таълими порча аз достони Муъмин Қаноат «Мавҷҳои Днепр», ки дар барномаи таълими адабиёти синфи 5 дохил шудааст, барои таҳлил ва бедор кардани ҳисси одамият дар дили хонандагон низ арзишманд мебошад.

Хонандагон барои дарки шеър омода ҳастанд. Пештар аз омӯзиши ин пораи достон онҳо бо қисматҳои «Мавҷ дар саҳро», «Мавҷи одам» шинос шуда буданд, ки дар бораи дӯстии инсонҳои гуногунмиллат сухани гарме буд. Муаллим ҳангоми тафсири ин мавзӯъ бояд ба байти аввали достон такя карда дарунмояи асарро ба хонанда шарҳ диҳад.

То ба мисли Панҷ бишносам туро,  
Дар Бадахшон ҷӯям осори туро.

Дар ин достон асосан сухан аз дӯстии халқҳои тоҷику украин меравад, ки дар озмоишҳои рӯзгор қавӣ шудаанд. Хонандагон чанд дарс пеш шеъри Лоҳутӣ «Саломи халқи тоҷик ба халқи Эрон»-ро низ хонда буданд. Муқоисаи пораи

«Мавҷҳои бародарӣ» бо ин шеър аз назари жанру ғоя пураҳамият аст.

Диққати хонандагонро ба махсусияти созмони (композитсия) асари Муъмин Қаноат бояд ҷалб намуд. Нақшҳои шоир, мавҷ ва инсонҳои дигар тамоми достонро ба ҳам мепайванданд. Махсусан, нақши мавҷ дар достон бори амиқи маънӣ мекашад. Ба ифодаи дигар, «хусусияти лирикии достон ба шоир имкон медиҳад, ки дар сайри замону макон озодтар бошад»[1].

Дар ин замина муаллим метавонад ҳангоми шарҳи достон андешаҳои зеринро баён созад, лаҳзаҳои зиндагии халқи украин пора-пора, мавҷ-мавҷ ба тасвир меояд ва монанди он ки мавҷ дар дарё пушти ҳам омада, дар рӯдхона ба ҳамдигар пайвастааст, бобҳои достон низ бо ҳам пайванди мустаҳкам доранд. Шахсияти шоир ва таассуроти ӯ дар ин достон нақши баланд дорад.

Боби «Мавҷҳои бародарӣ»-ро муҳимтарин лаҳзаи таърихи халқи советӣ, ки дар он ягонагии хунии ӯ хеле барҷаста аён гашта буд, ба воситаи драмаи шахсии шоир нишон дода шудааст. Вале он фоҷиаи шахсӣ, ки муҳимтарин лаҳзаи таърихи халқро инъикос карда бошад, ҳаргиз фоҷиаи шахсӣ набуда, аллакай аҳамияти умумихалқӣ пайдо кардааст. Драмаи «Мавҷҳои бародарӣ» маҳз ҳамин хел хусусият дорад.

Ба дида нақши рӯи ту, ба гӯш гуфтугӯи ту,
Ҳанӯз аз димоғи ман, нарафтааст бӯи ту,
Ба ҷои дур меравад, дилам ҳамеша сӯи ту,
Шудам калону омадам, кунун ба ҷустуҷӯи ту
Бародарам, бародари ба ҷону дил баробарам!

Таҷрибаи нахустини достонсароии шоир пурбарор буд. Вай аз рӯи таассуроти шахсии худ чанд лавҳаи зиндагии халқи украинро кашид, ки барои бо як тарзи бадеӣ ифода

[1] А. Њаким. њамон љо, сањ. 78.

кардани мақсади ғоявии шоир мувофиқ буданд. Зимни ин лавҳа муаллим бояд диққати хонандагонро ба замони таълифи достон ва нақши идеологии давр дар тафаккури бадеии насли адибони он замон то ҷое шарҳ диҳад. Ин корро ӯ метавонад дар сухани раҳнамо низ анҷом диҳад. Сухани раҳнамо, хониши муассири муаллим ва таҳлили шеър бояд ба хонандагон андешаеро бедор намояд, ки дӯстиву бародарии инсонҳо сарҳади вақту фазоро намешиносад. Муаллим дар мисоли ин пораи шеъри Муъмин Қаноат метавонад дар хонандагон итминон пайдо кунонад, ки бо афзоиши андеша дар шеър силсилаи афкор пайдо шуд. Яъне андешаҳои мураккаби пай дар ҳам, андешапарварии пурҳиссиёт, ки аксаран муҳтавои иҷтимоӣ ва гоҳ мазмуни фалсафӣ дошт, ривоҷ ёфт. Қаҳрамони ғиноӣ (лирикӣ)-и шеър дар сари мушкилтарин ва дардноктарин масъалаҳои зиндагӣ бо изтироб андеша меронд. Андеша дигар ба диди синфӣ маҳдуд набуд, на фақат ба синфиятгароӣ, ки нисбатан коҳиш меёфт, балки бар чашмандози густурдатаре арзишҳои башариро ҳар чи бештар дар бар меоварад, бунёд меёфт. Шеъри Муъмин Қаноат, аз ҷумла пораи «Мавҷҳои бародарӣ» аз ин ҳодиса ҷудо нест.

Дар ин замина муаллим метавонад ин шеърро бо шеърҳои дигаре, ки дар мавзӯи дӯстию бародарии башарӣ гуфта шудаанд, бо ҳам муқоиса кунад. Дар ин роҳ андешаи зерини адабиётшиноси рус В.М. Жирмунскийро метавон маҳак қарор дод:

-Муқоиса махсусияти ҳодисаи омӯхташавандаро (фардӣ, миллӣ, таърихӣ) нобуд намесозад, балки баръакс, фақат бо ёрии қиёс метавон муайян кард, ки сирри ин муваффақият чист[1].

---

[1] Жирмунский В. М. Проблемы сравнительного изучение литератур – Дар китоби Взаимосвязи и взаимодействие националных литератур. М. 1961, стр. 52-53.

Муқоисаи асарро ба хонандагон ёд дода, мо бо ин ба онҳо ёрӣ мерасонем, ки ба ҷаҳони ҳиссу андешаи муаллиф амиқтар сар фурӯ бурда, ҳамзамон усули таҳқиқ ва таҳлили асари бадеиро аз худ кунанд. Қиёс монандиҳо ва тафовути асарҳои ҷудогонаро ба хонанда менамоёнад. Усули таҳлили қиёсиро аз шеърҳое бояд оғоз кард, ки аз рӯи мавзӯъ, ғоя ва оҳанги бадеӣ ба ҳам қаробат доранд. Қиёс ва татбиқи асарҳое мувофиқи мақсад аст, ки ба тақозои барнома бошанд ва хонандагон ба онҳо хуб ошно бошанд. Масалан, ҳангоми омӯхтан ва таҳлили шеъри Лоиқ Шералӣ «Ба модарам» онро бо шеърҳои Эраҷ Мирзо «Қадри модар» ва Халилуллоҳи Халилӣ «Ҳадя ба модарон» метавон муқоиса кард. Ин қиёс бояд умумиятҳо ва тафовутҳои ғоявӣ ва ҳунарии шеъри шоиронро ошкор намояд. Ин усулро ҳангоми омӯзиши шеъри классикӣ, ба хусус, ашъори панду ахлоқӣ низ метавон фаровон истифода кард ва бо ин роҳ таваҷҷуҳи хонандагонро фаъол сохта, ба таъсири шеър ба ҳиссу идроки онҳо мусоидат кард. Барои он ки қиёс ба ошкор сохтани ҳунари бадеӣ ва махсусияти забонии шеъри шоирон мусоидат намояд, матни асарҳои муқоисашавандаро барои мушоҳидаи мустақилонаи забони асарҳо ба хонанда додан ба мақсад мувофи аст. Маводро барои қиёс ва татбиқ тавре интихоб кардан лозим аст, ки ба хонанда мувофиқ бошад, ба имконият ва қобилияти ӯ созгор бошад.

Усули қиёс ва татбиқ диққати хонандагонро ба алфоз фаъол сохта, неруи таъсири асари омӯхташавандаро амиқ месозад ва барои фаъолияти мустақилона ба хонанда фазои муносиб ба вуҷуд меоварад.

Дар ҷараёни омӯзиши асари манзум таҳлили забон арзиши аввал дорад. Таҳлили забони шеър дар вақти омӯзиш (хондан)-и шеър гузаронида мешавад. Вале давраҳои омӯзиш низ ба забони асар муносибати гуногунро тақозо мекунанд. Агар сухани роҳнамо, хониши муассир ва омили ошкор

сохтани мундаричаи ғоявию бадеӣ афзалият диҳад, машқҳои луғавию таъбиротӣ забони хонандагонро ғанӣ месозад.

Таҳлили забон бояд ба хонандагон собит созад, ки забон омили бунёди образ (нақш)-и шоирона аст. Дар ин сурат мақоми забоншинохтии калима ба ҷои аввал гузошта мешавад, арзиши ғоявию бадеиро воситаҳои ҷудогонаи забон ошкор мешавад. Хонандагон сермаъноӣ ва тобишҳои гуногуни алфози шоиронаро дар матни бадеӣ дарк менамоянд.

Дар таҷрибаи омӯзгорони мо аксаран таҳлили забони шеър сохта буда, ба шарҳи калимаҳои нофаҳмо ва таҳлили калимаву ифодаҳои образнок тамом мешавад. Воситаҳои ҷудогонаи сохтани образҳои шоирона (таркибҳои шоирона) аз мундаричаи ғоявию бадеӣ ҷудо омӯхта мешаванд. Ба ифодаи дигар, ба таври сунъӣ калимаҳоро аз матн ҷудо карда, шарҳ медиҳанд, ки муфид нест. Таҳлили забони шеър бояд ба дарки ғановати ғоявию ҳиссии асар мусоидат намояд. Ҳодисаҳои забонро «ба қайд» гирифтан лозим нест, онҳоро бояд дарк кард.

Хонандагонро бояд бовар кунонд, ки фақат маҷоз омили асосии бадеият нест. Дар ифодаи маъниву эҳсосоти шоир интихоби алфози возеҳ, аниқ ва лозимӣ мавқеи муҳим дорад. Шоир агар тавоно бошад, ба калимаҳои одӣ рӯҳу тавони зистан мебахшад, эҳсоси амиқи инсонро дар он меғунҷонад.

Барои мисол шеъри «Баччагӣ»-и Лоиқро мегирем. Адабиётшинос Аскар Ҳакимов ин шеърро «аз шеърҳои комили» Лоиқ медонад ва таъкид меварзад, ки «ҳамаи маънию ҳиссиёт ва образҳои ин шеър аз ҷаҳони баччагианд, яъне шакл аз мавзӯъ бегонагӣ надорад. Ҷаҳони гузарони баччагӣ равшану дилкушост. Таассуроти шоир ҳам сабукболу парвозист. Суханҳо нарму рехта, ҳарфи зиёдатию номафҳуме нест…»1

Муаллим метавонад ба бачагон тавсия диҳад, ки шеъри «Баччагӣ»-ро дар дарси амалӣ хонанд ва таҳлил кунанд. Дар

вақти таҳлил ба хусусиятҳои забонии шеър ва ифодаҳои образноки забонӣ эътибор диҳанд.

Баччагиям бекасу танҳо гузашт,

Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,

Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт…

Замони гузарони баччагиро шоир бо калимаҳои содаи «баччагӣ», «дарав», «доман», «хӯша», «саҳро» зебову шоирона ифода кардааст.Таҳлили дуруст ва нозук ба хонанда ёд медиҳад, ки ҳангоми хондан дар паси ҳар калима маънӣ ва ҳиссиёти бузургро ҳис кунанду бинад. Дар ин радиф дар ҳақиқатшоирон фазои беохиранд, ҳар калима монанди шоир бекарон аст.

Яке аз воситаҳое, ки кори муаллимро самарабахш месозад, истифода аз тадқиқоти матншиносӣ мебошад. Масалан, ҳангоми таҳлили «Мавҷҳои бародарӣ»-и Муъмин Қаноат мақолаи А. Кӯчаровро оид ба такмили матни осори шоир аз маҷмӯа то ба маҷмӯа метавон истифода кард. Сабақи ин дарс дар он аст, ки хонандагон дарк мекунанд, ки шоир чӣ гуна дар истифодаи калимаҳо серталаб аст. Ҳамин гуна таҳрири такмилро дар мисоли шеъри «Ба модарам»-и Лоиқ низ метавон татбиқ кард. Бо ҳамин усул хонандагон ба фаҳмида хондан, ба забони асар ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

**Саволу супориш:**

1. Лирика дар адабиётшиносӣ чӣ маъно дорад?
2. Жанри лирика (ғиноӣ) чиро дар бар мегирад?
3. Омили бунёди шеър ва каломи мавзун кадом аст?
5. Санъатҳои маънавӣ кадомҳоянд?

6. Шартҳои шинохти шеър ва дарёфти маънӣ кадомҳоянд?

7. Қаҳрамони лирикӣ (ғиноӣ) кист ва чӣ гуна тасвир меёбад?
8. Аз назари орифон ҳафт водии расидан ба камол кадом аст?
9. Дар шарҳ ва тафсири шеър кадом омилҳо муҳиманд?
10. Аз эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ як ғазалро шарҳ диҳед.

## Адабиёти омӯзишӣ


1. Абулҳусайни Зарринкӯб. Аз чизҳои дигар. Теҳрон, 1379.
2. Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло Сабақе дигар, Душанбе, «Аржанг», 2009
3. Аскар Ҳакимов. Дар қаламрави сухан. Душанбе, 1982, саҳ. 22.
4. Рӯдакӣ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. - Олмотӣ, 2007. -254 с.
5. Саъдии Шерозӣ. Куллиёти Саъдӣ. Ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ, -Теҳрон, 1385.
6. Исрофилниё Ш.Р. Сухани аҳли дил. -Душанбе: Дониш, 2007.
7. Мирсодиқӣ М. Вожаномаи ҳунари шоирӣ.- Теҳрон, 1383.
8. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик.Душанбе, 1983, саҳ. 93-94
6. М.Шакурии Бухороӣ. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ.
7. Мирзод Т. Методикаи таълими адабиёт. Душанбе, 1985
8. Шарипов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Душанбе, 2009.
9. Шарифов Х. Каломи бадеъ. Д., 1992. Б. Сирус. Арӯзи тоҷикӣ. Д., 1963
10. М.Шакурӣ Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист, с. 426.
11. Ш.Исрофилиниё Сухани а{ли дил. Душанбе,2013

12. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан.- Душанбе, Ирфон, 1979.
13.Жирмунский В. М. Проблемы сравнительного изучение литератур – Дар кит. Взаимосвязи и взаимодействие националных литератур. М. 1961, стр. 5253. .

## 6.2 УСУЛИ ТАЪЛИМИ АСАРИ БАДЕӢ ДАР СИНФҲОИ V-VII

Дар ин зинаи таҳсилот хонандагон ба осори адабиёти шифоҳӣ, афсонаҳо, таронаҳо, латифаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, нақлу ривоятҳо, дубайтиву рубоиёт шинос мешаванд. Ҳадафи асосии таълими адабиёт дар ин давра ташаккули одоби ҳамида, маҳорати сухангӯйӣ ва шиносоӣ бо

осори гаронбаҳои бузургтарин намояндагони адабиёт аст. Дар ҳақиқат, барои омӯзиши адабиёт дар ин давра интихоби осори саромадони адабиёт, чеҳраҳои маъруф ва ашъори зубдаи онҳо зарур аст. Масалан, омӯзиши "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ баёнгари кулли достонҳои ҳамосавӣ ва мактаби адабии давр ва замони таърихист. Мактаби эҷодӣ ва осори ғановатманди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ ва монанди инҳо барои ҳамаи шоирон намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ мебошад.

Дар интихоби эҷодиёти адибон бояд ҳунари эҷод ва арзиши осор дар мадди аввал гузошта шавад. Мутаассифона, бинобар сабаби дар барномаи таълимии синфхои 5-7 ҷой дода шудани миқдори зиёди адибон таълими мавзӯъҳо сатҳӣ сурат гирифта, азхудкунии мавод ва сифати таълим мушкил ва ҳадафи аслии таълими адабиёт имконнопазир мегардад.

Таълими адабиёт дар ин зинаи таҳсил бояд дарки ғояҳои ватандӯстӣ, илму дониш, ҳунар ва ҳунармандӣ, парастиши забон, муқаддасоти миллӣ, ростӣ ва росткорӣ, тараннуми дӯстӣ ва бародарӣ, эҳтироми падару модар, меҳнатдӯстӣ, хушбахтӣ, ишқи пок, ёрӣ ба муҳтоҷон , ҳаёти солим, бунёдкорӣ ва ободонӣ, мазаммати дурӯғ, майзадагӣ, бухлу ҳасад, душманӣ, ғайбат, риёкорӣ ва ғайраро фароҳам оварад.

Дар барномаи таълими адабиёт мавзӯъҳои дарси таърихи адабиёт ба ду гурӯҳ (мавзӯъҳои обзорӣ ва мавзӯъҳои монографӣ) ҷудо шудаанд. Барнома чун анъана омӯхтани вазъи таърихию адабӣ, пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи забону адабиёти тоҷик, омӯхтани навъҳои адабӣ, вазъи сиёсӣ, мазҳабӣ ва ғайраро ба мавзӯъҳои обзорӣ дохил

намудааст. Таълими шахсияти адибон ва эҷодиёти онҳо ба мавзӯъҳои монографӣ ворид шудаанд.

Таълими мавзӯъҳои монографӣ аз давраҳои пай дар пай иборат аст, ки машғулияти роҳнамо, хониш ва таҳлили асари бадеӣ ва машғулияти хотимавиро дар бар мегирад.

Машғулияти роҳнамо хонандагонро ба қабул ва фаҳмидани асари бадеӣ завқ дода, нисбат ба сарнавишти адиб ва эҷодиёти ӯ таваҷҷӯҳи онҳоро бедор менамояд ва диққатро ба мушкилоти асосии иҷтимоию таърихӣ ва ахлоқию зебошинохтӣ мутамарказ месозад.

Агар хониши бадеӣ ин бархӯрди нахустини хонанда бо матни бадеӣ, дарки низоми ғоявию тасвирии асар дар асоси таҷрибаи зиндагӣ ва хондан бошад, таҳлил тасаввуроти ибтидоии хонандаро дар бораи адиб ва осори ӯ амиқ сохта, имконияти таълимию тарбиявӣ ва зебошинохтии таъсири асари бадеиро ба ташаккули шахсият амалӣ месозад. Бинобар ин ҳам, муаллим муваззаф аст, ки таҳлили асари бадеиро барои танзими муносибати хонанда ба адиб ва осори ӯ истифода намуда, якравӣ ва худраъйии хонандаро барҳам занад ва ҳамзамон муносибати зинда ва шахсии ӯро ба асари санъат ҳифз карда тавонад.

Машғулияти хотимавӣ дар бораи асар дар хонанда тасаввуроти ягона ба вуҷуд оварда, андӯхтаҳои ӯро ба низоми арзишҳои зебоишинохтии нисбатан васеи дониши фарҳангӣ ворид месозад.

Дар равиши омӯзиши мавзӯъ маълумоти муайяни хусусияти таърихию адабӣ ва назарию адаби дошта омӯхта мешавад ва ҳамбастагии таълими адабиёт бо таърихи халқ, фарозу фуруди пешрафти он ва ҷараёнҳои иҷтимоию фарҳангӣ таъмин карда мешавад. Ин усул инкишофи гуфтор ва навишторро истисно намекунад, балки тақвият мебахшад.

Таълими мавзӯъҳои монографӣ пайванди муайяни эҷодиёти адибони ҷудогона, меросбарӣ дар омӯзиши мушкилоти адабӣ, нақшҳо, усулҳои зебоишинохтӣ ва мундариҷаи ғоявии асари бадеиро (масалан, мавзӯи

худшиносии миллӣ дар эҷодиёти Фирдавсӣ, Айнӣ ва Лоиқ) истисно намекунад. Ин пайванд дар ташаккули ғоявию зебоишинохтии хонандагон ёрии зиёд мерасонад ва ба онҳо омӯхтани ҳодисаҳои адабиро дар алоқамандӣ ва ба ҳамтаъсиррасонӣ ёд медиҳад. Интихоб ва таълими мавод аз назари таърихи эҷод ба иҷрои ин ҳадаф мусоидат менамояд.

Таълифи ҳадафманди асари бадеӣ савияи илмии омӯзиши асари бадеиро таъмин карда, имконият фароҳам меоварад, ки бо истифода аз усулҳои арзишманди таҳлил ва таълим, бо назардошти қонуниятҳои равонӣ ва махсусиятҳои дарки асари бадеӣ дар синфҳои боло ва истифодаи донишҳои назарӣ дар соҳаи таълим, ҳамчунин бо корбурди таҷриба муаллими адабиёт дар ин замина ба комёбии назаррас ноил гардад.

Адабиётшиносӣ, аз ҷумла, накди адабӣ ба муаллим барои самарабахшии дарси таҳлили асари бадеӣ ёрӣ мерасонад. Агар омӯзгор аз назариёти муҳими адабӣ огоҳ бошад ва онро бо ҳадаф корбаст намояд, ба натиҷаҳои чашмгир даст хоҳад ёфт.

Дар ин замина риояти мулоҳизоти ахлоқӣ дар адабиёт оё лозим аст? Дар ин ҷо муаллим ахлоқро аз мафҳуми хеле васеъ, ки ҳамон хайри иҷтимоъ ва башарият бошад, бояд дар назар бигирад, ки феҳрасти назарияҳои ин самт чунин аст:

1. Зебоиву хубӣ ва ҳақиқат яке аст. Пас, агар касе асари зебоие ба худ оварад, ҳам баёни ҳақиқат кардаасту ҳам ёрӣ ба амри хубӣ. Ин тамоюли назарӣ ба ақоиди юнониён пайвандӣ дорад.

2. Асари адабӣ дар баробари дилписандӣ ва зебоӣ бояд зомини омӯзиш ва андарз ҳам бошад. Рӯшанфикрони фаронсавӣ дар қарнҳои ҳабдаҳуму ҳаждаҳум ҷонибдори ин назария дар усули таълими адабиёт буданд.

3. Назарияи дигар, яъне ҳунар барои ҳунар тааҳҳуди ахлоқии адабиётро инкор карда, ғояти асари бадеиро дар зебо будани он мебинад. Зебо будан муваффақият ва матлубияти асари бадеист.

4. Назари нависандаи бузурги рус Лев Толстой бар ин буд, ки ҳар асари бадеие, ки аз таълими олии динӣ ва ахлоқӣ баҳраманд набошад, ма{дуд аст.

5. Таълимоти назарияи реализми сотсиалистӣ, ки тӯли замони Шӯравӣ усули омӯзиш ва таҳсили мо бар он такя дошт ва ҳоло низ ба усулҳои ҳамон таълиму тарбия пойбанд аст, танҳо ба адабиёте арзиш медод, ки ба воқеият асос ёфта, суди табақаи заҳматкашро дифоъ карда бошад.

6. Адабиёт дар сурате хуб аст, ки дар назди ҷомеъа масъулият дошта бошад. Сартери фаронсавӣ ин масъулиятро дар назди адабиёт гузошта, ба дунболи он таъкид меварзад, ки «масъалаи гуруснагии ҷаҳонӣ, таҳдиди бомбаҳои атомӣ, бегонагии башар аз худ интиҳо масоиле аст, ки агар сар то сари адабиёти моро дар бар нагирад, ҷои тааҷҷуб аст».

Чунон ки мебинем, аз он шаш назария танҳо яке (ҳунар барои ҳунар) мункири лузуми ахлоқ дар адабиёт аст, бақия гарчи наҳваи дидашон яке нест, ин марзи фикрро доранд, ки адабиёт бояд ба наҳве дар хидмати инсоният қарор гирад.

Мо дидгоҳҳои гуногуни назариро дар ихтиёри омӯзгорон гузошта, таъкид меварзем, ки таҳлили асари бадеӣ дар мактаб махсусияти худро дорад, ки онро аз таҳлили адабиётшиносӣ бояд фарқ кард. Тафовути аслӣ дар хусусияти омӯзишии таҳлили адабиёт дар мактаб аст, ки ҳадафи таълимию тарбиявӣ низ дорад.

Махсусияти таҳлили мактабии асари бадеиро усули таълим муайян менамояд, ки муҳимтарини он ҳадафмандии таҳлил ва дар он ҳузур доштани ғояи ягонаи зиндагибахш мебошад. Дар ҷараёни таҳлил ҳамавақт гузоштани саволҳо ҳадафмандии таҳлилро таъмин менамояд. Чаро? Барои чӣ? Бо кадом мақсад? Ин саволҳо хонандаро бедор карда, ба саволҳои адиб ва зиндагӣ ҷавоби ҳаётбахш медиҳанд.

Таҳлили асари бадеӣ дар мактаб бояд барои ташаккули ҳадафҳои арзишманд ба хонанда ёрӣ расонда, фазилатҳои ахлоқӣ, зебоишинохтии шахсии ӯро боло барад, малакаи

хониш, тафаккур, ҳисси нозук, эҳсоси зебоишинохтӣ, маҳорати дарёфти таассурот ва баёни ӯро тақвият бахшад.

Ба назар гирифтани дарки моҳияти асари бадеӣ, муносибати эҳтиёткорона ба он дар равиши таҳлил арзиши муҳим дорад. Мо бояд идроки зиндаи хонандагонро аз асари ҳунар ҳифз намуда, хониши асарро аз ҳисоби ҳамин таассурот ташкил намоем. Зеро ин идрок низ тасодуф набуда, санади қонунияти таърихист. Дигар ин ки мо ҳамин идроки зиндаи хонандаро санҷида, амиқу аниқ ва ислоҳ намуда, бо ёрии омӯзиши илмӣ ва таҳлили асар тағйир медиҳем. Вале бе идроки зинда натиҷаи омӯзишӣ ва илмӣ ба даст намеояд.

Ошноӣ бо қисмат ва ранҷи қаҳрамонон ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз қолаби таҷрибаи худ берун оянд ва эҳсосашонро ташаккул дода, онро амиқ ва пурмазмун созанд. Бинобар, ин  дар машғулияти адабиёт алоқаи дарунмояи асарро бо таҷрибаи хонандагон таъмин намудан ниҳоят муҳим мебошад. Зеро таҳлили асари бадеӣ бо воқеият пайванди ногусастанӣ дошта, аз ҷузъҳои муҳими дарси адабиёт маҳсуб меёбад.

Мутаассифона, таҷриба нишон медиҳад, ки гоҳо омӯзиши асари бадеӣ аз таассуроти зиндагӣ ва эҳтиёҷи маънавии хонандагон фосила мегирад. Баъзе муаллимон бо хондан ва таҳлили муфассали нақшҳо машғул шуда, дар бораи таъсири ахлоқие, ки асари бадеӣ мегузорад, ҷиддан намеандешанд. Агар ҳангоми таҳлил таассурот ва таҷрибаи хонандагонро аз зиндагӣ бо воқеияти дар асари бадеӣ тасвиршуда қиёс кунем, самараи дарс беш хоҳад шуд.

Асари адабӣ ҳамон вақт ба дили хонанда менишинад, ки агар нақшҳо, андешаву эҳсосоти муаллиф хонандаро ба фаъолияти эҷодгарӣ ҳидоят кунанд. Омезиши таҷрибаи адибу хонанда ҳақиқатеро эҳё мекунад, ки таъсири нерӯи адабиётро ба одамон нишон медиҳад.

Ҳангоми омӯзиши асари бадеӣ бояд ба он кӯшид, ки таҳлил шавқи хонандагонро ба адабиёт зиёд кунад ва онҳоро ба андешидан водор намояд. Наврас табиатан фаъолу

кунҷков аст. Вай нафақат кӯшиш мекунад донад, ки бо қаҳрамони дӯстоштааш чӣ рух дод, балки мехоҳад муносибаташро бо ҳаводиси рухдода муайян созад. Бинобар ин, ҷанбаи таҳлилро, ки ғояи асосии асарро мекушояд ва ба фаҳми хонанда наздик буда, бо ҷаҳони маънавияш ҳамоҳанг аст, дарёфтан муҳим аст.

Таҳлили дурусти асари бадеии хондашуда ба инкишофи гуфтори хонандагон мусоидат менамояд. Агар ҳангоми хондан нутқи тавсияviро хонандагон дунбол кунанд, дар вақти таҳлил гуфтори онҳо такмил меёбад, андешаи онҳоро фаъол месозад.

Усули таҳлил бо назардошти як қатор қисматҳо амалӣ мешавад, ки ҳамоиши онҳо хусусияти ин ва ё он мавзӯи монографӣ ва ё обзории ин ва ё он асари бадеиро муайян менамояд.

Ҳангоми таҳлили асари бадеӣ ҳолатҳои зеринро бояд дар назар дошт:

1. Шароити таърихӣ ва мушкилоти асосии ҷомеъаро, ки дар асар таҷассум ёфтаанд.

2. Ақида ва мавқеи адибро дар ҷомеа, таҷассуми онро дар эҷодиёташ ва асаре, ки мавриди таҳлил аст.

3. Мавзӯъ ва самти ғоявии асар.

4. Қаҳрамонони асосӣ ва мавқеи онҳо дар ҳалли мушкилоти бадеии асар.

5. Созмони (композитсияи) асар ва махсусияти он. Махсусияти созмон барои ошкор намудани хислати қаҳрамонон ва ҳадафи ғоявии асар то куҷо ёрӣ мерасонад.

6. Забони нависанда чун воситаи ошкор сохтани моҳияти нақшҳо: махсусияти луғавӣ, поэтикаи наҳвӣ, вазн, оҳанг ва ғайра.

7. Махсусияти жанрии асар.

8. Мақом ва рисолати нависанда барои замон ва наслҳои ояндасози ҷомеаи мутамаддин.

Табиист, ки дар вақти таҳлили асари бадеӣ ҳамаи ин қисматҳоро истифода кардан душвор аст. Илова ба ин

таҳлили асари бадеии манзум бархӯрди хосро тақозо мекунад, ки оид ба ин масъала қисман дар боби накди шеъри лирикӣ сухан меравад. Зимнан бояд гуфт, ки ҳунари таҳлилгарӣ дар интихоби он чизе зоҳир мешавад, ки дар бораи мундариҷа ва арзиши бадеии ҳамон асар тасаввуроти комил медиҳад.

Дар ин роҳ интихоби усули таҳлил аҳамияти аввалдараҷа дорад. Муҳаққиқони таълими адабиёт усули таҳлили асари бадеиро дар синфҳои боло ба ду қисмат ҷудо намудаанд:

1. Таҳлили асар аз рӯи равиши инкишофи сужет (амал); ба ин гурӯҳ усулҳои таҳлил аз пайи муаллиф, аз рӯи сужет, муназзам ва омӯзиши воҳиди асар ва ғайра дохил мешаванд.

2. Таҳлили асар аз рӯи ҷузъҳои асосии мундариҷа ва сужет (таҳлили масъалагузор).

Таҳлил одатан дар шакли суҳбат гузаронида мешавад, ки дар ҷараёни он матни асари бадеӣ дар тарзи хониши интихобӣ ё иқтибосӣ васеъ истифода бурда мешавад. Аз ҷониби хонандагон маърӯзаи начандон бузургҳаҷм тайёр намуда, онро дар дарс шунида муҳокима намудан муфид аст. Хонандагон дар вақти тайёр кардани маърӯза ба матни асар такя ва ба сарчашмаҳои иловагӣ муроҷиат намуда, муносибаташонро бо чизи хондаашон муайян менамоянд. Аз рӯи таҳлил метавон машғулияте гузаронд, ки он ба суҳбат, маърӯзаҳои хонандагон ва сухани ҷамъбастии муаллим поён мепазирад.

Агар дар чунин машғулият воситаҳои намоишиву шуниданӣ истифода шаванд, манфиати дарс бештар мешавад. Дар машғулияте, ки ба таҳлили асари бадеӣ ихтисос ёфтааст, корҳои зеринро метавон ба назар гирифт:

-дидани тасвирҳо дар заминаи асари омӯхташаванда ва сӯҳбат аз рӯи мазмуни онҳо;

-таҳлили лавҳаҳое, ки мавзӯъ ва ҳадафи ғоявиашон бо асари мавриди омӯзиш наздик аст ва муқоисаи онҳо;

-намоиши интихобии филмҳо ё кадрҳо аз филм, ки лаҳзаҳои барои таҳлил муҳимро акс кардаанд (масалан, тасвири қаҳрамоне, ки дар бораи он сухан меравад);

-ошнокунии хонандагон бо филме, ки аз рӯи асари бадеӣ ба навор гирифта шудааст ва суҳбат аз рӯи муқоисаи он бо кино (масалан, повести «Марги судхӯр»-ро бо филми ҳамномаш қиёс намудан);

-шунидани сабти овозии асар дар иншоди устодони ҳунари сухангӯӣ.

Воситаҳои намоишӣ ва шуниданӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки намуди зоҳирии қаҳрамонро тасаввур кунанд, олами ботинии онро фаҳманд. Ин воситаҳо вазъияти амалиётеро, ки тарзи зист ва ахлоқи замони хосро муайян мекунад, месозанд ва ҳадди муҳими мундариҷаи ғоявии асарро, ки дар намудҳои гуногуни санъат муҷассам мешаванд, мекушояд (санъати сухан, санъати тасвирӣ, санъати кино ва ғ).

Асбобҳои аёниро (намоишӣ) ба мақсади баланд бардоштани кайфияти ҳиссии хонандагон метавон то таҳлили асар истифода кард. Ҳамчунин, дар ҷараёни таҳлил барои дарки амиқи он чи ки дар бораш сухан меравад ва баъди таҳлил ҳамчун анҷоми давра, ки мушоҳидаҳои пешинаро омезиш диҳад.

Он чи ки дар ин қисм тавсия шуд, ҳукм нест, балки муаллими огоҳ бо истифода аз пешниҳодҳои мо нусхаҳои комилтари ин дарсро метавонад тарҳ диҳад ва ба иҷро дарорад.

## 6.3.ТАЪЛИМИ ШЕЪРИ ЭРАҶ МИРЗО ДАР СИНФИ 5

Номи Эраҷ Мирзо барои хонандаи тоҷик ноошно нест. Чандин насли кӯдакони тоҷик бо «Модарнома»-и ин шоири шаҳири Эрон тарбият дидаанд. Инак, дар барномаи адабиёт барои синфи V хондани се шеъри шоир «Қадри модар», «Иди Наврӯз» ва «Қадри устод» тавсия шудааст. **В**оқеан ҳам, шеъри Эраҷ Мирзо барои хониши муассир ва равнақи нутқи даҳониву хаттии хонандагон ёрии фаровон мерасонад. Ба қавли Ғуломҳусайни Юсуфӣ, фазилати шеъри Эраҷ забони чолоку баёни гарму зананда ва пӯяндаи ӯст ва бархӯрдории ҳунармандонаи вай аз гуфтори содаи рӯзонаи мардум ва таъбироти он, ки худ дорои балоғате хос аст.

Дар ин замина, яъне фарогирии хусусиятҳои хоси шеъри ин шоири тавоно ва ба ин васила такмил додани хониши бадеии хонандагон мақолаи Ғуломҳусайни Юсуфӣ бо андаке ихтисор ба

муаллимон дар вақти таълими ин мавзӯъ ёрии амалӣ расонда, дар ифшои мазмуну мундариҷа ва ғояи эҷодиёти шоир гиреҳкушост. Бинобар ин, мо матни ин мақоларо пешниҳод карда, умедворем, ки муаллимони арҷманди мо аз он ба суди таълиму тарбияи хонандагон истифода хоҳанд кард.

Ин ки забон дар дасти Эраҷ ба воқеъ монанди мум шаклпазир аст ва ӯ метавонад ҳар чиро мехоҳад ва дар замир дорад ба осонӣ ба навъе баён кунад, ки ҳамагон дарёбанд ва онҳоро таҳти таъсир қарор диҳад, аз ҳамин раҳгузар аст. Забону баёне, ки аз ҳайси нармию равонӣ ва саҳли мумтанеъ будан ба шеъри Саъдӣ мемонад ва ба ҳамин сабаб бисёре аз абёти ӯ монанди зарбулмасал маъруф шуда ва ривоҷ пайдо кардааст. Гоҳ пеш меояд, ки ҳеҷ алфози адибона ва фасеҳе наметавонад ҷойгузини калимае омиёна шавад ва маънии манзурро ба он хубӣ бирасонад. Масалан, вақте Эраҷ мегӯяд:

Саф кашиданд падарсӯхтаҳо,
Чашм бар мансаби ҳам дӯхтаҳо.

Калимаи дигар наметавон ёфт, ки беҳтар аз «падарсӯхтаҳо» маънии гурӯҳи «чашм бар мансаби ҳам дӯхтаҳо»-ро бад нишон диҳад.

Эраҷ маводи забони оммаро бо бархе истилоҳоту таъбироти асрӣ, аз ҷумла, мусталеҳоти идорию амсоли он ва низ бо баъзе калимоти роиҷ дар баёни дарси хонандагони замон ба ҳам омехта, аз маҷмӯи онҳо забоне падид оварда буд, ҳамакасфаҳму равону пуртавон, ки устод Хонларӣ онро «забони рӯзнома» таъбир кардааст.

Ҳақ бо Нодири Нодирпур аст, ки Эраҷро «Нахустин шоири бузурги бидъатгузор» ва «Нахустин аламдори таҷаддуди шеъри форсӣ» шумурда, ки сухани ӯ «аз лиҳози баён сароғози роҳест, ки ба каломи зиндаи кунунӣ анҷомидааст».

Бегумон, ҳамаи касоне, ки дар ним қарни охир ба дабистон рафтаю дарс хондаанд, ин шеърро, ки дар кӯдакӣ дар китобҳои дарсӣ хондаанд, ҳанӯз ба ёд доранд ва борҳо бозгӯ кардаанд ва шояд пас аз ин низ дар хотирҳо пойдор бимонад.

Гӯянд, маро чу зод модар,

Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гаҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳрафтан омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Бар ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.
Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

Доктор Маҳҷуб менависад: «Қитъаи гӯянд маро…» аз қитъаоти ҷовидони шеъри форсӣ аст.

Ва «Қалби модар»-и ӯро камтар кӯдаки форсизабони дабистонию дабиристонӣ дар Эрон ҳаст, ки борҳо нашунида бошад. То он ҷое, ки банда иттилоъ дорад, дар ҳар мадраса, ки ҷашни фарҳангӣ баргузор мешавад, яке аз қитъаҳое, ки тақрибан ҳамеша ба шакли декламатсия иҷро мешавад, ҳамон «Қалби модар»-и Эраҷ аст.

Қитъаи «Қалби модар»-ро Эраҷ ба манзури ширкат дар мусобиқае, ки маҷаллаи «Эроншаҳр» (чопи Берлин) матраҳ карда буд, сурудааст.

Дар ин маҷалла қитъае аз забони олмонӣ тарҷума шуда ва аз шоирони Эрон хоста шуда буд, ки онро ба шеъри форсӣ дароваранд. Ин қитъа «Дили модар» ном дошт ва ин аст айни тарҷумаи форсии он:

«Шаби маҳтоб буд. Ошиқу маъшуқ дар канори ҷӯе нишаста, машғули розу ниёз буданд. Духтар аз ғурури ҳусн масту ҷавон дар оташи ишқ дар сӯзу гудоз буд.

Ҷавон гуфт: «Эй маҳбуби ман, оё ҳанӯз дар софии муҳаббат ва самимияти ишқи ман шубҳае дорӣ? Ман, ки ҳама чизи худ, ҳатто, гаронбаҳотарин дороии хеш, қалби худро нисори роҳи ишқи ту кардам».

Духтар ҷавоб дод: «Дил дар роҳи ишқ бохтан нахустин қадам аст. Ту дорои гавҳари қиматдоре ҳастӣ, ки гаронбаҳотар аз қалби ту аст ва танҳо он гавҳар нишони сидқи ту метавонад

бишавад. Ман он гавҳарро аз ту мехоҳам ва он дили модари туст. Агар дили модаратро канда бар ман оварӣ, ман ба сидқи ишқи ту яқин ҳосил хоҳам кард ва худро пойбанди меҳри ту хоҳам сохт». Ин ҳарф дар таҳи рӯҳи ҷавони дилбохта тӯфоне барпо кард, вале қуввати ишқ бар меҳри модар ғолиб омада, аз ҷо бархост ва дар он ҳоли ҷунун рафта, қалби модари худро канда, роҳи маъшуқ пеш гирифт. Бо он шитоб, ки роҳ мепаймуд, ногоҳ пояш лағжида ба замин афтод. Дили модар аз дасташ раҳо шуда, рӯи хок ғалтид ва дар он ҳол садое аз он дил бархост, ки мегуфт: «Писарҷон, оё садамае бароят расид?».

Дар ин мусобиқа Эраҷ аз дигар шоирон беҳтар суруд ва қитъаи «Қалби модар»-и вай чандон шуҳрат ёфт, ки дар сафаҳоти громофон (бо овози Қамарулмулки Вазирӣ) сабт шуд ва ба ҷузъи шоҳкориҳои адабӣ даромади...»

Дод маъшуқа ба ошиқ пайғом,
Ки кунад модари ту бо ман ҷанг,
Ҳар куҷо бинадам, аз дур кунад
Чеҳра пурчину ҷабин пурожанг.
Бо нигоҳи ғазаболуд занад
Бар дили нозуки ман тири хаданг,
Аз дари хона маро тард кунад
Ҳамчу санг аз даҳани қалмосанг.
Модари сангдилат то зиндаст,
Шаҳд дар коми ману туст шаранг.
Нашавам якдилу якранг туро,
То насозӣ дили ӯ аз хун ранг.
Гар ту хоҳӣ ба висолам расӣ,
Бояд ин соат бе хавфу диранг,
Равию синаи тангаш бидарӣ,
Дил бурун орӣ аз он синаи танг,
Гарму хунин ба манаш боз орӣ.
То барад з-оинаи қалбам занг.
Ошиқи бехиради ноҳинҷор,
На, бал он фосиқи беисмату нанг,
Ҳурмати модарӣ аз ёд бибурд,
Хира аз бодаю бегона зи банг,
Рафту модарро афканд ба хок,

Сина бидриду дил овард ба чанг.
Қасди сарманзили маъшуқ намуд,
Дили модар ба кафаш чун норанг.
Аз қазо хӯрд дами дар ба замин,
В-андаке суда шуд ӯро оранг.
В-он дили гарм, ки ҷон дошт ҳанӯз,
Уфтод аз кафи он бефарҳанг.
Аз замин боз чу бархост, намуд
Пайи бардоштани он оҳанг.
Дид, к-аз он дили оғӯшта ба ху,
Ояд оҳиста бурун ин оҳанг:
«Оҳ, дасти писарам ёфт харош!
Оҳ, пои писарам хӯрд ба санг!»

Дар «Қалби модар» ҳеҷ асаре аз тарҷума намоён нест ва чандон аз фитрати шеъри форсӣ бархурдор аст, ки агар хонанда аз собиқаи мавзӯъ хабар надошта бошад, ҳеҷ тасаввури тарҷума наметавонад кард.

## 6.4. ТАЪЛИМИ ЖАНРҲОИ ФОЛКЛОРӢ

Эҷодиёти даҳонакии халқ, ё фолклор, дар ҳақиқат, "нахустунсури адабиёт" буда, аз замонҳои қадим инъикоскунандаи сарнавишти таърихии халқ , ормонҳои зиндагӣ ва бақои умри ӯст. Бузургӣ ва аҳамиятнокии эҷодиёти даҳонакии халқро А.М. Горкий баҳо дода, чунин таъкид кардааст:

" Халқ на танҳо қувваест, ки ҳамаи ганҷҳои моддиро ба вуҷуд меоварад, балки вай ягона манбаи бепоёни ганҷҳои маънавӣ, нахустин философ, шоири закӣ ва зебои замон аст, ки ҳамаи достонҳои бузург , тамоми фоҷиаҳои рӯи замин ва бузургтарин асарҳои таърихи маданияти оламро офаридааст".[1]

Тавассути фолклор расму ойин, урфу одат, асолат ва хусусияти забон, анъана ва суннатҳои халқӣ ҳифз гардида,

[1] Горкий А.М. О литературе. М., 1961, стр.20

воситаи муҳими тарбиявию ахлоқӣ ва меросбарии наслҳоро таъмин менамояд. Омӯзиши асарҳои фолклорӣ, мундариҷаи ғоявӣ, сюжет ва симоҳои ҷовидонаи эҷодиёти даҳонакии халқ бо ифода ва ормонҳои халқӣ мутаассил ба ҳаёту таърихи халқ пайванди нагусастанӣ дошта, дар ташаккул ва равнақи адабиёт нақши созанда ва бунёдкор дорад.

Омӯзиши намуд ва намунаҳои эҷодиёти даҳонакии халқ ба хонандагони хурдсол аз оила ва боғча оғоз ёфта, дар зинаҳои ибтидоии таҳсил бештар гардида, аз синфи 5 то 11 равнақу ривоҷ меёбад ва устувор мегардад. Хонандагон дар ин давраҳо ба суруду тарона, рубоӣ, дубайтӣ, чистон, афсона, тезгӯяк, қисса, достон ва монанди инҳо на танҳо шинос мегарданд, балки бо хаёлпардозӣ андешаҳои эҷодкорӣ низ мекунанд. Онҳо ба мероси маънавии халқ аз наздик шинос шуда, онро бо шавқ омӯхта, тавассути раҳнамоии омӯзгор ва волидон симо ва жанрҳои фолклориро аз худ менамоянд. Ҷараёни ҳодисаву воқеаҳоро эҳсос намуда, ҳамрозу ҳаммаслаки қаҳрамонони халқӣ гардида, ба характер ва рафтору гуфтори онҳо унс мегиранд. Симоҳои манфур ва зишт, бадахлоқӣ, худписандӣ, зиёнкорӣ ва ҷаҳолатро мазаммат намуда, далерию шуоатмандӣ,некиву накӯкорӣ ва ростгӯию ростқавлиро ситоиш ва пуштибонӣ менамоянд. Бинобар ин, мақом ва нақши омӯзгор дар омӯзиш ва азхудкунии жанрҳои фолклорӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Таълими жанрҳои фолклорӣ ба тарзи ҷудогона ва муназзам аз синфи 5 оғоз меёбад. Бинобар ин, омӯзгор аз нахустин дарси ба намунаҳои эҷодиёти даҳонакии халқ бахшида шуда, ба моҳият, ғоя, сюжету образҳои фолклор, нақш ва мавқеи таъсирпазирии онҳо маълумот диҳад, то ин ки ба инкишофи фикрии хонандагон бештар имконият пайдо намояд. Дарси нахустинро мебояд аз фаҳмиши санҷиши донишҳои қаблан ҳосилнамудаи хонандагон оғоз намояд ва

тавассути усули суҳбат ва саволу ҷавоб хонандагонро ба андешаронӣ раҳнамо созад.
Мисол, ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат менамояд:
-Эҷодиёти даҳонакии халқ чиро дар бар мегирад?
-Жанрҳои фолклориро номбар кунед.
-Кӣ суруди халқиро аз ёд мегӯяд?
-Кадом афсонаи халқиро медонед?
-Биёед, чистонгӯӣ мекунем.
Сипас, омӯзгор назар ва андешаи хонандагонро ҷамъбаст намуда, мавзӯи нахустини дарсиро аз таълими жанрҳои фолклор оғоз намуда, хонандагонро ба хелҳои эҷодиёти даҳонакии халқ: афсона, суруд, зарбулмасал, мақол, чистон, латифа, достон, дубайтӣ ва рубоӣ шинос менамояд. Ҳамзамон, хусусият ва мушаххасоти ҳар як жанри фолклориро бо намунаҳо шарҳ медиҳад. Тавсия мешавад, ки аз нақшаи аёният оид ба хелҳои жанрҳои фолклорӣ, номгӯй ва намунаи мисолҳо истифода намояд.

Дар мавзӯи "Таълими жанрҳои фолклорӣ дар мактаб" олими фолклоршинос Мирзохӯҷа Пиров тадқиқоти муфид анҷом додааст, ки дар такя ба андешаҳои эшон ин мушкилотро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додем.[1]

[1] Пиров м. Таълими жанр{ои фолклорї дар мактаб, Душанбе,2011

## 6.5. ТАЪЛИМИ АФСОНАИ «ЭРАҶИ ТИЛИСМШИКАН»

Дар барномаи таълими адабиёти синфи 5 барои дарси афсона, навъҳои он ва афсонаҳои «Эраҷи тилисмшикан», «Духтари ҷасур» ва «Деҳқон ва кӯзаи зар» ҳамагӣ як соат ҷудо карда шудааст. Дар ин фурсат аз рӯи дастури барнома омӯзгор бояд ҳам дар бораи афсона ва навъҳои он ба хонанда маълумот диҳад, ҳам ин се афсонаро хонда ё хононда мазмунашро кунад нақл ва ё хонандагоннақл намоянд. Дар ин маврид таърифи афсона, тавзеҳи дарунмоя ва мавзӯю масъалаҳои он низ истисно намешавад. Табиист, ки фурсати ҷудошуда барои иҷрои ҳамаи ин корҳо мусоидат намекунад. Пас, чӣ бояд кард, ки ҳам фармуди барнома иҷро шавад, ҳам дарс натиҷаи судманде ба дунбол дошта бошад?

Ба андешаи мо, агар аз муаллим талаб карда шавад, ки ҷузъ ва ё ҳамаи ин афсонаҳоро дар синф хонад ва ё хононад, мо ба натиҷаи дилхоҳ намерасем. Агар ба назар бигирем, ки маънои дигари афсона қисса, достон, ҳикоят, нақл ва  саргузашт аст, метавон гуфт, ки беҳтар аст муаллим мазмуни афсонаро нақл кунад ва хонандагон бо китоби пӯшида онро гӯш кунанд. Дар таълими афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» бо ҳамин усул метавон ба муваффақият ноил шуд.

Хонандагон матни афсонаро дар хона хонда, ба нақли мазмуни он омода мешаванд. Вале қабл аз шунидани мазмуни афсона, муаллим бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба забони он ва шароити гуфтану эҷоди он ҷалб кунад. Дар ин маврид бояд хонандагонро бовар кунонд, ки ба он тарзе ки мардум бофтааст, наметавон ҳаргиз бофт, балки бо қалам низ навишт. Ин таъкид бояд бар забони хоси афсона бошад.

Байти зерини Мавлавӣ:

Боз гӯ, то қисса дармонҳо шавад,
Боз гӯ, то марҳами ҷонҳо шавад. –

бояд афкор ва андешаи муаллимро оид ба шароити таърихию иҷтимоии пайдоиши афсона ба ковиш оварад. Дар ин равиш омӯзгор тақрибан зеҳнияташро бояд бо назари зерин такмил бахшад: шояд шунавандаҳои нахустини афсонагӯ тарсон аз ҳаводиси зиндагӣ, тарсону ҳаросон гирди сандалӣ нишаста, интизор будаанд, ки сарнавишти Эраҷ чӣ мешавад? Оё ӯ метавонад бар девон пирӯз шуда, мардум ва падарашро наҷот диҳад? Баъд чӣ шуд? Оё онҳое, ки интизории наҷотро доштанд, бо Эраҷ яке ҳастанд? Эҳсоси шинохти падар дар дили Эраҷ дар кадом вазъ ва чӣ гуна пайдо шуд?  Ӯ чӣ гуна ба воя расид? Чӣ гуна пеш рафт, бо девон пирӯз шуд ва қавмро наҷот бахшид?

Дар ин ва афсонаҳои дигар мо бо инсонҳои нахустин, ниёзҳову армонҳои нахустин рӯ ба рӯ мешавем. Аксари афсонаҳо бо ифодаи «буд, набуд…» шурӯъ мешаванд. Умри ин ифода ба умри забони мо баробар аст. Ниёгони мо дар талош барои зинда мондан андешаҳояшонро дар боби зиндагӣ ва зинда мондан дар қолаби афсонаҳо мерехтанд ва бо ин роҳ дар баробари сахтиҳои рӯзгор садди ҷодуӣ бунёд мениҳоданд.

Ҳамаи халқҳо ва фарҳангҳо афсонаҳо ва устураҳои худро доранд ва ба саволҳое посух ҷустаю посух гуфтаанд: ин ки ашё чӣ гуна пайдо шуд? Инсон  чӣ гуна ба вуҷуд омад? Қавму қабила ба чӣ дастур наҷот ёфт? Худоён  чӣ хостанду қаҳрамонон чӣ гуна ҷангиданд? ва ғайраҳо. Ин афсонаҳо ҳарчанд имрӯз ибтидоӣ ба назар мерасанд, ҳадафҳои хеле ҳам ҷиддӣ доштанд.

Ва ин ҳадафҳо зимни хондан ва нақли афсона бояд ошкор ва гӯшзад шаванд. Муаллим бояд хонандаро бовар кунонад, ки ҳарчанд мо ҷаҳонро ҳаммонанди қиссагӯёни нахустин намебинем ва бисёре аз ин афсонаҳо барои мо содалавҳона менамоянд, вале арзиши маънавию ахлоқии онҳо барои насли мо низ пураҳамият мемонад.

Омӯзгор хонандагонро ба афсона, хелҳо ва намунаҳои он тавассути нақша(таблитса) шинос менамояд. Хелҳои афсонаҳо: сеҳрнок, тамсилӣ, ҳаҷвӣ, маишӣ ва номунаҳои онҳоро шарҳ медиҳад. Дар афсонаҳо ба образнокии ифодаи фикр, сермаъногии калимаву таъбирҳо, нафосати забон ва ғановати андешаҳои халқӣ бештар таваҷҷ у ҳ зоҳир менамояд.

Баъд муаллим ба нақли афсона аз тарафи хонандагон таваҷҷуҳ мекунад. Дар оғоз се ё чор нафар метавонанд мазмуни онро нақл кунанд: аввалӣ маросими Наврӯз ва ҳодисаи ба сари Эраҷ омадаро метавонад нақл кунад; дувумӣ андӯҳи фироқи падар ва севумӣ маросими гӯштингирии Эраҷ ва дигарӣ вохӯрии Эраҷ бо пирамард ва ниҳоят шикасти тилисми девонро нақл кунанд.

Нақли шогирдон санҷида ва ислоҳ карда мешавад. Дар ҷараёни нақл мафҳумҳои далерӣ, шуҷоат, ватан, падару модар ва ғайра алоқаманд бо мазмуни афсона шарҳу тафсир меёбанд.

Баъди ин бозгӯи аввалин таҳлили афсона шурӯъ мешавад. Хонандагон аз сабақҳои синфҳои поёнӣ медонанд, ки афсонаро мардуми оддӣ мегӯянду мешунаванд ва он аз даҳон ба даҳон то рӯзгори мо омада расидааст. Муаллим тасаввуроти хонандагонро дар бораи осори шифоҳӣ (фолклор) такмил мебахшад. Бисёр хуб ва босамар мебуд, агар омӯзгор китобҳои тадқиқотии оид ба адабиёти шифоҳии дастрасро мутолиа мекард, ба хусус, навиштаҳои Воҳид Асрорӣ, Раҷаб Амонов, Асадулло Сӯфиев, Равшан Раҳмон, Саъдулло Наимбоев, Мирзохӯҷа Пиров ва дигаронро.

Дарк ва фаҳмиши ҳар як афсона бояд ҳадафи аслӣ дошта бошад ва дар ҳолате пурра аз худ карда мешавад., ки ба

мавзӯъҳои пеш омӯхташуда пайванди нагусастанӣ дошта бошад. Бинобар ин, пеш аз баёни афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» омодагии хонандагонро бо саволҳои зерин санҷидан мумкин аст:

- Афсона чӣ гуна жанр аст ва чанд хел мешавад?
- Кӣ кадом афсонаро дӯст медорад ва барои чӣ?
-Афсонаҳои сеҳрангезро номбар кунед.
-Афсона чӣ хусусият дорад ва чанд хел мешавад?

Ҳангоми таълими афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» беш аз ҳама ба чиҳати тарбиявии он эътибор бояд дод, зеро дар афсонаи мазкур фаҳмиши барои инсон муқаррарии ватандорӣ, шуҷоату далерӣ ва ҳифзи шараф бо ҳам омадааст. Эраҷ тимсоли шуҷоату далерӣ ва поймардӣ дар роҳи ҳимояи ватан аст. Пирамард рамзи хиради раҳнамо ва ҷовидона буда, симо ва сиришти девон намоёнгари бадӣ ва разолату қабоҳат аст. Дар афсона ҳиссиёти дӯстдорӣ ва муҳаббати халқи одӣ ба Эраҷ хеле амиқ ифода шудааст. Чаро? Барои он ки Эраҷ ҳушманд, далер, баномус, фидокор, собитқадам ва наҷотбахш аст.

Ин афсона дар хонандагон нерӯи маънавӣ ва рӯҳониеро мепарварад, ки ба ёрии он онҳо метавонанд дар баробари хатарҳо ва шикастҳо пойдор бимонанд. Натиҷаи заҳмати муаллим дар таълими ин ва афсонаҳои баъдӣ ба он вобастааст, ки хонанда аз дарки он чӣ гуна нируи маънавӣ ва рӯҳонӣ мегирад. Оё пас аз хондану донистани он афсона наврасон ба сафо ва рӯшании ботинии қаҳрамонони афсона пай мебаранд ё на? Муҳимтар аз ин онҳо бо ёрии ин нирӯи маънавию рӯҳонӣ метавонанд бо бадиҳову палидиҳо биҷанганд ва бар он ғолиб оянд. Ин нирӯи маънавию ахлоқӣ дар зиндагии шахсии онҳо чӣ гуна корбаст хоҳад шуд?

Ин афсона аз намунаҳои он осори нодири адабист, ки ниёзи хонандагонро ба шоистагӣ ва коройӣ комилан қонеъ месозад. Талоши кӯдак барои шоиста ва коромад будан аз солҳои нахустини зиндагӣ оғоз мешавад. Дар аввал ба сурати таҷрибае, ки кӯдак аз роҳи ҳисси бинойӣ ба даст меоварад, монанди хазидан ва чанг задан.

Пас аз ба камол расидан ба сурати короиҳои ҷисмӣ ва фикрӣ, монанди короиҳо дар бозиҳо ва ҳаракати варзишӣ ва ғайра падидор мешавад. Эраҷ дар ин афсона аз ҳар ҷиҳат тимсоли инсони шоиста ва коромад мебошад. Вай бе ёрии дигарон шоистагӣ, коромадӣ ва ниҳоят шуҷоату қаҳрамонии худро собит месозад. Аз ин ҷиҳат вай ба хонанда мақбул аст. Эраҷ қаҳрамонест, ки бар сифати некуниҳоде чун тарс, танбалӣ, гурез аз масъулият ғолиб меояд. Аз ин ҷиҳат онҳое, ки осоиши худро фидои ҳадафе бузург мекунанд, на фақат хонандаи ҷавонро бармеангезанд, ки барояшон ҳадафҳои олӣ баргузинанд, балки сабаб мешаванд, ки онон ба худхоҳиҳо ва саҳлангориҳо низ ғолиб оянд.

Бо ҳамин гузориш муаллим пурсишашро дар ҳамон қисматҳои афсона мутамарказ месозад, ки заминаҳои худшиносӣ ва ниёзмандиҳои Эраҷ ба шоиставу коромад будан шурӯъ мешавад. Хонандагон шояд аз афсонаҳои дигари ба ин монанд сарнавиштҳо ва тимсолҳоро ба ёд оваранд. Баъд муаллим таваҷҷуҳи хонандагонро ба муносибати Эраҷ бо одамон, модар ва шурӯи камоли инсонии ӯ (андеша аз сарнавишти падар ва ғайра) ҷалб намуда, ба воситаи суҳбат хислати қаҳрамононро муайян менамояд. Ғояи мазмуни афсонаро фаҳмида, мо афсонаро пурра нақл мекунем ва ин корро нафаре аз хонандагон метавонад анҷом диҳад.

Дар хона хонандагон афсонаҳои «Духтари ҷасур», «Деҳқон ва кӯзаи зар»-ро мехонанд. Дар ин афсонаҳо низ хислатҳои неки инсонӣ, накукориву зиракӣ ва шафқату раҳмдилӣ онҳоро гирифтор медорад. Дар синф муаллим мазмуни афсонаҳоро аз хонандагон мепурсад ва аҳли синф афсонаро аз худ менамоянд ва он суҳбати муаллимро оид ба афсона такмил ва шакл медиҳад.

Муаллим дар вақти таълими афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» нусхаи суҳбати зеринро низ метавонад истифода кунад: Гуфтугӯро дар боби ин афсона сар мекунем. Ҳар ду қисми афсона бояд мавриди суҳбат ва суолу ҷавоб қарор гиранд. Дар ин маврид аз чунин пурсишҳо метавон истифода бурд:

-Кадоме аз қаҳрамонони афсона ба шумо писанд омад? (Эраҷ, пирамард, боз кӣ?)

- Барои чӣ онҳо писанд омаданд? Онҳо чӣ фазилати хубе доштанд?

- Аз афсона хислатҳои неки пирамардро ба ёд оваред.

- Хислатҳои Эраҷро аз қисми аввали афсона муайян намоед.

- Омили асосии ғолибияти Эраҷ бар девон чӣ буд?

- Ин афсона барои шумо чӣ арзише дорад? Аз он чӣ манфиате бардошта метавонед?

- Пораҳои ба ҳиссу рӯҳи шумо наздикро ҷудо намоед ва хонед.

Ин суолу ҷавоб моҳияти афсонаро ба хонандагон равшан месозад ва онҳоро ба хониши адабӣ комилан омода месозад. Муаллим хонандагонро ба хониши бадеӣ омода карда, таваҷҷуҳи онҳоро ба забон ва пораҳои алоҳидае, ки ҳуҷҷати далерӣ ва шуҷоату коршоямии Эраҷ аст, ҷалб менамояд.

Омӯзгор дар асоси суюжети афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» аз чунин аёният, яъне расмҳои Эраҷ бо камонғулак, гуфтугӯ бо модар, лаҳзаи гуштингирӣ, дар ҷанг бо муқобили девҳо, дар айёми набард бо Ҳенгилдев бо аспу гурзу шамшер, дар муколама бо рафиқонаш ва ғайраҳо истифода менамояд.

Ҳамчунин, пас аз нақли ғояи афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» калима ва ибораҳои муболиғадор, аз қабили «болои сари дев парида гузашт», «кӯҳро ба замин ҳамвор мекард», «сараш ҳазор сар парида рафт», «тамоми замину замон ба ларза даромад» ва ғайраҳоро шарҳ додан судманд хоҳад буд.

Муаллим бояд донад, ки дар синфи V ӯ роҳи хониши пурмаъно, муассир ва таъсирбахшро ба хонанда ҳамвор сохта, дар ин замина гуфтори ӯро низ фасеҳу бурро месозад. Бинобар ин ҳам, ӯ бояд хониши театрӣ, оҳанги рӯҳафтодагӣ, ҳаракатҳои номавзуни хонандагонро ислоҳ кунад. Хонандагон матнро бе саросемагӣ, муътадил, бе фишори овоз фаҳмида, боақлона ва зинда хонда тавонанд.

Баъд аз афсонаҳо муаллим ба таълими латифаҳо, зарбулмасал ва мақол, нақлу ривоят омодагӣ мегирад. Таълими ин мавзӯъ низ усули хоси хониш ва нақлу таҳлилро тақозо менамояд.

## 6.6 . ТАЪЛИМИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО

Дар барномаи таълими адабиёт дар синфи 5 барои таълими мавзӯи «Зарбулмасал ва мақолҳо» як соат ҷудо шудааст. Муаллим дар ин як соат бояд, ки ба хонандагон оид ба сохти зарбулмасал ва мақол, умумият ва тафовути онҳо, нукта ва мавзӯъҳои пандомӯз дар зарбулмасалу мақолҳо маълумот диҳад, арзиши маънавӣ ва ахлоқии онҳоро муайян созад. Ин суҳбат метавонад дар гуфтугӯи рӯзмарра ва омӯзишу тафсири адабиёти бадеӣ сурат гирад. Масалан, агар дар ҳаққи танбалону коргурезон чизе гуфтанӣ шавем, мақоли «Аз бекор ҳама безор» ба ёд мерасад. Агар аз ҳунари касе мутаассир шавем, беибо мегӯем, ки «Дасти одам гул аст». Ин ду намуна, ки овардем, аввалӣ мақол асту дувум зарбулмасал.

Пас, суоле пеш меояд: онҳо аз ҳам фарқе доранд? Зарбулмасалу мақолҳо бо хусусияти бадеии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Зарбулмасалҳо бештар дорои маънои маҷозӣ буда, дар онҳо мақсад ва фикри асосӣ ба воситаи киноя ифода мегардад. Маънои зоҳирӣ ва бевоситаи зарбулмасалҳо барои ифодаи мақсад ва ғоя истиораомез хизмат мекунанд. Аммо дар мақолҳо маънои маҷозӣ, киноявӣ дида намешавад, баёни мақсаду ғоя бо гуфтугӯ комилан мувофиқат менамояд. Масалан, маънои аслии мақоли «дили нохоҳам, узри бисёр» ё «кори имрӯзаро ба фардо нагузор» бе ҳеҷ тавзеҳе равшан аст. Аммо вақте ки «дасти одамизод гул» мегӯем барои хонандаи хурдсол маънои маҷозӣ ва истиоравии онро бояд тавзеҳ дод.

Дар ҳамин як соате, ки барои таълими зарбулмасалу мақол дар ихтиёри муаллим аст, ӯ метавонад зарбулмасалу

мақолро дар асоси мавзӯъҳо тақсимбандӣ кунад. Масалан, тарҳи намунаи дарсро мо чунин тасаввур менамоем:

Дар мавзӯъҳои меҳнат, ҳунаромӯзӣ, дониш ва одаму одамгарӣ варақа омода карда, дар он зарбулмасалу мақолҳоро дар мавзӯъҳои зикршуда менависем. Адади ин варақаҳо ҳабдаҳто буда, нақшаи кор чунин аст:

I. Меҳнат ва меҳнатдӯстӣ:

- фиребгару танбал,
- аз бекор ҳама безор,
- хобрафтагӣ нон намехӯрад,
- беҳудагӯ, лофзан,
- бо забон кор намекунанд,
- обмӯрӣ аз боғ калон.

II. Кори хуб ва шарафмандӣ:

- Бахт аз меҳнат аст.
- Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ.
- Меҳнат шараф аст.

III. Ҳунар ва ҳунаромӯзӣ:

- Аз зари падар ҳунар беҳтар.
- Одами беҳунар- дарахти бесамар.
- Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст.

IV. Дониш донишомӯзӣ:

- Ҳунар аз дониш, дониш аз хониш.
- Дониш чароғи ақл аст.
- Илм хоҳӣ- такрор кун.

V. Одаму одамгарӣ:

- Аз мардумозор ҳама безор.
- Ваъда додӣ, вафо кун.
- Қавл додӣ, иҷро кун.

– Хоксорӣ зинати инсон аст.

Муаллим варақаҳоро дар даст нигоҳ медорад. Яъне, варақаи аввали ҳар мавзӯъро, варақаи боқимондаро ба хонандагон бояд тақсим кард. Дар сурати нарасидани варақаҳо якеро ба ду ё се ва ё зиёдтар хонанда метавон дод. Хонандагони синфи V аз ин миқдор зиёд зарбулмасалу мақолро аз худ карда наметавонанд.

Муаллим ба хонандагон хабар медиҳад, ки зарбулмасалу мақолҳоро дар мавзӯъҳои меҳнат, ҳунар, дониш ва одаму одамгарӣ таҳлил мекунад. Вай номи мавзӯъҳоро дар тахтаи синф менависад.

Баъд мақоли аввалини дар дасташ будаoriginal мегӯяд: «Аз бекор ҳама безор». Ҳамзамон, талаб мекунад, ки як-ду хонанда мақолро такрор кунанд. Вазифаи дарс аз он иборат аст, ки хонандагон бо роҳи таҳлил ва такрор, ҳамаи зарбулмасалу мақолро аз ёд кунанд. Баъд суол мекунад:

- Дар ҳаққи чӣ хел одам ин мақолро мегӯянд?

Ӯ чӣ гуна одам аст?

- Вай одами бекорхӯҷа аст, дар ҳеҷ куҷо ба ҳеҷ коре машғул нест.

Муаллим ин ҷавобро шунида аз хонандагон тақозо мекунад, ки дар бораи одами коргурез, оне, ки ба меҳнат муносибати хуб надорад, зарбулмасал ва мақолҳои дигарро низ бигӯянд. Бачаҳо даст боло мекунанд. Муаллим таъкид менамояд, ки зарбулмасалу мақолро ҳифз кунанд, онро буррою равшан дар зеҳнашон такрор намоянд. Пас аз ин аз забони аҳли синф бояд зарбулмасалу мақолҳои зерин шунида шавад:

Бахт аз меҳнат аст.

Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ.

Меҳнат шараф аст.

Дар бораи мақоли охирин бояд андешид, зеро он маҳсули замони мост. Дуи дигар мақолҳо ба замонҳои пештар тааллуқ доранд.

Дар ин ҳол имкон дорад, ки нафаре аз бачаҳо на оид ба меҳнати шарофатмандона, балки дар бораи танбалу коргурез ва ё масъалаи дигар мисол мезананд. Он вақт ин зарбулмасал ё мақолро низ бояд таҳлил кард ва шарҳ дод. Хонанда бояд дарк кунад, ки дар ин мисолҳо дар бораи чӣ гуна одамон сухан меравад.

Баъд муаллим дар бораи қадри ҳунар зарбулмасал ё мақол мегӯяд: «Аз зари падар ҳунар беҳтар». Бачаҳо онро такрор карда, маъниашро мегӯянд. Муаллим аз хонандагон талаб мекунад, ки чунин мақолро дар кадом маврид метавон гуфт. Имкон дорад, ки хонандагон ҷавоб дода натавонанд ва худи муаллим чунин ҳикоятеро оғоз кунад:

«Сукрот гуфт, ки ҳеҷ ганҷе беҳ аз ҳунар нест ва ҳеҷ душман бадтар аз хӯи бад нест ва ҳеҷ чизе бузургвортар аз дониш нест ва ҳеҷ пирояе беҳтар аз шарм нест…»

Муаллим дар ҳамин ҷо сукут карда, аз хонандагон тақозо мекунад, ки мавзӯъро давом диҳанд. Яке аз хонандагон мегӯяд: - Одами беҳунар – дарахти бесамар.

Сипас зарбулмасалу мақолҳо дар мавзӯи дониш ба хонандагон пешниҳод мешавад. Ҳар кадоме аз онҳо такрор ва маънидод карда мешавад.

Муаллим зарбулмасали сеюмро такрор мекунад: - Илм хоҳӣ, такрор кун.

- Бибии ман доим ҳамин хел мегӯянд, - садои кадоме аз хонандагон шунида мешавад.

- Чаро он кас ба ту чунин гуфтанд?

-Ман вазифаи хонагиро як бор мехондам, он кас ба ман нигариста чунин мегуфтанд.

Зарбулмасалу мақолҳои дигар низ дар бораи илму дониш гуфта мешаванд.

Муаллим ба аҳли синф муроҷиат мекунад:

- Мо дар бораи чӣ гуна дониш сухан мегӯем?

Бачаҳо ба тақозои вазъу ҳолашон бояд чизе бигӯянд. Дар ин равиш зарбулмасалу мақолҳои дигари ба он мавзӯъ алоқаманд гуфта мешаванд.

Бо ҳамин тартиб нимаи дуюми дарс низ доир ба зарбулмасалу мақолҳое, ки дар мавзӯи одаму одамгарӣ гуфта шудаанд, идома меёбад.

Муаллим яке аз зарбулмасалҳо ё мақоли варақаро мехонад, хонандагон аз рӯи варақаи худ давомашро мехонанд. Зарбулмасалу мақолҳо хонда ва шарҳ дода мешаванд. Мақоли «Аз одами мардумозор ҳама безор» хонда мешавад. Аҳли синф ба тақозои мазмуни он дар бораи одамоне сухан мегӯянд, ки ахлоқи шоиста надоранд, мардумозору бадахлоқ ҳастанд.

Сипас, зарбулмасалу мақолҳо дар боби хоксорӣ, вафодорӣ, ватан, озодӣ, дӯстӣ, адаб ва сухан хондаю таҳлил карда мешаванд.

Дар мисоли зарбулмасалу мақолҳои «Барф мераваду хунукиаш мемонад», «Падар розӣ, Худо розӣ», «То гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун шаванд» ва ғайра бисёрмаъноӣ ва тимсолҳои шартии онҳо, аз ҷумла, хусусияти истиоравиашонро мебояд шарҳ дод.

Бачаҳо аксаран баъзе зарбулмасалу мақолҳоро бо хости худ, ба таври худ шарҳ дода истифода мебаранд. Масалан, ба онҳо фаҳмондан лозим, ки ба маънои зоҳирии зарбулмасалҳои «Таги коса нимкоса», «Чӯби мулоима кирм мехӯрад», «Ҳофиз манаму бародарам мехонад», «Дуди хонаро равзан медонад» ва ғайра пойбанд намонанд. Ҳамзамон маънии аслии ин зарбулмасалҳоро ба хонанда фаҳмондан зарур аст. Хусусиятҳои рамзии ифодаву таъбирҳоеро, ки дар зарбулмасалҳо ба маҷоз истифода шудаанд, ошкор бояд кард.

Ҳамзамон, бояд биандешем, ки дар ин дарс мо ба чӣ комёб шудем. Дар мисоли зарбулмасалу мақол дар бораи меҳнат, ҳунар, дониш, одаму одамгарӣ маълумот додем. Мо зарбулмасалу мақолҳоеро дар ихтиёри хонандагон гузоштем, ки онҳоро ба ёд гирифтанд ва дуруст хонданд. Мо ба онҳо пайвастани зарбулмасалу мақолро бо воқеияти зиндагӣ ёд додем. Ба хонандагон бисёрмаъноии зарбулмасалҳоро

омӯхта, пайванди онҳоро бо воқеиятҳои мушаххас нишон додем.

Бешубҳа, ин дарс барои равнақи фаҳмиши забондонӣ, инкишофи тафаккури бадеии хонандагон арзишманд хоҳад буд. Ба ҳамин монанд дарсро дар мавзӯъҳои «Латифаҳо» ва «Нақлу ривоят» низ метавон гузаронд.

Муаллим ба ҷои хониши хонагӣ метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки зарбулмасал ва мақолҳои дилхоҳашонро навишта, аз рӯи мавзӯъ тавсиф кунанд.

Ташкил ва баргузории чунин дарсҳо дар синфи 5 мушкилоти зиёд дорад. Хонандагон ба саволҳо посух дода, хато мекунанд, маънии зарбулмасалу мақолҳоро нодуруст шарҳ медиҳанд, дар таҳияи мисолҳо низ душворӣ мекашанд. Вале дар ҳар сурат чунин дарсҳо барои хонандагони синфҳои 5 ниҳоят заруранд. Ба воситаи чунин дарсҳо мантиқи сухану фаҳми онҳо инкишоф ёфта, аз таҷрибаи зиндагӣ бархурдор мешаванд, ҳикояти зинда ва образнокро ёд мегиранд. Муҳимтар аз ҳама, забондон мешаванд. Дар ҳақиқат, арзиши ахлоқӣ ва таълимии ин гуна дарсҳо бебаҳс аст.

## 6.7. ТАЪЛИМИ ПОРАЕ АЗ ПОВЕСТИ САДРИДДИН АЙНӢ «ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК «ТЕМУРМАЛИК»

Дар барномаи таълими адабиёт барои таҳсили мавзӯи устод Айнӣ панҷ соат ҷудо карда шудааст. Ин панҷ соат ба таълими порае аз «Ёддоштҳо», қисми якум, пораҳо аз «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд ва ҷанг дар болои шаҳр», «Ҷанг дар биёбон ва тири бепайкон» ихтисос ёфтаанд. Муаллим метавонад аз ин панҷ соат ду соаташро ба таълими порае аз «Ёддоштҳо» ва ду соати дигарашро барои «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва як соаташро ба пурсишу такрор ихтисос диҳад. Ин ҷо мо зайли намуна ду соатро ба қироат ва таълими мавзӯи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бахшидем.

Дарси аввал: «Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд ва ҷанг дар болои ин шаҳр»

Ин дарсро бо нақшаи зерин метавон гузаронд:

а) суҳбат дар бораи мубориза тоҷикон бо чингизиён;

б) ҳикояти муаллим («Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд ва ҷанг дар болои ин шаҳр»);

в) ба воситаи саволҳо нақл кардани мазмун;

г) кор вобаста ба забон ва таъбирҳо;

д) нақли комили ин пораи асар.

Барномаи таълимӣ ин пора ва қисмати баъдии очерки таърихии устод Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-ро ҷиҳати арзиши адабӣ ва таърихӣ доштанаш ба омӯхтан пешниҳод намудааст. Ин асар чун тафсире дар ҳошияи таърихи тоҷикон ва муборизаҳову ҷонфишониҳои онҳо дар роҳи ҳифзи ватан аз истилогарони хориҷӣ арзиши фаровон дорад.

Дарсро бо суолҳое бояд шурӯъ кард, ки хонандаро ба таҳрик оваранд. Дар он лаҳзаҳои тақдирсоз фарзандони далери халқ, мисли Темурмалик бо кӣ буданд?

Онҳо сарзамини тоҷиконро аз кӣ муҳофизат менамуданд? Ба фоҷиае, ки ба сари халқ ва шаҳру деҳоти мо омад ва боиси марги ҳазорон ҳамватанони мо гардида, шаҳру деҳотамонро ба харобазори беодам табдил дод, кӣ сабабгор буд?

Саҳнаҳои фоҷиабори ин гузаштаи дурро чӣ гуна ва бо кадом роҳ метавон дар назари хонанда наздик ва ба дилаш қарин сохт? Ин корро метавон амалӣ сохт. Фақат ба ёд овардан кофист, ки гузашта фаромӯш намешавад, агар мо ору номуси ватандорӣ дошта бошем. Гузашта дар сурати ёдгориҳои хаттиву даҳонӣ, пойдевори кӯшкҳои харобгашта ва шаҳру деҳоти холӣ аз соҳибонашон зинда аст. Бисёр хуб мебуд, агар ақаллан ба воситаи суратҳо саҳнаҳоеро аз харобазорҳои таърихи гузаштаамон ба бачаҳо нишон дода, фоҷиаҳои таърихро ба ёди онҳо оварем. Дар ин ҳол табиист, ки суолҳое ба миён меоянд: Бачаҳо аз таърихи қадими халқи худ чӣ медонанд? Мо таърихи кишварамонро аз кадом сарчашмаҳо меомӯзем? Солномаҳо, ҳуҷҷатҳо, ҳафриёти археологӣ, асарҳои бадеии таърихӣ ва ғайра ба омӯзгор кумак мерасонанд. Сарнавишти Темурмалик, ки фарзанди ҳамин обу хок буд, моро ба гузаштаи дур мепайвандад. Вай дар ҳимояи ватан танҳо набуд. Ҳазорон хуҷандиён дар мубориза бар зидди чингизиёни хунхор қурбон шуданд.

Аҳамияти муборизаи хуҷандиён бо истилогарони тотор (муғул) ва даҳшати ба харобазор табдил ёфтани шаҳру деҳ шарҳ дода мешавад. Махсусан, бақияи тамоми лашкариёни худро бо худ гирифта ба қасди поймол кардани Мовароуннаҳр, Хоразм ва Хуросон ба роҳ баромад таъкид мешавад. Чингизхон бо ҳамин роҳ аввал Банокат ва маҳаллоти атрофи он, баъд Хуҷандро хароб намудааст; кӯчиёни истилогар чӣ гуна ба Хуҷанд наздик шудаанд; шаҳриён онро чӣ гуна муҳофизат менамуданд; фил ва тилисм, ҷанг: камон, шамшер, тир, найза, яроқи деворшикан, манҷаниқ, гурз, табарзин ва ғайра таъкид ва ташреҳ дода мешавад.

Тасвири баъзе аз олоти ҷангиро дар тахтаи синф кашидан беаҳамият нест. Ваҳшонияти муғул, куштори аҳолӣ, харобии кишвар, аҳамияти набарди Хуҷанд. Ин шаҳр шоҳиди зинда дар раҳгузори таърихи ҳазорсолаи тоҷикон аст.

Аҳли синф ҳикояти муаллимро бо шавқи зиёд гӯш мекунанд. Ба хусус вақте ки муаллим тавонад воқеияти гузаштаро бо қиёсҳои таърихӣ ба дилу рӯҳи хонанда наздик созад. Дар ин роҳ ҳар гуна тасвири таърихии Хуҷанд метавонад ба муаллим ёрӣ расонад. Ана, дар ҳамин вазъият аввал муаллим, баъд хонандае порае аз қисмати зикршудаи очерки Айниро мехонанд. Синф бояд асири даҳшати ҳуҷуми Чингизхон ба Хуҷанд бошад. Марги хуҷандиён, ифтихори ватандорӣ ва садоқати онҳо ба роҳбари ҷасуру далеру фидокор – Темурмалик эҳсоси ҳамдардии хонандагонро бедор месозад ва ин эҳсоси ҳамдардӣ тадриҷан ба нафрати сӯзон нисбат ба душман ва муҳаббату дӯстдорӣ нисбат ба Ватан табдил меёбад. Дар ин ҳол муаллим бо ёрии саволҳо пораи очеркро такрор менамояд.

Қаҳрамони халқи тоҷик кист?

Чаро чингизиён Банокатро зуд ба даст оварданд?

Барои ҳимояи шаҳр Темурмалик чӣ тадбир андешид? Чингизиён «тилисм»-и хуҷандиёнро чӣ тарз шикастанд?

Шабохуни хуҷандиён ба урдугоҳи душман чӣ натиҷа дод? Улоқнуён кӣ буд?

Ҷангҳои манҷаниқӣ ва чархӣ чӣ гуна буд ва ба лашкари муғул чӣ дод?

Талафоти кадоме аз тарафҳо вазнин буд?

Сабаби ба киштиҳои Темурмалик таъсир накардани тиру найзаҳои сарбозони муғулро шарҳ диҳед. Бо он ҳама талафоте, ки тасвир шудааст, чаро шумораи сарбозони муғул кам намешавад?

Бачаҳо ба қадри ҳол ба ин саволҳо ҷавоб мегӯянд. Муаллим ба китоб нигоҳ накарда онҳоро ислоҳ менамояд ва ё фикрашонро тақвият мебахшад. Дар ин ҳол ҷумлаҳоеро, ки

қаҳрамонии Темурмалик ва лашкари ӯро тасвир намудаанд, иқтибос овардан зарур аст.  Мардуми шаҳр ва деҳоти атрофро, ки ба қалъаи хушкӣ ғун шуда буданд, ба мудофиаи шаҳр даъват намуд ва ба онҳо тавсия кард, ки ба ҳеҷ ҳилаву найранг ва ба онҳо таслим нашаванд ва оқибати таслимшудагонро пеши назар оварда, то ҷон дар бадан доранд, худро нигаҳдорӣ кунанд, Темурмалик бо шиддати аввала ва балки аз вай ҳам зиёдтар ҷангро давом мекунонид. Рӯз то рӯз зиёд шудани ҳисси интиқомгирии темурмаликиён нисбат ба чингизиён ва торафт шуълавартар шудани оташи ғазабу нафрат нисбат ба онҳо ҷои камии ҷисмонии темурмаликиёнро пур мекард. Лекин аз даст рафтани шаҳри Хуҷанд ва қалъаи қадимии он ва қатли ом ёфтани аҳолӣ кори Темурмаликро душвор кард.

Хонандагон бо ҳамин усул барои пурра хондани пораи очерк дар хона омода мешаванд ва дар дарси оянда мазмуни онро нақл менамоянд. Ин ҳикояти хонандагон бояд бо луғат ва коркарди таъбирҳо қавӣ карда шавад. Баъзе ифодаву номҳо ва истилоҳоти онзамонии ҷангиро бачаҳо бояд дар ёд гиранд. Ва он истилоҳу ифодаҳову номҳо хати пайванди дирӯзу имрӯз мешаванд. Масалан, фақат ба воситаи ҷумлаи «Муғулон барои сангкашонӣ кӯҳеро, ки ба ҳамон муносибат номаш «Кӯҳи муғул» шуда мондааст, интихоб карданд. Як қисми асирони ҳашариро ба сангбурӣ ва сангкобӣ ва қисми дигарашонро ба сангкашонӣ кор фармуданд» - бисёр чизҳоро ба бачаҳо фаҳмондан мумкин аст. Дар зимни ҳамин таҳлил истилоҳоти ҳарбии он рӯзгорро бо имрӯз муқоиса кардан низ ёди таърихии хонандагонро мустаҳкам месозад. Метавон калимаҳоеро, ки муҳорибаро ифода мекунанд, интихоб кард ва дар муқоиса бо истилоҳи имрӯзӣ шарҳ дод. Пас аз шарҳи луғат ва таъбирҳо нақли хонандагон ба матни аслӣ наздик мешавад. Ифодаҳо ва таъбирҳои ҳикматнок ба дафтар навишта мешаванд.Мавзӯи ватандӯстӣ, сабақи ҳарбӣ, ҳисси рафоқат, рӯҳияи қаҳрамонӣ ва масъулият дар назди халқу ватан дар ин асар ба қадри кофӣ ифода шудааст. Порчаҳои

ин асарро мо дар синфи 5 таълим дода, шогирдонро ба хондани асарҳои нисбатан калонҳаҷми ҳамосӣ (эпикӣ) омода мекунем. Барои ба ин ҳадаф расидан мо бояд аз усулҳои судманде монанди маводи намоишӣ, таърихӣ, хониши дубора, суолу ҷавоб, тасвиркориҳои худи хонандагон, шеърҳои шиор дар ин мавзӯъ истифода кунем. Дар натиҷа хонандагон ба моҳияти аслии асар сарфаҳм меравconfigurand ва он бигзор яке аз ҷузъҳои таъсири ахлоқӣ ба хонандагон гардад. Зеро Айнӣ дар ин асар аз сарнавишт ва корномаи ононе нақл кардааст, ки ҷонашон пеши ҳастии ватан арзиш надошта, яке бо ҳазор нафар истилогар даст ба гиребон будаанд. Ва барои ватан ҷон бохтаанд.

Дар соати дуюми ин дарс пораи дигари ҳамин очерк «Ҷанг дар биёбон ва тири бепайкон» хонда ва таҳлил карда мешавад. Хониш ва таҳлили пораи аввал хонандагонро ба фаҳмиши ин қисмати матн омода менамояд. Муаллим метавонад кӯтоҳакак сарнавишти Темурмалик ва ёрони ӯро аз пораи аввала ба ёд оварад. Вай дар бораи шаҳри Хуҷанд, ки дар он давра аз марказҳои муқтадири тоҷикнишин буд ва осори бошукӯҳи фарҳангӣ дошт, бояд сухан гӯяд. Ин руҷӯи таърихӣ хонандагонро ба хондан ва дарки қисми баъдии ин очерк омода месозад. Ҳарчанд хондан ва таҳлили пораи аввал, корбурди луғату истилоҳот ва таъбирҳо забони асарро ба хонандагон наздик кард, вале ҳанӯз душвориҳои дигаре ҳаст, ки хондани он ба хонандагон мушкилот меоварад. Бинобар ин муаллим матнро хонда, нақли мазмунро ба дӯши хонандагон мегузорад. Ҳангоми хондан ва нақл калимаҳои душворфаҳм тавзеҳ дода мешаванд. Дар соати дуюми таълими ин мавзӯъ низ муаллим барои тақвият додани эҳсоси ватандӯстии хонандагон метавонад аз усулҳои писандида ва воситаҳои ёрирасони таълимӣ истифода барад.

## 6.8. ТАЪЛИМИ ПОРЧАҲО АЗ «ЧАРОҒИ АБАДӢ»-И МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дар барнома барои таълими осори Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар синфи V панҷ соат ҷудо карда шудааст. Эҷодиёти ин шоири бузург дар ин синф дар қатори бисту як адибе таълим дода мешавад, ки завқу фаросати ҷаҳонбинӣ, биниши сиёсии хос, тасвирҳои бадеӣ, назари илмӣ, мазҳабӣ, мавқеи ахлоқӣ ва бадеию ҳунарии худро доранд. Чунин раҳнамоии барнома шароитеро фароҳам меорад, ки муаллим дар вақти таълими ҳар мавзӯъ консепсияи хоси таълимиву тарбиявиро пеш гирад. Аз ин панҷ соати барои таълими осори шоир ҷудошуда мо як соаташро ба мавзӯи «Порчаҳо аз «Чароғи абадӣ», «Интизорӣ» ва «Мулоқоти якум» ихтисос додем.

Пас аз суҳбати муқаддимавӣ муаллим аз хонандагон мепурсад, ки дар бораи Мирзо Турсунзода чӣ медонанд. Хонандагон ҳар чизеро, ки дар синфҳои поёнӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти ин шоир медонанд, ба ёд меоваранд. Хуб мешуд, ки ҳангоми суҳбат тасвири устод Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода гузошта шавад.

Матни асар ҳамзамон бояд дар синф хонда шавад. Барои он ки фаҳмидани матни пурраи ҳар ду пораи достон ба хонандагон осон шавад, ҳатталимкон байту пораҳои душворфаҳмро шарҳ дода гузаштан мувофиқи мақсад мебуд. Ин усулро дар вақти хондан аҳён-аҳён метавон истифода кард ва муфид ҳам ҳаст. Дар синф қисмати «Интизорӣ»-ро хонда, «Мулоқоти якум»-ро хонандагон метавонанд дар хона хонанд. Ҳамчунин, дар рафти хондан ба саволҳои дар китоб омада бояд ҷавоб тайёр кунанд ва дар хона хонандагон бояд байтҳои қисмати «Интизорӣ»-ро ки муносибати падарро ба таваллуди фарзанд ифода мекунанд, нависанд. Илова ба ин байтҳои ҳикматноки достон аз қабили

Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард, - ро

навишта аз ёд кардан муфид аст.

Муҳимтарин ва судмандтарин коре, ки муаллим дар таълими ин мавзӯъ анҷом медиҳад, ифоданок хондани

пораҳои шеърӣ аст. Мо медонем, ки хондан усули одӣ ва хуби бо асари бадеӣ ошно кардани хонандагон аст. Вале то вақте ки мо ба тарзи муассир хонданро ба хонандагон наомӯзонем, дар хондан натиҷаи дилхоҳ ба даст намеоварем. Албатта, ба тарзи муассир, таъсирбахш ва бурро хондан барои хонандагони синфи V осон нест. Вале бояд донист, ки фақат хондани муассиру таъсирбахш моҳияти асар, умқи маънавӣ ва арзиши рӯҳии онро ошкор месозад ва ба хонанда мерасонад. Чӣ гуна метавон ин пораҳои достони Мирзо Турсунзодаро муассир ва таъсирбахш хонд? Ба хонанда нишон додан лозим аст, ки ин ду қисмати достон маънӣ ва мазмуни хос дошта, ҳар кадоме бо оҳанги хос хонда мешавад. Дар вақти қироат ҳангоми аз ҷузъе ба ҷузъи дигар гузаштан садои хониш зери таъсири эҳсосоти лозима тағйир мепазирад. Бо ҳамин усул мо метавонем рӯҳи шеър ва хостаҳои бадеии шоирро ба хонанда расонем.

Достони «Чароғи абадӣ» зоҳиран хусусияти тарҷумаиҳолӣ дошта, фарзанд ёфтани шоир ва истиқболи адиби бузург Садриддин Айнӣ ифодагари маънои маҷозии достон аст. Аммо ба қавли адабиётшинос Холиқ Мирзозода, «моҳияти фалсафии асар амиқтар аст, шоир, аз як тараф, наслҳои нави халқи худро тавсиф мекунад, ки онҳо бо пои қадами некашон ҳаёти ояндаи халқи моро фурӯзон мегардонанд, аз тарафи дигар, он баргузидагони халқамонро тасвир менамояд, ки онҳо бо фаъолияти эҷодӣ ва ҳаётиашон на танҳо симои бузурги худро абадӣ гардондаанд, балки барои дар ҳаёт мавқеи ба назар намоёнро ишғол намудани халқу миллаташон ёрӣ додаанд»[1].

Агар худи муаллим дар хондани муассир намуна набошад, агар хонандагон ба ӯ пайравӣ карда асарро ба тарзи муассир ва таъсирбахш нахонанд, гумон аст, ки мазмун ва моҳияти асар бо тамоми паҳлӯҳояш ба онҳо дастрас шавад. Муассир хондани шеър ба сари худ шарҳи маънии он аст.

[1] Х. Мирзозода. Адабиёт аз нуќтаи назари њаёт. Душанбе, 1973, сањ. 257.

Такмили хониши бадеӣ (муассир), махсусан, дар синфи V зарур аст. Вале ин ҳадаф ба муаллим иҷозат намедиҳад, ки дарсро комилан ба хониш табдил диҳад. Хониш, ба хусус, хониши адабӣ бояд ҳадафи муайян дошта бошад: ошноӣ бо матн, хониши муассир аз рӯйи матни муайян, хониши матн барои азёд кардан, хондан барои ба саволҳо ҷавоб гуфтан, хондан барои тартиб додани нақша. Ҳангоми таълими шеър ин масъулияти муаллим бештар мешавад. Ҳадафи асосӣ аз хондани шеър ин шинохтани вазн аст. Бо ин роҳ муаллим эҳсоси вазнро дар хонандагон парвариш медиҳад. Шеърро хонда, онро азёд карда, хонанда на фақат ба маънӣ ва мазмуни он сарфаҳм меравад, балки сухан гуфтанро ёд мегирад. Ин заминаест, ки хонандагонро дар хондани наср муваффақ месозад.

***Мавзӯи дарс: Омодагӣ ба хондани муассири пораҳо аз достони Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ». «Интизорӣ» ва «Мулоқоти якум».***

Ин дарсро ба ду тарз гузаронидан имкон дорад.

1. Дарс бо сухани раҳнамои муаллим шурӯъ шуда, баъд муаллим пораи достонро (аз боби «Интизорӣ») мехонад, сипас таҳлил гузаронида мешавад ва ниҳоят, бачаҳо ба хондани муассир омода мешаванд.

2. Машғулият аз рӯи саволҳои пешакӣ додашуда сар мешавад. Ҷавобҳои хонандагон такмил ёфта, барои омодагӣ ба хондан санҷиш гузаронида мешавад. Сипас, дар заминаи омӯзиши амиқ ва муайян намудани вазифаҳои хондани муассир хонандагон ба хондан тайёр мешаванд.

Дар ин мақола барои гузаронидани дарс мо тарҳи дуюмро интихоб намудем. Ҳангоми гузаронидани ин дарс муаллим ба донишҳо, малакаҳо ва имкониятҳое такя менамояд, ки хонандагон дар синфҳои пешин ба даст овардаанд. Онҳо аллакай бодиққат ва барои худ хонданро омӯхта, андешидан ва муайян намудани ғояи асарро ёд

гирифтаанд. Ҳамчунин онҳо, метавонанд, ки матнро ба қисмҳо ҷудо карда, вазифаҳои асосӣ ва фаръии хонданро муайян намоянд. Онҳо хондани шеърро ёд гирифта, онро муассир қироат мекунанд.

Дар синфи 5 дониш ва тасаввуроти онҳо дар бораи шеър ва навъҳои он меафзоянд. Махсусан, савияи хониш ва таҳлили онҳо боло меравад. Мақсади дарси мазкур аз хондани муассири пораҳо аз достони Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ» малакаҳои хонандагонро такмил дода, маҳорати хондан ва таҳлили матни асарро ба онҳо омӯзонидан иборат аст. Ҳамчунин онҳо, бояд ҳангоми хондан ифода карда тавонистани махсусиятҳои бадеии асарро ёд гиранд ва алоқамандии мундариҷаю шаклро ошкор карда тавонанд. Омӯзиши амиқ ва хониши муассири ин асари Мирзо Турсунзода дониши хонандагонро дар бораи зиндагӣ васеъ карда, ҳисси халқпарварию ватандӯстиро дар онҳо инкишоф медиҳад.

Дар ин замина ҳамон вақт комёб мешавем, ки агар таъсири маънавӣ ва ҳиссии асари адибро ба хонанда гузаронида тавонем, агар шеър барои хонандагон ифодагари эътиқоди шахсӣ ва хостҳои ахлоқии онҳо гардад.

Хониши муассири шеърро кори синфии пешакӣ ҳамроҳӣ мекунад. Ин амалро то оғози хондан анҷом додан муҳимтар аст. Муаллим ба хонандагон вазифа месупорад, ки дар асоси он бояд онҳо ба як қатор саволҳо ҷавоб гуфта, бо махсусиятҳои ғоявӣ ва бадеии асар ошно шаванд.

Супориш метавонад чунин бошад:

1. Матнро хонда, ба лавҳаҳо ва ҷузъиёти ҳар калима эътибор дода, алоқаи ҷузъҳои алоҳидаро бо маънии воҳид муайян намоед.
2. Дар бораи мавзӯъ ва ғояи асар андеша намоед.
3. Ҷавоб ҷустан ба саволҳои:

а) маънии пораи шеъриро чӣ тавр ифода мекунед?

б) маънии ғоявии асар чӣ гуна ба воситаи калимаҳо ва савтиёти он ифода шудааст?

в) хонанда ҳангоми хондани шеър чиро барои худ аз ҳама муҳим медонад? Вай бояд ба чӣ комёб шавад?

4. Аз рӯи расмҳои зерин нақша тартиб диҳед:

а) сурати вокзали солҳои сиюми Душанбе;

б) сурати Айниву Турсунзода;

а) тасвири «Модар ва кӯдак» дар ҳошияи мисраи шоир: - Ба модар нури чашмон аст фарзанд.

Ин саволу супоришҳо пешакӣ барои омӯзиши мустақилонаи шеър дар хона дода мешаванд. Ҳадаф шавқи хонандагонро ба ин шеър овардан, дар онҳо парваридани хоҳиши ба мундариҷаи он амиқ сар фурӯ бурдан аст. Ва дар машғулият он чиро, ки хонандагон иҷро кардаанд, ҷамъбаст карда, хониши муассири матн гузаронида мешавад.

Муаллим кори хонандагонро ҷамъбаст намуда, таваҷҷуҳи онҳоро ба байту пораҳое ҷалб мекунад, ки барои равшан сохтани мундариҷаи ғоявию бадеии асар арзишманд ҳастанд.

Таассуроти шоир асоси ин ду пораи достонро ташкил медиҳад. Ҳам қисмати «Интизорӣ» ва ҳам «Мулоқоти якум» бо эҳсосоти пуршиддат навишта шудааст: шоир дар изтироб аст, ӯро ҳаяҷон пахш намудааст. Зери таъсири ҳамин эҳсосот ӯ аз хона берун меравад. Гӯш ба садои шаб медиҳад. Аз насими зиндагибахши баҳор ҳаловат мебарад. Ин насим паёми тозаи зистан дорад. Ҳамин тариқ, «дар боби якум, ки «Интизорӣ» ном дорад, шаби орому зебои баҳор тасвир ёфта, ба ҳолати рӯҳии қаҳрамон – хотири парешон ва дили пур аз изтироби ӯ муқобил гузошта шудааст. Дар боби «Мулоқоти якум» хавотирию изтироби шоир ба шодию фараҳ табдил меёбад. Вале ин ҷо низ қаҳрамони лирикиро хилқати падари духтарбезор ба андеша мебарад. (Дар ин хусус муфассал нигаред: Х. Отахонова. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. Душанбе, 1983, саҳ.112-114).

Таассуроти шахсии шоир дар эҷоди ин достон ба хусус пораҳои «Интизорӣ» ва «Мулоқоти якум» ҷойгоҳи хос дорад. Ҳарчанд ин асар «зоҳиран характери тарҷумаи ҳолӣ ва ёддоштӣ» дошта бошад ҳам, аммо моҳияти фалсафии асар амиқтар аст, шоир аз як тараф наслҳои нави халқи худро тавсиф мекунад, ки онҳо ба пайи қадами некашон ҳаёти ояндаи халқи моро фурӯзон мегардонанд, аз тарафи дигар, он баргузидагони халқамонро тасвир менамояд, ки онҳо бо фаъолияти эҷодӣ ва ҳаётиашон на танҳо симои бузурги худро абадӣ гардондаанд, балки барои дар ҳаёт мавқеи ба назар намоёнро ишғол намудани халқу миллаташон ёрӣ додаанд»[1].

Ба ҳар ҳол, Мирзо Турсунзода дар заминаи санадҳои ҳаётӣ асаре офарид, ки арзиши ҷамъбастӣ дорад. Достон аз номи шахси аввал- «ман»-и муаллиф навишта шуда, қаҳрамони лирикӣ ҳиссу андешаи шахсеро ифода мекунад, ки халқу ватанашро бо камоли масъулият дӯст медорад.

Дар вақти таълими ин мавзӯъ диққати асосиро бояд ба ғоя ва воситаҳои тасвири бадеӣ дод. Ғоя ба шакли алоҳида дода нашудааст, вайро тамоми мундариҷаи ин ду қисм ифода мекунад.

Аввалин сатрҳо ифодагари рӯҳия ва эҳсосоти пуризтироби қалби шоиранд:

Шабе, ки то саҳар бедор будам,
Мушавваш, тангдил, ночор будам.
Нахуфтам, доштам уммедворӣ,
Диламро мефишорад интизорӣ.

Онҳо неруи таассуроти ӯро таъкид меварзанд. Сабаби изтироби шоирро ин байт ба мо шарҳ медиҳад:

Ба чашмонам шуданд ин дам намоён
Таваллудхонаву дунёи тифлон.

---

[1] Х.Мирзозода. Адабиёт аз нуќтаи назари њаёт. Душанбе, 1973, сањ.257.

Яъне шоир интизори пои мубораки тифл аст. Байти зер ба тарзе гуфта шудааст, ки ҳиссиёти шоирро аз ҳодисаи фараҳангез хеле амиқ ва равшан ифода мекунад:

Саҳар шуд, шаҳр ҳам омад ба таҳрик,
Мунаввар шуд фазои кӯҳи тоҷик.

Тавлиди фарзанд таҷассуми идомаи ҳаёт аст. Ин маънӣ дар қисмати «Мулоқоти якум» тақвият меёбад. Шоир дар идомаи эҳсоси зиндагисози интизории ҳаёт бо тамоми неруи ҳиссу андеша шарофати модар ва наҷобати фарзандро, ки яке ҳастанд, ситоиш мекунад:

Ба модар нури чашмон аст фарзанд,
Давонда реша дар ҷон аст фарзанд.

Тавлиди фарзанд барои шоир идомаи ҳаёт аст, хоҳ писар бошаду хоҳ духтар. Ғояи ватандорӣ ва идомаи наслҳо ҳадафи асосии маънавии шоири бузург аст.

Вале ҷовидонагии ҳаёт фақат ғояи ягонаи ин асар нест. Балки аз ҳамин ду пора равшан мешавад, ки ҳадафи аз ин волотари шоир ватан ва ватандорӣ будааст:

Писарро пешкаш кардам Ватанро
– Диёри дилписанди хештанро.
Замини сабзранги тоҷиконро,
Садои рӯдҳои зарфишонро…

Дар асоси ҳамин сатрҳо хонанда низ ба ҳамин хулоса меояд.

Ҳамин тариқ, мазмуни интизории шоирро («Интизорӣ») тавлиди тифл («Мулоқоти якум») тавсиа мебахшад. Ин худ низ ифодагари ғояи асар аст. Инкишофи ҳамин маънӣ дар ҳамаи сохтори шеърӣ ифода меёбад. Мо ин ифодаро дар ҳар ду қисм, дар тасвир ва интихоби калимот ва тобишҳои услубии он мушоҳида менамоем. Дар қисми аввал, яъне «Интизорӣ» манзаранигорӣ (тасвири баҳор) ҳолати рӯҳии

шоирро аниқ ва барҷаста муҷассам месозад. Ин заминаи рӯҳӣ ӯро ба дидани тифли навзод омода месозад. Истифодаи шоир аз ифодаҳои оддӣ, монанди «гули гелос», «чакидан дошт», «чак-чак» ва ғайра ба ифодаи ҳиссиёти сода, вале самимии қаҳрамони лирикӣ мусоидат намудааст. Дар поёни қисмати «Мулоқоти якум», ки андешаи шоир таъаллуқоти умумӣ мегирад ва нақш шаҳомат пайдо мекунад, алфози ба сабки сухангӯӣ мувофиқ истифода бурда мешаванд.

Сано гуфтам ба занҳое, ки имрӯз
Ба кори мамлакат ҳастанд дилсӯз.
Сано гуфтам ба фарзанди ҷигарбанд,
Ба ҳар як модари дорои фарзанд.
Яқин дорам, ки ин духтарчаи нав
Шавад фардо ба модарҳош пайрав.
Азизи халқ, донишманд гардад,
Ба кори судовар банд гардад…

Андеша ва ҳиссиёти шоир вазни шеърро низ ба худ тобеъ сохтааст. Оҳиста, гӯё дар таъкиди маънӣ бошад, мисраъҳо бо оҳанги марғуб ва дилрас садо медиҳанд:

Ман аз шодӣ зи ҷо ҷастам, паридам,
Рухи фарзанди навзодам бидидам.

Ҷойе, ки воқеият тасвир мешавад, оҳанги сатрҳо ба гуфтугӯи рӯзмарра наздик мешавад ва ин ба ифшои эҳсосу андешаи шоир ва бадеияти он то ҷое мусоидат менамояд. Вақте ки шоир дар бораи Ватан сухан мегӯяд, оҳанги шеър суръати дигар мегирад, амиқӣ ва низоми хоси сухан эҳсос мешавад.

Баъди суҳбат ва мунозира дар боби мундариҷаи ғоявию бадеии асар муаллим ба даври дуюми машғулият мегузарад: ба омодагии хондани шеър; ба таҷассуми овозии ҳамаи он чизе мегузарад, ки дар ҷараёни таҳлили матн омӯхта шуд.

Қабл аз ҳама вазифаи асосии хондан муайян карда мешавад, ки онро метавон чунин ифода кард: нишон додани неруи ғояи ватандорӣ ва садоқат ба арзишҳои маънавию ахлоқии наслҳо. Ин ҳадаф бо роҳи хондан ва таҳлили муназзами (яке аз паси дигар) қисмҳои ҳар боб, бо роҳи аз рӯйи маънӣ ба қисмҳо ҷудо карда хондан иҷро карда мешавад.

Бояд гуфт, ки хониш муназзамии таъсири адабиеро, ки моҳияти асосии чунин тарзи хондан аст, дар назар дорад. Вале барои иҷрои бомуваффақияти ин кор зинда, таъсиргузор, муассир, боварибахш анҷом додани хониш хонанда чанд лаҳзаро бояд ба назар гирад.

1. Барои хондани ҳар қисмати асар бояд ба дарки мушаххас ва возеҳи ҳодисаву воқеаҳое такя кард, ки дар асар тасвир шудаанд.

2. Таъкид бар калима ва маъниҳо бо ист (пауза) таъйин мешавад. Вале истро ба тарзи сохта набояд истифода кард. Он аз рӯи талаби мазмун ва диди ҳолшиноси хонанда бояд иҷро шавад.

Дар ин маврид сохти ҳамаи сатрҳои шеърро аз назар гузаронида, мавқеи ист ва таъкиди мантиқиро бояд дақиқ муайян кард.

## 6.9. ТАЪЛИМИ ПОРАҲО АЗ «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Дар барномаи адабиёт барои таълими баъзе аз бобҳои «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус дар синфи 6 се соат ҷудо карда шудааст. Омӯзгор агар ин се соатро босамар истифода барад, дар таҳсил ва таълими ин мавзӯъ муваффақ хоҳад шуд. Мо соатҳои аввал ва дуюми ин дарсро ба хондан ва таҳлили мавзӯъҳои дар шинохти ҳаққи падару модар, омӯхтани ҳунар, одоби сухан гуфтан, фурӯтанӣ ва одоби таом хӯрдан, шароити ба меҳмонӣ рафтан ва меҳмондорӣ кардан ва соати сеюмро ба пурсишу такрор ихтисос додем.

Дарси аввал, нақшаи дарс: Суҳбати раҳнамо, Хондани бобҳои «Андар шинохти ҳаққи падару модар», «Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар» ва «Одоби сухан гуфтан». Суҳбат ва суолу ҷавоб, нақли мазмуни бобҳо. Шарҳи луғат.

Муаллим дар суҳбати раҳнамо дар бораи «Қобуснома» ва муаллифи он ба хонандагон маълумоти мухтасар медиҳад. Пас аз он ки дар ин зимн дар бораи адабиёт, аз ҷумла шеър ва насри ахлоқии гузашта, бо хонандагон суҳбат намуд, дониш ва ёфтаҳои пешинаи онҳоро ба ёдашон меоварад. Хонандагон аллакай дар синфи V бо мафҳумҳои панду ҳикмат ошно шуда, аз ҳикматҳои Луқмони ҳаким, ашъори ахлоқии Рӯдакӣ, панду андарзҳои Абдуллоҳи Ансорӣ, аз ҷумла, рисолаҳои «Дилу ҷон», «Воридот» ва «Қаландарнома», ҳикоятҳои пурҳикмати «Гулистон»-и Саъдӣ ва ғайра огаҳ ҳастанд. Дар ин замина муаллим метавонад бо усули саволу ҷавоб зеҳни хонандагонро фаъол созад. Дониш ва тасаввуроти гурӯҳе аз хонандагонро ба воситаи суолу ҷавоб ва гурӯҳи дигарро ба пурсидани маводҳои азёд медонистаашон санҷад. Қитъаҳои ахлоқии Рӯдакӣ, монанди «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ». «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад», «Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир» ва ғайра, ки хонандагон дар синфи 5 омӯхтаанд, метавонанд гиреҳкушои суҳбати баъдии муаллим бошанд.

Муаллим аввалан бояд бачаҳоро эътиқодманд созад, ки адабиёти гузаштаи мо мазҳари ҳикмат ва ахлоқ буда, ҳикоятҳо ва афсонаҳои ҳикматнок хонандаро ба роҳи камоли инсонӣ ҳидоят менамоянд.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар мавриди таълими адабиёти ахлоқӣ фикрҳои гуногун вуҷуд дорад. Гурӯҳе ба панду насиҳат ва адабиёти ахлоқӣ хӯ гирифтани наврасонро зоеъ сохтани ҳувият ва иродаи устувори онҳо дониста, як навъ дар хӯи ғуломию мутеъӣ тарбият намудан донистаанд. Гурӯҳи дигар панду насиҳат, умуман, адабиёти ахлоқиро воситаи беҳтарини тарбияи инсон маънидод намудаанд. Аз

ҷумла, солҳои ҳаштоди асри гузашта шоир Ғаффор Мирзо ба муқобили равиши ахлоқии таълиму тарбия баромада, навишта буд, ки «панду насиҳати бевосита як вақт маъмул ва маъқул буд, барои он ки характери мардум, характери бачаҳо бо тазйиқи характери муносибатҳои ҷамъияти ғуломона мувофиқ буд. Хурд ба калон мебоист итоат кунад, хурд ба калон мебоист муқобил набарояд, гарчанде он калон ноҳақ бошад, нодуруст рафтор кунад. Камбағал мебоист аз ҷар парад, агар тавонгар инро раво бинад. Духтари чордаҳсола маҷбур буд ба пири ҳафтодсола ба шавҳар барояд, агар хости падари ӯ ҳамин мебуд. Ҷавонмарди ошиқ маҷбур буд оташи ишқи худро фурӯ нишонад, агар калонҳои хона ба ӯ мефармуданд».

Мутаассифона, назари Ғаффор Мирзо ба адабиёти ахлоқии мо ҳамин гуна буд. Баъдтар донишманди маъруфи адабиёт Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба Ғаффор Мирзо ҷавоб навишт, ки ҷавоби ӯ метавонад дар таълими ин мавзӯъ барои омӯзгор маҳак бошад. Ӯ менависад: «Мо ақида дорем, ки ба ин гуна эзоҳ асло розӣ шудан мумкин нест. Меҳри махсуси панду ҳикмат дар дили мардуми мо дар давоми ҷустуҷӯи моҳияти ҳаёт ва оламу одам пайдо шуда буд. Мардум натиҷаи ҳамон ҷустуҷӯи маънавиро ба шакли панду ҳикмат ба наслҳои оянда талқин мекарданд…»

Охир, ба панду ҳикмат як назар андозед, панду ҳикмати классикон, масалан, Саъдиро як мутолиа кунед. Аз инҳо магар ҷилову дурахши ақлу заковати халқ намоён нест? Оре, он панду ҳикмат таҷассуми ақлу заковати халқи мост, на нишонаи ғуломии ӯ!

Вале таъсири судманди ин адабиёти ахлоқӣ ба зеҳн ва шууру рафтори хонанда, пеш аз ҳама, ба ҳунари муаллим вобаста мебошад. Таъсири ин адабиёт ва мақоми он дар дилу дидаи хонанда ба усули таълиме алоқаманд аст, ки муаллим бо он мусаллаҳ бошад. Воқеан ҳам усули хушки таълим ин навъи корсози адабиётро метавонад ба насиҳати хушку холии урён табдил диҳад ва онро ба хонанда як чизи

нодаркор ҷилва диҳад. Дар ин сурат хонанда ба ин намунаҳои адабӣ ҳамчун «панду насиҳати безоркунанда» муносибат хоҳад кард. Муаллим бояд дар назар бигирад, ки осори ахлоқии адабиёти пешинаи мо, қабл аз ҳама, намунаи олии осори бадеӣ буда, бо обу ранги хоси бадеиашон фарқ мекунанд. Муаллим бояд сахт дар назар дошта бошад, ки панду ҳикмат фалсафафурӯшӣ набуду нест. Вай андешаи амиқи ахлоқӣ ва сухани олӣ буду хоҳад монд. Ва ин андешаи амиқу сухани олӣ, бояд ба шакли сода, ки дар тарбият мисли худи ҳаёт бошад, ифода ёбад.

Аз ҳамин мавқеи арҷгузорӣ ба арзиши бадеии адабиёти ахлоқӣ мо бояд ба таълими осори бадеии ахлоқии гузашта дар дарсҳои адабиёт машғул шавем. Муаллим пеш аз ба хондан шурӯъ намудан вақтро барои хондани қисматҳои «Андар шинохтани ҳаққи падар ва модар» ва «Омӯхтани ҳунар ва одоби сухан гуфтан» тақсим менамояд. Муаллим худаш пораи аввали матнро хонда луғатҳои душворфаҳмро тавзеҳ медиҳад. Сипас, қисматҳои дигари ин се мавзӯъро миёни хонандагон тақсим карда мехононад.

Он чизе ки дар вақти хондани ин асар ба хонандагон душворӣ меоварад, дурии замон ва забони асар мебошад. Ин асар мероси адабии асри XI  аст, ки бинобар ин луғатҳои душворфаҳм низ дорад. Муҳимтар аз ҳама дар ин асар масъалаҳои ахлоқие ба миён гузошта шудаанд, ки барои замони мо ҳам зарур буда, моҳияташон вобаста ба гузашти замон кам нахоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, душвории забонӣ боқӣ мемонад ва муаллимро лозим меояд, ки луғатҳоеро монанди тафаққуд кардан, музоифи шааф, муқассир, фаръ, озарм ва ғайра тавзеҳ диҳад.

Дар идомаи ҳамин дарс матни дигар, ки дар барнома омӯхтани ҳунар унвон дошта, дар «Қобуснома» бо номи «Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар» омадааст, хонда мешавад. Вале матни одоби сухан гуфтан, фурӯтанӣ ва одоби таъом хӯрданро хонандагон бояд дар хона хонанд. Зеро

барои дар синф хондани ҳамаи ин матнҳо як соат кифоя намекунад.

Пеш аз хондани матн муаллим як бори дигар барои ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон тақрибан чунин шурӯъ менамояд. Бачаҳо, бубинед аз рӯзи навишта шудани ин асар то рӯзҳои мо қариб 1000 сол фосила аст. Вале он чизе ки ҳоло мо мехонему бояд донем, ҳеҷ вакт кӯҳна намешавад. Унсурулмаолии Кайковус гӯё барои фарзандаш не, балки ба гӯши мову шумо гуфта истодааст, ки «Бидон, эй писар…» Ва ин писар ё духтар, яъне мову шумо чиро бояд донем?

Шояд хонандае ҷавоб гӯяд:

-Ҳаққи падар ва модар.

Дар ҳамин ҳол муаллим метавонад пурсад:

- Шумо дар бораи падар ё модар дар синфи 5 шеъре хонда будед?

Бачаҳо ҳатман аз шеъри Эраҷ Мирзо «Қадри модар» ёд меоранд. Муаллим суҳбатро дароз накарда, матнро мехонад ва дар сари ҷумлаи «То нагӯӣ, ки падару модарро бар ман чӣ ҳақ аст, ки эшонро ғараз шаҳват буд, на мақсуд ман будам…» қарор мегирад. Хуб аст, ки бо тавзеҳи маънии ин ҷумла суҳбат ва суолу ҷавоби зиндае миёни муаллим ва талабагон воқеъ шавад. Муаллим дар баробари вазифаи падару модар дар ҳаққи фарзанд, масъулият ва вазифаҳои фарзандро дар назди волидайн бояд якояк бигӯяд.

Ҳангоми хондан ва тавзеҳи сархати дуюм сари ҷумлаи «Ҳаққи модару падар агар аз рӯи дин нанигарӣ, аз рӯи хирад ва мардумӣ бингар» қарор гирифта, маънии ҳар ду ҷузъи ҷумларо шарҳ додан матлуб аст. Сархати «Ва нигар аз баҳри мерос марги модару падар нахоҳӣ…» шояд тавзеҳи бештар ва алоқаманд бо ҳодисаҳои фоҷиавии талош бар меросро маҳз дар рӯзҳои мо ба ёд оварад. Дар ин равиш таҳрик додани андешаҳои хонандагон арзиши ахлоқии дарсро боз ҳам бештар хоҳад кард.

Муаллим бобҳои «Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар» ва «Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ»-ро барои дар хона хондан ба хонандагон супориш медиҳад.

«Қалби модар», он гуна ки Эраҷ онро пардохта, тамсилест бисёр гиро ва намудори ниҳояти дараҷаи ишқи модар ба фарзанд. Аммо ангезаи рафтори шигифтангезе низ аст, яъне неруи эъҷозофарин, ки аз ӯ чунин бадоее ба зуҳур тавонад расид.

Эраҷ низ чанд ҷо аз таъсири азими ин ангезаи камназир сухан гуфтааст, аз ҷумла, дар маснавии «Шоҳ ва ҷом», «Ҳадяи ишқ» ва амсоли он ва «Зӯҳро ва Манучеҳр»-ро низ, ки тарҷумаест озод бо рӯҳи эронӣ аз «Венус ва Адонус»-и Шекспир, бо ин ду байти пурмаънӣ ва машҳур поён додааст.

*Оҳ, чӣ ғарқоби муҳибест ишқ!*
*Муҳлакаи пур зи ниҳебест ишқ!*
*Ғамзаи хубон дили олам шикаст,*
*Шердил аст, он ки аз ин ғамза раст*!

«Қалби модар», ки ҳатто, дар мақоми муқоиса аз матни олмонии он қавитару зеботар аст, бегумон аз осори гаронқадру мондагори Эраҷ аст ва ҳамеша форсизабононе онро хоҳанд хонд ва такрор хоҳанд кард ва давомаш ҷовидонӣ хоҳад буд. То модару меҳри ӯ боқист, ёдгорест аз шоире, ба таъбири Яҳёи Ориёнпур, «бисёр тавоною бузург ва аз пешвоёни умдаи инқилоби содагӯӣ» ва ё, ба қавли Саиди Нафисӣ, «ширинсухантарин шоири рӯзгори мо».

## 6.10. ТАЪЛИМИ ПОРЧАЕ АЗ ҲИКОЯИ « БЎИ ҶЎЙИ МУЛИЁН »-И Р. ҲОДИЗОДА

Омўхтани сарватҳои маънавӣ, истифодаи мероси маданият, санъат ва адабиёт дар дарси адабиёт ҷойгоҳи намоён ва аҳамияти хос дорад. Ба таърих ва маданияти наслҳои гузашта назар дўхтан, унсурҳои пешқадам ва ғояҳои тараққипарвари онро истифода намудан барои инкишоф ва ғанӣ гардонидани боигариҳои маънавии инсоният кумаки беандоза мерасонад. Тавассути асарҳои бадеии таърихӣ хонандагон ба ҳаёти гузаштаи халқ ва қаҳрамонони он, ҳаёту фаъолияти ходимони барҷастаи ҷамъият, илм ва адабиёт аз наздик шинос мешаванд. Дар ин роҳ омўзиши асарҳои бадеии таърихие, ки образи адибони барҷаста тасвир ёфтааст, хело манфиатбахш аст.

Дар Барномаи такмилёфтаи забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ ба омӯзиши асарҳои бадеии таърихӣ диққати махсус дода шудааст. Аз мушоҳидаҳои шахсӣ ва иштирок ба дарсҳои ҳамкасбон бармеояд, ки таълими асарҳои таърихӣ вазифаи басо душвор ва дар баробари ин масъулиятнок буда, аз омӯзгорон дониши чуқур ва таҷрибаи ғании эҷодиро талаб менамояд. Дар як ё ду соати таълимӣ таҳлили чуқури асарҳои калонҳаҷми бадеии таърихӣ имконнопазир аст ва омӯзиши ҳаматарафаи онҳо бештар барои хониши берун аз синфӣ тавсия мешавад. Соатҳои таълимие, ки ба таълими асарҳои бадеии таърихӣ ҷудо карда шудааст, бештар аз муайян кардани жанр, мавзӯъ, ғояи асор ва роҳҳои истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ иборат буда, таҳлили эпизодҳои пурмазмун ва мушаххасро фаро мегирад.

Хонандагони синфи 7 ба ҳаёт ва афкори панду ахлоқии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз синфҳои поён шинос мебошанд. Барои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар барномаи такмилёфтаи синфи ҳафтум 3 соат ҷудо карда шудааст. Фарқият аз барномаи таълимии пештара илова шудани омӯзиши порча аз ҳикояи Р. Ҳодизода «Бӯи ҷӯи Мулиён» аст, ки аҳамияти муҳими тарбиявӣ ва ватандӯстӣ дорад. Ба таҳлили порчаи ҳикояи мазкур зарур аст, ки як соати таълимӣ ҷудо намоем. Муаллим вазифадор аст, ки то таълими ҳикояи мазкур хонандагонро мухтасар бо ҳаёту фаъолияти шоир шиносонда, ба таҳлили порчаҳои шеърӣ сафарбар намояд. Ҳамчунин, тавсия намояд, ки як қисми супориши вазифаи хонагӣ мустақилона хондани порчаи ҳикояи мазкур мебошад. Ин пеш аз ҳама ба пайдо намудани донишҳои муқаддимавии дарс кумак мерасонад. Ба ин восита муаллим метавонад ба таҳлилу муҳокимаи воқеа ва ҳодисаҳои тасвиршуда бештар эътибор диҳад.

Пас аз пурсиши вазифаи хонагӣ такрору ҷамъбасти дарси гузашта ёдрас намудани фаъолияти эҷодӣ, зисту зиндагонӣ ва афкори пурмазмуни шоир мувофиқи мақсад мебошад.

Баёни мавзӯи навро мо пешакӣ ба чор бахш ҷудо мекунем. Бахши аввали дарс: Дар тахтаи синф симои мутафаккиронаи

Рӯдакӣ ва сурати манзаравии мақбараи Исмоили Сомонӣ намудор аст. Диққати аҳли синф ба нигоҳи хомӯшона ва ибратбахши муаллим нигаронида шудааст.

Тавассути истифодаи сабти овоз садои маҳину форами ҳунарманди маъруф Ҷӯрабек Муродов танинандоз гашта, ҳаяҷон ва изтироби ниҳонии хонандагонро дучанд мегардонад. Сипас, бахши дуюми дарс бо қироати намунавии матн аз тарафи муаллим идома меёбад. Ӯ хонандагонро ба риояи аломатҳои китобатӣ, зада ва бехато хондани матн даъват менамояд. Хуб мешуд, ки дар синфи Vll бештар хониши хомӯшона ба роҳ монда шавад. Ҳангоми хониши хомӯшонаи хонандагон муаллим калима ва ибораҳои душворфаҳми матни ҳикоя ва шарҳи онро ба тахтаи синф сабт намуда, онҳоро даҳонӣ шарҳ медиҳад.

Баъд аз ин муаллим дар бахши сеюми дарс ба нақли мундариҷаи ғоявии ҳикояи « Бӯи ҷӯи Мулиён » шурӯъ мекунад:

- Афкори безаволи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тӯли ҳазор сол дар байни мардуми ҳамзабонаш ҷовидон мондааст. Шеъри Рӯдакӣ ниёзи тамоми мардум буда, суханаш равону дилнишин, пурмазмун ва дорои қимати баланд аст. Аз ҳамин сабаб дар тӯли қарнҳои зиёде шеъри Рӯдакӣ диққати аҳли илму адаб ва тамоми мардумро ба худ кашида буд. Дар адабиёти муосири тоҷик тасвир намудани симои барҷастаи шоир низ ба ин мақсад нигаронида шудааст.

Рӯдакӣ дар зиндагии худ шоҳиди воқеаҳои зиёде будааст. Яке аз ин гуна воқеаҳо дар сайронгоҳи ноҳияи Бодғис, ки амир Наср Аҳмади Сомонӣ муддати зиёде дар он ҷой истиқомат ва истироҳат дошт, эҷод шудани шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» мебошад.

Ин қиссаи таърихӣ, ки то имрӯз дар байни мардум ситоиш мешавад, як лаҳзаи ҳаёти шоирро дар бар гирифта, эътибор ва қимати арҷгузории сухани шоирро нишон медиҳад. Рӯдакӣ, ки шоири дарбор буд, доимо ҳамроҳи амир сафар менамуд. Дар сафарҳои худ бештар ба мутолиаи китобҳо машғул буд. Ҳамчунин, дар вақтҳои холӣ ба навохтани асбобҳои мусиқӣ майлу рағбат дошт.

Дар ин робита, нақли мазмуни қиссаи ривоятии «Бӯи ҷӯи Мулиён...» ва ё қироати пораи матн, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» овардааст, бамаврид аст.

Дар замони давлатдории Сомониён, ки кишвар орому осуда буд, амир Наср бинни Аҳмад ба Ҳирот ҳаракат карда, қариб чаҳор сол дар Бодғису Ҳирот бо гурӯҳи надимону дарборонаш иқомат мекунад. Чун атрофиёнаш «донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон низ ин ҷо бошад», аз саргардониву ломаконӣ малул гашта, орзуи хонумон карданд. Вале сухани ҳеч кас ба амир таъсире нагузошт. Пас, сарони лашкару меҳтарони мулк ба назди устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ рафтанд, зеро аз нодимони подшоҳ ҳеҷ касе мӯҳташамтару мақбултар аз ӯ набуд. Гуфтанд:

-Панҷ ҳазор дирам туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебарад ва ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебарояд.

Рӯдакӣ кабул кард ва ҳангоме ки набзи амир бигрифта буд ва мизони ӯ бишнохта ва донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад, рӯй ба назм овард ва қасидае бигуфт ва ба вақте ки амир сабӯҳӣ карда буд, даромад ва ба ҷои хеш биншаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд, ӯ чанг баргирифт ва дар пардаи «Ушшоқ» ин қасида оғоз кард:

Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Регу Омуву дурушти роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме...

Ба амир шеър бо оҳанги дилпазираш таъсири нек гузошт ва бо шунидану ба авҷи шеъру наво расидан, ҳамаро як сӯ гузошта, ҳатто, бе мӯза пой дар рикоби асп ва рӯй сӯи Бухоро ниҳод...

Муаллим пеш аз ҳама диққати хонандагонро ба мундариҷаи ғоявӣ, сарчашмаҳои навишта шудани ҳикоя, муносибати Рӯдакӣ бо Наср Аҳмади Сомонӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад Солеҳ, Тоҳири Балхӣ, васфи табиати Бухоро ва атрофи он, қувваи эъҷози каломи бадеъ, вазъи эҷоди шеър, қимати сухани шоир, амалӣ

гардидани мақсади шоир ва дар натиҷа ба Бухоро баргаштани амир ҷалб мекунад.

Хуб мешуд, ки муаллим ҳангоми баёни мавзӯъ истифодаи харитаи адабиро ба роҳ монад, то ки хонандагон бо вазъи ҷуғрофии шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Панҷакент ва гирду атрофи онҳо пурратар шинос шаванд. харитаи адабӣ дониши назариявии хонандагонро васеъ намуда, онҳоро ба ҷустуҷӯи донишҳои нав сафарбар менамояд.

Бахши чоруми дарс, ки ба мустаҳкамкунӣ ва таҳлили матни «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме» бахшида шудааст, гузориши мушкилоти мубоҳисавии тадрисро таъмин менамояд. Омӯзгор намунаи саволу супоришҳоро пешниҳод намуда,  бо хонандагон бо чунин саволи мубоҳисавӣ муроҷиат мекунад:

- Мисраи «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме» чӣ маъно дорад ва ба чӣ мақсад оварда шудааст? Оё «бӯи ҷӯй» ба мафҳумҳои боди сабо, боди форам, насими ҷӯй алоқамандие дорад? Намунаи чанде аз ҷавобҳо хонандагон:

МАЛОҲАТ: Дар фасли баҳор дар ҷӯйҳо ва талу теппаҳо бӯи хуши табиат ҳукмфармост. Шояд Рӯдакӣ васфи манзараи гирду атрофи маҳалро карда бошад.

САЛОМАТ: Шоир дар ҷустуҷӯи деҳа ё ягон табақаи мардуми Бухоро мебошад, ки дар он ҷо дӯстон ва наздикони ӯ зиндагӣ мекунанд.

ХУРШЕД: Дар Бухоро як табақаи одамон, ки онҳо «Мулиён» ном доштанд, ва манзили зисташон соҳили ин ҷӯй буд. Дар байни онҳо ёрони меҳрубони Рӯдакӣ зиндагӣ мекарданд. Шоир ба амир ва ҳамсафаронаш ба он сӯи сафар намудааст.

МЕҲРӢ: Ба фикри ман, ин васфи манзараи табиати гирду атроф мебошад, ки шоир аз он рӯҳи тозаи эҷодӣ гирифтааст ва ба истиқболи шаҳри азизаш Бухоро ва мардуми он мешитобад. Чунин манзараҳо дар Бухоро бисёр буданд.

ХУРШЕД: Агар ҷӯи Мулиён номи деҳа ё мавзеи таърихӣ бошад, пас, чаро дар китоб бо ҳарфи хурд навишта шудааст?

Муаллим бо мақсади бештар наздик шудан ба асли воқеа бо методи саволу ҷавоб муайян кардани воситаҳои тасвири бадеиро ба миён мегузорад.

1. Чаро мир ба моҳу савр ва Бухоро ба осмону бустон монанд шудааст?

2. Аз чӣ сабаб таассуроти Наср баъд аз хоҳиши оҳангноки шеър дигаргун гашт ва якбора сӯи Бухоро шитоб намуд?

3. Мақсади нависанда дар ҳикояи мазкур аз чӣ иборат аст?

Гузориши мушкилот ва мубоҳисаи мазкур муаллимро водор месозад, ки бо сухани ҷамъбастӣ ҳалли онро пурра нишон диҳад. Вай тамоми фикру ақидаҳои баёншударо шарҳу эзоҳ дода, чунин мегӯянд:

Ҷӯи Мӯлиён мавзеи зебо ва тамошгоҳе буд, ки боғу бустон, гулгашт, сайронгоҳ ва манзараҳои дилрабое дошт. Аҳмад Исмоили Сомонӣ ва писари ӯ-Наср Аҳмади Сомонӣ онро обод гардонида, ба базмгоҳи шеъру суруд табдил дода буданд. Иборади « бӯи ҷӯи Мулиён » бошад, таровати сайронгоҳи дилнишин ва бӯи Бухоро - меҳри ватан буда, ташвиқи сӯи ватану халқи азизашро дар бар мегирад. Таркиби « бӯи ҷӯи » ифодакунандаи мафҳумҳои маъмули боди сабо, боди форам ва насими ҷӯй мебошад. Ин таҷассуми ҳиссиёти ватандӯстонаи шоир ва меҳри бепоёни ӯ ба халқу ватан дар ҳикояҳои мазкур пурра инъикос ёфтааст, ки сарчашмаи асосии тасвири он афкори ибратомӯзи худи шоир мебошад. Ҳамчунин, ифодакунандаи исми хос акс наёфтани мавзеи «Ҷӯи Мулиён» дар китоб иштибоҳ шудааст, чунки то солҳои наздик ҳанӯз аз назари илмӣ мавзеи таърихӣ будани он исбот нашуда буд.

Дар охир ба хонандагон супориш дода мешавад, ки доир ба ҳикояи мазкур дар хона иншо нависанд.

Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки пас аз дарси мазкур ба мақсади пурратар дарк намудани мавзӯъ ба нақшаи таълим як соат барои хониши берун аз синф мусоҳиба вобаста ба повести « Қисмати шоир »-и С. Улуғзода ҷудо намоем.

Барои муаллим дар баробари омӯзиши маводи китоби дарсӣ. Ҳамчунин, аз худ намудани маводҳои назариявӣ, аз қабили

мақолаҳои илмии адабиётшиносон А. Ҳаким « Бӯи ҷӯи Мулиён , ё боди Ҷӯи Мӯлиён » («Адабиёт ва санъат» 24 ноябри соли 1985), А.Абдуллоев «Албатта, бӯи ҷӯи Мулиён» («Адабиёт ва санъат», 16 майи 1985), Ҷ. Гиунашвили « Як байти устод Рӯдакӣ» (маҷаллаи « Садои Шарқ », 1983, № 9, саҳ. 120-124) ва китоби « 1000 мисраи Рӯдакӣ » (Душанбе, Ирфон, 1984) хеле манфиатбахш аст.

Танҳо дар ҳамин сурат таҳлили ҳамаҷонибаи ҳикояи мазкур ва мақсади ғоявии нависанда кушода шуда, ба хонанда таассуроти амиқ боқӣ мегузорад.

# БОБИ 7

## МАХСУСИЯТ ВА УСУЛИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ ДАР СИНФҲОИ 8-11

Дарси адабиёт дар синфҳои болоӣ (8-11) бо таълими мавзӯъҳои обзорӣ шурӯъ мешавад. Табиист, ки ҳамаи марҳилаҳои таърихи инкишофи адабиёт бо ҳамин мавзӯъҳо оғоз ёфта, бо хулосаҳои обзорӣ ба анҷом мерасанд. Аз ин ҷиҳат яқин аст, ки самараи ниҳоии таълими дарси таърихи адабиёт аз бисёр ҷиҳат ба савия ва сатҳи гузаронидани ин дарсҳо вобаста аст. Дар ин зинаи таҳсил хонандагон бо марҳилаҳои асосии рушди адабиёт, осори муҳимтарин намояндагони адабиёт ба таври пурраву мукаммал ошно мешаванд, асарҳои барҷастатарин адибони гузаштаву муосирро мавриди омӯзиш қарор мегиранд, бо навъҳои адабӣ, санъатҳои бадеӣ, хусусиятҳои забонӣ ва асрори суханро дарк мекунанд. Ҳамчунин, маҳорати эҷодӣ, навиштани иншо, ҳусни баён, тозагии забон ва маҳорати суханварӣ низ аз мавзӯъҳои асосии таълимии адабиёт қарор мегиранд.

Дар ҳамаи барномаҳои таълимие, ки то ҳол нашр шудааст, анъанаи омӯхтани вазъи таърихию адабии адабиёт дар доираи дарсҳои обзорӣ риоя шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки зиндагинома ва осори шоиру нависандагон ба таври васеъ омӯзонда шуда, мақоми ҳар адиб дар пайвастагӣ бо муҳит ва замони зиндагиаш арзёбӣ шавад.

Аз таҷрибаи муаллимони мо яқин аст, ки таълими мавзӯъҳои обзорӣ душвориҳои зиёд дорад. Барои дар таълими ин қисмати адабиёт натиҷаи судманд ба даст овардан омӯзгор аввалан бояд бо усулҳои озмудаи таълимӣ мусаллаҳ бошад, сониян дар ин самт аз таърих, назарияи адабиёт, ҷомеашиносӣ, забон ва санъатшиносӣ дониши амиқ дошта бошад. Масъулияти омӯзгор то ҷоест, ки хонандагон дар ин машғулиятҳо дар як фурсати кӯтоҳ бояд маводи умумиятёфтаи давраҳои адабиётро омӯзанд ва доир ба пайдоиш ва инкишофи забону адабиёти тоҷик, раванди таърихии инкишофи адабиёт, вазъи сиёсӣ ва ғайра маълумоти кофӣ ба даст оваранд.

Мутаассифона, дар таълими мавзӯъҳои обзорӣ дар мактабҳои замони Шӯравӣ амру дастурҳои сиёсӣ равиши ин қисмати таълимро муайян мекард. Ба шарофати истиқлол таълими адабиёт аз сиёсатзадагӣ раҳо ёфт. Бинобар ин ҳам, дар марҳалаи имрӯза тамоюли ғоявии ин дарс бояд ба ҳифз ва таъкиди ҳуввияти миллӣ ва фарҳангии тоҷикон нигаронида шавад. Азбаски дар ин машғулиятҳо омӯзгор бештар бо усули суханронӣ ва истифода аз асноди таърихӣ ба хонандагон маълумот медиҳад, бояд коре кард, ки бо фарогирии ҳуҷҷатҳо бачаҳо хаста нашаванд. Зеро онҳо ҳанӯз имконияти кофии зеҳнии ҳифз ва андешаи маводи зиёди обзориро надоранд.

Маълум аст, ки машғулияти ин дарс бар ҳуҷҷат ва суханронии (лексия) муаллим асос меёбад. Усули суханронии муаллим дар ин дарсҳо ҳоло барои мактабҳои мо суннат шудааст. Вале бояд андешид, ки оё суханрониҳои ҳамешагии муаллим дар ин машғулиятҳо хонандагонро хаста

ва дилбазан намесозанд ва ё ба инкишофи нутқ ва забондонии онҳо монеъ намегардад. Вале ҷуз ин роҳ дигар илоҷ ҳам нест.

Масалан, барои таълими зиндагинома ва осори Соиби Табрезӣ дар барномаи таълимӣ шаш соат ҷудо шудааст. Бо назардошти он ки Соиб дар адабиёти ин давра чеҳраи намоён буда, таъсири эҷодиёти ӯ ба шоирони асрҳои сонӣ бузург аст, оё мешавад, ки дар бораи замони зиндагӣ ва тамоюлҳои адабии ин давр ба тариқи мухтасар сухан гуфту қаноат кард? Ҳатто, дар ҳоле ки маълумоти тарҷумаҳолӣ низ дар бораи ин шоир хеле кам дастрас аст. Агар хонандагон дар бораи замони зиндагии Соиб маълумоти дақиқ, амиқ ва мушаххас нагиранд, он вақт ҳангоми хондани осори шоир бисёр саволҳояшон беҷавоб хоҳад монд. Ҳол он ки маълумоти обзорӣ ба ҷаҳони андешаҳои Соиб даричае хоҳад буд. Ва ин дарича вуруди хонандагонро ба олами андешаву ормонҳои маънавии Соиб то ҷое осон хоҳад кард. Вале дар ин замина кӣ метавонад ба омӯзгор раҳнамоӣ кунад? Мутаассифона, маводе, ки дар дасти омӯзгор ҳаст, ҳанӯз кифоя нест.

Бинобар ин, муаллимро зарур аст дар назар гирад, ки Соиб дар аҳди Сафавия аввалин зоири Ҳинд набуд, ҳатто, тамоми муддати иқомати ӯ дар ин сарзамин ба заҳмат ба даҳ сол мерасад. Чун ин мусофирати Ҳинд дар аҳди ҷавонӣ ва шукуфоии қариҳа ва истеъдоди шоир рӯй дод, ночор дар ташаккули ҷаҳонбинии Соиб ва дар таҳаввулоте, ки вай дар байни аносири гуногуни сабки маъруф ба ҳиндӣ ба вуҷуд оварди, таъсири қатъӣ дошт. Надонистани мушаххасоти замон ҳеҷ муҳаққиқ, аз ҷумла, омӯзгор ва ниҳоят хонандаро дар ин замина комёб нахоҳад кард[1].

---

[1] Доир ба ин масъала маќолаи доктор Абдулњусайни Зарринкўб «Даричае ба љањонбинии Соиб» дар китоби «Аз чизњое дигар», Тењрон 1379, маводи бебадал аст.

Аз ин мисол метавон натиҷа гирифт, ки бе шинохти меъёрҳо ва дарёфти усулҳои гузаронидани машғулиятҳои обзорӣ дарси таърихи адабиёт самараи дилхоҳ нахоҳад дод.

Ҳамин тариқ, то таълими мавзўъҳои монографӣ бояд манзараи комили давраи муайяни таърихӣ, хусусиятҳои хоси он ва тамоюлҳои ғоявию адабӣ муайян карда шавад. Мундариҷаи дарсҳои обзорӣ бояд алоқамандии хоси адабиётро ба замон ва махсусияти тафаккури бадеӣ муҷассам созад.

Дарсҳои таърих ё маълумотҳои сирф таърихӣ машғулиятҳои обзориро иваз карда наметавонанд. Зеро аввалан ин дарс санадҳо, омилҳо ва пайвандҳоеро фаро мегирад, ки барои тафсири адабиёти давраи мавриди омўзиш лозим аст, дигар ин мавод бо забони адабиёт гузориш мешавад ва ниҳоят, ин дарс бо забон ва намунаҳои адабӣ оро меёбад, ки хонандагон аллакай қисман бо намунаҳои он ошноӣ доранд.

Дарси мавзўъҳои обзорӣ, ҳатто, дар ҳоле ки маводи ниҳоят мухтасар, вале аз рўи принсипи таърихӣ пай дар пай ва бонизом пешниҳод шуда бошад, зарур аст. Онҳо, махсусан, барои таърихи хоси адабиёти мо, ки аз ҳаводиси таърихӣ, тамоюлҳои сиёсию ғоявӣ ва мазҳабӣ пур аст, лозим мебошанд. Албатта, баъди таълими мавзўи «Ҷомӣ ва замони ў» ҳангоми омўзиши ҳаёт ва осори Камолиддин Биноиву Бадриддини Ҳилолӣ дарси обзориро метавон фурў гузошт. Вале «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро бе тафсире дар ҳошияи таърихи замон ва таҳаввулотҳои сиёсию иҷтимоии он давра наметавон тавзеҳ кард. Ин асар омезаи амиқи ғояву андешаҳоест, ки барои ислоҳи вазъи нобасомони ҷомеаи Бухорои он замон навишта шудааст.

Дарки осори ҳунар қатъиян ба омодагии пазириши ақлонии он асар вобаста аст. Вай на фақат омодагии равониву ҳиссӣ, балки тафаккури амиқ, ҳофизаи расо, ақли комил ва ғайраро тақозо мекунад. Вале бе ворид сохтани хонандагон ба контексти умумии асар, яъне ба контексти

ҷамъиятӣ, таърихӣ (замон), забоншинохтӣ (усулҳо) ва забонӣ дар ин роҳ комёб шудан ғайри имкон аст.

Тавсифи пешакии умумиятёфтаи давр, алоқаи ин адабиёт бо ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҷомеа барои омода кардани хонанда ба қабули зебошинохтии асар ёрӣ мерасонад.

Манзараи зиндаи воқеъиятро дар назари хонанда бояд зинда кард; бе чунин маълумот адабиёт шавқангез намешавад. Пораҳои асар ҳамон вақт диққати хонандагонро ҷалб мекунанд, ки агар контексти воқеӣ ва ахлоқию зебоишинохтии он маълум бошад.

Ҳамин тариқ, хонандагон дар машғулияти обзорӣ дар бораи баъзе паҳлӯҳои умумӣ ва муҳими таҷассуми бадеии ғояҳои асосии адабӣ дар пайванди онҳо бо таърихи халқи соҳиби он адабиёт маълумот мегиранд.

Дар шароити мактабҳои имрӯзаи мо дарси обзорӣ дар назди муаллим вазифаҳои зеринро мегузорад. Аввалан, хонандагон анъанаҳои ахлоқию зебошинохтӣ ва беш аз ин, фарҳангию таърихиро меомӯзанд. Сониян, чунин дарсҳо ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки доир ба ҳодисаҳои нави адабӣ маълумот гирифта, донишҳои қаблиашонро такмил бахшанд, забонашонро инкишоф диҳанд ва барои хониши матнҳои бадеии давраи таърихии муайян захираи кифояи луғавӣ дошта бошанд.

Азбаски мавзӯъҳои обзории  таърихи адабиёт дар барномаи таълимӣ аниқ шудааст, мо дар бораи онҳо чизе намегӯем. Фақат муаллим вобаста ба мундариҷаи онҳо нақшаи мушаххасро бояд мураттаб созад ва дар ин замина машғулиятҳоро ба поён барад.

Акнун баъзе тарафҳои муҳими усулҳои таълими машғулияти обзориро, ки воситаҳои усули умумӣ аз ин ҷумла аст, аз назар мегузаронем.

Ба назари мо, ду роҳи гузаронидани машғулияти обзорӣ имконпазир аст: яке суханронии омӯзгор, дигаре суҳбат. Агар хонандагон доир ба мавзӯъ комилан тасаввурот надоранд, машғулиятро ба шакли нақли зинда гузаронидан

мумкин аст. Баръакс, агар доир ба мавзӯъи матраҳ хонандагон тасаввуроти комил надошта бошанд, дарсро ба сурати масъалагузорӣ бо саволу ҷавоб оғоз ва анҷом додан мумкин аст.

Дар дарсҳои монографӣ хонанда ва муаллим бо матн сару кор доранд, баръакс машғулияти обзориро сухани муаллим раҳнамоест, ки ҳамроҳ бо хондани интихобӣ ва қиёси андешаҳои хонандагон анҷом мегирад. Мо баъзе намунаҳои дастури ишорашударо зикр мекунем:

1. Ба донишҳои қаблии хонандагон оид ба баъзе санадҳои адабӣ такя кардан;

2. Қисматҳои нисбатан муҳими мақолаи обзории китоби дарсиро хондан;

3. Ба таҷрибаи хонандагон оид ба андешидан дар бораи санадҳои адабӣ ё алоқаи адабиёт бо таърих ва ҳаёт такя кардан;

4. Бо роҳи суҳбат маводи дар дарс хондаро умумият додан ба тариқи хулосабарории амиқ ва навиштани нақша ва хулоса.

Барои он ки дарсҳои обзории таърихи адабиёти пешин мушкилоти истилоҳӣ, забонӣ ва гоҳо идеологӣ доранд, истифодаи луғат ва усулҳои хониши бадеӣ ба суди кор аст. Ҳамчунин, истифода аз матнҳои ба мавзӯъ дахлдор низ самараи машғулиятҳоро меафзояд. Илова ба ин бояд дар назар дошт, ки машғулиятҳои обзорӣ сухани раҳнамо нест. Ҳудуд ва умқи он тавсиъа меёбад. Вале моҳияти ин дарс низ бедор кардани тафаккури ахлоқӣ ва зебоишинохтӣ ва ҳисси хонанда буда, онҳоро ба дарки ғояҳое, ки адабиёти моро фаро гирифтааст, тайёр менамояд.

Усулҳои ташкил ва омӯзондани маводи таълимӣ, ки ба талаботи машғулияти обзорӣ ҷавобгӯст, инҳоянд:

1. Фарогирии санадҳое, ки суннатҳои пешқадам ва инсонпарваронаи адабиёти моро тавсиф мекунанд;

2. Муайян намудани ҳадафи ниҳоие, ки мавод барои он интихоб мешавад;

3. Ҷудо кардани ғояҳои асосие, ки адабиёти давраи муайян ё давраҳои таърихӣ ифода мекунанд;

4. Ошкор сохтани махсусият ва арзишмандии ҳодисаҳои адабии давраҳои ба ҳам монанд;

5. Ҳикоятро бо масъалагузориҳое, ки хонандагонро барои дарки ҳодисаҳои нави адабӣ бедор менамояд, иваз намудан;

6. Дар шакли нақша ва ё хулосаҳо қайд намудани мазмуни асосии дарс.

Нақл бояд замон ва адабиёти он давраро возеҳ ва яклухт падид оварад. Дар ин замина усулҳои зеринро метавон зикр кард:

1. Дар суҳбатҳои обзорӣ истифода намудани маводи ҳуҷҷатӣ (ёддошт, филм ва ғ.), ки моҳияти замон ва рӯҳияи ҷомеъаро ошкор менамояд ва ин махсусияти инкишофи адабиётро таъйин менамояд;

2. Нақшаи рақами возеҳ (санаҳои таърихӣ аз рӯи усули таърихӣ).

3. Композитсияи тасвирӣ бо матн;

4. Истифодаи китобҳо ва асбоби аёнӣ;

5. Ашхоси зиндаи таърих ва адабиёт: тавсифи мухтасари баъзе шахсиятҳо ва образҳои адабиёти давраи омӯхташаванда ва гузориши саволҳои масъаладор, ки шавқи хонандагонро ба ин ашхос ва қаҳрамонон афзуда, ба хондани пораҳои ба онҳо бахшидашуда вомедорад.

Барои арзиши ин дарсҳоро боло бурдан сабтҳои овозӣ, пораҳои дахлдори филмҳо ва ғайраро муаллимон метавонанд истифода баранд. Истифода аз имконияти дастраси аёниро низ ин машғулиятҳо дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои таълимӣ пешбинӣ менамоянд.

## 7.1. МАВЗӮЪҲОИ ТАФСИРӢ ВА РИСОЛАВӢ

Бунёди таърихию адабии дарси адабиёти тоҷик барои хонандагони синфҳои боло бо назардошти таносуби мавзӯъҳои тафсирӣ (обзорӣ) ва рисолавӣ (манографӣ) дар бораи ҷараёни таърихи адабиёт маълумот медиҳад.

Мавзӯъҳои тафсирӣ имкон медиҳанд, ки манзараи куллии як давраи муайяни адабиёт дар алоқамандӣ бо ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ зинда шавад. Мавзӯи рисолавӣ маводро оид ба эҷодиёти адиби ҷудогона дар бар мегирад. Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои рисолавӣ кифоя аст, ки як ё якчанд асар пурра омӯхта шавад. Дар таълими тафсирӣ ошноӣ бо ҷузъиёт истисно мешавад.

Мавзӯъҳои тафсирӣ ҷузъи муҳими дарси адабиёт барои синфхои болост. Вай тасаввуроти ягонаро доир ба ҷараёни адабӣ ба вуҷуд меоварад.

Дар мавзӯъҳои тафсирӣ доир ба нависандагоне, ки дар асри муайян зиставу эҷод кардаанд ва осори онҳо, тамоюлҳои эҷодии марбут ба эҷодиёти онҳо маълумот дода мешавад. Ин мавзӯъҳо, албатта, аз маълумоти бисёре пур мебошанд ва то ҷое ҳифзи онҳо ба хонанда душвор аст. Бинобар ин ҳам, ин усули омӯзиш бояд ба он мусоидат кунад, ки хонандагон дар

бораи ҷараёни адабӣ маълумоти комил ҳосил кунанд. Мавзӯъҳои тафсирӣ вобаста ба ҷойгоҳашон дар барномаи таълим гуногун мешаванд.

Нахуст бояд аз мавзӯъҳои тафсирие ёд кард, ки хусусияти дастурӣ доранд ва бо омӯзиши пешинаи ин мавзӯъ алоқаманданд. Масалан, «Муқаддима»-и дарси адабиёт барои синфи 1Х ҳамин гуна аст. Баъд метавон аз мавзӯъҳои тафсирие ёд кард, ки омӯзиши як давраи адабиётро фаро мегиранд. Мавзӯъҳои «Аҳамияти ҷаҳонии адабиёти тоҷик» ва ё «Нақши Фирдавсӣ дар ҳамосасарой» аз ҳамин қабил аст. Вале қисмати бештарини мавзӯъҳои тафсирӣ ба омӯзиши эҷодиёти адибони давраҳои муайян ихтисос ёфтаанд. Мавзӯи «Адабиёти тоҷик дар асри Х» аз ҳамин қабил аст.

Фаровонии мавод ва нигоҳи мухтасар ба мавзӯъ аз хусусияти ҳамаи мавзӯъҳои тафсирӣ мебошад. Вале фаровонии мавод ба омӯзгор барои интихоби худсарона ва тасодуфӣ иҷозат намедиҳад. Ҳар санад дар контексти мавзӯи тафсирӣ бояд ҳамчун мисоли таълимӣ садо баланд кунад, бояд эҳсоси пешрафти ҷараёни адабиро ба вуҷуд оварад ва таъйид кунад, ба дарки пайванди қатъии адабиёт бо зиндагӣ ва муҳимтарин ҳодисаҳои давр мусоидат кунад.

Махсусияти мавзӯъҳои тафсирӣ бо равиши гузаронидани дарс низ бе таъсир нест. Аз як тараф, фаровонии маълумоте, ки барои хонанда таҳия мешавад, усули баёдовариро тақозо карда, ҳангоми истифодаи он маълумоти зиёд зуд аз худ карда мешавад. Аз тарафи дигар, мавзӯъҳои тафсирӣ ҳамеша ба ҳамон маълумоте такя мекунанд, ки хонандагон метавонанд мустақилона аз худ кунанд ва ё аз худ кардаанд. Хондани китоб, адабиёти аз тарафи муаллим тавсияшуда, тамошои филм, тамошои намоишҳои телевизион, шунидани гуфтори радио ва ғайра ба ин мисол шуда метавонад. Бинобар ин, хонанда метавонад худаш бо фаъолиятҳои гуногуни пурмаҳсул машғул шавад, аз ҷумла, ахбор  лозима, маърӯзаҳо, тақризи даҳонӣ ба филми тамошокардааш ва ғайраро аз худ менамояд.

Дар дарсҳои тафсирӣ омӯзгор аксаран маърӯза мекунад, ки он бояд аз унсурҳои суҳбат, таҳлили фаврии асари на чандон калонҳаҷм, лаҳзаҳои алоҳида, тафсири хониши интихобӣ, ҳамчуни ахбор мустақилонаи хонандагони тайёрии махсус дида иборат мебошад.

Фаровонии мавод ташкили аниқи дарс, талаботи хосро ба такрори маводи гуногуне, ки ба таркиби мавзӯи тафсирӣ дохил мешаванд, дар назар дорад.

Дар ин замина корбурди нақша маъмул аст. Ин метавонад нақшае бошад, ки худи хонандагон маърӯзаи муаллимро шунида таҳия кардаанд. Онро метавон санҷид ва арзёбӣ кард. Нақшаро метавон якҷоя бо хонандагон дар дарс муҳокима кард ва баъд чун асос барои супориши хонагӣ пазируфт. Ҳамчунин, метавон дар заминаи ҳамин нақша ба хонандагон супориш дод, ки дар хона пешнависи маърӯза тайёр кунанд ё дар дафтарашон ба яке аз қисматҳои нақша ҷавоб нависанд.

Ба нақша то маърӯзаи муаллимро шунидани хонанда низ метавон муроҷиат кард. Маводи асосӣ оид ба мавзӯи тафсирӣ дар китоби дарсӣ фароҳам омадааст. Бинобар ин ҳам супориши пешакӣ оид ба таҳияи нақшаи як боби китоби дарсӣ бо муҳокимаи баъдии ин нақша ва сухани баъдии омӯзгор имконпазир аст.

Дар ҷараёни омода сохтани маърӯза омӯзгор аксаран нақшаеро истифода мебарад, ки ягон боби китоби дарсӣ асоси онро ташкил медиҳад ва хонанда дар заминаи он дарсро тайёр мекунад. Дар ин ҳол омӯзгор ҳикояти худро такмил мебахшад.

Мавзӯъҳои тафсирӣ ба миқдори зиёди осори муаллифони гуногун, навъ ва намудҳои адабӣ асос меёбад ва имкон медиҳад, ки нақши ҳар кадоме аз навъҳо ва намудҳои адабӣ дар адабиёти давраи мушаххас муайян карда шавад. Масалан, доир ба адабиёти солҳои шасти тоҷик сухан гуфта, хусусияти тозаи инкишофи он, таҳаввулоти жанрҳо, ба хусус жанрҳои лирикиро сарфи назар кардан мумкин нест. Дар ин замина эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ ва дигарон маводи фаровон медиҳад.

Барои он ки муҳимтарин ҳодисаҳои таърихӣ ва адабӣ дар ёди хонандагон нақш банданд, омӯзгор бояд ҷадвали мусовӣ (синхронӣ) тартиб дода, лаҳзаҳои муҳими ҷараёни таърихӣ-адабии вобастаи ягон даврро дар он нишон диҳад.

Ҷадвали на чандон бузургҳаҷм мусовӣ (синхронӣ) метавонад ягон давраи адабиёт, аз ҷумла, «Адабиёти асри даҳи тоҷик»-ро инъикос кунад. Мисол:

| Ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ | Адабиёт |
|---|---|
| Асри X | |
| Давлати Сомониён ва сарнависшти таърихии тоҷикон дар асри X. Мақоми шоҳони Сомонӣ дар равнақи забон ва адабиёти тоҷик | Рӯдакӣ «Қасидаи шикоят аз пирӣ», рубоиёт, ғазалҳо. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ. Рӯдакӣ ва ташаккули жанрҳои адабӣ. |

Ҷадвали мусовиро (синхрониро) бо маълумот ва ҳаводиси муҳим пур накарда, дар он фақат санадҳои арзишманди сиёсию иҷтимоӣ ва адабиро бо тафсири мухтасар ҷой додан лозим аст.

Барои он ки доир ба адабиёти ин ё он давр тасаввуроти саҳеҳ пайдо шавад, ҳамон мавзӯъҳои тафсириро, ки хусусияти муҳими пайдоиш ва ташаккули адабиёти тоҷикро ифода мекунанд, зикр кардан ниҳоят муҳим аст. Масалан, доир ба адабиёти муосири тоҷик ҳамон давраву равишҳоеро интихоб кардан мумкин аст, ки дар барнома нишон дода шудаанд ва барои муайян намудани зинаҳои ташаккули ин адабиёт нақши муҳим доранд. Мутаассифона, дар ин замина китобҳои дарсӣ маводи лозимаро надоранд. Бинобар ин ҳам, муаллими огоҳ бояд ба тадқиқоти М. Шакурӣ, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, С. Табаров ва дигарон такя кунад.

Дар мисоли ҷадвали зикршуда омӯзгор мавзӯи «Адабиёти асри даҳи тоҷик»-ро тафсир мекунад. Баёни ин мавзӯъ берун аз

ҳаводиси таърихӣ ва адабӣ номумкин аст. Ба хонандагон ёрӣ расондан лозим аст, ки ҷараёни таърихии пайдоиш ва ташаккули адабиёти тоҷикро дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихию адабӣ амиқ дарк кунанд. Барои ба ин ҳадаф расидан ҳуҷҷати таърихиро қиёсан бо ҳуҷҷатҳои адабӣ таҳлилу тафсир ва арзёбӣ бояд кард.

Чунонки маълум аст, доир ба ин давраи ташаккули адабиёти тоҷик, ки то замони мо фосилаи тӯлонӣ дорад, ҳуҷҷатҳои саҳеҳи таърихӣ хеле кам боқӣ мондаанд. Фақат дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ доир ба ин давра ба хулосаи саҳеҳ омадан душвор аст. Вале равиш (методика) ба омӯзгор ёрӣ мерасонад, ки роҳро барои дарки замони таърихӣ ва адабиёту ҳунари он замон ҳамвор кунад. Дар ин замина, пеш аз ҳама, омӯзгор бояд ба ҳуҷҷатҳои адабӣ-осори шоиру нависандагони ҳамон давр такя кунад. Ҳуҷҷатҳои таърихиеро ба асос гирад, ки барои ба вуҷуд овардани чеҳраи таърихӣ ва адабии замони мавриди назар муҳим ва арзишманд шинохта шудааст.

Намунаи маводеро меоварем, ки нақлу тафсири омӯзгорро доир ба давраи зикршуда ҷоннок мекунанд.

Мисол аввал. Сурати Рӯдакиро ба аҳли синф нишон медиҳем. Баъд тасвири мақбараи Исмоили Сомониро дар Бухоро. Сипас, матни қасидаи «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме»-ро мехонем ва тафсир мекунем.

Мисоли дуввум. Таърихи робитаи Рӯдакӣ бо шоҳони Сомонӣ, алахусус, Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил. Тафсири суханони Авфӣ: «<u>аз модар нобино омада</u>» ва «Таърихи Утбӣ», ки мегӯяд: «<u>дар охири умри худ кӯр шуд</u>».

Дар ин замина мисолҳои зиёд овардан мумкин аст. Ин гуна мисолҳо бояд ҳам ба хонанда фаҳмо бошанд ва ҳам шавқи онҳоро ба адабиёт ва таърихи он зиёд кунанд, аз назари ахлоқӣ низ муфид бошанд.

Ба ҳамин монанд корро доир ба адабиёти муосири тоҷик ва давраҳои тушаккули он низ метавон гузаронд. Муаллим дар ин замина низ метавонад ҷадвале дуруст кунад, ки хусусияти

асосии ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии ин давраро таҷассум карда тавонад.

Намунаи чунин ҷадвалро низ меоварем:

| Ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ | Ҳаёти адабӣ, рӯзноманигорӣ, илм, санъат | Адабиёт |
|---|---|---|
| Инқилоби Октябр, Забту истилои Осиёи Марказӣ. Ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ | «Одина»-и Айнӣ ва дигар осори манзуму мансури ин давра. |

Давраи нави адабиёти тоҷикро, ки адабиётшиносон бо номҳои гуногун, аз ҷумла, адабиёти навини тоҷик, адабиёти давраи истиқлолият ва ғайра ёд кардаанд, бо фарогирии баъзе масъалаҳои назарӣ кори омӯзгорро шояд андаке душвор созад ва ҳамин масъаларо ба мундариҷаи мавзӯи тафсирӣ дохил кардан лозим аст.

Намунаи нақшаи маводеро, ки ба омӯзиши ин давраи адабиёти тоҷик алоқаманд аст, меоварем:

1. Давраи нави ташаккули адабиёти тоҷик
2. Худшиносии миллӣ ва адабиёти миллӣ
3. Суннатҳои адабиёти пешин ва меросбарии адабиёти нави тоҷик
4. Хусусиятҳои асосии адабиёти муосири тоҷик

Ин мавзӯи тафсирӣ аз лиҳози мундариҷа ва тарзи ифода бояд ҷолиб ва шавқангез бошад. Оҳанги баёни мавод, услуби гуфтори омӯзгор ва роҳҳои ҷалби хонандагон бояд бо мавзӯъ таносуби комил дошта бошанд.

Мавзӯи «Ихтисосоти шеъри тоҷикӣ дар асри X» хусусияти дигар дорад ва онро аз рӯи нақши зер метавон баён намуд:

1. Хусусиятҳои таърихии ташаккули шеъри тоҷикии асри X

2. Пайдоиш ва ташаккули навъҳои адабӣ
3. Содагӣ ва равонии шеъри ин давра

Ин мавзӯъ низ аз рӯи имтиёзи худ то ҷое назарӣ буда, хусусияти дарсро муайян мекунад: ҳикояти омӯзгор, ҷалби маводи тасвирии дастрас.

Аз назари равишшиносӣ (методӣ) таҷҳизонидани мавзӯи тафсирӣ саҳеҳии маводи интихобӣ, дастёби ба таъсири ҳиссии онро тақозо мекунад.

Дарси шавқангез дар мавзӯи тафсирӣ барои омӯзгори таҷрибадор низ усули озмоиши имконият ва истеъдод аст. Дар ин замина омӯзгорони мо имкони истифода аз филмҳое монанди «Қисмати шоир», «Достони Рустам», «Рустам ва Суҳроб» ва ғайраро доранд. Дар дарсҳои роҳнамо сабти овози шоиру нависандагони муосирро низ метавон истифода кард.

Таркиби мавзӯъҳои рисолавӣ (монографӣ) низ мутаносибан якхела аст: як қисми умумии дастурӣ, ки равиши минбаъдаи фаъолияти омӯзгорро муайян мекунад, ҳадафи омӯзиши мавзӯи рисолавиро нишон медиҳад. Тарҷумаи ҳол ва роҳи эҷодӣ, таҳлили асари бадеии дар барнома воридшуда, натиҷагириҳо ба арзёбии осори адиб ва нақши ӯ дар адабиёти миллӣ қисми нисбатан мураккаби мавзӯи рисолавӣ мебошанд. Дар хайати мавзӯъи рисолавӣ кадом қисматҳои маълумоти тарҷумаҳолӣ дохил мешаванд? Ин маълумот метавонад мухтасари зиндагиномаи адибро фаро гирад, ки дар он доир ба лаҳзаҳои асосии зиндагӣ ва равишҳои эҷодиаш хабар дода шавад. Маълумоти тарҷумаҳолӣ бояд хонандаро бовар кунонад, ки вай бо касе ошно мешавад ва андешаҳои касеро ба кор мегирад, ки шахсияти инсонии ӯ воқеан сабақомӯз аст. Омӯзгор муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии адибро, ки бо сарнавишти халқ ва пешрафти кишвар алоқае бевосита дорад, бояд ба хонанда фаҳмонад.

Таваҷҷуҳ ба шахсияти инсон бештар ва ҷозибтар мебошад. Нависандаи бузурги рус Л.Н. Толстой навишта буд, ки «Суоли асосии қалби мо ин аст: Канӣ, ту чӣ гуна инсонӣ? Ва аз инсонҳои дигаре, ки ман мешиносам, чӣ тафовуте дорӣ ва ба

ман дар бораи он ки ба зиндагӣ чӣ гуна бояд нигарист, чӣ ҳарфи тозае гуфта метавонӣ?» Назари зеҳнии мо ба муҳит ҳамин гуна аст. Ва равиши шинохти мо аз инсони адабиёт низ ба ҳамин меъёр такя мезанад, ки ба ҳисоб гирифтани ин масъала ҳангоми омӯзиши тарҷимаи ҳоли адиб бисёр муҳим мебошад.

Шахсияти адиб дар дарси адабиёт ҳам аз нигоҳи фардият ва ҳам дурнамо фарҳангию таърихӣ мавриди назар аст.




Дар ин тасвир пайванди ҷудоинопазири адиб бо ҷомеа, осораш ва хонанда сабт шудааст. Ин мавзӯъро шоири бузурги Олмон Гёте хеле равшан баён мекунад:

Вазифаи асосии тарҷумаи ҳол аз он иборат аст, ки муносибати инсонро бо замон ифода кунад, нишон диҳад, ки замона то куҷо душмани ӯ буд ва то куҷо ба ӯ мусоидат кард, бо таъсири замон чи гуна ҷаҳонбинии ӯ дар бораи дунё, одамон шакл гирифт ва бо чӣ усуле ҳамчунин нависанда, шоир, ҳунарманд ӯ тавонист ҳамаи инро баро ҷаҳони хориҷ бисозад.

Ин таъкид моҳияти воқеии ҳикоятро дар бораи тарҷумаи ҳоли адиб хеле возеҳ ифода мекунад.

Мактаби гузаштаи мо таҷрибаи омӯзиши тарҷумаи ҳоли адибро надошт. Дар мактабҳои замони Шӯравӣ ва то имрӯз асосан санадҳои тарҷумаҳолии адиб ҳамчун ҳуҷҷати таърих мухтасаран омӯхта мешаванд. Вале равиши (методикаи)

имрӯзаи таълими адабиёт тағйири дидгоҳҳоро оид ба ин масъала тақозо дорад.

Тарҷумаи ҳоли адиб на фақат хонандаро бо санадҳои мушаххаси зиндагиномаи адиб, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва тазодҳои он ошно месозад, балки ба амиқ омӯхтани осори ӯ ёрӣ мерасонад. Дар мактаби миллӣ таълими ҳаматарафаи ин мавзӯъ арзиши хос дошта, ба дарки ҳаводиси номаълуми замонҳои дур ва пайванди маънавии эҷодкор ба замони таърихӣ мусоидат мекунад.

Хонандагони ҳар синну сол нисбат ба эҷодкорон, махсусан, шоиру нависандагон назари худро доранд, имконияти дастрасиашон ба дарки моҳияти ин масъала низ гуногун аст. Дар синфҳои поён нируи ҳофиза ва бардошти ҷисмонии хонандагон кифоят намекунад, ки мо санадҳои зиёди таърихӣ ва адабиро ҳангоми таълими ин мавзӯъ ба кор гирем. Дар ин ҳол маълумот дар бораи нависанда хусусияти лаҳзавӣ дорад, зеро хонандагони ин синнусол бештар ба ҳодисаву воқеаҳои саргармкунанда таваҷҷӯҳ доранд.

Дар синфҳои боло хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки доир ба ҷараёнҳои таърихию адабӣ тасаввуроти комилтар дошта бошанд. Хусусияти ҷӯяндагии хонандагони синфҳои боло ба ин мусоидат мекунад. Дар ин замина омӯзиши давраҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адиб арзиши хос пайдо мекунад. Вале омӯзгор ба кадом давраи ҳаёт ва фаъолияти адиб муроҷиат накунад, паҳуи ахлоқии ин дарс ниҳоят муҳим аст. Дар маркази таваҷҷуҳи муаллим бояд шахсияти адиб қарор гирад. Зеро шахсияти инсонии адиб ва камоти ҳунарии ӯ ду омилест, ки боиси бақои номи эҷодкор мешавад ва меҳри ӯро дар дили хонанда абадӣ мекунад. Дар ҳақиқат, лаҳзаҳо ва манзараҳои зиндагии инсонҳои бузург ҳамеша дилрабо ва тамошогоҳи зебо буда,  рӯҳро қавӣ ва фаъолиятро таҳрик мебахшанд

Чӣ гуна муаллими адабиёт метавонад хонандагонашро бо замон, шароити таърихӣ ва ҷуғрофиёии дигар ворид созад? Дар ин замина ошноии хонандагон бо маконҳое, ки бо сарнавишти

инсонӣ ва ҳунарии адиб пайванди рӯҳонию ҷисмонӣ доранд, ниҳоят муҳим ва арзишманд аст. Ба онҳо имконеро фароҳам овардан лозим аст онҳо тасаввур ва эҳсос кунанд, ки гӯё дар қадамҷоҳои Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ ва дигарон сайр мекунанд. Нависандаи рус К.Г. Паустовский ба ин маънӣ таъкид менамояд, ки намедонам, маконҳое, ки бо номи одамони бузург пайванде доранд, чӣ дилрабоӣ дошта бошанд. Бебаҳс, онҳо ифтихор аз неруи маънавии инсон ва навои ашъорро, ки аз қаъри дуриҳои дур ба мо мерасад ва идроки тобиши ғайримуқаррарӣ ва маънии эҳёгарии зиндагиро, ки гузаштагони арҷманд ба мо мерос гузоштанд, таҷассум менамояд.

Дастовардҳои техникии имрӯза, аз ҷумла интернет чунин саёҳатро барои муаллим ва шогирдонаш хеле осон ва ба тариқи ҳамешагӣ дастрас кардааст. Ҳамчунин имконияти истифодаи тасвирҳо, филмҳо ва дигар воситаҳои намоишӣ вуҷуд дорад. Мутаассифона, мо маҷмӯи зиёди филмҳое надорем, ки қадамгоҳҳои бузургонамонро ба навор гирифта бошанд. Вале кам бошанд ҳам ҳастанд филмҳое, ки дар бораи Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ ва баъзе шахсиятҳои дигар, ки онҳоро муаллим метавонад дар ин самт ба кор барад.

Омӯзгор ҷойҳои алоқаманд бо ном, зиндагӣ ва эҷодиёти адибро ба хонанда намоиш дода, шароити зеҳниро барои вуруд ба зиндагӣ ва эҷодиёти адиб муҳайё месозад.

Барои дарки эҷодиёти адиб ҳикоят дар бораи хонавода ва воқеаҳои то зода шудани адиб чӣ арзише доранд? Чунин мавод барои дарки пурвсъати замоне, ки нависандаро офарид ва мавқеияти ҳаётии ӯро шакл дод, чӣ ёрие мерасонад? Хонандагон барои ба ин суолҳо посух гуфтан ба тайёрии пешакӣ ниёзманд ҳастанд.

Саволҳое, ки гузошта шуд, вобаста ба лаҳзаҳо ва вазъиятҳои мушаххаси зиндагии адиб ва туаллуқоти он ба муҳити сиёсию иҷтимоии замонаш ҳал карда мешаванд. Дар адабиёти гузашта ва имрӯзаи мо осори бадеие ҳаст, ки лаҳзаҳои зиндагии ин ё он шоир ё нависандаро равшан мекунанд.

Масалан, қасидаи Рӯдакӣ «Шикоят аз пирӣ» чунин хусусият дорад. Ҳамчунин, дар адабиёти муосири тоҷик монанди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода асарҳое ҳастанд, ки барои омӯхтани тарҷумаи ҳоли адиб манбаи бебаҳоянд. Мо аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар меёбем, ки ӯ кӣ буду бо кӣ буд ва кӣ шуд. Бо шахсиятҳое ошно мешавем, ки ҷисман ё маънан дар паҳлӯи ӯ буданд ва барои ташаккули ӯ саҳм доштанд.

Дар адабиётшиносӣ бештар давраҳои роҳи эҷодии адиб омӯхта мешавад. Омӯзгор ин маводро истифода карда, дарсро ба нақша мегирад ва матни кадом асарро хонданро таъйин мекунад. Дар ин ҳол аз як тараф мавқеи он асарро дар эҷодиёти ҳамон адиб шинохтан лозим аст, аз тарафи дигар дар бораи ин асар ва осори дигаре, ки матнаш хонда намешавад, бояд маълумот дод.

Таҳлили матни бадеиро, ки барнома дар назар дорад, мумкин аст дар ҷараёни омӯзиши роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб амалӣ сохт. Ҳангоми таҳлили асари лирикӣ метавон чунин кард. Дар ин сурат таҳлили асари бадеӣ тасаввуроти хонандагонро доир ба шахсияти муаллиф амиқ мебарад. Асари бузургҳаҷми ҳамосиро баъди омӯзиши роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб омӯхтан ба мақсад мувофиқтар аст.

Дар ҷараёни ошноӣ бо роҳи эҷодии адиб муаллим на як бору ду бор бо санадҳое дучор мешавад, ки муборизаҳои адабии даврро нишон медиҳанд ва ё роҳи зиндагӣ ва эҷоди ин ё он шоиру нависандаро таҷассум мекунанд. Бо ин мақсад омӯзгор метавонад ҷадвали тақвимиро истифода барад, ки дар он санадҳои рӯзгори чанд адиби ба хонандагон ошно инъикос шудааст. Масалан, дар як вақт метавон ҷадвалеро, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзодаро таҷассум мекунад, тартиб дод. Метавон таъкид кард, ки осори Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода дар журнали «Садои шарқ» чоп шудаанд.

Дарки ҳаммонандии зиндагии адибон ба эҳсоси воқеияти ҳодисаҳоро ёрӣ мерасонад. Вале нақли омӯзгорро санадҳои

мушаххасе, ки хислати адибро тавсиф мекунанд, ҷолиб месозад. Муаллим дар ин замина метавонад аз тадқиқот М. Шакурӣ, А. Мирзоев, А. Насриддинов,

Х. Асозода , А. Сайфуллоев, А. Муллоев ва дигарон истифода кунад.

Аз ҳикоятҳо дар бораи зиндагии шахсии адиб, тарҷумаи ҳоли «лирикии» вай, ки одатан хонандагон бо шавқ мепазиранд, рӯҳи замонро ҳис кардан мумкин аст. Дар ин ҳол зарур аст ба ёд гирифт, ки зиндагии шахсии адиб ин фақат таърихи ишқбозиҳои ӯ, машғулиятҳои қалбии ӯ нест, балки ин робитаи ӯро ба дӯстону душманон, шогирдон ва муридонаш муайян мекунад.

Ҳикоят дар бораи роҳи эҷодии адиб қисми муҳим ва асосии дарс буда, ба мавзӯи тарҷумаи ҳоли шоир ё нависанда ихтисос мегирад. Таҳлили матни бадеӣ мумкин аст якҷоя бо маводи тарҷумаҳолӣ анҷом гирад. Вале аксаран омӯзгорон аввал мавзӯи зиндагӣ ва эҷодиёти адибро гузашта, сипас матнии асари бадеиро таҳлил мекунанд.

Тафсири зиндагиномаи адиб бо нақл дар бораи солҳои охири зиндагии ӯ анҷом меёбад. Ин дарс аз бисёр ҷиҳат лаҳзаҳои омӯзанда дорад: ошноӣ бо санадҳои ахлоқии зиндагиномаи адиб хонандаро нексиришт месозад. Фоҷиаҳои рӯзҳои охири ҳаёти шоир ё нависанда, ҷасорат ва мардонагии ӯ хонандагонро маҷбур мекунад, ки дар бораи маънии зиндагӣ, қадри инсон биандешанд. Ин маъниро омӯзгор дар мисоли сарнавишти С. Улуғзода метавонад таҳким бахшад.

Ҷойгоҳ ва арзиши зиндагӣ ва осори адабиро дар таърихи адабиёт омӯзгор таъйид карда, сабаби омӯхтани осори ӯ ва арзёбии онро муайян мекунад. Гоҳо ин арзёбӣ дар барномаи таълимӣ низ сабт мешавад. Масалан, ифодаи корномаи Садриддин Айнӣ барои таъйини мақоми Садриддин Айнӣ зеҳни хонандагонро ба таҳрик меоварад. Бо вуҷуди ин на бояд чунин андеша кард, ки вазифаи омӯзгор фақат баҳои баланд гузоштан ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб нест.

Ҳикоятро дар бораи адиб анҷом дода, на фақат мавқеи ӯро дар таърихи адабиёт бояд муайян кард, балки фарозу фурудҳои зиндагӣ ва эҷодиёти ӯро низ шарҳ дод. Дар ин замина зиндагии солҳои сиюми Садриддин Айнӣ маводи қобили таваҷҷуҳ дорад. Зиндагии С. Улуғзода ва муносибат ба ӯ баъди фирори писараш Азиз барои хонанда дар ин замина арзишманд аст.

Дар асоси маводи мавҷуди доир ба роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб таҷриба мактаби мо равишҳо ва усулҳои зеринро корбаст мекунад: суханронӣ (лексия), суҳбат, маърӯзаҳо, гузоришот ва ғайра. Фаъолиятҳое ба монанди кори мустақилонаи хонандагон бо маводи гуногун, ки дар китоби дарсӣ ҳаст ва омӯзгор низ дар шакли варақҳо паҳн кардааст. Пораҳое аз ёддоштҳои муосирон, санадҳо, мактубҳо, рӯзномаи адиб, пораҳои сиёҳнависҳоро хонда, хонандагон ба ҷараёни эҷодӣ назорат мекунанд, умумият додани маводро меомӯзанд, ба коргоҳи эҷодии адиб ворид мешаванд, арзёбии эҷодиёти ӯро шакл медиҳанд. Дар баъзе ҳолатҳо омӯзгор метавонад дар ин замина аз пораҳои филмҳо ва ё сабти овози адиб истифода кунад. Ҳама гуна шакли аёният шавқи хонандаро меафзояд ва ҳам назди муаллим талаботи иловагӣ мегузорад.

Баъди он ки омӯзгор ба қарор омад, ки доир ба кадоме аз воқеаҳои зиндагӣ ва эҷодиёти адиб муфассал сухан кард, ки дар зеҳни хонандагон нақш бандад, бояд дар бораи усулҳое андешид, ки манзараи умумии таърих ва имкони дарки ҳаматарафаи эҷодиёти адибро ба миён меоваранд. Вале барои он ки хонандагон асноди таърихӣ ва ба сарнавишти адиб алоқамандро ҳифз карда тавонанд, илова ба ҷадвалҳое, ки воқеаҳоро сабт мекунанд, ҷадвалҳои ҳаммонандро низ оид ба муҳимтарин ҳаводиси давраи зиндагии адиб доштан муҳим аст.

## Суолҳо ва супориш

1. Кадом мавзӯъҳо барои хонандагони синфҳои болоӣ доир ба ҷараёни таърихӣ-адабӣ тасаввурот пайдо мекунанд?
2. Кадом мавзӯъҳоро метавон тафсирӣ (обзорӣ) номид?

3. Кадом мавзӯъҳо рисолавианд (монографӣ)? Чанд мавзӯи рисолавиро ном баред. Барои ҷавоби саҳеҳ ба ин суол ба барномаи таълимии адабиёт такя кунед.

4. Таркиби мавзӯъҳои рисолавӣ аз чӣ иборат аст? Таҳлили асари бадеӣ ва ошноӣ ба роҳи зиндагӣ ва эҷодии адиб дар он чӣ мақом дорад? Нақшаи омӯзиши як мавзӯи рисолавиро барои синфҳои боло тартиб диҳед. Ҳангоми таҳияи ин нақша аз барномаи амалкунандаи таълими адабиёт истифода баред.

5. Нақшаи таълими зиндагиномаи С. Айнӣ ва С. Улуғзодаро таҳия кунед. Кадом лаҳзаҳои зиндагиномаи онҳо ҷолиби таваҷҷуҳанд?

6. Осори тарҷумаҳолии адибони тоҷикро ном баред. Ҳангоми таълими мавзӯъҳои тафсирӣ (обзорӣ) аз ин осор чи гуна метавон истифода кард?

## <u>**Адабиёти омӯзишӣ:**</u>


Абдусамади Мулло, Мирзошарифи Шодӣ Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир. Душанбе, 2007. 153 саҳ.

Абдусамади Мулло. Кароматулло Шукрулло. Сабақе дигар.

А. Ваҳобов., М. Қозиҷонов. Таълими адабиёт дар мактаб. Душанбе, Маориф, 1988, 192 саҳ.

Бақозода Ҷ. Сифати китоби дарсӣ беҳбудӣ металабад. Дар китоби Ҷӯра Бақозода. Нависанда ва идеали замон. Душанбе, 1987.

Бушмин А.С. Методологические вопросы литературоведческих исследовании. Ленинград, 1969.

Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ.- Душанбе, Маориф, 1992.

Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия. – Душанбе: Маориф, 1983.

Миров Т., Хоҷав Қ. Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе, Маориф, 1991, 249 саҳ.

Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Душанбе, 1982.


# БОБИ 8

# ОМӮЗИШИ ЗИНДАГИНОМА ВА ШАХСИЯТИ АДИБ

Амиқ надонистани замони зиндагӣ ва сарнавишти адиб дар роҳи омӯзиш ва дарки мероси адабии ӯ душвориҳое ба миён меоварад. Донистани замони зист ва муҳимтарин асноди ҳаёти шоир ё нависанда гиреҳкушои сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии ӯ мебошад. Омӯзгори адабиёт бо сухани кӯтоҳ дар бораи зиндагиномаи адиб набз ва рӯҳи замонеро, ки адиб зистааст, зинда месозад ва дар бораи он чи ки муосирони он адибро гирифтор медоштааст, нақл мекунад.

Сарнавишти адиб аз замони зисти ӯ аз ҷустуҷӯҳои ғоявию ахлоқии насли ӯ ҷудо нест. Мутафаккири бузурги рус В.Белинский навишта буд, ки «шоири бузург барои он бебадал аст, ки дарду алами ӯ дар ҷомеъа ва таърих амиқ реша рондааст».

Ба ин маънӣ, шоир қабл аз он ки шоир бошад, яъне офаринандаи эҳсосҳо, рангҳо, оҳангҳо ва андешаҳо бошад, инсон аст, инсоне, ки ҳассостар, дарёбандатар, гирандатар аз дигар инсонҳост. Ба ин сон офариниши шеърии вай бояд уфуқи инсон будани вайро фарохтар ва жарфтар созад, ҳастии инсонӣ ҳастии вайро бипарваронад, густариш диҳад ва ба шукуфа ва самар расонад. Яъне сарнавишти шоиру нависанда аз замон ва инсонҳое, ки бо онҳо зистааст, ҷудо нест. Ва Нимо Юшич барҳақ мегӯяд, ки «ман медонам, ки аз ин сахттар чизе нест, ки шахс ғайр аз дигарон буда бошад»[1]. Яъне сарнавишти адиби тавоно аз халқ ҷудо нест.

Замони Рӯдакиро надониста, маънии бисёре аз байту порчаҳои шеъри ӯро дарёфтан душвор аст. Масалан, вақте байтҳои

Ту Рӯдакиро, эй моҳрӯ, кунун бинӣ,
Бад-он замона надидӣ, ки инчунин он буд.
Бад-он замона надидӣ, ки дар ҷаҳон рафтӣ,

[1] Шеъри форсї, аз машрутият то имрўз. Теҳрон, 1357, саҳ 277.

Сурудгӯён, гӯӣ, ҳазордастон буд… - ро

мехонем, мо бояд донем, ки Рӯдакӣ бо Наср ибни Аҳмад чӣ қаробате дошт, аз ҳикояти сарчашмаҳо доир ба он ки Наср ибни Аҳмад шоири бузургро сарватманд гардонидаст, хабардор бошем ва ҳаққу ноҳақи онро бишносем. Дар ин замина ба шеъри шоир низ таваҷҷуҳ бояд дошт, ки дар шинохти замони зиндагии шоир ва алоқамандии ӯ бо муосиронаш сарчашмаи бебаҳост. Аз ҷумла, ду байте, ки мо аз қасидаи зикршуда овардем, як пораи тарҷимаи ҳоли шоири бузург аст. Чунон ки мебинем, дар ин қасида мамдӯҳи ӯ, пеш аз ҳама, Насри Сомонӣ будааст. Вале “шоири бузург нафақат барои мамдӯҳи маъруфи худ, балки ба Абулфазли Балъамӣ, Мусъабӣ ва ба як микдор дарбориёни дараҷаи аввал низ мадеҳа сароидааст ва аз тарафи онҳо ба шоир инъоми зиёд расидааст»[1].

Воқеияти таърихӣ ва шеъри шоир бар он далолат мекунад, ки мақсади Рӯдакӣ “аз сурудани мадеҳа ва умуман хидмати дарбор фақат гирифтани инъом набудааст. Балки ҳадафи аслии ӯ ба курсии иззат нишондани сухани форсӣ будааст, ки сарнавишти ӯ ва шеъраш инро собит месозад. Агар муаллим ба тариқи умумӣ дар бораи замони зиндагии Рӯдакӣ, мақоми Сомониён дар пешрафти илму адаб сухан гӯяд, хонандагон замонро эҳсос намекунанд. Замони зиндагии шоир дар алоқамандӣ бо зиндагиномаи шоир бояд тарзе омӯхта шавад, ки он ба зеҳни хонанда изофа шавад. Бар асоси ин таҷриба дигар чеҳраи Рӯдакӣ фақат акси кӯҳнаи рангпаридаи таърихӣ нест, ки дар қобе чашм ба мо дӯхта бошад, балки худи Рӯдакист, ки аз он намо ва рӯҳи ниёкон меояд, рӯ ба рӯи мо менишинад ва шеъру сарнавишташ ҳамаи он чиро, ки аз сари ӯ гузаштааст, ба мо накл менамояд. Тафсири оддии воқеаҳову санадҳо чеҳраи инсонӣ ва шоирии

[1] Абдулѓанї Мирзоев. Рўдакї ва љараёни зиндагии ў. Дар китоби “Рўдакї ва замони ў», Сталинобод, 1958, сањ 32.

Рӯдакиро равшан намесозанд. Балки дар қиёс бо зиндагии пурмоҷарои шоир санҷидан ва шарҳ додани онҳо метавонад барои фаҳмидани шеъри Рӯдакӣ ёрӣ расонад.

Ба ифодаи дигар, дар вақти таълими зиндагиномаи шоир ё нависанда бояд муаллим дақиқан собит намояд, ки ҳастии халқу адиб аз ҳам ҷудо нест.

Сарнавишти бузургтарин адибони гузаштаю имрӯзаи мо аз замон ва ҳастии халқ ҷудо нест. Сарнавишти Фирдавсӣ рамзи поймардӣ дар роҳи халқу ватан аст. Масъуди Саъди Салмон бераҳмиву бедодии зимомдорони вақтро ҳам дар шеъраш ҳам дар бисту як соли умри дар зиндон ба сар бурдааш инъикос кардааст. Аҳмади Дониш барои халқу ватан чун шамъ сӯхтааст, бо қалам ва сарнавишташ ба ислоҳи ватан пардохтаст. Садриддин Айнӣ ҷон ба гарав гузошта, умри хешро «сарфи хома кард» ва зиндагиномаю осори ӯ барои халқи тоҷик ҳамчун «шаҳодатнома» шинохта шудааст.

Зиндагинома ва фаъолияти адабии Аҳмади Дониш аз рӯи барнома дар синфи X таълим дода мешавад. Ин шахсият дар таърихи адабиёти мо беназир аст. Бинобар ин ҳам таълими дурусти зиндагиномаи ӯ, ошкор сохтани шахсияти иҷтимоии Аҳмади Дониш барои хонандагон сахт арзишманд аст. Барои иҷрои ин кор асари Аҳмади Дониш "Наводир-ул-вақоеъ"сарчашмаи арзишманд мебошад. Дар ин замина суоли худи Дониш: "То халқ бидонанд, ки барои чӣ омаданд ва бар чӣ буданд ва чӣ карданд" гиреҳкушост. На фақат осори адиби бузург, ки "дар сатр" кашид ва "ба дастуруламали фарзандон" (Аҳмади Дониш) боқӣ гузошт, балки ҳаёти ӯ барои худшиносӣ ба наврасон сабақи судманд хоҳад буд. Зеро Аҳмади Дониш дар осораш, ки ҷузъи сарнавишти ӯст, "бо ҷиддияти том кӯшиш сарф менамояд, то ки мавқеи табиӣ ва ҷамъиятии ҳар як фардро муайян карда, ҳисси худшиносию эҳтиром ба гузаштагонро бедор намояд ва дараҷаву мартаба, қадру манзалати одамиро баланд бардорад. Ҳар як шахсро барои ҳифзи табиату

бардавомии ҳастии башарият масъул дониста, таъкид кунад, ки зодаи одам бо корбурди маърифату дастуруламали ақлу заковат бахту саодати инсонӣ офарида, баҳри аз таҳқиру нокомиҳо раҳонидани ҳамдигар даст ба даст бошанд»[1].

Дар ин росто шеъри шоири тавонои мо Бозор Собир

«Аҳмади Дониш» метавонад дар шинохти шахсияти инсонии ин мутафаккир раҳнамо бошад. Эпиграфи Бозор Собир ба ин шеър «аз қабри ту фаромӯш карда бошанд ва надонанд, ки мақбараи ту куҷост», ки аз забони Аҳмади Дониш овардааст, фотиҳаи боби дарси худшиносист дар ин мавзӯъ.

Қисмати Садриддин Айнӣ бо халқаш пайванди комилан дигаре дорад. Беҳтарин фазилатҳои халқи тоҷик бо ҳамаи вусъат ва неру дар шахсияти Айнӣ ғунҷидаанд. Ин маъниро Бозор Собир дар шеъри «Айнӣ» хеле барҷаста ифода намудааст.

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад…
Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
Офарин бар табъи Айнӣ-Рӯдакӣ эҷод кард.
Гар ба дунё рафт Сино чун табиби иллате,
Кард ӯро ҳиммати Айнӣ табиби миллате.
Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,
Чун китоби кӯҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.

Шояд омезиши ҳастии Садриддин Айнӣ ва халқи тоҷикро то имрӯз беҳтар аз Бозор Собир адибе баён накардааст. Хонандагони синфҳои боло дар бораи зиндагӣ ва мушкилоти он ба таври ҷиддӣ меандешанд, шавқу рағбати онҳо ба масъалаҳои ахлоқӣ меафзояд, онҳо саъй менамоянд, ки эътиборашонро қадр кунанд, ҷойгоҳашонро дар зиндагӣ

[1] Аликул Девонакулов. Аьмади Дониш мураббии инсон. Дар китоби Аьмади Дониш. «Наводир-ул-вакоеъ». Душанбе, «Дониш» 1989, саь. 4.

муайян намоянд. Ба ин далел бачаҳо ба сарнавишти шахсиятҳои бузург, ҷузъиёти зиндагии онҳо таваҷҷӯҳи хос доранд. Нависанда ва шоир чӣ гуна инсон аст? Чӣ гуна зиндагие ба сар бурд? Чиро дӯст медошту ба чӣ нафрат дошт? Дар давраи бачагиаш ва ҷавониаш чӣ гуна шахсият буд? Бо кадом роҳ ба комёбӣ даст ёфт? Вақте ки чунин саволҳо дар зеҳни хонандагон пайдо мешавад, муаллим бо нақли саҳеҳ ва пурмазмун дар бораи адиб онҳоро бедору ҳушёр сохта, эҳсоси онҳоро таҳрик мебахшад ва онҳоро маҷбур месозад, ки дар бораи рафтор, кирдор ва ояндаи худ фикр кунанд.

Дарсе, ки ба зиндагиномаи адиб бахшида мешавад, ин сабақи ошноӣ бо инсонҳоест, ки ҳаёташонро вақфи хизмати ватан кардаанд, зиндагиашон таҷассуми дониш, малака ва хидмати содиқона ба халқу ватан мебошад. Бисёре аз адибони мо на фақат бо осори адабӣ, балки бо шахсияти волои инсониашон намунаи ахлоқи нек, ростӣ, масъулиятшиносӣ, ҷасорати ватандорӣ ва виҷдони пок гардидаанд. Шоирон наметавонанд ва набояд кори дигаре ҷуз шеър ва зиндагии дигаре ҷуз зиндагии шеърӣ дошта бошанд. Яъне шоир (нависанда низ) оинаест дурӯя, рӯе дар баробари ҷомеа ва таҳаввулоти он ва рӯе дар баробари авотиф ва нафсониёти худи ӯ.

Ошноии комил ба зиндагиномаи устод Айнӣ ба хонанда сабақи бузурги ахлоқӣ медиҳад. Албатта, агар мо тафсири хушку холии санадҳои тарҷумаҳолии зиндагии устодро як сӯ гузошта, дар бораи ҳаёти пуршебу фароз ва умри бобаракати ӯ, ки танҳо барои беҳбуди миллат сарф шудааст, ба хонанда ҳикояти шавқангез ва таъсирбахши арзишманд гуфта тавонем, он вақт саъю талошамон беҳуда намеравад. Хислат ва шахсияти Айнӣ мураккабӣ ва ғановати табиати ҳунарӣ ва инсонии адибро мекушояд. Ба ифодаи донишманди адабиёт Муҳаммадҷони Шакурӣ, «Садриддин Айнӣ зиндагонии пурталотуме аз сар гузаронида, бисёр одам ва воқиаҳои аҷиб

дида, талху ширинро хеле чашида, таҷрибаи фаровоне гирд оварда буд»[1].

Зиндагии шахсии устод Айнӣ фақат ба худаш мутааллиқ набуду нест. Сарнавишти ӯ сарнавишти халқи тоҷик аст. Ба ҳамин далел, ӯ барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон шинохта шуд.

Камоли шахсияти инсонӣ ва адабии Айнӣ натиҷаи заҳмати бузурги ботинӣ, серталабии беҳадду андоза аз худ, таҳлили ҳамешагии рафтор, ҳамеша дар назар доштани ҳадафҳои бузурги адабӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Айнӣ аз нахустин қадамҳояш ба зиндагӣ дар назди худ мақсадҳои бузург гузошта буд ва то охирин нафасҳояш барои амалӣ сохтани онҳо талош кард. Дар ин маврид нависандаи бузурги рус Лев Толстой навишта буд, ки «зинда касест, ки ба пеш меравад, ба сӯи нур, пешопеш шамъи ӯ равон аст, шамъе, ки ҳеҷ вақт ба интиҳои нур намерасад, зеро нур пеш аз шамъ меравад. Ва ин зиндагист, чизи дигаре нест».

Садриддин Айнӣ дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш маънии ҳастиашро дар хизмати халқ дида буд. Ӯ танҳо барои худаш зистанро қабул надошт. Ҳамон зиндагиро зиндагӣ шинохта буд, ки вақфи дигарон аст. Ӯ барои худаш намеандешид, барои осоиши худаш фикр намекард. Агар чунин эътиқоду ҳадаф медошт, дар субҳи ҷавониаш барои тағйири авзои иҷтимоии ватанаш – Бухоро талош карда, гирифтори азобҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ намешуд. Навиштаи зерини Садри Зиё дар бораи ҳадафи зиндагии Айнӣ дар оғози фаъолияти эҷодию иҷтимоиаш ҳуҷҷати қотеъ аст: «Бародари муҳтарам, Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнитахаллусро, ки назман ва насран аввали Амир Хованд (Мирхонд- шарҳи мо) ва Сонии Саъдии Шерозӣ ва дар ҳадафи зоташ ранҷуру

---

[1] Муњаммадљони Шакурии Бухорої. Диди эстетики халќ ва насри реалистї. Хуљанд, 2006, сањ.13.

касалманд буд, аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво 75 чӯб таъзир карданд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтанд»[1].

Солҳои сиюм вақте ки ба Айнӣ тамғаи «душмани халқро баста, ӯро миллатчии буржуазӣ» муаррифӣ мекарданд, «иродаи қавӣ, ҷасорати меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ, алоқаи ботинии ӯ» (Камол Айнӣ) нисбати халқу сарнавишти миллат зоҳир гардид. Ба шаҳодати фарзанди устод – Камол Айнӣ мисраи Камол: «То ҳаст ба ҷонам рамақе, кори ман ин аст» то нафасҳои вопасин шиори зиндагии устод Айнӣ будааст.

Муаллим ҳангоми таълими зиндагиномаи Айнӣ ба он бояд таъкид кунад, ки Айнӣ дар он солҳои душвори душмансозиҳо ва баъд чӣ гуна хислати аслии инсонӣ ва ҳунариашро ҳифз намуд. Ин барои ошноии хонандагон ба шахсияти Айнӣ ниҳоят муҳим аст.

Бо ин роҳ мо метавонем хонандагонро маҳрам ва шарики зиндагӣ, ғаму шодӣ, шикасту рехти ӯ созем ва бо ин роҳ ҷаҳони пурмоя ва ормонҳои ахлоқии адибро барои хонандагон боз карда, ҷаҳони маънавии онҳоро ғанӣ гардонем. Истифода аз китобҳои муҳиме, ки дар бораи зиндагиномаи шахсиятҳои бузург навишта шудаанд, воситаи муҳимест, ки ҷаҳони маънавӣ ва ахлоқи инсонии наврасонро такмил мебахшад. Ин китобҳо, бешак, қомуси худсозии хонандагон хоҳанд буд. Зеро ормон инсонро ба сӯи ноёфтаҳо савқ медиҳанд.

Хонандагон ба ҳаёти пурвоқеа, сермаҳсул, пур аз ҷустуҷӯҳои адиб рағбат пайдо мекунанд. Одамият, саховатмандии ӯ офаридаҳои адибро маҳрами рӯҳи онҳо месозад.

Хонандагон на лаҳзаҳои алоҳида-алоҳидаро аз зиндагии адиб, балки чизи муҳим, аз ҳама асосии шахсияти ӯро бояд

[1] Аз рӯзномаи Шарифљон Махдуми Садри Зиё

ба ёд гиранд. Дар ин замина роҳи душвори ҷустуҷӯҳои ғоявӣ ва ахлоқии адибро, ки бо ҳодисаҳои муҳими таърихии замони ӯ алоқаманд аст, дарк кардан имконпазир аст.

Ҳама гуна зиндагинома арзиши омӯзишӣ ва ахлоқӣ дорад. Муаллим хонандагонро бо сарнавишти Садриддин Айнӣ ошно карда, аз рӯи мантиқи санадҳои ҳаётӣ нишон медиҳад, ки инқилоби рус дар зиндагиномаи нависанда гардиши бузурге буд. Дар ин замина назари Садриддин Айниро ҳамчун ҳуҷҷати таърих оид ба Инқилоби октябр бояд ба назар гирифт. Мақоми ӯ дар сарнавишти халқи тоҷик ҷудо аз фаъолияти нависандагиаш набуд. Ҳадафи миллӣ ва инсонӣ, ба қадр шинохтани арзишҳои башарӣ, дифоъ аз забону фарҳанги тоҷик асоси фаъолияти ӯро муайян менамуд ва ҷузъи сарнавишти ӯ буд.

Зиндагиномаи Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода таъкиди дигар дорад. Мирзо Турсунзода чеҳраи бузурги ҳам адабӣ ва ҳам сиёсии солҳои панҷоҳу шасти адабиёти тоҷик буд. Шахсияти ӯ гардишҳои муҳими қисмати халқи тоҷикро дар замони Шӯравӣ муҷассам месозад. Ба ифодаи дигар, осори ин шоирро аз шахсияти инсониаш, ки дастхуши сиёсати давр буд, наметавон ҷудо кард. Ба ифодаи Муҳаммадҷони Шакурӣ, «шеъри Турсунзода шеъри сиёсии саршор аз сиёсати ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ буд».

Барои шарҳи саҳеҳи ин гароиши шоир мақоми сиёсии ӯ ва сиёсати ҳукумати даврро дар соҳаи адабиёт бояд ба назар гирифт. Шахсияти ин шоири бузург хислати замон ва як насли адибони солҳои «сотсиализми мутараққӣ»-ро амиқ ва возеҳ муҷассам месозад. Ӯ шоири мубориз ва шахсияти сулҳхоҳ буд. Роҳи муайянкардаи ҳизбу давлати замонашро собитқадамонаю фидокорона пайгирӣ мекард. Ба ғояҳои замон вафодор буд. Шахсияти ӯ барои насли имрӯз сабақҳои муҳиме дорад.

Муаллими огоҳ намунаи мақолаҳо ва очеркҳои тарҷумаиҳолиро оид ба зиндагии шоирони пешин ва имрӯз

дар тадқиқоти олимони адабиётшиноси мо, аз ҷумла С.Нафисӣ, М.Шакурӣ, Ш.Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, А.Маниёзов, Х.Шарифов, А.Ҳаким, М.Раҷабӣ, А.Муллоев ва дигарон пайдо карда метавонад.

Донишманди фақид Абдулғанӣ Мирзоев дар очерки «Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ» ба масъалаҳои вақт ва маҳалли таваллуд, куния, ном, насаб ва тахаллус, давраҳои аввали зиндагии шоир, ба пойтахти Сомониён кашида шудани шоир, Рӯдакӣ дар дарбори Насри II, нобиноии Рӯдакӣ, таблиғоти қарматиҳо ва оқибати он, Рӯдакӣ ва қарматиҳо ва ғайра дахл карда, дар заминаи муҳимтарин воқеаҳои ҳаёти шоир, таърихи талошҳо, шуҳрат ва қисмати талхи ӯро зинда месозад. Донишманди маъруф сарнавишти пур аз шебу фарози шоирро дар алоқамандӣ бо ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва осори худи ӯ возеҳ ба қалам медиҳад, ки хеле ибратомӯз аст. Очерки тарҷумаиҳолии А. Мирзоев хонандаро бо ҷаҳони шеъри Рӯдакӣ ошно карда, ҳамдардӣ ва таваҷҷуҳи хонандаро ба зиндагии пурфоҷеаи шоир меафзояд.

Маъруфи Раҷабӣ дар рисолаи «Сотим Улуғзода - абармарди набард ва андеша» дар бораи тарзи интихоби маводи тарҷумаиҳолӣ менависад: «Дар фасли якум нақши сарнавиштсози идеология дар ҳаёти шахсии С.Улуғзода ва дар фасли охир ҳамбастагиҳои ҳаёти эҷодӣ ва зиндагии хусусии С.Улуғзода ва гӯё таъсири зоҳиран ноогоҳонаи мутақобили ин ду ҳаёт ба мулоҳиза омадааст…Мо дар ин рисола дар бисёр мавридҳо кӯшидаем, ки кулли соҳаҳои фаъолияти С.Улуғзодаро дар яклухтӣ ва ба ҳамон андозае, ки ба наср ва ё ҳаёти шахсии ӯ иртибот доранд, ба мулоҳиза гирем, ки ин усул ҳам дар адабиётшиносии мо камтар ба чашм мерасад»[1]. Адабиётшинос савияи баланди нависандагӣ, аз ҷумла, ҳунарӣ ва камолоти инсониро аз хусусиятҳои муҳими С.Улуғзода медонад. М.Раҷабӣ се фазилати муҳим:

[1] М.Раљабї. Сотим Улуѓзода абармарди набард ва андеша. Душанбе, 2004, сањ.12.

дониши амиқ, андешамандӣ ва ҳассосияти ҳимматбаландонаро аз камоли маънавиёт ва салоҳиятмандии нависандаи бузург мешиносад.

Дар ин равиш асарҳои зиёди илмӣ навишта шудаанд ва муаллим дар вақти таълими зиндагиномаи адиб метавонад аз он огоҳона истифода барад. Мо ба ҳамин тафсир қаноат карда, хулоса менамоем:

а) муаллим ҳангоми таълими зиндагиномаи адиб дар бораи шоир ё нависанда ҳамчун инсон, дар бораи ғановат ва махсусияти ҷаҳони маънавии он бояд маълумот диҳад;

б) ба он санадҳои ҳаётӣ бояд диққат дод, ки дар шаклгирии назар ва хислати адиб мавқеи муҳим доштаанд; в) ҳикоят дар бораи зиндагии адиб бояд хонандаи ҷавонро ба хулосаҳои муҳими зистан оварад, ӯро бо рӯҳи зиндагишиносӣ тарбият намояд.

Ҳангоми таълими зиндагиномаи нависандагони муосир хонандагон бояд тазодҳои роҳи зиндагӣ ва ҷустуҷӯҳои ғоявии адибонро донанд. Шахсияти адиб на фақат дар амалу кирдор, балки дар дилбастагӣ ва хайрхоҳии ӯ низ кушода мешавад. Донистани он ки адиб чиро дӯст медошту арҷ мениҳод, бо муосирони бузургаш чӣ тарз муносибат мекард, тасаввуротро дар бораи шахсияти адиб ғанӣ мегардонад. Дар вақти омӯхтани зиндагиномаи адиб хонандагон адибро бо тамоми ғановату сахои олами маънавиаш ҳамчун одами зинда бояд шиносанд. Хонанда, ҳар қадар ки шахсияти адибро равшан тасаввур кунад, ҳамон андоза асарҳои ӯро амиқ ва пурэҳсос қабул менамояд.

Зиндагии адибро наметавон аз эҷодиёташ ҷудо кард. Дар китобҳо ормонҳои ҷамъиятӣ ва ахлоқии адиб муҷассам шудаанд. Лозим аст, ки хонандагон китобро хонда, муаллифи онро дар паси сатрҳо дида тавонанд, баҳои бевоситаи муаллифро дар бораи зиндагиву одамон дарк ва эҳсос намоянд. Нависанда ё шоир фақат хубиро навишта наметавонад, бояд, ки онро эҳтимолан дар ботини худ созад.

Воситаи дигаре, ки барои гузаронидани дарсҳои зиндагиномаи адиб ёрии амалӣ мерасонад, ёддоштҳо, мактубҳо ва рӯзномаҳои шоиру нависандагон мебошад. Ин сарчашмаҳо таассуроти хонандагонро дар бораи шахсияти адиб ғанӣ гардонда, онҳоро бо замон ва муосирон, афкори адабӣ ва ахлоқии адиб ошно месозад. Чунин адабиёт бо эътимоднокиаш таъсири бузурги ҳиссӣ ва тарбиявӣ дорад. Вале истифодаи ёддошт дар интихоби мавод ва тафсири он ҳушёрии хосро тақозо мекунад. Муаллим ҳамон ёддоштҳоеро интихоб менамояд, ки хусусиятҳои асосии шахсияти адибро ошкор месозанд.

Дар синф пораҳоеро аз ин гуна ёддоштҳо хондан аз манфиат холӣ нест. Гоҳо пораи ёддошти хондашуда хеле афзалият дорад.

Ҳангоми таълими зиндагиномаи Айнӣ ҳамин гуна ёддоштҳоро, ки шахсияти инсонии устодро таҷассум намудаанд, хондан ва тафсир кардан пураҳамият аст. Худи «Ёддоштҳо»-и Айнӣ дар тафсири шахсияти ӯ ҳуҷҷати адабии бебадал аст. «Лоиқнома»-и Сорбон низ яке аз сарчашмаҳои боэътимод ва арзишмандест дар шинохти шахсияти Лоиқ.

Дар ин дарсҳо аз сабти овози адибон истифода кардан, аз ҷониби онҳо тафсири пораҳое аз зиндагиашонро шунидани хонандагон арзишманд аст. Ба хонандагон шунидани овози Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ шавқангез мебошад.

Хондан ва истифодаи мактубҳо ҳангоми таълими зинагиномаи адиб арзиши бузург дорад. Дар онҳо ҷаҳонбинӣ, дониш, ҷаҳони маънавӣ, эътиқод, бовар, ормон ва қазоват оиди зиндагии адиб таҷассум ёфтаанд.

Мактубҳои Садриддин Айниро ба Абулқосим Лоҳутӣ гирем. Онҳо фидоии адабиётанд ва сарнавишташон ибрати рӯзгори фарзандони халқ буда, худиро дар хеш гудохта, дарси худогоҳӣ ва хештаншиносӣ медиҳанд. Ин мактубҳо барои омӯхтани ҳаёти шахсӣ, ақидаҳои адабӣ, муносибати адибон бо ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти ҷомеа манбаи

боэътимоданд. Ба мо дар бораи шахсияти нависанда, хислатҳои инсонии ӯ, алоқамандиаш бо муосирон маълумоти бебадал медиҳанд. Вақте ки мо мактубҳои Садриддин Айниро мехонем, «садои дили инсони ғамхору дилсӯз, инсони фидокор, садои дили инсоне шунида мешавад, ки лаҳзае аз ғами миллат, ғами пешрафти фарҳангу маданияти он фориғ набудааст»[1].

Тасвири адиб, филмҳои ҳуҷҷатие, ки аз ҳаёти адибон гирифта шудаанд, сабти овози онҳо, аз ҷониби шоир ё нависанда хондани осораш бояд ҳамеша дар дарсҳое, ки сухан аз зиндагиномаи адиб меравад, мавриди истифода қарор гиранд

Ҳамин тариқ, хонандагон зиндагиномаи адибро омӯхта, бояд эътимод кунанд, ки сарнавишти аҳли қалам ғанӣ  буда, таваҷҷуҳи онҳо ба ҳаёти халқ, ҳодисаҳои фарҳангӣ, меҳнати тоқатшикан дар болои осорашон ва бисёр корҳои дигар гувоҳи камолоти инсонии онҳост.

Ҳар қадар ки супориш дар бораи зиндагиномаи адиб гуногунранг бошад, таассуроти хонандагон дар бораи шахсият амиқ мешавад.

Тарбияи хонандагон ба василаи адабиёти бадеӣ фарояндест, ки таъсири мутақобилаи тимсолҳои асар ва шахсияти соҳиби онро дар бар мегирад. Махсусан, таъсири судманди маърифатӣ ва ахлоқии ин ҳодиса барои хонандагони синфҳои болоӣ чашмгир аст.

Хонандагони синфҳои боло на фақат эҳсоси баланд доранд, балки сахт ҷӯёи ормони зиндагисоз низ ҳастанд. Мутаассифона, барномаи таълими адабиёт ин хусусияти равонӣ ва маърифатхоҳии хонандагони ин синну солро чандон ба эътибор нагирифтааст.

Маълумоти мухтасари тарҷумаҳолӣ дар бораи шоиру нависанда, ки барои хонандагон дар вақти омӯзиши осори

---

[1] Х.Отахонова. Чанд масъалаи забон дар мактубњои устод Айнї. Љашнномаи Айнї, љилди 1Х, Душанбе, 2002, сањ.150.

адиб лозим аст, ба дараҷаи зарурӣ таъсири маърифатию ахлоқӣ надорад. Аз ин нуқтаи назар омӯзиши ҳаматарафаи шахсияти адиб яке аз василаҳои таъсири тарбиявии осори ҳунарӣ ба хонандагон мебошад. Сафар ба ҷаҳони арзишҳои волои ахлоқӣ, ки ба сабаби омӯзиши шахсияти адиб барои хонанда кушода мешавад, дар андешаи хонандагон таъсири амиқ ва носутурданӣ мегузорад. Ошноии хонандагон бо шахсияти Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ҳамчун фидокорони соҳаи адабиёт хонандагонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва садоқатмандию собитқадамӣ баҳри кору фаъолияти нек раҳнамоӣ мекунад. Ба хонандагон аз душвориҳое, ки солҳои бисту сӣ ва баъд низ ба дӯши устод С. Айнӣ афтода буд ёд карда, оташи шавқи ватандӯстӣ ва созандагиро дар дили наврасон меафрӯзад, зеро бе он зиндагӣ маънӣ надорад. Дар тасаввури хонандагон чеҳраи комили ахлоқии нависандаро ба вуҷуд оварда, омӯзгор ба шаклгирии тасаввуроти хонандагон дар бораи зебоии ҳаёти инсон мусоидат мекунад. Вай бо мисолҳои мушаххас як қатор меъёрҳои ахлоқию зебошинохтиро шарҳ медиҳад. Аз таҷрибаи мактабҳо бармеояд, ки ҳатто дар ҳоле ки омӯзгор тарҷумаи ҳоли адибро нақл мекунад, бештар ба зикри санадҳои хушк эътибор медиҳад, ки ин таҷриба самаранок нест. Аксаран тарҷумаи ҳол яктарафа, бе ошкор кардани чеҳраи амиқи ахлоқии адиб омӯзонда мешавад ва мавқеияти ҷамъияти адиб ҷудо аз ҳодисаҳои ба ҳам зидди ҳаёти ҷомеа маънидод карда мешавад, ки гоҳо хилофи ҳодисаҳоест, ки дар амалу кирдор, ақида ва муносибати ӯ ба одамон таъсир гузоштаанд. Масалан, роҳи зиндагӣ, аз ҷумла, бачагии С. Айнӣ дар тасаввури бачагон аз омӯзиши асарҳои адиб вуҷуд дорад ва фаъолияти нависандагӣ ва инсонии адибро равшан менамояд. Чунин мешавад, ки шахсияти адибро тавсиф карда, хонандагон ё дар бораи меҳнатдӯстии одамият, муҳаббат ба китоб мегӯянд ё дар бораи бадбинии ӯ нисбат ба истисмори инсон ва муҳаббати Ватан. Фаҳмиши ягонаи

фазилатҳои ахлоқиву шаҳрвандӣ ин ҷо соқит мешавад. Арзёбии шоеъи шахсияти шоир ё нависанда аз ҷониби хонандагон чунин аст:

- Садриддин Айнӣ нависандаи бузурги тоҷик аст. Муборизи манфиатҳои халқи тоҷик, инсони меҳнатдӯст, накукор, дар зиндагӣ ранҷҳои зиёд дида…

Иҷтимоигароии барзиёд ва ё, баръакс, таваҷҷуҳ ба шароитҳои зиндагӣ ва ҳодисаҳо ду сари як ресмон аст, ҳангоми тарсими шахсияти мушаххаси адиб дар дарси адабиёт. Муқобилгузории ғоявию ахлоқӣ, фаъолияти ҷамъиятию инсонӣ назари кӯҳна ва шахшуда ва беш аз ин, зиёновар аст, зеро назари қолабиро дар шинохти ҳаёт ва фаъолияти нависанда ё шоир думбол мекунад.

Таҷриба собит месозад, ки чеҳари инсонии адиб фақат аз тариқи тавсири ахлоқӣ ва арзёбии, ягонагии ин унсурҳо шинохта мешавад. Хонандагонро чунин фазилатҳои инсонии нависанда, монанди муҳаббат ба Ватан, халқ, эҳсоси ифтихори миллӣ, собитқадамӣ, фидокорӣ гирифтор медорад. Ва ин табиист: ҳолати равонии хонандагони синфҳои боло ҳаминро тақозо мекунад. Вале дар ин росто қонунияти дигар низ амал мекунад: дарки чеҳраи комили инсонии адиб ҳамон вақт муяссар мешавад, ки вай ба таҳлили ҳаматарафаи иқдомҳои ахлоқии нависанда дар вазъиятҳои гуногун ва муносибаташ дар тӯли ҳаёт ва фаъолият асос ёфта бошад. Шавқмандии хонандагон ба сарнавишти адиб, ҷустуҷӯҳои тазодҳои дарунии ӯ хеле зиёд аст. Ин ҳодиса ба рӯҳияи хонандагони синфҳои боло вобастагӣ дорад. Дар роҳи такмили худ инсон, ба хусус, ҷавонон ба ҷаҳони дарунии одами дигар, таҷрибаи зиндагии он, ки арзишмандтар аст, муроҷиат мекунанд. Талаботи маънавии соҳибӣ кардани ин дунё пайдо мешавад. Ана, барои чӣ ба мо муҳим аст, ки ҳарду паҳлуи фазилатҳои адиб дар таносуб бо ҳам ба хонандагон нишон дода шавад.

Шахсияти адиб дар ҳама ҳолат дар алоқамандӣ бо замони зиндагияш омӯхта ва ё таълим дода мешавад. Ошкор

кардани аломатҳои асосии чеҳраи маънавии адиб то ҷое ҳодисаҳои таърихиро тавсиф кардан аст.

Дар заминаи ин дастури назари мавзӯӣ таълими шахсияти адибро дар дарс ва берун аз он аз назар мегузаронем. Ба хонандагон оид ба ибтидои фаъолияти устод С. Айнӣ нақл карда, ба муҳите, ки адиб парвариш ёфтааст, дар бораи воқеаҳои муҳими ҳаёти ӯ муносибати ӯ ба маорифпарварон ва муҳимтарин саҳифаҳои зиндагиаш дар он солҳо маълумот медиҳем. Дар бораи зиндонӣ шудани С. Айнӣ ва робитаи ӯ бо ҷавонбухориён маълумот дода, ба аҳамияти миллии фаъолияти ӯ дар ин давра диққат медиҳем. Фақат нақл дар бораи фаъолияти С. Айнӣ дар ибтидои солҳо бистум кифоя аст, ки хонандагон дар бораи чеҳраи инсонӣ ва фарҳангиаш маълумоти кофӣ ба даст оранд. Фаъолияти минбаъдаи С. Айнӣ дар нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Самарқанд, таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», осори бадеӣ, хидматҳои баъдияш дар пешрафти илму фарҳанги тоҷикон саҳифаҳои дурахшони зиндагиномаи ин марди бузург аст, ки бо дасти худаш дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» нашр шудааст.

Дар заминаи тарҷумаи ҳоли нависанда ба хонандагон суоли медиҳем: Кадом лаҳзаҳои сарнавишти бачагии Айнӣ хотирмон аст? Муносибати ӯ бо рушанфикрон чӣ гуна буд? Дар бораи зиндагии С.Айнӣ, ба хусус, дар солҳои бист ба хонандагон нақл карда, хислатҳои дар он солҳо ба ӯ хосро ошкор мекунем. Дарки ин масъалаҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо сароғози андешаҳои миллатдӯстии Айнӣ ошно шаванд ва ҳаёти пурҷушу хурӯши ӯро пеши назар оваранд. Аз рӯи ҳамин нақша минбаъд низ сӯҳбатро идома медиҳем. Хонандагон бовар ҳосил хоҳанд кард, ки ташаккул ва зуҳури фазилатҳои маънавӣ ва ахлоқии устод Айнӣ дар давраи баркамолияш камоли мантиқии ҳамон сифатҳоест, ки дар даврони бачагиаш дар вуҷуди ӯ парвариши ёфтаанд.

Дар хона ба хонандагон супориш медиҳем, ки ба суолҳои зерин хаттӣ ҷавоб нависанд: Миллатдӯстии Садриддин Айнӣ

чӣ маънӣ дорад? Чӣ гуна одамро метавон Қаҳрамони миллӣ донист?

Суҳбат дар бораи нависанда дар ҷараёни омӯзиши осори ӯ низ идома меёбад. Осори ӯ «Одина», «Ғуломон», «Ҷаллодони Бухоро» ва «Ёддоштҳо»-ро таҳлил карда, ба саволҳо ҷавоб меҷӯем.

Дар асарҳояш нависанда ғами киро мехӯрад? Муҳаббати нависанда ба халқ чӣ гуна ифода шудааст?

Аз омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти нависанда натиҷагирӣ карда, аз байни мавзӯъҳои гуногун мавзӯи зерро барои иншо навиштан интихоб мекунем. «Айнӣ-шоир», «Садоқати миллии С.Айнӣ» ва ё симои ҷовидонаи С. Айнӣ.

Чеҳраи ахлоқии Мирзо Турсунзодаро, муҳаббати ӯро ба халқи худ, халқҳои дигар дар асоси навиштаҳояш, сафарҳояш ба хонандагон тафсир карда, бо ин ба онҳо ёрӣ мерасонем, ки моҳияти зиндагии шоирро дарк кунанд.

Муаллим дар масъалаи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адиб набояд фақат бо дарс маҳдуд шавад. Дар ин замина аз маҳфилҳо, шабнишиниҳо, гуфтори радио ва дигар васоити тасвирӣ бояд самаранок истифода барад. Хонандагон дар маҳфили адабӣ мактубҳо, ёддоштҳо, гуфтори нависандагони дигарро хонда, дар ин мавзӯъ метавонанд суханронӣ кунанд. Дар вақти баррасии ин мавод мубоҳисаҳо ба миён меоянд. Омӯзгор баҳсро бояд ба маҷрои дуруст ва ҳадафманд равона созад.

Ҳангоми ташкили ҷашнвораҳои ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб бахшидашуда, ҳадафи тарбиявӣ ва маърифатии онро ба ҳисоб гирифтан муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки дар тасаввуроти шунавандагон чеҳраи комили нависанда ба вуҷуд оварда шавад. Ҳамин гуна шабнишиниро бахшида ба Абулқосим Фирдавсӣ барои хонандагони синфҳои 7-8 гузаронидан имконпазир аст. Барои шаклгирии андешаи хонандагон дар бораи ватан, миллат, таърих, шоири миллӣ, адабиёти миллӣ ва ғайра суолҳоро пеш мегузорем.

Барои чӣ Фирдавсиро шоири миллӣ мегӯем?

Хусусиятҳои миллии «Шоҳнома»-ро чӣ гуна баён мекунед?

Аз зиндагии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ чӣ сабақе гирифтед?

Дар асоси ҳамин саволҳо барои шабнишинӣ аснод ҷамъ меоварем, ки моҳияти суолҳоро ифода карда тавонанд.

Бо хонандагон оид ба омӯзиши тарҷумаи ҳоли адиб машғулият гузаронида, мо кӯшиш мекунем санадеро таъйид кунем, ки имкон медиҳад ба ҷаҳони маънавии наврас ворид шавем ва дар ниҳоди ӯ маънавияти баландро тарбият кунем.

Гуногунии шакли истифодаи маводи тарҷумаиҳолӣ имкон медиҳад, ки чеҳраи зиндаи адибро дар дилу ёди хонандагон ба вуҷуд оварем. Ин ҳолат барои дарки осори бадеӣ, ҳодисаҳои адабӣ ва афзудани шавқи хонандагон ба адабиёт мусоидат мекунад.

**Саволу супориш:**

1. Омӯзиши зиндагинома ва шахсияти адиб дар дарси адабиёт чӣ нақш дорад?
2. Ҳаёт ва фаъолияти адабии Рӯдакӣ дар кадом асарҳои бадеӣ таҷассум ёфтааст?
3. Симои Аҳмади Дониш дар кадом асарҳо офарида шудааст?
4. Дар назми муосири тоҷик симои С. Айнӣ дар ашъори кадом шоирон тасвир ёфтааст?
5. Дар таълими зиндагиномаи адибон кадом усул ва равишҳо истифода мешаванд?

**Адабиёти омӯзишӣ**

Абдусамади Мулло. Шахсияти эҷодӣ ва че{ранигори {унарӣ. Душанбе, Деваштич. 294 саҳ.

Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло. Сабақе дигар.

А. Ваҳобов., М. Қозиҷонов. Таълими адабиёт дар мактаб. Душанбе, Маориф, 1988, 192 саҳ.

Бақозода Ҷ. Сифати китоби дарсӣ беҳбудӣ металабад. Дар китоби Ҷӯра Бақозода. Нависанда ва идеали замон. Душанбе, 1987.

Бушмин А.С. Методологические вопросы литературоведческих исследовании. Ленинград, 1969.

Бушмин А.С. Наука о литературе. Проблемы, Суждения, Споры. Москва, 1980.

Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ.- Душанбе, Маориф, 1992.

Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия. – Душанбе: Маориф, 1983.

Миров Т., Хоҷав Қ. Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе, Маориф, 1991, 249 саҳ. Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Душанбе, 1982.

## БОБИ 9

## ТАЪЛИМИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ДАР СИНФИ VIII

Омухтани мероси адабии классикони адабиёт ба насли наврас имконият фароҳам меоварад, ки мероси маънавии гузаштаро омӯзхта, аз гаърихи ниёкон худогоҳу хештаншинос бошанд.

Дар асоси нишондоди барномаи адабиёти тоҷик (2007) барои таълими ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи VIII 7 соат муайян шудааст. Омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ, ки ба ҳамаи жанрҳои адабиёт, панду андарз ва барои эътироф ва устувор гардондани забон ва

адабиёти тоҷик ҳисса гузоштааст, аз манфиат холӣ нест. Дар ин ммидори соатҳо ба хонандагон доир ба зиндагиномаи шоир, анвои шеърҳо, таҳлил ва шарҳи қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ», «Модари май», шеърҳои «Эй он ки ғамгинию сазоворӣ», «Шод зӣ», «Зиндагӣ», панду андарзҳо, васфи табиат ва хушиҳои зиндагӣ ва забону услуби шеърҳои Рӯдакӣ бояд маълумоти амиқ дода шавад.

Дар ҳақиқат, тибқи талаботи барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11 омӯзиши таърихи адабиёт дар синфи 8-11 тавассути асарҳои калонҳаҷми адибон батафсил таҳлил ёфта, мақсад ва моҳияти осори адабӣ, арзишҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва эстетикӣ васеъ арзёбӣ шуда, дониши шогирдон мукаммал ва ҷаҳонбинияшон васеъ мегардад. Бинобар ин, ба омӯзгорон зарур аст, ки ба дарс ҳамаҷониба тайёрӣ дида, талаботи методикаи таълими адабиёт ва барномаи таълимиро сармашқи фаъолият дониста, мақсади дарс ва самтҳои асосии таълими дақиқ муайян намуда, равиш ва усулҳои муосири таълим ва падидаҳои навоваронаи таҳсилоти босифатро истифода намоянд.

Дар бораи таълими ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ олимон ва омӯзгорону методистон то ба имрӯз мақолаҳои зиёде навишта фикру ақидаҳои хешро иброз намудаанд. Махсусан, дастурҳои таълимии дотсент Сайфулло Маҳкамов ва омӯзгор ва методист Ҳотам Саидов қобили таваҷҷуҳ ва манфиатбахш мебошанд. Ҳамчун намуна нақша ва як соат дарси таҳлилнамудаи Ҳ.Саидовро пешкаш менамоем:

Нақшаи намунавии тақсимоти мавзӯъҳоро ба таври зайл ба нақша гирифта шудааст:

Дарси якум: «Ҳаёт ва фаъолияти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Дарси дуюм: «Таҳлил ва шарҳи қасидаи «Шикоят аз пирӣ».

Дарси сеюм: Таҳлил ва шарҳи қасидаи «Модари май».

Дарси чорум: Таҳлил ва маънидоди шеърҳои «Эй он ки ғамгинию сазоворӣ», «Шод зӣ», «Зиндагӣ».

Дарси панҷум: «Таҳлили панду андарзҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ».

Дарси шашум: «Васфи табиат ва хушиҳои зиндагӣ дар эҷодиёти Рӯдакӣ».

Дарси ҳафтум: «Рӯдакӣ-асосгузори адабиёти тоҷику форс. Забон ва услуби осори шоир».

Омӯзгор пеш аз гузаштани ҳар як дарс мақсад ва усули гузаштани онро муайян намуда, дар план-конспекти худ акс мекунад. Дар таҷрибаи омӯзгор бо тақозои давру замон ҳангоми такрори мавзуъҳои гузашта аз санҷиши тестӣ фаровон истифода шудааст. Бо роҳи санҷиши тестӣ такрор кардани мавзуъҳои гузашта хонандаро водор месозад, ки на танҳо маводҳои дарсҳои ба наздикӣ омухтаро, балки маводи дар синфҳои дигар омӯхтаашонро фаромӯш накунанд.

## ДАРСИ ЯКУМ

### Мавзӯъ: Ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

1. **Мақсади дарс:** а) бо муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёт, фаъолияти адабӣ ва замони зиндагии устод Рӯдакӣ шинос намудани хонандагон; б) бо роҳи қироати пандҳо, ҷавоб ба саволҳои тестӣ инкишофу идома додани нутқи мураттаб дар онҳо; в) дар рӯҳияи илмомӯзию илмдӯстӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварию ватандӯстӣ тарбия намудани шогирдон.

**2. Усули гузаштани дарс:**

Дарс бо истифода аз асбобҳои аёнӣ ва асарҳои монографӣ бо усули нақл (лексия) гузашта мешавад.

Аёният ҳангоми омӯхтани шарҳи ҳоли адиб воситаи муҳимест, ки диққати хонандагонро ба мавзуъ ҷалб мекунад, кори омӯзгорро осон менамояд. Ҳангоми таълими шарҳи ҳоли шоир муаллим метавонад аз аёниятҳои зерин истифода барад:

1.Расми шоир

2.Харитаи сафарҳои ӯ

3.Намоиши асарҳои адиб

4.Намоиши асарҳои монографие, ки бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти нависанда навишта шудаанд (А.Мирзоев, «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», Х.Мирзозода, «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ- асосгузори адабиёти классикии тоҷик», Р.Ҳодизода, «Аз Рӯдакӣ то имрӯз»).

5.Ҷадвал (таблитса), ки номи асарҳои шоирро бо аксаш дар бар мегирад.

6.Компютер ва филми «Қисмати шоир»

Мавзӯи мазкур характери такрорӣ дорад, чунки хонандагон дар синфи панҷум дар панҷ соат бо мухтасари шарҳи ҳол, панду андарзҳои шоир шинос шуда буданд. Тафовут дар ин ду марҳилаи омӯзиш дар он зоҳир мегардад, ки дарс дар синфи 5 хониши адабӣ аст ва асосан хонандагон бо баъзе пандҳои шоир шинос мешаванд.

Аммо дар синфи VIII бошад, омӯзиш хусусияти монографӣ мегирад ва тарзи таълим ба таври – нақл (лексия) сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи талаботи методикаи таълими адабиёт ба омӯзгор зарур аст, ки аз баъзе маводҳои хронологӣ даст кашида бештар ба ҷиҳати тарбиявии мавзӯъ аҳамият диҳад ва дарсро ба замони имрӯза вобаста кунад, аз шеърҳои худи шоир ва гуфторҳои шахсони бузург истифода барад. Дар бораи муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабие, ки шоир дар он муҳиту замон ба воя расидааст, маълумот диҳад. Тавре ки дар боло номбар кардем, аз воситаҳои тахминию аёният бо самар истифода барад, то ки дарс муассиру хотирмон гардад.

Дарс бояд аз мавзӯъҳои гузашта ва ба хусус, аз маводе, ки дар синфи 5 таълим дода шудааст, оғоз ёбад.

**3. Пурсиши дарсҳои гузашта.** Талаботи пешрафти илму техника ва ҳаёт аз омӯзгор талаб мекунад, ки аз саволномаҳои тестӣ истифода барад. Ба фикри мо, саволномаҳои тестӣ 5

саволро дар бар гиранд, беҳтар аст.(таҳияи тест ин ба хоҳиши муаллимон вобаста аст)

Барои намуна чанд тест пешкаш мекунем.

**Варианти 1**

1.Байти зерин ба қалами кадом шоир мансуб аст?

**Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,**
**Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.**

2.Кӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дар замонаш шоири беназир дар араб ва Аҷам шуморидааст?

3.Адабиёти тоҷику форс дар куҷо ташаккул ёфт?

4.Унвонҳои ифтихории «Одамушуарро», «Соҳибқирони шоирӣ» ва «Устоди шоирони ҷаҳон» ба кӣ тааллуқ доранд?

5.Давоми шеъри зеринро қироат кунед ва онро маънидод намоед:

**Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,**
**Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ**.

**Варианти 2**

1.Байти зерин ба қалами кадом шоир тааллуқ дорад?

**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

2.Бори аввал «Калила ва Димна»-ро кӣ аз забони арабӣ ба забони дарӣ тарҷума карда ба назм даровард?

3.Кадом олими машҳури Эрон аз муҳаққиқони асосии эҷодиёти Рӯдакӣ маҳсуб меёбад?

4.Дар асри Х кадом навъҳои шеър маъмул буданд?

5.Давоми рубоии зеринро қироат намуда маъношро шарҳ диҳед:

**Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,**
**Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.**

**Варианти 3**

1.Дар ин байт кадом санъатҳои бадеӣ оварда шудааст?

**Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,**
**Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун**.

(маҷоз, тавсиф, муболиға, ташхис, ташбеҳ)

2.Қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» эҷоди кадом шоир аст?

3.Аз мероси адабии устод Рӯдакӣ то давраи мо чӣ қадар байт омада расидааст?

4.Кӣ бори аввал арӯзи арабиро ба тоҷикӣ баргардонд?

5.«Авесто» аз чанд қисмат иборат аст?

(5, 4,3,2,6)

**Варианти 4**

1.Байти зерин аз кадом асари Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст?

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

2.Асосгузори рубоӣ дар адабиёти классикии тоҷик кист? (Рӯдакӣ, Сино, Хайём, Фирдавсӣ).

3.Аввалин подшоҳ дар устураи ниёгонамон кист? (Каюмарс, Ҷамшед, Манучеҳр, Афросиёб).

4.Бо тасвири Рӯдакӣ чӣ хел мардро мард ҳисобидан мумкин аст? Шумо онро чӣ тавр мефаҳмед, шарҳ диҳед?

5. Дар адабиёти тоҷику форс бори аввал дар эҷодиёти кадом шоир ба номҳои Лайлӣ ва Маҷнун дучор меоед?

Баъди ба саволҳои тестӣ ҷавоб гирифтан, аз худ кардани порчаҳои панду ахлоқие, ки хонандагон дар синфи V аз ёд карда буданд, такрор мекунонад ва муаллим ҳамаи ҷавобҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда эълон мекунад, ки имрӯз мо ба ҳаёт ва фаъолияти поягузории адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ ба таври пурра шинос мешавем. Баъд таблитса ва харитаи мамлакатҳои Осиёро ба тахтаи синф меовезад.

4. **Баёни мавзӯи нав.** Омӯзгор дарсро аз ба хотир овардани филми «Қисмати шоир» ҳусни оғоз бахшад. Шояд хонандагон дар бораи филм нақлҳо кунанд, ҳаёти шоирро ба хотир оранд. Хонандагон мазмуни филмро ба хотир оварда, ба моҳияту аҳамияти эҷодиёти шоир бештар сарфаҳм меравoнд.

Сипас, муаллим аз асарҳои монографӣ истифода бурда, дар бораи ҷавонӣ, таҳсил дар мактабу мадраса маълумоти саҳеҳу муфассал медиҳад.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд, ки маркази ҷамоати Рӯдак буд, ба дунё омадааст. Ҷаъфар номи аслии ӯст, падару модар ба ӯ ин номро гузоштаанд. Абӯабдуллоҳ номи эҳтиромии ӯст. Рӯдакӣ тахаллуси шоирии устод аст, ки аз номи деҳаи забои худ- Рӯдак гирифтааст.

Падари Рӯдакӣ, ки аз табақаи боимтиёз ва шахси обрӯманди ноҳия будааст, ба таълиму тарбияи фарзандаш аҳамияти зиёде додааст. Аз ин рӯ, Ҷаъфар дар зодгоҳи худ маълумот мегирад. Табъи баланди модарзодӣ ба Ҷаъфар имконият додааст, ки дар ҳаштсолагӣ «Қуръон»-ро ҳифз кунад ва шеър эҷод намояд.

Ҷаъфари хурдсол дар баробари ақли расо, зеҳни гиро ва хотири тавоно, овози хуш ва санъати дилкаше дошт. Аз ин сабаб ӯ дар пайи мутрибӣ меафтад ва ин ҳунарро аз созандагону навозандагони халқ меомӯзад. Баъди он шоир барои сайқали дониши худ роҳи Самарқандро пеш мегирад. Вай дар мадрасаҳои шаҳри Самарқанд илмҳои гуногуни замони худро меомӯзад. Ӯ дар он ҷо ғайр аз забони арабӣ илмҳои балоғат, луғат, фалсафа, ҳикмат, таърих, фиқҳ, риёзиёт ва илми нуҷумро ба дараҷаи аъло аз худ мекунад. Маснавии «Даврони офтоб»-и ӯ ба илми нуҷум бахшида шудааст.

Маҳз дар Самрақанд истеъдоди мутрибии Рӯдакӣ диққати устоди мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёрро ба худ ҷалб менамояд. Рӯдакӣ дар зери тарбияи ӯ навохтани уду рӯд, барбату чанг ва танбӯру найро омӯхта, дар мутрибӣ ва ромишгарӣ моҳир мешавад. Баъдан худи шоир ишора мекунад:

**Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,**
**Бода андоз, к-ӯ суруд андохт**.

Дар ҳамин давраи нашъунамои эҷодиёт шуҳраташ дар гӯшаву канори кишвар паҳн мегардад ва ин овоза то ба дарбори Сомониён мерасад.

Рӯдакӣ даставвал ба дарбори Насри 1 Сомонӣ, ки солҳои 864-892 хокими Самарқанд буд, даъват мешавад. Дар

ин давра ӯ вақти худро бештар дар маҷлисҳо ва маҳфилҳои адабию илмӣ мегузаронд.

Ӯ дар давраи баркамолиаш бо ташаббуси Абулфазли Балъамӣ, ки аз соли 892 то соли 938 вазир буд, ба Бухоро, ба пойтахти давлати Сомониён даъват карда мешавад.

Ин ҷо муаллим метавонад аз маводи илмии адабиётшиносон А.Мирзоев ва Х.Мирзозода чун маводи иловагӣ истифода барад. Муаллифи «Асосгузори адабиёти тоҷику форс» Х.Мирзозода овардааст: «Вақте ки Исмоили Сомонӣ давлатҳои хурди феадалии тоҷикро ба як давлати муттамаркази Сомониён ба ҳимояи илму адабиёт – адабиёти дарборӣ эҳтиёҷ дошт. Бо сардории олим ва вазири боақлу заковат Абулфазли Балъамӣ ташкил ёфтани доираи илмию адабии давлати Сомонии Исмоил ибни Аҳмад диққати илму адабро ҷалб накарда наметавонист. Бинобар он, шоиру олимон аз гӯшаву канори мамлакати тоҷикон, аз Эрони ғарбӣ ва ҳатто, аз Арабистон ба сӯйи Мовароуннаҳр-ба сӯйи Бухоро шитофтанд. Ҳамаи шоирону нависандагони ба дарборомада қарор дода буданд, ки то охири умр ба давлати Сомониён ҳамкорӣ мекунанд. Дар қатори шоирони тоҷик Рӯдакӣ низ буд.

Ду сабаби асосӣ эҳтимол Рӯдакиро ба дарбор оварда бошад: яке ҳисси ватандӯстӣ, дар шакли ҳимояи давлати марказӣ, ки ба манфиатҳои халқу ватан бо натиҷаҳои обективии худ ҷавоб дода метавонист. Дар ҳақиқат Исмоили Сомонӣ ҳамчун лашкаркаши нотарсу ҷасур, болаёқат, барҳамзанандаи ҷангҳои дохилии феодалҳо, ташкилкунандаи давлати марказии феодалӣ, ки халқи тоҷикро аз истилои араб, ҳуҷуми туркҳои бодиянишин ва задухӯрдҳои дохилӣ халос кард, диққати аксарияти аҳли илму адабро ба худ ҷалб карда буд.

Дигар чизе, ки Рӯдакиро ба сӯйи худ мекашид, доираи илмӣ ва адабии дарбор аст, ки бо сардории Балъамии вазир ташкил шуда буд ва муроди ӯ пеш бурдани илму адабиёт ва онро ба манфиати давлати Сомониён хизмат кунондан буд. Барои ба хизмати дарбор рафтани Рӯдакӣ чунин ақидаи

халқии он давра, чунин ақидаи деҳқонӣ низ хизмат кардааст, ки «ба подшоҳон бо назари адолатхоҳӣ ва умед нигоҳ мекарданд ва ба онҳо панд доданро ба халқ ёрӣ расондан мефаҳмиданд».

Пас муаллим суханашро давом дода мефаҳмонад, ки Рӯдакӣ дар давраи ҳукмронии Насри II ба дараҷаи маликушуарро расидааст. Дар ин вақт Рӯдакӣ алакай марди солхӯрда буд, ки бо камолоти эҷодӣ, дониш ва таҷрибаи ҳаётии худ сазовори сардори шоирон шудан буд.

Пас Рӯдакӣ ба дарбори Сомониён на ҳамчун шоири маддоҳ, балки ҳамчун шоири оқилу доно дохил шуда, кӯшиш кардааст, ки подшоҳ, вазирон ва дигар дарбориёнро ба роҳи нек ва боақлона, идора кардани давлат ҳидоят намояд. Аз ин рӯ, дар эҷодиёти шоир панду ҳикмат яке аз ҷойҳои асосиро иғол менамояд. Дар бораи қувваи таъсири суханҳои Рӯдакӣ ба Насри II олим ва шоири асри XI-XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Ҷаҳор мақола»-и худ нақл кардааст, ки «аз надимони подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтар аз мақбул – ул – қавлтар аз устод Рӯдакӣ набуд».

Рӯдакӣ чун надими Насри II дар ҳамаи сафарҳои шоҳ ширкат меварзид, табъи ҳозирон ва шоҳро бо шеъру сурудҳои дилнишини худ шоду масрур мегардонд.

Вале ҳамаи ин ҳаёти шодона, осудаҳолона баъд аз воқеаҳои сиёсӣ ва табадуллоти давлатии соли 938 ба куллӣ тағйир ёфт – шодӣ ба ғам, ширинихои ҳаёт ба талхии айём, ҳолати давлатмандона ба вазъияти мӯҳтоҷӣ мубаддал гашт. Тавре ки худи шоир ишора кардааст:

**Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,**
**Асо биёр, ки вақти асову анбон буд**.

Дар охир муаллим дар бораи сабабҳои асосии пайдоиши зидиятҳои сиёсӣ ва табадуллоти дарборӣ истода мегузарад.

Аз соли 919 сар карда дар хоки Сомониён, аз як тараф, таблиғоти қарматӣ авҷ мегирад, аз тарафи дигар, дар охири замони Наср ибни Аҳмад (914-943) таассуб ва хурофоти

мазҳабӣ хеле боло рафт. Бисёр одамони равшанфикр бо туҳмати қарматӣ будан ба ҷазоҳо гирифтор карда мешуданд.

Омӯзгор бояд дар бораи ҷараёни қарматӣ ва пешвои он маълумоти мухтасар диҳад, то ки ба хонанда торик намонад.

Қарматиҳо кӣ буданд? Қарматиҳо гурӯҳи пурқуввати сиёсие буданд, ки дар асри IX пайдо шуда, деҳқонон, бодиянишинҳо ва аҳли ҳунар, хусусан, онҳоеро, ки аз мазҳаби расмии ислом ва сиёсати нажодпарастонаи халифаҳои аббосӣ, ки худро ҳокими ҳамаи мусулмонҳо мешумориданд, норозӣ буданд, муттаҳид мекарданд. Дар замони Сомониҳо он ҳамчун ҳаракати халқӣ моҳияти зиддифеодалӣ дошта, бо баъзе хусусиятҳои озодихоҳӣ ва демократиаш эътибори калон пайдо карда буд. Таъсиру нуфузи он ба дараҷае буд, ки амирону вазирон ва шахсони дигари соҳибэътибор ба он майл мекарданд.

Дар соли 938 қувваҳои иртиҷойӣ ва зиддидавлатӣ бо ёрии аристрократияи ҳарбӣ бар ҷони подшоҳ насри II, ки бештар ба қувваҳои пешқадами замона такя мекард, сӯйиқасд ташкил намуданд. Наср бо ёрии писараш Нӯҳ дар шаби базм, ки барои амалӣ кардани сӯйиқасд ташкил шуда буд, хиёнати хоинонро фош карда, сари сардори онҳоро ба зери пойи ҳозирон андохт, вале дар айни замон аз тахт даст кашида, писарашро ба ҷойи худ таъйин кард. Баъди ба сари тахт баромадани Нӯҳ, ки ба қувваҳои иртиҷоӣ ва опозитсияи зидди давлат такя мекард, қасосгирӣ аз тарфдорони бидъати қарматия, ки ба он одамони пешқадам, аз он ҷумла Рӯдакӣ ҳам майл ва пайравӣ дошт, сар шуд. сардори ҳаракати қарматия Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ ба дор кашида шуд, молу мулки Балъамӣ, ки ҳомӣ ва дӯсти наздики Рӯдакӣ буд, мусодира шуд.

Табаддулоти сиёсии соли 938 ва воқеаҳои минбаъда ба обрӯю эътибор ва шаъну шукӯҳи Рӯдакӣ доғи ҷиддие гузошт. Душманон молу мулки Рӯдакиро ҳам тороҷ намуда, ӯро чун шахси хатарнок ба чашмонаш мил кашида кӯр карданд. Баъди ин ҳодиса Рӯдакӣ пири нотавон, озарёфта ва ҷазо

гирифта ба деҳаи худ баргашт. Ҳамдиёрон ӯро дар оғӯши навозиш ва ғамхорӣ пазируфтанд.

Баъди се соли ба зодгоҳи худ баргаштан, яъне соли 941 Рӯдакӣ аз олам гузашт. Турбати ӯро дар деҳаи Панҷрӯд дафн намуданд, ки имрӯз он зиёратгоҳи сайёҳону ҳаводорони адабиёт гаштааст.

Шоире дар мотами ин шахси бузургвору барӯманд марсияе эҷод кардааст:

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Май бирезад, нарезад аз май бӯй.
Шоират ку кунун, ки шоир рафт,
Набувад низ ҷовидона чун ӯй.
Хун гашт оби чашмам аз ғами вай.
З-андӯҳаш мум гашт оҳану рӯй…

Дар охир муаллим баёни мавзӯъро ҷамъбаст намуда, аз таблитса хонандагонро бо номи асарҳои шоир шинос мекунад ва таъкид менамояд, ки устод Рӯдакӣ ҳамеша мояи ифтихори мардуми тоҷик ва форсизабонони олам буд ва мебошад. Дар Тоҷикистон ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ таъсис дода шудааст, чандин муассисаи илмию фарҳангӣ, таълимӣ, ноҳияҳо, хиёбону кӯчаҳо номи устод Рӯдакиро доранд. Аз он ҷумла, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Осорхонаи шаҳри Панҷакент, аз ноҳияҳои атрофи шаҳри Душанбе, хиёбони калонтарини пойтахт номи ин аломаро доранд. Ҳукумати Тоҷикистон 22 сентябрро Рӯзи Рӯдакӣ эълон кардааст.

**5.Мустаҳкамкунии дарс**: Гузаронидани ин лаҳзаи дарс аҳамияти дидактикӣ дорад. Вай хонандаро водор месозад, ки ҳамеша нақл ва лексияи муаллимро бодиққат гӯш кунад, онро бошуурона дарк намояд. Муаллим метавонад, ба воситаи саволҳои зайл дарсро мустаҳкам кунад:

1.Рӯдакӣ дар куҷо таваллуд шуд ва таҳсили илм кард?

2.Барои таҳсили илм боз ба куҷо рафт?

3.Оё таҳсили мадраса шоирро қонеъ мекунонд?

4.Мактаби кӯҳна чӣ гуна мактаб буд?

5.Чӣ имконият дод, ки Рӯдакӣ дар ҳаштсолагиаш «Қуръон»-ро аз бар кунад ва шеър нависад.

6.Шоир аввал дар дарбори кадом шоҳ хизмат кард?

7.Чаро шоир зуд шӯҳрат пайдо кард?

8.Кадом сабабҳо ӯро ба дарбори Сомониён бурд?

9.Чаро Рӯдакӣ дар дарбор дуру дароз хизмат кард?

10.Мақсади дар дарбор хизмат кардани шоир аз чӣ иборат буд?

11.Сабабҳои нобино карда шудани Рӯдакиро фаҳмонед.

12.Чаро аз зиндагии Рӯдакӣ қариб ҳазору дусад сол гузаштаасту номи ӯ ҳоло ҳам зиндааст?

**6. Арзёбии дониш.** Дар ин лаҳзаи дарс муаллим дониши хонандагонро ба ҳисоб гирифта баҳогузорӣ мекунад.

**7. Супориши вазифаи хонагӣ.** Дар лаҳзаи охирини дарс ба хонандагон вазифаи хонагӣ супорида мешавад.

Хонандагон аз китоби дарсӣ шарҳи ҳоли Рӯдакиро хонда, пандҳои дар синфи V азхудкардаро ба хотир меоранд ва як шеъри нав аз ёд мекунанд.

**Адабиёти омӯзишӣ:**


1. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI, Душанбе,2007.

2. . Абдунабӣ Сатторзода.Адабиёти тоҷик барои синфи VIII, Душанбе, «Маориф»,2009.

3. Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ – Сталинобод,1958

4. Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик- Душанбе, «Маориф»,1987.

5. Осори Рӯдакӣ.

6. Саидов Ҳ. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Душанбе, 2014.

# БОБИ 10

# ХОНИШИ МУАССИР , ХУСУСИЯТ ВА ТАЛАБОТИ ОН

***«Аз ҳама ҳунарҳо беҳтарин ҳунар сухан гуфтан аст».***
**Унсурулмаолии Кайковус**

Хониши муассирро ба истилоҳи «ифоданок» мо аз калимаи русии «выразительный» қабул кардаем. Беҳтар аст, ки онро хониши муассир гӯем, ки тафсираш маъниҳои таъсирбахш, бурро, фасеҳ, возеҳ, пурмаъно ва ғайраро ифода менамояд. Гузаштагони мо дар ин замина таҷрибаи бой доштаанд. Ин таҷрибаи ибратомӯз ва судманд дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба хубӣ дарҷ ёфтааст. Дар ин боб дастурҳое низ ҳастанд, ки хабардории омӯзгорони мо аз онҳо аз манфиат холӣ нест. Аз ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус дар боби ҷудогонаи «Қобусنома» («Насиҳатнома») ишораи ҷолибе дорад:

«Пушту рӯи сухан нигоҳ бояд дошт ва ҳар чӣ гӯӣ, ба некутарин ваҷҳе бояд гуфт, то ҳам сухангӯй бошӣ ва ҳам сухандон.»

Зимнан бояд таъкид намуд, ки наққолӣ ё худ воизӣ дар шумори ҳунарҳои намоишӣ буда, аз ҳунарҳои қадимӣ ва писандидаи мардуми мост. Ин ҳунар аз замонҳои хеле қадим чун намои парвариши рӯҳи мардум хидмат кардааст. Мардум соатҳои фароғатии худро дар майдону корвонсаройҳо ба шунидани нақлҳои ҳамосӣ ва таърихӣ мегузаронидаанд. Махсусан, баъди пайдоиши бозорҳо ин ҳунар равнақ пайдо мекунад. Тазкираҳо аз ҳунари сухангӯии Саъдӣ ва маҷлиси самоъу ваъзгӯиҳои Мавлонои Балх низ ёдовар мешаванд.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ равнақи ин ҳунарро дар замони худ таъкид карда, аз ҷумла, нигоштааст, ки мардум ҳамеша «дар орзуи ваъзи Мавлоно Ҳусайн Воиз» будаанд. Восифӣ низ шарафи шогирдии ин марди фозил ва сухандону сухангӯро доштааст. Дар замони мо Маҳмуд Воҳидов аз беҳтарин сухангӯён шинохта шуда, ҳунари асили сухани вай қалби мардумони гуногунзабонро тасхир намудааст.

Мо бо ин ишораҳо нутқи саҳнавӣ ва хониши муассирро як донистанӣ нестем. Вале бояд таъкид кард, ки дар вақти таълими хониши муассир аз таҷрибаи ҳунармандоне, ки дар ин равиш комёб шудаанд, метавон истифода кард.

Аз қадимулайём арзиш ва лутфи сухани соддаву мӯъҷазу фаҳмо ба таъсирнокӣ, оҳанги гуфтор ва ифоданокии баён алоқаманд буд ва дар ин замина қимати он муайян мегашт. Хониши муассир ҷузъи муҳими хониши адабист ва дар ташаккули нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон таълими хониши бошуурона, муассир ва бурою ифоданок аз самтҳои муҳим ва арзишманди дарси адабиёт маҳсуб меёбад. Муаллим барои он ки мазмуну муҳтавои асари бадеиро ба хонанда фаҳмонад, кӯшиш менамояд, ки онро бурро, таъсирбахш, пурмаъно, фасеҳ, эҳсоснок хонад. Баҳри ин ҳадафи ормонӣ аксар афрод талош меварзанд, вале «қабули хотиру лутфи сухан» ба ҳама муяссар намегардад.

Дар тадқиқоти олимони педагогика ва суханшиносӣ дар хониши ифоданок малакаҳои бехато ва буро хондан, гӯш кардан, риояи қонунияти хониш ва мизону низоми вазни шеър, дарки мазмун, нозукиҳои маъниофарӣ, кайфияту лаззати эстетикии осори адабӣ ва монанди инҳо таъкид гардидааст.

Дар хониши ифоданоки порчаҳои манзум калидвожаҳо, яъне калимаву ибораҳои душворфаҳм ва пӯшида шарҳ дода шуда, тарзи талаффуз ва идроки маъниҳо фаҳмонида мешавад. Бешубҳа, бедор намудани завқу табъи хонандагон ба хониши муассир ва ба онҳо ташаккул додани малака ва

маҳорати суханварӣ, буррову мантиқӣ, бехато ва таъсирбахш хондани матни асари бадеӣ ба маҳорати касбӣ ва донишу истеъдод ва ҳунари ровигӣ амалоқамандӣ дорад. Муаллимоне, ки малакаи хуби хондани матн доранд, ҳадафи хониш ва шарҳи мазмуни онро дуруст баён мекунанд, миёни хонандагон нуфузи хос пайдо менамоянд.

Пеш аз таҳлили асар онро бояд хомӯшона ва бо овоз бехато хонд ва бо риояи талаботи нутқ бо мусиқӣ ва мантиқ бояд созиш дод, матнро бенуқсон тавассути риояи малакаву воситаҳои нутқ, хушоҳангии баён, зада ва таққуфи мантиқӣ, меъёрҳои талаффуз, нафаскашӣ, диксия ва овоз муассир баён намуд. Бо ин усул асари бадеӣ савияи таъсири худро ҳифз мекунад. Мо борҳо итминон пайдо намудаем, ки танҳо ба василаи хондани муассир иштиёқи хонандагон ба ин ё он адиб афзудааст. Бо ҳамин усули хониш маҳбубияти баъзе намунаҳои адабиёти гузаштаро метавон барои хонанда афзоиш дод.

Беш аз ин таҷриба собит мекунад, ки таъсири хониши зинда нисбат ба ҳарфи чопӣ ба хонанда зиёдтар аст. Агар хонанда ва ё ровӣ мавзӯъ ва ғояро ба шунаванда расонда тавонад, чунин тобиши ҳиссӣ ва қабули сомеъ аз он ки бо чашм хонед, зиёдтар аст. Калима ба воситаи овоз ҷон гирифта, ғунҷоиши маънавиаш бештару гиротар мешавад. Аз ин ҷост, ки нутқи саҳнавӣ ё худ хониши бошууру шавқовари насру назм шунавандаро ба хурӯш меоварад ва бештар андешапарвару таваҷҷуҳангез аст.

Вақте ки дар бораи таъсири ғоявӣ ва рӯҳонии (ҳиссии) хониши муассир сухан мегӯем, пеш аз ҳама, самараи хуби ахлоқии дарси адабиётро бояд дар назар овард. Ба назари мо, ҳеҷ чиз, ҳеҷ воситаи дигаре монанди хониши муассири бадеӣ таъсиргузор ва хаёлангез наменамояд. Хониши муассири бадеӣ синфро идора карда, ба низом меоварад. Ба ҳарфи пуртаъсири як нафар хонанда, гоҳо бе таъкиду дахолати омӯзгор низ, аҳли синф мутеъона гӯшу ҳуш медиҳанд. Мо

бисёр мушоҳида кардаем, ки хонандагон ҳангоми шарҳу тафсири муаллим ин оромиро мешикананд ва ҳамин ки муаллим ба хондани пораи матн шурӯъ намуд, фазои синф ранги дигар мегирад.

Имрӯз вақте ки воситаҳои зиёди техникӣ дар ихтиёри наврасон аст, омилҳое ҳаст, ки шавқу рағбати онҳоро аз хониши бадеии муассир дур мекунад. Чӣ бояд кард, ки чунин тарзи таҳсил ва таълими маърифати маънавӣ ҷойгоҳи рафеъашро аз даст надиҳад? Калиди ин муаммо дар дасти муаллим буду мемонад. Агар сатҳу савияи дарсҳои хониши бадеии муассир боло бурда нашавад, агар ин дарсҳо аз он чи ки хонандагон дар видеою DVD-ҳо мебинанду мешунаванд, пуртаъсиртар ва асаркунанда набошанд, дигар наврасон бо ин гуна дарс қатъӣ иртибот мекунанд. Махсусан, дар ҳоле ки олами муосир шаклҳои нав ба нави ифодаи каломи муассирро ба миён мегузорад. Театр, телевизион, радио ва даҳҳо воситаи дигар ҳоло дар ин замина хидматгузор ҳастанд. Мо сабти овози беҳтарин хонандаи шеър, ҳунарманди шаҳир Маҳмуд Воҳидовро борҳо шунидаем. Сабки иншогарии баъзе аз шоиру нависандагонамон низ диққатангез аст ва миёни шунаванда маҳбубият дорад. Ҳунари шодравон Ато Муҳаммадҷонов, Ҳабибулло Абдураззоқов, Абдуқодир Маниёзов, Ортиқи Қодир, Муҳаммадҷони Шодӣ ва дигаронро низ дар хондани пораҳои назму наср бебадал аст. Дар ганҷинаи садою симои ҷумҳурӣ сабтҳое, ки намунаи хуби хониши бадеии муассир ҳастанд, ҳифз карда мешаванд.

Ҳунарманди фақид Маҳмуд Воҳидов аввалин касе буд, ки нимаи солҳои ҳафтод театри як актёрро таъсис дод. Вай бори аввал дар таърихи ҳунари мо дар саҳна рӯ ба рӯ бо тамошобин шеър хонда, соатҳо мардумро гирифтор медошт. Ба ифодаи санъатшинос Низом Нурҷонов, вай эҷодгари «театри андешаву гуфтор, театри манзум» буд. Хониши бадеӣ, пеш аз ҳама, ташаккули маҳорати адабиётфаҳмӣ ва ҳунаршиносиро тақозо мекунад. Маҳмудро истеъдод ва

меҳнати босубот ба қуллаи ин ҳунар расонд. Вай дар хондани шеър хусусиятҳои шаклӣ ва маънавии онро ба эътибор гирифта, хониши муаллиф (шоир ё нависанда) ва актёрро ба ҳам пайванд дод. Бинобар ин, дар хониши ӯ мо танҳо нақли мазмунро ҳис намекунем, балки вай дар ин ҳол офаранда аст ва бо забони ҳунар сухан мегӯяд. Касе, ки монодрамаи «Ватан ва фарзандон»-ро тамошо кардааст, нағз дар ёд дорад, ки бо хондани шеъри «Бародарам»-и устод С.Айнӣ Маҳмуд Воҳидов ҳам нақши соҳиби шеър ва ҳам Муҳиддинхоҷаи шаҳидро офаридааст. Маҳмуд ҳангоми хондани шеър мусибатеро, ки ба сари қаҳрамони лирикӣ омадааст, амиқ дарк менамояд. Бинобар ин ҳам, оҳанги хониши ӯ дар хотимаи шеър шукӯҳи хос пайдо карда, рӯҳи фидокориву қаҳрамониро боло мебарад. Маҳмуд Воҳидов аз шеъри Ҳофизи лисонулғайб низ гузинаи бебаҳое омода карда буд. Ӯ дар ин спектакли манзум ба мисли Ҳофиз аз тангии Аллоҳу Акбар бо мардум суҳбат орост. Ба воситаи шеъри шоир ба мардум аз зиндагӣ, саъодати ошиқ будан, шинохти хилқати ашё ва зистану намурдан сухан мегуфт. Ӯ зарби ботинии шеъри Ҳофизро дарёфта, ба ин васила маънии онро ба шунаванда мерасонд. Вай зарби ҳарфу ҳиҷоро аз шеъри Ҳофиз иқтибос карда, ба василаи ҳунар андешаву орои ин шоири бузургро ба мо расонд. Мо ба воситаи хониши ӯ шеъри Ҳофизро беҳтару хубтар дарк мекардем.

Ё раб, ин навдавлатонро бар хари худшон нишон,
К-ин танаъъум аз ғуломи турку астар мекунанд.

Ин тарзи таъсири сухан ба наврасон натиҷаҳои судманд дорад. Шавқу рағбати онҳо ба каломи фасеҳ зиёд мешавад. Ҳузури мактаббачагон дар театр омили таъсирбахши ин равиши омӯзиш аст. Мутаассифона, бад аст, ки омӯзгорони забону адабиёти мо ба воситаи хониши воқеан ҳам муассир шавқи хонандагонро рӯзафзун боло намебаранд. Махсусан, солҳои охир ин омили парвариши

завқи зебошинохтӣ қариб аз ёд рафтааст. Дар макотиби олӣ низ барои тарбияи муаллимони оянда дар ин замина коре анҷом намегирад. Аз ин ҷиҳат аксари муаллимон одитарин усулҳои хониши бадеии муассирро намедонанд. Куҷо расад ба он ки хонандагон аз чунин омӯзгорон чизе биомӯзанд? Агар муаллим бо овози равшан шеър ва ё пораи насриро пурмаънову таъсирбахш хонда тавонад, шогирдон аз ӯ ибрат мегиранд. Ибрати нек раҳнамои ягона ва беминнати онҳо хоҳад буд.

Вақте расидааст, ки (фардо дер мешавад!) мо барои муаллимон дар ин замина курсҳои хоси омӯзишӣ таъсис дода, бунёди усулии омӯзиши хониши бадеии муассирро таъсис диҳем. Ин тарзи омӯзиш бояд низоми хос дошта бошад. Бояд кореро анҷом дод, ки дар омӯзиш ва корбурди адабиёт натиҷаи дилхоҳ дода, омили забондонӣ ва сухангӯии мактабиён гардад.

Акнун бояд ба суоле посух гӯем, ки интизорашро муаллимони азиз доранд. Хониши муассир. Яъне, чӣ?

Хониши муассир ҳамон аст, ки ба қадри кофӣ мавзӯъ ва ғояи матн ифода карда шавад. Хониши бадеии муассир бояд мутобиқи сабк ва махсусиятҳои жанрии асари бадеӣ бошад. Чунин тарзи хониш ба воситаи овоз, оҳанги наҳвӣ, лирикӣ, ҳамосӣ, оҳанг ва вазни шеър ё насрро ифода мекунад. Ин тарзи хониш бояд босаводона бошад ва мутобиқи талаботи ҳунарӣ ва саҳеҳи савтиёти забони форсии тоҷикӣ анҷом гирад. Масалан, қироати шеъри «Одамият»-и Саъдии Шерозӣ бо тақлид ба намунаи хониши ровии шинохта Ортиқи Қодир тимсоли барҷаста ин гуфтаҳост:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.
Хуру хобу хашму шаҳват шағаб асту ҷаҳлу зулмат,
Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият.

Магар одамӣ набудӣ, ки асири дев мондӣ,
Ки фаришта раҳ надорад ба макони одамият.
Таярони мурғ дидӣ ту зи пойбанди шаҳват,
Ба дар ой, то бубинӣ таярони одамият.
Агар ин дарандахӯӣ зи табиатат бимирад,
Ҳама умр зинда монӣ ба макони одамият…

Хониши муассир дар робита ба муназзамии наво, садо ва асбобҳои мусиқӣ низ таъсиргузор ва ноҷиб аст. Масалан, лаҳзае бо навои дутор ва чанг ба хониши мисраъҳои зерин оромона гӯш диҳед:

Офтоб аст он парирӯ, ё малоик ё башар?
Қомат аст он, ё қиёмат, ё алиф, ё найшакар?
Гулгун аст он, ё тани нозукниҳод аст, ё ҳариф?
Оҳан аст он, ё дили номеҳрубон аст, ё аҷаб?
Боғи фирдавс аст, гулбаргат, надонам ё баҳор?
Ҷони ширин аст, хуршедат нагӯям, ё қамар?
Гӯш гир, эй ёр, ё ҷон дар миён овар, ки ишқ,
Тирборон аст, ё тасвир бояд, ё ғазал.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки нутқи буррову фасеҳ надоштан камбудии асосии мактаббачагон аст. Дар ин замина баъзе норасоиҳо дар синфҳои поёнӣ ислоҳ карда мешаванд, ба шарте ки муаллими ин синфҳо низ дар ин замина саъю кӯшиш кунад.

Аз сабақи таҷрибаи мактаб ва фаъолияти касбӣ аён мегардад, ки беҳтарин омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон гузоштани задаи мантиқӣ, ист, хондан ва ё ёд кардани шеър, иҷрои нақшҳо дар пораҳои шеърию насриро ёд медиҳанд. Ин ҳама заминасози хониши бадеии муассир дар мактаб аст. Агар ин тарзи кор дар синфҳои поёнӣ беҳ шавад, мо метавонем, ки дар синфҳои болоӣ (5-7) дар ин самт ба амалҳои мураккабтаре даст занем. Мутаассифона, ҳоло хонандагон ба синфи 5 дар ҳоле меоянд, ки хониши

бадеии муассирро як сӯ гузорем, талабот ва меъёрҳои одитарини хониши муассиро риоят намекунанд.

Дарси хониши муассир бояд дарси хоси синфҳои 5-7 бошад. Дар ин дарс муаллим ба тарзи хониши хонандагон, талаффуз, оҳанг ва сукути онҳо назорат мекунад. Камбудиҳо дар талаффузи калимаҳо ислоҳ карда мешаванд.

Тафовутҳое, ки ҳангоми талаффузи калимаҳо ба назар мерасанд, шарҳ дода мешаванд. Ин гуна тафовутҳо дар қиёс бо лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле зиёданд ва агар муаллим ин масъаларо сарфи назар кунад, хониши бадеӣ арзишманд намешавад. Махсусан, ки дар ин замина миёни гӯйиши минтақаҳои Тоҷикистон тафовути ҷиддие ба назар мерасад.

Кор аз болои савтиёти забони тоҷикӣ душвориҳои хос дорад. Бар асари ивазшавии хат ва тағйири имло савтиёти баъзе калимаҳо зиён дидааст. Бинобар ин, дар ин маврид истифода аз луғатҳои тафсирӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамаи ҷавобҳо, иқтибос аз шеър ё пораи насрӣ бояд аз рӯи савтиёт саҳеҳ бошанд. Дар ин маврид муаллим метавонад бигӯяд: Саросема нашав, баланд, бурро ва фасеҳ талаффуз кун. Канӣ, бори дигар такрор кун, чунон талаффуз намо, ки ҳама туро шунаванд ва фаҳманд.

Ҳар он чизеро, ки метавон аз ёд гуфт, бояд хонандагон (албатта, муаллим низ) бе китоб гӯянд, зеро нутқи даҳонӣ табиӣ, зинда, фасеҳ аст, бинобар ин, муассир низ мебошад. Хонанда иқтибос оварда, онро бекитоб такрор мекунад. Барои бурров фасеҳ шудани гуфтор ва оҳанги зиндаи баён истифода аз чистон ва зарбулмасалу мақолҳо судманд мебошад.

Гуфтори худи муаллим, тарзи суханрониаш, алфози буррову фасеҳ, тарзи қироати шеър, нақли ӯ барои хонандагон мисоли ибратбахш мебошад. Бинобар ин ҳам, омӯзгор бояд буррову таъсирбахш возеҳу зинда, эҳсосолуд, на бо асабоният ва истифода аз ҳаракатҳои берабт сухан гӯяд. Ҳамин ки имконият фаро расид, ӯ бояд аз ёд шеър

хонад, ба хонандагон барои аз ёд кардан шеър ё пораи насрӣ супурда, худашро набояд аз ин масъулият озод кунад.

Агар муаллим шеър ё пораи насрии дарси навро аз ёд хонда, баъд ба таҳлили он шурӯъ намояд, ин ба бачаҳо таъсири бисёр ҳам муфид мегузорад. Агар муаллим худаш ибрат нишон диҳад, он вақт хонандагон шарм медоранд, ки шеърро аз ёд накунанд. Тасаввур кунед, муаллим вориди синф шуд. Баъди санҷидани синф ва суҳбати раҳнамо ашъори  Рӯдакиро бо камоли ҳунар, бо овози равшан, бо риояи низоми иншоди шеър бо эҳсос, буррову таъсирбахш хонд. Вақте ӯ бар мисраи «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» таъкид гузошта, ҳамаи шеърро аз ёд мехонад, синфро чӣ ҳоле фаро мегирад? Хонандагон зери таъсири чӣ таассуроте қарор хоҳанд гирифт? Бигзор, тайёрӣ ва гузаронидани ин дарс душвор бошад, вале барои шавқи хонандагонро афзудан онро ба савияи баланд бояд гузаронд.

Намунаи дигари ин матолиб ҳангоми қироати қитъа аз сароғози «Гулистон»- и Саъдии  Шерозӣ ин талабот пурра равшан мегардад:

Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯи диловези ту мастам.
Бигуфто: Ман гили ночиз будам,
Муддате бо гул нишастам.
Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,
В-агарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.

Ҳамин тариқ, аввалан ба талаффузи бурро, фасеҳ, зинда ва ба содагии нутқ ҳамарӯза эътибор бояд дод, сониян низоми дарсҳоеро, ки ба хониши бадеии муассири шеър, наср, сухангӯии дастҷамъии синф ва нақли насри бадеӣ бахшида шудаанд, зери назар дошт.

Хониши бадеии муассири муаллим одатан пеш аз таҳлил шурӯъ шуда, барои дарки мундариҷаи асар гиреҳкушост.

Хониши бадеии муассири хонанда ҷараёни таҳлилиро фаро гирифта, таҳлилро ҷамъбаст менамояд, фаҳмиш ва шарҳи асари бадеиро амалӣ месозад. Барои чӣ  шеъри «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд»-и Рӯдакиро бояд бо тантана оҳиста ва бо овози хушоҳанг хонд? Барои он ки шеъри лирикӣ ва ғояи он зиндагисоз буда, нусхае аз зиндагии ормонист. Агар синф оҳанги шеърро дарёбад, бигзоред, хонандагон бо нармӣ мисраъҳои дигарро якҷоя хонанд.

Барои он ки хонандагон хондани муассирро ёд гиранд, нафақат тарзи истифодаи овозро ёд додан лозим аст, балки онҳоро ташвиқ бояд намуд, ки дар вақти хондан ба мазмуни он низ диққат диҳанд.

Хонандагон аз ин машқи хондан бояд фаҳманд, ки хониши муассир тобеъ сохтани овози худ ба ғоя ва мавзӯи асар мебошад. Масалан, порае аз достони Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ» дар синф хонда ва баррасӣ мешавад. Хонандагон пас аз хондани қисматҳои «Интизорӣ» ва «Мулоқоти якум» аз нияти шоир огоҳ мешаванд. Яъне зоҳиран чунин менамояд, ки шоир фақат дидори устод Айниро интизор аст. Вале маълум мешавад, ки ин нияти шоир рамзӣ буда, ғояи достон таҳаввулоти маънавии ҷомеаи онрӯзаи тоҷиконро нишон медиҳад. Хонандагон  асарро хонда, матнро таҳлил карда ва ба саволҳо ҷавоб дода, аз моҳияти фикри бадеии нависанда комилан огоҳ мешаванд. Он вақт муаллим ба хондан гузашта мепурсад, ки мақсад аз ин хондан чист. Бачаҳо ҷавоб хоҳанд дод: -Мо бояд мундариҷаи пораҳои достонро ифода карда, маънӣ ва кайфияти шоирро фаро гирем.

Дар пораҳои зикршудаи достони Мирзо Турсунзода муносибати шоирро ба воқеият бояд ошкор сохт: ифтихор аз Ватан ва пешрафти он:

Писарро пешкаш кардам Ватанро,
Диёри дилписанди хештанро.
Замини сабзранги тоҷиконро,
Садои рӯдҳои зарфишонро.

Бо роҳи таҳлили ҳамаи пораҳои зикршуда, хондани муаллим ва ниҳоят, хонандагон моҳияти ғоявию ҳиссии асар ошкор карда мешавад. Бояд гуфт, ки на ҳар хонанда метавонад, ки тобиши маънавии калимаву мисраву байтҳои асарро дарёбад ва онро ба воситаи овозаш ифода кунад. Барои ин машқ кардан лозим аст. Дар ҳолатҳое, ки хонанда барои дарёфти тобиши маънавии асар душворӣ мекашад, муаллим бояд ба ӯ ёрӣ расонад, хатои ӯро ислоҳ ва худаш ӯро ба усули дурусти хондан раҳнамоӣ кунад. Ва ин се байтро муаллим бо ёрии хонандагон мехонад. Дар вақти хондан тобиши маънӣ бояд дар ифодаҳои овозӣ инъикос ёбад; яъне эҳсоси ифтихор ва қаноатмандӣ бояд дар оҳанги хондани хонандагон эҳсос шавад:

Садое, ки ба ҳар як тифл хос аст,
Ба модар з-аввалин соат шинос аст.
Чӣ сон нашносад овози дилашро,
Давоми умр, парвози дилашро.
Ба модар нури чашмон аст фарзанд,
Давонда реша дар ҷон аст фарзанд.

Хонанда дар вақти хондан бояд эҳсос кунад, ки ба ҷуз мазмуни зоҳирӣ дар хилоли сатрҳои шеър эҳсос ва андешаи шоир-қаҳрамони шеър нуҳуфтааст. Ин эҳсосу андешаро ба воситаи хониши муассир метавон ифода намуд. Ин сатрҳо ифодагари ҷаҳони маънавии касест, ки зиндагиро, фарзандро, ватанро дӯст медорад ва дар андешаи имрӯзу фардои вай аст.

Вақте ки мо дар бораи хониши муассири бадеӣ сухан меронем, ҳамчунин, бояд дар бораи имконият ва воситаҳои овозӣ низ ҳарф зад. Санъати сухан гуфтан ё худ хониши бадеӣ ҳарфи чопиро овоз додан, зинда кардан ва ба он ҷомаи маънӣ ва ҳис пӯшонидан аст. Мо аллакай ишора кардем, ки вазифаи аввалини муаллим талқини дарунмояи асар, мавзӯъ, ашёи тасвир ва муҳимтар аз ин, ошкор сохтани муносибати муаллиф ба мабдаи тасвир мебошад. Ин мабдаъ метавонад ҷисмӣ бошад ва ё зеҳнӣ бошад. Ба ҳар ҳол, ба воситаи ин гуна усули тасвир мо муносибати адибро ба ғазаб, ҳайрат, тамасхур, оромиш, шодӣ, ғам, масхара, ваҷд ва ғайра дарк мекунем. Ба ҳар ҳол ба

ҷуз ин муаллим бояд ба он эътибор диҳад, ки хонанда диққаташро аз алфоз, маънии он, ҷумла ва таркиби наҳвии он, сатр ва тақтеи овозии он дур насозад.

Муаллим бо такмили хониши бадеӣ тадриҷан таваҷҷуҳи хонандагонро ба таркиби овозии калима, сохти наҳвии ҷумла, сархат ҷалб намуда, ба онҳо талаффузи буррою фасеҳ, овози равшану хушоҳанг, сомеаи дақиқ ва шунаворо меомӯзад. Ба ҷуз дарсҳои таҳлили ҳаматарафаи бадеӣ, ақаллан, соле панҷ-шаш соат барои омӯзиши тарзи талаффуз бояд ҷудо кард. Дар ин дарсҳо муаллим дар баробари хондан ё хонондани матн бояд ба тарзи талаффӯзи хонандагоне, ки нутқашон заиф аст, лакнат доранд, талаффузашон фасеҳ нест, дар талаффузи буррои садоноку ҳамсадоҳо душворӣ мекашанд, ёрӣ расонад. Дар ин замина аз имконияти адабиёти шифоҳӣ (дар мисоли тезгӯякҳо ва ғайра), адабиёти китобӣ (санъатҳои бадеие, ки ба рушди гуфтор мусоидат менамоянд) бояд босамар истифода бурд.

Муаллими эҷодкор ва тавоно дар дарсҳои хониши муассири бадеӣ на фақат шавқу рағбати хонандагонро ба асари бадеӣ зиёд мекунад, балки таваҷҷуҳи онҳоро ба забон, савтиёти он, сарфу наҳв низ меафзояд. Самараи чунин кор дар дарсҳои забон назаррас хоҳад шуд.

Дар ин зимн эътибор додан ба ҳарфи мушаддад яке аз омилҳои дастёбӣ дар хониши равону фасеҳ аст. Мутаассифона, дар имлои имрӯзаи мо доир ба қоидаи навишти ин ҳарф қоидаи собит ба назар намерасад. Ҳар кас ҳар хел менависад. Вале риояти ҳарфи мушаддад суннати ҳазорсолаи забони мо ва яке аз рукнҳои вазни арӯз аст. Агар мо байтҳои поёнро мувофиқи қоидаи маъмул нахонему нанависем, ҳам дар вазн нуқс пайдо мешавад, ҳам тарзи хонданамон ба гӯш равону фасеҳ намерасад.

*Пир гуфто, ки чӣ ъиззат з-ин беҳ,*
*Ки наям бар дари ту болиннеҳ*

(Абдураҳмони Ҷомӣ).

*Мекунад пур фазои ҷон зи ъатр,*
*Гули саҷҷодаат ба вақти намоз.*

(Насруллоҳ).

Таълими арӯз ва баъзе қоидаҳои он дар синфи 5 имконотеро фароҳам меорад, ки хонандагон баъзе нозукиҳои хониши бадеӣ, аз ҷумла, равону фасеҳ хонданро ёд гиранд ва сабақҳои дар чунин машғулиятҳо гирифта савияи хониши онҳоро дар синфи 6 боло бурда, ба қадри кофӣ муассир ва ҷолиб месозад. Дар ин ҳол ба муаллим лозим меояд, ки ҳангоми хондан ба хонанда на фақат дидан (он чизеро, ки шоир ё нависанда тасвир мекунад), балки садои ҳарфу ҳиҷоро, ки низ дар тақвияти маънӣ ва тасвир аст, шунида тавонад. Махсусан, дар ҳоле, ки вазнро набояд дид (балки дида намешавад), балки бояд шунид. Ҳангоми хондани шеър риояи вазн аксаран задаи мантиқиро соқит месозад. Истифода аз ин мавқеияти вазн набояд ба хондани равону фасеҳ халал оварад.

Ҳамин тариқ, дарк ва талаффуз намуди асосии машқ ҳангоми хониши бадеии муассир аст. Дар ин ҳол талаффузи равону фасеҳи калима ҳамчун воситаи ҳамоҳанг ва шеваи ифодаи унсури нутқ барои иҷрои вазифаи савтиёти бадеӣ бояд ҳадафи аслии хониши бадеии муассир бошад. Дар ин замина шеъри гузаштаи мо, ба хусус, ашъори Ҳофиз, Мавлавӣ, Ҳилолӣ ва дигарон мисоли фаровон медиҳад.

Мо дар боло ишора кардем, ки ба хотири риояи вазн гоҳо ҳангоми хониши бадеӣ гузоштани задаи мантиқӣ истисно мешавад. Вале бояд дар назар дошт, ки задаи мантиқӣ яке аз воситаҳои асосии дастёбӣ ба хониши равону фасеҳ буду хоҳад монд.

Дар синфи 5 ин малакаро ба воситаи рубоии зерини Рӯдакӣ ба хонанда ёд додан осон аст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Муаллим ин рубоиро дар тахтаи синф менависад. Баъд онро бо ёрии хонандагон хонда, чунин суҳбатеро шарҳ медиҳад ва яке паси дигар саволҳо мегузорад:

-Мардӣ чист? Чӣ гуна одамро Рӯдакӣ мард шинохтааст? Мард чӣ гуна сифатҳои инсонӣ доштааст?

Ҳар кадоме аз ин ҷумлаҳои саволӣ бо роҳи таъкид бар калимаи муҳим бояд ба савол ҷавоби мувофиқро илқо кунанд. Ин гуна машқро дар мисолҳои ҳаммонанд барои синфҳои дигар низ ташкил карда, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки хонанда таъкиди мантиқиро шунавад, талаффӯз кунад ва дарк намояд.

Дар ин равиш ҳангоми таълими ғазали «Сад ҷон фидои дӯст»-и Ҳилолӣ метавон ба ин тартиб таъкиди мантиқӣ кард:

*Бархез, то ниҳем сари худ ба пои дӯст,*
*Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.*
*Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,*
*Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.*
*Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман,*
*Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.*
*Аз дӯст ҳар ҷафо, ки расад ҷои миннат аст,*
*Зеро ки нест ҳеҷ ҷафо чун вафои дӯст.*
*Бо дӯст ошно шуда бегонаам зи халқ,*
*То ошнои ман набувад ошнои дӯст.*
*Дар ҳалқаи сагони дараш меравам, ки боз*
*Аҳбоб сар зананд ба гирди сарои дӯст,*
*Дасти дуо кушод Ҳилолӣ ба ҳазратат.*
*Яъне ба даст нест маро ҷуз дуои дӯст.*

Дар мисраи аввал муроди шоир яқин аст, бинобар ин ҳам таъкид бар калимаи «бархез» меафтад. Баъд ифодаю таркибҳои дигар, аз қабили сари худ, пои дӯст, дӯстӣ, маргу зист, душман, намирад ва ғайра ҳадафи маънавии шоирро таъсирбахш ифода кардаанд.

Дар ин шеър (ғазал) барои шоир пеш аз ҳама чӣ муҳим аст? Вобаста ба ҷавоб мавқеи таъкиди мантиқӣ комилан равшан мешавад.

Дар вақти хондани шеър таваққуфи овозӣ мавқеи муҳим дорад. Ба хонандагон малакаи таваққуфи овозиро омӯхта, мо ба онҳо эҳсоси дарёфти ҳаҷми сатр, фосилаи тақтеъ, аз ҳама муҳим ҳисси вазншиносиро ёд медиҳем, ки ин яке аз вазифаҳои муҳими хониши бадеӣ, муассир ва равону фасеҳ аст. Шеърро аз

ёд хонда зеҳни хонанда ба меъёри ҳиҷоҳо, оҳанги он, фосилаи тақтеъҳо одат мекунад, ба суханаш меъёри вазнро қоил мешавад. Ҳангоми хондани шеър таваққуф на фақат дар байни мисраъҳо лозим аст, балки рукнҳои арӯзӣ ва тақтеъҳо низ ба худ таваққуфи мантиқӣ доранд. Дар вақти таълими арӯз ин ҳодисаро ба хонандагон ба воситаи мисолҳо нишон додан арзишмандтар аст. Зеро омӯзиши рукнҳои арӯзӣ худ ифшогари таъкиди мантиқӣ ҳастанд.

Дар синфҳои боло, ба хусус, синфҳои 6-7 мо хондани шеърро бо наср тавъам идома медиҳем. Маълум аст, ки хониши равону фасеҳи наср душвориҳо дорад. Мо бояд пораҳои насрӣ, ҷумлаи мураккабро хонда онро равон, бо дарёфти мавқеъҳои таъкиди мантиқӣ хонем ва маънии хостаи нависандаро ифода намоем.

Мо ба душвории хониши бадеии наср ишора кардем. Барои он ки вазни шеър, таркиби наҳвии он хонданашро нисбатан осон менамояд. Ба хусус, тақтеъ, рукнҳои арӯзӣ дар шеър дарёфти мавқеи таъкиди мантиқиро осон мекунад. Наср бошад, вазни хоси худашро дорад. Онро шинохтан ва ёфтан душвориҳои хос дорад. Махсусан, оҳанги насрро ёфтан ва онро равон, фасеҳ ва возеҳ баён кардан мушкилиҳо дорад. Барои ҳамин ҳам дар ҷараёни хониши бадеӣ аввал аз шеър сар карда, тадриҷан ба наср гузаштан судмандтар аст. Барои хонандае, ки дар хондани шеър таҷриба дорад, хондани наср то ҷое осон хоҳад шуд.

Бисёре аз мутахассисон дар вақти хондани наср аломатҳои китобатиро асос нишон додаанд Вале фақат аз рӯи нуқтаву вергул ва дигар аломатҳо дар ин кор муваффақ шудан душвор аст. Ҳангоми хондани наср вобаста ба маънии асар мавқеияти таваққуфро бояд шинохт, балки ҳис кард. Гоҳо мешавад, ки вергул ё аломати дигар ба таваққуф асос намедиҳад. Агар муаллим намунаи як пора шеъри ба истилоҳ сафедро бо пораи наср қиёсан тавзеҳ диҳад, дар ибтидо гиреҳкушои мушкилоти хониши бадеии наср мешавад. Аввал пораеро аз шеъри Гулназар меоварем.

***Ман сафедии сабоҳатро иваз ҳаргиз нахоҳам кард,***
***Бо сад қитъаи сӯзони Африқо,***
***Тоҷикистон!***
***Аз сабоҳе, к-аз замири як сухан рӯ мекушояд,***
***Рӯ манеҳ,***
***Шӯълаеро, к-аз дили як вожа мехезад,***
***Кам мапеч,***
***Ман ба қадри ваҳми як тифли мусофир***
***Аз шаби торики тақдири ту метарсам.***

Акнун пораи қиёсӣ аз ҳикояти «Адолати шер», ки Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» овардааст:

Ман,
Низ ҳарос кашида,
Боз,
Сар дар ҷома печидам
Ва дил,
Бар ҳалок ниҳодам.

Мо як ҷумлаи Донишро ба тарзи графикӣ сабт кардем. Табиист, ки дар қиёс бо шеъри сафеди боло хондани матни сонӣ мушкил аст. Агар пораи насрӣ аз ҷумлаҳои сода иборат бошад, ёфтани таъкиди мантиқӣ ва таваққуф кардан дар ҷои лозима осонтар аст, хоса дар ҳоле ки ин ҷумлаҳо бо аломатҳои китобӣ аз ҳам ҷудо карда мешаванд.

Вақте ки мо бо насри Айнӣ ва ё намунаҳои насри ахлоқии гузашта сари кор мегирем, душвории кор равшан ба назар мерасад. Зеро мо аллакай бо ҷумлаҳои мураккаб ва чандқабата сари кор мегирем.

Бояд гуфт, ки хониши бадеии муассир кори сода нест, бинобар ин ҳам барои дар ин самт муваффақ шудан дар ин замина барои он дарсҳои махсусро ихтисос додан ба мақсад мувофиқ аст. Ин равишро муаллим дар дарсҳои забон низ метавонад такмил бахшад.

Зинаи сонии хониши бадеии муассир, ки муаллим бояд ҷиддан онро паси сар кунад, ин дарки пора, сархат ва

алоқаманд бо ин зинаҳои гузариш ба хониши ором, оҳиста ва нисбатан босуръат (тез), яъне аз овози баланд сар карда, то овози нарм. Дар ҳамин зинаи хониш мо аз тобишҳои аз ғазаб ба андўҳ, аз шодӣ ба ғам, тамасхуру истеҳзо ва ғайра низ истифода мебарем.

Ин вазифа дар синфи 5 низ иҷро карда мешавад, вале чандон дақиқ ва андешидашуда не. Масалан, шеъри Эраҷ Мирзо «Қадри модар» аз аввал то охир ба як оҳанг хонда мешавад:

Писар, рав қадри модар дон, ки доим,
Кашад ранҷи писар бечора модар.
Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад,
Туро беш аз падар бечора модар.

Вале дар синфи 6 пораи достони Муъмин Қаноат «Мавҷҳои Днепр» (дар мисоли «Мавҷи бародарӣ») бо дигар тарз хонда мешавад. Оғози ин пораро бо овози нарм ба оҳанги ёддошт бояд хонд:

Ба дида нақши рўи ту,
Ба гўш гуфтугўи ту.
Ҳанўз аз димоғи ман
Нарафтааст бўи ту

Вале баъд андўҳи дили шоирро бояд бо овоз ифода кард, яъне танини овоз дигар мешавад. Оҳанги хониш бояд гиреҳи ҳолат ва ормони шоири бародарашро дар корзорони ҷанг бохтаро ифода кунад. Ин тарзи хониш ғановати мусиқии асарро афзоиш медиҳад ва таъкидро бар болои пораҳои ҷудогонаи достон гузошта, имкон медиҳад, ки ҳар пора бо оҳанги хос қироат шавад.

Дар ин зина аз рўи нақшҳо хондан низ пурарзиш аст. Ин тарзи хониш нутқи қаҳрамонҳоро мушаххас месозад ва ба хусусиятҳои хоси ин гуна нутқ таъкид меварзад. Барои роҳ кушодан ба ин гуна хониш муаллим метавонад аз драмаи С.Аюбӣ «Амир Исмоил» истифода барад. Аз сухани Амир

Имоил, Абулфазли Балъамӣ ва Дақиқӣ хонанда сифати инсонии онҳоро дарёфта, тарзи хондан дар нақшҳоро меомӯзад.

Чунин тарзи хониш барои синфҳои 5-6 ва ҳатто 7 низ хеле муҳим аст. Вай барои ба қисмҳо ва пораҳо қисмат кардани асар ёрӣ мерасонад ва кадом қисм ё пораро бо кадом тобиш хонданро меомӯзад.

Вақте ки дар бораи ба қисмҳо тақсим кардани асар сухан кардем, хоҳу нохоҳ масъалаи ба нақша гирифтан ба миён меояд. Зайли намуна мо усули тартиб додани нақшаи достони Абдулқодири Бедил «Комде ва Мадан»-ро аз назар мегузаронем.

1. Комде дар дарбори шоҳи Ҳиндустон.
2. Шуҳрати Комде ва ба дидори ӯ расидани Мадан.
3. Туҳфаи шоҳро зери пои Комде андохтани Мадан
4. Ғазаби шоҳ бар Мадан.
5. Раҳоии Мадан аз тарафи шоҳи одил.
6. Марги Комдею Мадан ва зинда шудани онҳо.

Сарҳади ин қисмҳо кадом аст? Мундариҷаи ҳар яке аз ин қисмҳо аз чӣ иборат аст ва чӣ гуна тобиш дорад? Хониши ин достон тақозо мекунад, ки онро ба шаш қисмат тақсим кунем. Ҳар қисмат вобаста ба мазмунаш ва тобиши маънавиаш ба тарзи хос хонда мешавад. Азбаски ин достон маънии амиқи фалсафӣ дорад, аз назари ҳунари шоирӣ низ афзалиятҳои хос дошта, кор дар болои он хеле душвор аст. Омӯзгоре дар ин кор муваффақ мешавад, ки хонандагонро тадриҷан ба хондан ва таҳлили он омода намудааст.

Дар синфи 7 хонандагон андӯхтаҳои синфҳои пешинаро бояд такрор намоянд.

Бояд гуфт, ки агар аҳли синф алифбои хониши бадеиро донад, дарсро метавон аз рӯи хондани шеър ва наср гузаронд ва мавзӯи онро баррасӣ карда, муносибати адибро бо мабдаи тасвир равшан кард. Сипас, нақшаи асарро муайян намуда, дар як вақт ба хониши бадеӣ ва таҳлил машғул бояд шуд.

Барои намуна шеъри Лоиқ Шералӣ «Корези Фирдавсӣ»-ро мегирем.

Шеърро аввал муаллим хонда, матнро шарҳ ва тобишҳои ҳиссӣ ва ғоявии онро нишон медиҳад. Мавзӯъ ва мазмуни таҳтонии онро баъди хондан баён менамояд. Шогирдон аз пайи устод матнро мехонанд ва ба саволи «Мавзӯи шеъри шоир чист?» гуфтугӯ миёни муаллим ва хонандагон ба тариқи зайл идома меёбад:

- Ҷовидонагии номи суханвар.

-Дар кадом пораи шеър дар ин бора сухан меравад?

-Орзуи шоир аз навиштани «Шоҳнома» чӣ буд?

Сатрҳоеро, ки орзуи Фирдавсиро ифода мекунанд, ҷудо мекунем. Тасвири Фирдавсиро дар синф гузошта байтҳоеро, ки ҷовидонагии кор ва номи шоирро таъкид намудаанд, ҷудо менамоем.

Ин гуфтугӯ мавзӯъ ва нақшаи шеърро муайян мекунад.

Даромад

1.Замони дар шеър тасвиршуда

2.Симои Фирдавсӣ

Қисми асосӣ

3. Орзуи шоир

4.Корези Фирдавсӣ

5.Марги орзуи шоир

6. Корези назм

7. Замон ва макони эҷоди шеър.

Хулоса

Нақшаро тартиб дода, шарҳ медиҳем, ки ҳар қисм чӣ тобише дорад. Муносибати шоир ба мавзӯи тасвир кардааш чӣ гуна аст? Оғози шеър даромади роҳкушост. Қитъаи дуюм афзоиши лаҳн ва нирӯи таъкиди мантиқиро собит мекунад. Қитъаи сеюм, махсусан, мисраи «Лек на Маҳмуд инъомаш бидод» садоро баландтар ва таъкидро меафзояд. Дар қитъаи чорум лаҳн нарм шуда, оҳанги нафрат қувват мегирад: «Орзуи шоир андар дил бимурд…» Дар қитъаи панҷум аз нав лаҳн қувват мегирад ва ба ҷовидонагии кори неку номи нек итминон медиҳад.

Оре, корезе, ки андар назм канд,
Ҷовидон ҷорист бар нафъи башар,
Лек дар ӯ об не, хуни дил аст,
Лек дар ӯ об не, хуни ҷигар…

Интиҳои шеър моро ба ибтидои ором ва дақиқи шеър бозмеоварад.

Афзалият ва неруи чунин хондани ин шеър дар он аст, ки мазмун ва дарунмояи шеърро даркпазир месозад, шеъри воҳидро ба қисмҳо ҷудо карда, овоз дар ошкор сохтани эҳсосу андешаи шоир саҳм мегирад, ҷавҳари андешаи шоир муайян мешавад, хониши зинда ба ҷовидонагии сухан итминон медиҳад. Бо ҳамин шеъри Лоиқ Шералӣ хониши бадеӣ дар синфи 7 анҷом меёбад.

Дар синфи 8 тадлабот ба хониши бадеӣ бештар гардида, масъулият ва меъёрҳо меафзояд.Махсусан, мустақилият ва фардияти хонанда бештар фаъол гардида, бояд бе ёрии муаллим босаводона хонад, ба воситаи хондан мавзӯи онро муайян намояд ва тобишҳои ҳиссияшро ифода карда тавонад. Асарҳое, ки бо ёрии муаллим дар синф хонда ва ҳифз шудаанд, бояд аз тарафи хонанда нозукона шинохта шаванд, балки мо на фақат аз хонанда хониши бесаводона, муассир, равону фасеҳро низ тақозо дорем. Хонандаи синфи 7 бояд, ки насру назми ахлоқӣ, достонҳои таърихӣ, тазкираҳо, қасидаву ғазал ва қиссаҳоро хонда, ба воситаи хондан махсусияти жанрҳоро таъйин кунад. Дар доираи асари хондааш андеша ва ғояи адибро гуфта тавонад.  Хондан бояд мутобиқи нақша сурат гирад. Дар тамоми ҷараёни хониш – аз синфи 5 то 7 ба хонанда малакаи нақл карданро омӯзонда, такмил додан лозим аст.

Дар охир бояд гуфт, ки хониши бадеии муассир бо ҳама ғановат бояд оддӣ бошад. Эҳсоси табиии ғазаб, ҳайрат, шодӣ дар ҳамон шакле, ки мо онро дар зиндагӣ ифода мекунем, дар вақти хондани шеъру ҳикоя ҷоиз нест. Хониши ором ва ботааннӣ маҳаки кор аст. Андӯҳи Лоиқро ҳангоми хондани

шеъри «Забонгумкарда» ифода кардан лозим аст, вале на бо доду фарёд.

Хониши шеъру ҳикояро набояд коре саҳл донист. Хониши бадеӣ намоиши театр нест, балки шакли хоси санъати сухан аст. Бо ин усул бояд хусусияти бадеии шеър ё ҳикоя ба хонанда расонда шавад. Набояд шеърро дар вақти хондан ба наср табдил дод. Дар ин ҳол гоҳо вазни шеър қасдан шикаста мешавад. Ин усули дурӯғин аст, вале мутаассифона, муаллимони мо гоҳо аз он истифода мекунанд. Амалан ду тарзи хониш вуҷуд дорад: хониши ҳунарпеша ва муаллиф. Ҳунарпеша кӯшиш мекунад, ки шеърро бо шаҳомати хос хонда, маънии онро ба шунаванда расонад. Муаллиф – шоир (нависанда) ба ҷуз маънӣ оҳанг ва вазнро ифода карда, собит месозад, ки мусиқии шеър душмани маънӣ нест, балки онро муҷассам месозад. Ин ҳарфҳо ба хонанда дахл надорад. Вале муаллими адабиёт бояд онро донад. Ӯ, ки сабақи адабиёт медиҳад, бояд аз масъалаҳои назарӣ огоҳ бошад. Беш аз ин ӯ амалан бояд дар кори худ собитқадам бошад. Дар ин сурат муваффақият ёри ӯ хоҳад шуд.

## 10. 1. ПАЙВАНДИ ХОНИШИ МУАССИР БО АДАБИЁТШИНОСӢ

Маводи танқидӣ, аз ҷумла, мақола, тақриз ва рисолаҳо баъди таҳлили матн, вақте ки хонандагон дар бораи ин ё он асар андешаи худро пайдо карданд, истифода бурда мешавад. Вале маводи адабиётшиносӣ ва санъатшиносӣ дар ҷараёни таҳлил, бевосита дар вақти хондан ва баъзе андешаҳои

мустақил дар бораи он низ истифода мешаванд. Чунин роҳи омӯзиши асар ба хониши муассири он роҳ мекушояд.

Масалан, ҳангоми таҳлили шеъри Лоиқ Шералӣ «Ба модарам» муаллим хонандагонро бо қисмати ба ин шеър дахлдори рисолаи Гулназар «Лоиқе чун Лоиқе» шинос карда, аз мақолаи махсус ба таҳлили шеъри зикршуда бахшида ҳамон қисматҳоеро интихоб менамояд, ки дар онҳо хусусияти муҳими ин шеър тавсиф шудаанд. Махсусан, ба таҳлилҳои шоир доир ба муассирии тасвири Лоиқ, пурсадоӣ ва равониву ҳамсадоии ҳарфу мисраъҳо бояд эътибор дод.

Дар вақташ ин шеърро ҳунарманди забардаст Маҳмуди Воҳид хонда буд. Агар сабти он дастрас бошад, бояд истифода кард. Ҳамчунин, муаллим ва хонандагон онро мехонанд.

Инак, намунаи таълими ҳамин шеър дар синфи 7. Баъди ёддошти мухтасар муаллим сатрҳоеро аз китоби Гулназар мехонад:

Шеър бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо, модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,
Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман, бишканӣ ормон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.

Ин пора моро аз кӯчаҳои пуродаму пурмошин, аз хонаҳои оросташу гарму равшани шаҳр ба ёди манзили дурдасте мебарад, ки «домани гардун ба гирди деҳа» бичаспида, «роҳи нияту азми ҷаҳонгардии» модарро бастааст.

Модар пир шудааст, ҳаёташ дар гуселу пешвоз зиндагӣ тай шудааст, вай ба зери болини кӯдак ҳафтяк гузошта парваридааст, шоҳбозони худро ба майдонҳо, ба користонҳо, ки «ибтидои ибтидоҳост» гусел намудааст, вай танҳо барои худ заҳмат намекашад:

Сано бодо ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта.

Ва хондани шеър шурӯъ мешавад. Аввал муаллим мехонад. Баъди шарҳи таассуроти аввалин аз шеър муаллим

ба хонандагон пешниҳод менамояд, ки матни шеърро ҳар кадоме барои худаш хонад. Баъд муаллим бо саволе, ки дар матни рисолаи Гулназар омадааст, ба хонандагон муроҷиат мекунад:

- Чаро ин шеър, ки аз аввалин сурудаҳои Лоиқ аст, дар ёди мо мондааст?

Хонандагон тақрибан чунин ҷавоб медиҳанд:

-Сифатҳои модарро дар он мебинем.

-Шеър бо ҳиссу ҳаяҷони расо гуфта шудааст.

- Бо ифодаи «ҷомаи гадоӣ» шоир чӣ гуфтан мехоҳад?

- Муҳаббати фарзандро ба модар чунон тасвир кардааст, ки ба дил мешинад.

-Ман ҳар бор ин шеърро ба модарам хонам, дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанад ва ғайра.

Муаллим:- Асосан дуруст ҷавоб гуфтед, вале ҳанӯз комил не. Албатта, мушоҳидаҳои шумо ҷолиб аст. Шумо фазилати асосии шеърро дарёфтед. Вале гуфта натавонистед, ки шоир бо кадом роҳ ба ин муваффақият даст ёфтааст. Шоири хуби мо, муаллифи Суруди миллӣ Гулназар дар бораи эҷодиёти Лоиқ китобе навишт бо номи «Лоиқе чун Лоиқе», ки пораи дар боло хондаамон аз ҳамон китоб аст. Дар ҳамин китоб Гулназар дар бораи ин шеър фикрҳои ҷолиб дорад. Акнун ман қисми дигари ин мақоларо барои шумо мехонам. Ин барои шумо ёрӣ мерасонад, ки маънии шеърро амиқтар дарк кунед ва бо сирри муваффақияти ин шеър ошно шавед.

Муаллим пораи зерро аз ин китоб мехонад: «То Лоиқ ҳазор андар ҳазор шеър дар васфи модар суруда шудааст. Дар адабиёти тоҷик, дар адабиёти форсизабонон - дар Эрону Афғонистон намунаҳои барҷастаи шеъри модарро метавонем пайдо кунему бихонем.

«Модарнома»-и Эраҷ Мирзо, ба вижа мисраъҳои зерро хурду калон медонанд:

Гӯянд, маро чу зод модар,

Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гоҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф  бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт…

Дар ин шеъри шево ва зебои Эраҷ  Мирзо хидматҳои умумии модар номбар ва васф шудаанд. Ва ин сифатҳо тақрибан дар ҳама модарномаҳо меоянд ва ҳама шеърҳоро ба ҳам монанд кардаанд. Худи Лоиқ ҳам баъдтар шеърҳои зиёд эҷод кард ва бо номи «Дасти дуои модар» чоп кард. Ҳарчанд дар миёни онҳо шеърҳо, мисраъҳо, пораҳо, ташбеҳу истиораҳои лоиқона зиёданд, аксари онҳо аз нишон додани хусусияти умумии модарон иборатанд. Масалан, дар «Қасидаи модар»:

Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,
Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.
Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,
Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.
Гар шеъраке сурудам аз буду аз набудам,
Дар тинатам сиришта сӯзу навои модар.

Ва ё шеъри «Волотар аз ҳама»:

Як дами ҷон костани модарон,
Беҳ зи ҳама муҷизи пайғамбарон.
Як нигаҳи шуълавари модарон
Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.
Як сухани бонамаки модарон
Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон…

Аммо дар шеъри «Ба модарам» ҳама чиз мушаххас аст, аз  чини рӯю чашми камбин, аз қарси сафеду Худо гуфтанҳо сар карда, то пухтани кулчаи ширмол – ҳама моли модари тоҷик аст! Танҳо ӯст, ки «ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо», «даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд» барои фарзандон ҷомаи домодӣ медӯзад.

Шеър бо ҳамин бозёфти шоирона – ҷомаи домодӣ шурӯъ мешавад ва бо ҳамин анҷом меёбад. Аммо ҷомаи домодии ҷамъбаст мафҳуми густурдатар дорад ва Лоиқ тавонистааст модари тоҷикро «аз кулбаи пасти назарногираш» берун орад ва ӯро модари тамоми оламиён ҷилва диҳад:

***Агар дасторхону ҷомаи нав дӯз(ӣ) бо уммед,***
***На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!..***

Ин шеър аз бандҳое иборат аст, ки ҳар кадом бо мисраи озоди беқофия ҷамъбаст мегардад.

Масалан:

***Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои пасинатро***
***Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.***
***Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо***
***Барои субҳи фардо ҳадя месозӣ, сарафрозӣ.***

Ва мисраи ҷамъбастӣ ин аст: «Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту, аё модар!»

Ба назар чунин мерасад, ки аз хуруҷи ҳиссу ҳаяҷон шоир нафасгардон мешавад ва мисраи охиринро ҳамчун фарёд аз дил берун мекунад.Чанде аз ин мисраъҳо:

***Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!***
***Чӣ дунёест дунёи умеди ту, аё модар, аё модар!***
***Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту, аё модар, аё модар!***
***Ғанимат дон насиби вопасинатро,***
***саломат бош, аё модар, аё модар!***

Ба он қисмате, ки дар боло аз шеърҳои «Қасидаи модар» ва «Волотар аз ҳама» мисол овардем, таваҷҷуҳ фармоед, забони онҳоро бо забони шеъри «Ба модарам» муқоиса кунед, хоҳед дарёфт, ки дар шеърҳои баъд Лоиқ бисёр суханвар аст, аммо дар «Ба модарам» бисёр шоир.»

Мо ин пораи тӯлониро танҳо ба хотири ёрӣ ба муаллим дар хондан ва таҳлили шеъри зикршуда овардем. Муаллим ихтиёр дорад, ки ин корро дар дарсҳои амалӣ низ анҷом диҳад.

Баъди хондани ин матн муаллим аз хонандагон мепурсад, ки оё онҳо ба чунин баҳои Гулназар розӣ ҳастанд. Баъди ҷавоби хонандагон боз шеърро хонда, фикри Гулназарро ба ҳар қисми он татбиқ мекунанд. Хонандагон мехонанд.

Сипас, муаллим таъкид мекунад, ки равиши асосии хониши хонандагон дуруст аст, вале бо вуҷуди ин онҳо бисёр нозукиҳои шеърро ҳис накардаанд, бинобар ин, дар вақти хондан эҳсосу андеша ва тобишҳои хостаи шоирро ифода карда натавонистанд. Муаллимро дар ин маврид лозим меояд, ки боз ба матни Гулназар истинод кунад:

«Ҷомаи домодӣ», ки бозёфти шеъри Лоиқ аст, дар шеъри дигари ӯ «Суруди хайрбод» хеле хуб истифода шудааст. Қаҳрамони лирикии шоир дар майдон, пеш аз марг хаёлан бо наздиконаш хайрбод мегӯяд ва ба забон меорад: «Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам».

Ва ин мисраъ бо мисраи «На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!»-и «Ба модарам» чӣ қадар ҳамоҳанг ва ҳаммаъност» (Гулназар. Ҳамон ҷо, саҳ.69).

Дар зимни ин тавзеҳот агар сабти хониши «Ба модарам» аз ҷониби Маҳмуд Воҳид дастрас шавад, ҳатман онро бояд истифода кард.

Инак, муаллим таҳлили шеърро ҷамъбаст намуда, ҳамеша ба навиштаи Гулназар такя менамояд. Он қисматҳои мақоларо тавзеҳ медиҳад, ки шоир дар бораи пораҳо ва тобишҳои хоси маънавии шеър сухан мегӯяд. Таҳлили матн ва омӯзиши он дар заминаи мақолаи Гулназар барои хонандагон сабақи хуби хонда фаҳмидан, хонда тобишҳои шеърро ифода карда тавонистанро ёд медиҳад. Дар ин замина мақолаи адабиётшиносӣ ба хонанда ва муаллим ёрии амалӣ мерасонад.

Ин дарси намунавии пешниҳодӣ буд. Муаллими огоҳ дар ҳамин равиш ҳангоми таълими мавзӯъҳои дигар метавонад аз мақолаҳои адабиётшиносӣ, танқидӣ ва ҳунаршиносӣ истифода барад.

Бо ҳамин роҳ метавон асарҳои гуногун, аз ҷумла, асарҳои ҳамосӣ, ғаноӣ, драмавиро таҳлил ва ба хонанда сабақи судманд

ҳадя кард. (Гулназар «Лоиқе чун Лоиқе». Душанбе, 2000, саҳ 66-69).

Дар фароварди ин дарс ба муаллим метавонем тавсия кунем, ки ҳангоми хониши муассир аз маводи зер истифода кунад.

Савол ва супориш:

1. Махсусияти хониши муассирро номбар кунед
2. Суханварӣ чист ва суханвар кист?
3. Кадом суханварони мумтози тоҷикро медонед?
4. Дарси хониш чӣ талабот дорад?
5. Пайванди хониши муассир бо адабиётшиносӣ дар чӣ зоҳир мегардад?
6. Намунаи матни шеър ва насрро интихоб намуда, мустақилона қироат намоед.

Адабиёт:


1. Мирзоев Абдулғанӣ. Сездаҳ мақола, Душанбе, 1977. Саҳ. 154-160
2. 3. А.Сатторов «Шоири нафосат ва шаҳомат» (Дар китоби А.Сатторов «Нуктаи пайванд». Душанбе, 1982, саҳ.43-50)
3. Ҳакимов Аскар. Дар қаламрави сухан. Душанбе, 1982.


## 10.2. АЛОҚАМАНДИИ ИДРОК ВА ЭҲСОС ДАР ХОНИШ ВА ТАҲЛИЛИ АСАРИ БАДЕӢ

Дарки асари бадеӣ аз тарафи мактабиён ҷараёни мураккаби эҷодӣ буда, ба таҷрибаи ғайримустқили зиндагӣ, зебоишинохтӣ ва ҳисии хонанда вобаста мебошад. Мутаносибии ҷараёни мутолиа ва омӯзиши адабиёт аз муҳимтарин равишҳои таълим буда, омӯзгори адабиёт ин равишро дар ҷараёни таълим амалӣ сохта, барои муваффақ

шудан намуди муносиби тахлили асари бадеиро ба кор мегирад.

Масъалаи фаҳмиши дақиқ ва саҳеҳи осори бадеиро мо ба миён гузошта, дарки вокеии асарро ҳамчун осори санъат ба назар меоварем, аксари муҳаққиқон ва ҳам методистон истилоҳи идроки санъатро ба хамин маънӣ идрок кардаанд. Ба ин далел муаллими адабиёт на фақат дар ҷараёни таълим хусусияти дарки хонандаро ба назар мегирад, балки ӯро лозим меояд, ки ба вай таъсири фаъолона расонад.

Масъалаи идроки асари бадеӣ ҷудо аз вазифаҳои умумии парвариши хонанда, муносибати вай ба воқеият ва санъат ташаккули шахсият чаҳоншиносӣ ва маънавияти ӯ амалӣ намешавад.

Ҷараёни дарки асари бадеӣ дар вақти муайян кардани имконияти хонанда ва натиҷаи равиши таълими адабиёт бояд ҳамчун меъёри раҳнамо ба назар гирифта шавад. Дар ин замина чанд намуди асосии усули даврки асари хондашуда вуҷуд дорад:

1. Муайян намудани таассуроти пешакии хонандагон дар бораи асари хондашуда.

2. Муқоисаи таассуроти аввалин бо фаҳмише, ки дар чараёни таҳлил ва дарсҳои санҷишӣ шакл мегирад. Дар ин ҳолатҳо анкетаҳо ва пурсишҳои даҳонӣ ба кор гирифта мешаванд.

3. Супориши хонагӣ, ки хусусияти афзалиятнок дорад.

4. Тадқиқоти таҷрибавӣ бо усули ифшогарӣ. Дар ин сурат аз як мавзӯъ то мавзӯи дигар пешравии хонандагон муайян карда мешавад.

5. Мушоҳидаи муназзам ва ҳадафнок дар тули соли таҳсил ва солҳои дигар.

Ҷараёни омӯзиш ва дарки адабиёти бадеӣ як қатор махсусият дорад, ки ба таассуроти инсон аз муҳити атроф ва санъат вобаста мебошад. Ин, пеш аз хама, ба ягонагӣ, фаолиятмандӣ ва хусусияти эҷодии он вобаста мебошад. Дарки пурсиши пурраи асари бадеӣ ба таҳлилу натиҷагирӣ

вобаста мебошад. Ҳангоме ки сухан дар бораи дарки осори ҳунарӣ меравад, бояд ба этибор гирифт, ки ин гуна осор ба хонанда дар бораи андешаи нависанда, назари вай ба воқияти дунё ва масъалаҳои ахлоқию иҷтимоӣ таассуроти ягона медиҳад, илова ба ин ки хонанда дар ин гуна осор моҳияти зиндагии инсониро дарк мекунад, ҳамчунин, худашро низ мешиносад, Адабиёт мавқеъ ва миқёси зиндагии маънавии хонандаро тавсия бахшида, ба вай мустақилона андешидан ва дар зери таъсири осори бадеӣ шахсияти худро сохтанро ёд медиҳад. Натиҷаи ҳама гуна таҳсил дарки камоли асари бадеӣ мебошад.

Тадқиқоти равоншиносӣ собит кардаанд, ки нусхабардорӣ ва қабули одии маълумот маънии донистан ва пурра дарк кардани асари бадеиро надорад. Ин ҳодиса ба ҷараёни фаъолиятмандии хонанда вобаста буда, талабот ва завқи ӯро муайян мекунад. Ҳадафи чунин фаолиятмандиро сохтани қаринаи воқеияти зиндагӣ дар мутоила бо асари бадеӣ дар шуур ва андешаи хонанда тарҳ медиҳад. Донистани чаҳони воқеъ ва дарёфти фарҳанги маънавӣ на факат барои инсон лозим аст, балки ин донишҳои ӯро ба зиндагии воқеӣ омода мекунад.

Аз ин назар, фаҳмиши асари бадеӣ аз тарафи хонанда ва омӯзиши он зери роҳбарии омӯзгор душвориҳои воқеӣ дошта, натиҷаи бесамари ин кор на фақат ба равиши саҳеҳи таҳсил ва хусусияҳои хоси асари бадеӣ вобаста аст, балки омилҳои завқии донишомӯзон ва қобилияти фикрии онҳо низ дар ин замина корсоз аст.

Таҷрибаи бисёрсолаи таълими адабиёт ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи хусусиятҳои асосии дарки адабиёт аз тарафи хонандагони синну соли гуногун баъзе натиҷагириҳо кунем.

Хонандагони синни хурди мактабиро, пеш аз ҳама, лавҳаҳои равшани ҷудогона шавқманд сохта, андешаи онҳо дар бораи рафтори қаҳрамонони асар қатъӣ ва гоҳо яктарафа, вале аксаран чун қоида пурҳиссиёт аст. Хонандаи хурдсолро

беш аз ҳама амалу кирдори қаҳрамони дӯстдоштааш гирифтор медорад.

Наврасону ҷавонон ба инсон ҳамчун фарогири хусусияти муайяни шахсият таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Хонанда тадриҷан асарро омӯхта, ба олами андешаҳои нависанда ва қаҳрамон ворид мешавад, вай ба донистани моҳияти ахлоқии шахсияти инсон рағбат карда, ба моҳияти рафтору қаҳрамонони асар диққат медиҳад. Бо вуҷуди ин, хонандагон на ҳама вакт метавонанд, ки дар маҷмӯъ шахсияти қаҳрамони асари бадеиро арзёбӣ кунанд ва моҳияти амалу кирдори ӯро дар шароитҳои гуногун дарк намояд. Бинобар ин, аксари муҳаққиқони соҳа бар ин назаре, ки дар синфхои У-Уll дараҷаи фаҳмиши сода ва воқеии хонандагонро бояд ба эътибор гирифт, зеро фаҳмиши комили арзиши бадеӣ ва зебошиносии асари бадеӣ чун қоида дар сифҳои Уlll-lХ фаро мерасад.

Хонандагони синфҳои болоӣ бештар ҷаҳони мураккаби ботинии қаҳрамон таваччуҳ зоҳир карда саъй мекунанд, ки ҷаҳоншиносии эҷодкоронаи муаллифро дарк кунанд. Дар синни наврасӣ кӯшиши дарки ҷаҳонбинии инсон ва моҳияти ахлоқии шахсияти вай афзоиш меёбад. Бештари хонандагони синфҳои Х-Хl қудрати арзёбии моҳияти асари бадеиро доранд ва ҳангоми баҳогузориашон умумиятдиҳии зебоишиносиро ба кор мегиранд. Ба ҳар ҳол, хонандагони синфҳои болоӣ имкон ва хоҳиши ба низомдаррори таассуроташонро аз осори бадеии хондаашон доранд. Баъзе мактабиёни ин синну сол нисбат ба осори хондаашон мантиқи қавӣ доранд.

Масъалаи савияи дарки хонандагон мактаб на фақат ба синну сол, балки имконоти фардии онҳо низ вобаста мебошад. Равоншиносон ва методистон се навъи азхудкунии хонандагонро ба мушоҳида гирифтаанд. Дар навъи аввал аёният ва унсурҳои образнок афзалият дошта, дар навъи дуюм лаҳзаҳои шифоҳӣ ва мантиқи азхудкунии донишҳо муҳим аст. Навъи савум омехта аст. Ҳар кадоме аз ин

навъҳои азхудкунӣ омехта аст ва ба маҳорати хонандагон низ вобастагии қавӣ дошта, аз омӯзгор раҳнамоии хосро талаб мекунад.

Хонандагони мулоҳизакор нақшаро ба осонӣ тартиб медиханд, дар корҳои хусусияти ҷамъбастӣ дошта, фаъолона иштирок мекунанд, вале вазифаи дар асоси матн додашударо пурра иҷро намекунанд, воситахои тасвирии ин ё он муалифро то андозае пайдо мекунанд, вале дар таҳияи нақша ва натиҷагирӣ мушкилӣ мекашанд. Донистан махсусияти ҳар синф барои муаллим ниҳоят муҳим аст, чунки ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки супоришҳои инфиродиро дуруст тақсим кунад, истеъдод ва шавқи хонандагонро ба самти лозима раҳнамоӣ кунад.

Дар ҳама ҳолат лаззати дарёфти моҳияти маънавӣ ва ҳунарии асари бадеиро дар ёди хонанда ҳифз бояд кард. Дар ин равиш шинохти тамаюли фикрӣ, ҳиссӣ ва ахлоқии ҳар хонанда ниҳоят муҳим аст. Дарки асари алоҳида бояд ҳамчун ҷузъи асари воҳид, чун унсури маълумоти адабии хонандагон, нишондиҳандаи инкишофи ақлӣ, камолоти иҷтимоӣ ва таъсирпазирии ҳиссиву зебошинохтӣ дар назар гирифта шавад. Дар таълими адабиёт, ба хусус, ҳангоми таҳлили асари бадеӣ се ҷанбаро, ки ба масъалаҳои алокамандии идрок ва таҳлили матни бадеи дар як вақт ҳалли чанд масъаларо дар назар доранд. Душворӣ дар он аст, ки ҳар хонанда дар шинохти образи бадеӣ завқу саликаи худро дорад. Дар вақти таҳлил хонандаро ба дарки ҷомеъи асари бадеӣ омода бояд кард.

Муаққиқон се намуди таҳлили асари бадеиро пешниҳод кардаанд. Намуди аввали он ба хусусияти хоси идроки бадеӣ вобаста мебошад. Ин намуди таҳлил дар зинаи аввали омӯзиши матн ба кор бурда мешавад. Ба хусус барои хонандагоне, ки маҳорати кофии хондан ва дарк кардан надоранд. Дар намуди дуввуми таҳлил омӯзгор тавоноии кофии хонандагонро шинохта, ҳаҷми корро зиёд мекунад, ба

шаклгирии тафаккури ҷомеъи дарки бадеияти асар ва моҳияти шахсиятҳои он мусоидат мекунад.

Намуди сеюм ба такмили фаъолиятмандии хонанда равона карда мешавад, ки барои донистани хусусияти бадеии усулҳои омӯзиши адабиёт ва беш аз он шинохти осори ҳунарӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, дарки амиқи асари бадеӣ аз ҷониби хонандагон натиҷаи таъсири судманди ҷараёни таълими донишомӯзон мебошад. Ҳамчунин, мебояд масъалаи давраҳои азхудкунии асари бадеиро мувофиқи талаботи зинаҳои омӯзиш ба миён гузошт. Дар зинаи аввал ва ё ибтидои омӯзиши асар шитобкорӣ, ҷудоӣ аз дарки хамзамонӣ ва кӯшиши натиҷагирии пеш аз вақт хатарнок аст.

Дар дарсҳои муқаддимавӣ ва ҳадафманд, махсусан, таҳлили равишманд муҳим буда, шавқи хонандагонро афзун месозад. Дар зинаи дуввум ҳангоми таҳлили образҳо ва лаҳзахои муҳиму хотирмони матни асар ва ё сатрҳову байтҳои шеърро тавсир ва шарҳ медиҳанд, омӯзгор онхоро ба дарёфти маънии амиқи муаллиф ва маънии мушахас ва умумии образҳо, ҳамчунин, хусусияти сабки муаллиф ва идроки фардӣ, фаъолсозии малака ва тавоноии мактаббачагон сафарбар менамояд. Мутаносибии давраҳои омӯзиш бо зинаҳои азхудкунӣ ин ба ҳисобгирии воқеии имконоти равонии хонанда дар таълим ва тадриси куллии фанни адабиёт мебошад. Омӯзгор хонандаро аз лаҳзаҳои ибтидоии шинохти асар то дарки амиқ, ки бояд фаҳмиши ҳиссиётомези осори бадеӣ ҳифз шавад, раҳнамоӣ мекунад. Ба се зинаи омӯзиш қисмат кардани азхудкунии матн аз он ҷиҳат муҳим аст,ки дар зинаи аввал муносибати андешидашуда ба асари бадеӣ муайян ва дар зинаи дуввум худи матн таҳлил мешавад ва дар заминаи саввум нисбат ба кори анҷомгирифта натиҷагирӣ шуда, бо усули хулосабарорӣ ва ҷамъбасткунӣ омӯзгор, тавоноӣ ва малакаи таҳлилгарии хонандагонро такмил мебахшад.

Бояд дар роҳи азхудкунии навъҳои гуногуни адабӣ хусусияти хоси идроки хонандагонро ба назар гирифт. Ин равиш метавонад хусусияти ибтидои азхудкунии асар ва амиқбурди минбаъдҳои онро ошкор созад. Нер у и бевоситаи таассуроти ҳиссӣ хусусияти хоси дарки осори эҷодӣ мебошад. Хонандагони синфҳои 5-7 ба шеъри ғиноӣ таваҷҷ у ҳи бештар доранд. Шавқи хонандагони синфҳои 10-11 нисбат ба синфҳои 8-9 ба осори ғиноӣ зиёд мешавад, вале дар сатҳу савияи беҳтару бештаре. Дар ин зинаи таҳсил на фақат дарки маънии ҷомеъи тасвирҳои шеърӣ, балки азхудкунии нақши ҳиссии ва маънавии шакли шеърӣ низ барои хонандагон мушкилиҳои зиёде пеш меоварад.

Омзӯгор дар вақти таълими шеъри ғиноӣ хонандагонро вориди ҷаҳони маънӣ ва ҳиссӣ муаллиф месозад. Дар ин замина ҳангоми таҳлили ҷузъиёти шеъри лирикӣ ва умумиятдиҳии он набояд шитобкорӣ кард. Ба хонандагон талқин бояд кард, ки омӯзиши шеъри ғиноиро ҳамчун яке аз масъулиятҳои асосии омӯзиши адабиёт ба назар гиранд.

Душвории омӯзиши драма ба масъалаи набудани нутқи муаллиф, аҳамияти хоси сухани шахсиятҳо, махлутии маъниву эҳсос, таносуби драма бо ногузирии таҷассуми саҳнавӣ ва он маъниҳои нуҳуфтаи воқеияти зиндагӣ, ки хонанда зуд ба он сарфаҳм намеравад, алоқаманд мебошад. Дар ин ҳол ба хонандагон чунин усулҳои кор, монанди хониши ифоданок ва тафсирӣ, аз рӯи нақшҳо хондан, ошноӣ бо таърихи басаҳнагузории асар, суҳбат дар боби асари саҳнавии ( спектакл) тамошокарда истифода мешавад. Хониши ифоданок ва нақши сужаи асари саҳнавӣ ба дарки амиқи ҳиссӣ ва мазмуни асар мусоидат мекунад.

Таълими навъҳои ҳаммосӣ (эпикӣ), ки дар барнома ҷойгоҳи хос доранд, барои хонандагони синфҳои миёна ба

болои душвориҳо доарнд. Хонандагони синфҳои миёна асосан ба сужет ба образҳои асар таваҷҷуҳ доранд. Хонандагони синфҳои болоӣ илова ба он чи гуфта шуд, ба дарки сохтори асар, ғояи он, ҳамчунин, паҳлуҳои гуногуни сабки шоирон рағбат пайдо мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто, хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми таҳлили асарҳои эпикӣ хусусияти хоси онҳоро, аз ҷумла, аҳамияти хоси ҷаҳоншиносии муаллиф, пайванди ботинии қисматҳои алоҳида ба образҳои асар ва махсусияти каломи бадеиро дар ҳамоса муайян карда наметавонанд.

Усули ҳамосии таҷассуми бадеии воқеият ба тасвири берунӣ асос ёфтааст. Бисёр муҳим аст,ки хонандагон ягонагии асарҳои шакли ҳамосиро дарёбанд ва жанр ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ошкоркунандаи мундариҷаи асар қарор гирад.

Хонандаи мактаб беш аз ҳама бо ҷаҳони бадеии осори насрӣ рағбат дорад. Бинобар ин, таҷрибаи омӯзиши осори мансур барои синфҳои 5-9 асоси корҳои минбаъда дар синфҳои болоро муайян мекунанд.

Хониши асари бадеӣ, дарки эҳсос, бардошти таассурот ва шаклҳои азхудкунии мундариҷаи он аз масоили муҳими тадриси муосири адабиёт маҳсуб меёбад.

Равоншиносон хониши бадеиро ба намуди фаъолияти сухангӯии дастурӣ дохил кардаанд. Дар ин ҳол хонанда матни тасвириро (хоҳ чопию хоҳ дастнавис бошад) метавонад ба овозӣ бозгардонад ва аз мазмуни он огоҳ шавад. Мақсад аз хондан, пеш аз ҳама, дарёфти иттилоот ва маъниест,  ки дар матн вуҷуд дорад.

Дар ин равиш нақшаи дохилӣ ва берунии ҷараёни хониш, тарзи хондан ва фаҳмидани он аз ҳам фарқ мекунад.

Шаклдиҳии хондану фаҳмида тавонистан фароянди тӯлонӣ ва душвор мебошад. Фаҳмидани матн, ба хусус, матнҳои адабиёти классикӣ ба савияи забони асар вобаста мебошад. Ин ҳолат ба дараҷаи малакаи забондонӣ, идрок,

ҳофиза, шавқмандии хонанда, таҷрибаи зиндагишиносӣ ирбот дорад.

Фаҳмидани адабиёти бадеӣ дараҷаи баланди хонда тавонистанро тақозо мекунад. Ба ин дараҷа хонандагон оҳиста-оҳиста мерасанд, бинобар ин ҳам, хондан бояд дар тамоми зинаҳои таълим идома ёбад. Хондан дар дарсҳои адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама, бояд шакли хоси фарогирии маънавӣ ва зебошиносӣ дар зинаҳои гуногуни омӯзиш бошад.

Масалан, дар синфҳои поёнӣ фаъолияти муаллим бояд ба он равона карда шавад, ки хонандагон, бигзор қисман бошад ҳам, тарзи фаҳмида хондан, кор бо луғатро ёд гиранд. Ташкили ҷараёни хондан бо дарназардошти на фақат хусусиятҳои хоси он, балки махсусияти матни бадеӣ низ аз равиши дурусти таълими адабиёт хоҳад буд.

Ҷудо кардани мундариҷаи образноки матн тафсири образҳои бадеӣ, рамзиву истиорӣ, рамзи воқеа, шахсияти одамон, образи муаллиф муносибати муаллифро тасвири ҳодисаҳо, қаҳрамонон ва воруд ба таҳтулматни ҳиссии асар осон ва дастрас мекунад. Душвории кор дар ин равиш ба он вобаста аст, ки моҳият ва маънии тасвирҳои образнок, ифодаҳои ташбеҳию истиорӣ то куҷо кашф карда мешаванд. Ҳатто, фаҳмидани асари на чандон бузургҳаҷм низ ба он вобаста аст, ки хонанда ба амалу кирдори қаҳрамонон, муносибати шахсиятҳо бо ҳамдигар ва ғайра чӣ баҳо медиҳад. Оё вай ба умқи андешаи бадеии муаллиф расида метавонад? Дар ин роҳ ҳам хонанда ва ҳам омӯзгор ҳамон вақт муваффақ мешаванд, ки агар хониш ҷузъ-ҷузъ сурат гирад.

Идрок ва тасаввурот ба сабаби ангезаи ҳиссӣ доштанашон хеле фаъол мешаванд. Аҳамияти эҳсосот ҳангоми дарки асари бадеӣ аз он иборат аст, ки эҳсосот ҷараёни идрок ва тасаввуротро идора мекунанд, равиши дарки асри бадеиро амиқ бурда, ба шаклгирии арзёбии зебошинохтӣ мусоидат мекунад, нутқи хонандаро

таъсирбахш, фасеҳ карда, муносибати шахсии ӯро бо чизи омӯхтааш равшан ифода мекунад.

Вазифаи аввалини омӯзгор дар зинаи нахустини ошноӣ бо асари бадеӣ аз он иборат аст, ки эҳсосоти хонандагонро бедор карда, онро бо роҳи дуруст ва судманд равона кунад. Ҳамин тариқ, дарси раҳнамо матни бадеиро ба фазои ҳиссӣ ворид месозад ва дарки тобиши аслии онро осон мекунад. Барои дар ин замина комёб шудан лозим аст, ки ба хонандагон дар бораи ангезаҳои ҳиссии осори мушаххаси адабӣ хабар дод, образҳои бадеӣ чӣ ангезаҳои ҳиссӣ доранд, ба хусус, агар хонанда бо шеър сару кор дошта бошад. Масалан, ҳангоми дар синфи V омӯхтани афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» муаллим мундариҷаи рамзии онро, ки сарнавишт ва орзую ормони инсонҳои нахустинро ифода мекунад, ошкор намояд. Ин дарс заминасози ҳиссу андешаи хонандагон барои дарки зарбулмасалу мақолҳо мебошад.

Оҳанги нақли омӯзгор дар афсонаи зикршуда бояд боварибахш, устувор ва самимона бошад. Нутқаш шоирона ва рангин баён гардад. Дар ин ҳол набояд фаромӯш кард, ки ҷараёни тафаккури ҳар хонанда фардӣ буда, вале дар ин замина миёни онҳо умумияте низ ҳаст. Зеро тафаккурро омӯзиши ягонаи матни бадеӣ ва таҷрибаи зебошинохтӣ барои ҳамаи синф шакл медиҳад. Ҳиссиёте, ки асари омӯхташаванда ба вуҷуд меоварад, аз бисёр ҷиҳат ба имтиёзи оҳанги он, ки омӯзгор дар рафти таҳлили забонӣ, ба хусус, таҳлили матнҳои шеърӣ ошкор месозад, вобаста мебошад.

Муаллим бояд хусусияти идроки хонандагонро муайян карда, дар равиши дарс имтиёзи оҳангнокии матнро қиёс кунад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи дурустии дарки мавод аз ҷониби хонандагон қазоват кунем ва дар сурати фосилагирӣ дар вақти таҳлили омӯзишии матн шарҳ дода тавонем. Пеш аз омӯзиши ин гуна матнҳо дар дарси раҳнамо дар хонандагон ҳиссеро бедор кардан лозим аст, ки ба оҳанги умумии асар - шодӣ, ҳаяҷон, ғам, таассуф, норозигӣ, бадбинӣ ва ғайра мувофиқ бошад. Дар ин кор муаллим ҳамон вақт

комилан комёб мешавад, ки агар хонандагонро ба дарки дуруст ва воқеии матни бадеӣ, паҳлуҳои ҳиссии он, моҳияти андешаи муаллиф раҳнамоӣ карда тавонад.

Бартараф кардани душвориҳои забонии асари бадеӣ, ба хусус, матнҳои адабиёти классикӣ низ паҳлуи муҳими фаъолияти омӯзгор аст.

Таҳлили забонии матн, ки омӯзгор мегузаронад, барои дарки комили мазмун ва мундариҷаи асар ёрии муҳим мерасонад. Ҳамчунин, таҳлили пешакии матн ошкор месозад, ки кадом қисмати забони матн ё кадом калима ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ дорад. Дар ин замина асосан вожаҳо, таъбирҳо ва ифодаҳои ташбеҳию истиоравие бояд тафсир шаванд, ки хусусияти таърихии маъноӣ ва бадеии тасвирӣ дошта бошанд.

Масалан, пеш аз омӯхтани ҳикоятҳо аз «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш муаллим бояд дар бораи таърихи эҷоди асар, хусусияти замонӣ ва воқеии он, дар бораи равиши ғоявии асар, хусусиятҳои жанрӣ ва сохтори он нақл кунад.

Дар ҷараёни тафсири таърихӣ, ки то хондани матн ҳамроҳи хонандагон гузаронида мешавад, ҳақиқати таърихии ҳаводиси замони Аҳмади Дониш, беадолатиҳои иҷтимоӣ, моҳияти сиёсати худномаи амирони манғитӣ ошкор мегардад. Муҳимтарин мафҳумҳои таърихии матни асар, ки моҳияти маънавӣ ва ахлоқии замонро ифода мекунанд, шарҳу тафсир меёбанд.

Барои дар хонандагон оид ба воқеияти он замон, ки дар осори Аҳмади Дониш тасвир шудааст, тасаввуроти дурусту рост ҳосил намудан омӯзгор бояд дар дарс тасвирҳои таърихиро, ки манзараи зулму бедодиҳои он замонро таҷассум кардаанд, истифода барад.

Барои ба вуҷуд овардани эҳсоси воқеии он замонӣ истифодаи ёддоштҳо ва осори воқеии таърихӣ низ ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин замина осори устодон С. Айнӣ ва С. Улуғзода ба муаллим ёрии бебаҳо мерасонанд.

Масъалаи ба вуҷуд овардани таъсири ҳиссии матн ҳангоми омӯхтани хонандагон се ҳалқаро дар назар дорад.

1. Таҳлили ғоявию ҳиссии асари бадеӣ аз тарафи муаллим бо мақсади муайян кардани таркиби ҳиссии он. Ин ҳадафро тафсири пешакии забонии матни бадеӣ бомуваффақият ҳал мекунад.

2. Ташкили ҳадафманди дарс ва таъсири муаллим ба хонандагон.

3. Омӯзиши бархӯрди ҳиссии хонандагон ва амиқ намудани таассуроти онҳо аз дарки асари бадеӣ.

Баъзе намудҳои хонишро, ки метавон дар таҷриба корбаст кард, зикр мекунем.

**<u>1. Хониши омӯзишӣ</u>**. Ин усули хондан ба дарки пурра ва амиқи иттилооти асар ва дар ёд доштани он мусоидат мекунад. Ин хондани оҳиста аст, ки ба такрор хондани баъзе ҷузъҳои матнро низ истисно намекунад. Ҳамчунин, нигоҳи танқидии хонандаро ба қиёсу муқобилаҳо дар заминаи муқоисаи матн бо воқеияти зиндагӣ дар бар мегирад.

**<u>2.Хониши ибтидоӣ</u>**. Ин тарзи хониш ошноии пешакии хонандаро бо матн, сохт, таркиби луғавӣ ва душвориҳои забонии он дар назар дорад ва ба тарзи хомӯшона ва овозӣ хонда мешавад.

3. **Хониши хомӯшона.** Усули хониши хомӯшона хеле маъмул буда, хониш барои худ аст. Дар синфҳои ибтидоӣ хониши овозӣ маъмул буда, суръату сифати хониш муайян карда мешавад ва ҳар хонанда ба таври майлу завқи худ матнро мехонад. Ҳангоми хониши хомӯшона хонанда дар дил, яъне дар ботин ба маънои аслию маҷозии калимаҳо сарфаҳм рафта, таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мазмуну муҳтавои онро дарк карда, лаззати маънавӣ мебарад.

**4. Хониши овозӣ ва ё ифоданок.** Дар чунин навъи хониш риояи талабот, зада ва таваққуфи мантиқӣ, малакаву воситаҳои нутқ, тарзи баён, хушоҳангии овоз, меъёрҳои

талаффуз, аломатҳои китобат, нафаскашӣ, диксия ва овоз муҳм мебошад.

**<u>5.Хониши бознигарӣ</u>**. Дар ин тарзи хониш мавзӯъ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи муаллиф ҷудо карда мешавад.

**<u>Савол ва супориш:</u>**

1. Намуди асосии усули идроки асари хондашуда кадом аст?
2. Дар хониш ва таҳлили асари бадеӣ ба чӣ вобаста мебошад?
3. Намудҳои таҳлили асари бадеӣ кадомҳоянд?
4. Давраҳои азхудкунии осори бадеиро номбар кунед
5. Намудҳои хониш кадомҳоянд?
6. Доир ба мавзӯи «Алоқамандии эҳсос ва идрок дар асари бадеӣ» мақола нависед

## <u>Адабиёти омӯзишӣ</u>


1. Абдусамади Мулло, Кароматулло Шукрулло Сабақе дигар, Душанбе, «Аржанг», 2009
2. Аскар Ҳакимов. Дар қаламрави сухан. Душанбе, 1982, саҳ. 22. Богданова О.Ю. Развитие мышления старшеклассников на уроках литературы: Пособие к спецкурсу.- М. 1979.
3. Голубков В.В. Проблема психологического обаснавания изучения литературы в школе. Киев, 1963. Т. XX1X
4. Наимбоев С. Хониши ифоданок. Душанбе, Маориф, 198
5. Неверов В. В. Беседы о художественной литературе.- Л. 1983.
6. М.Шакурии Бухороӣ. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ.
7. Мирзод Т. Методикаи таълими адабиёт. Душанбе, 1985.

## 10.3. ХОНИШИ ЁРИРАСОН ВА МУСТАҚИЛОНАИ ОСОРИ БАДЕӢ

Дар ин қисмат мо маводеро пешкаш менамоем, ки истифода аз онҳо барои самарабахш гузаштани дарсҳои адабиёт, бешак, ёрии судманд мерасонад. Муаллим ба тарзи дилхоҳ метавонад ҳангоми дарси ба ин мавод алоқаманд аз онҳо истифода кунад.

### ЛУҚМОНИ ҲАКИМ КӢ БУД?

Исми Луқмони Ҳаким дар барномаи таълими адабиёт барои синфи V як бор, он ҳам ҳангоми таълими нақли ривоят ёд мешавад. Вале чун ба таҳқиқ нигарем, исми Луқмон дар контексти адабу фарҳанги мо ҷойгоҳи хос дорад. Вай дар адабиёт ва тафаккури мардуми мо рамзи ҳикмат буду ҳаст. Бинобар ин ҳам, табиист, ки ҳангоми таълими осори адабӣ, ба хусус, насри аҳлоқӣ хонанда бо номи ӯ зиёд бармехӯрад. Дар бисёр мавридҳо ҳамчун дарс шоиру нависандагон ба номи ӯ ишора мекунанд, талмеҳ мезананд.

Акнун суоле пайдо мешавад: мо дар бораи Луқмон, шахсияти адабӣ ва инсониаш чӣ медонем? Мутаассифона, касе аз муҳаққиқони мо ба омӯзиши ин мавзӯъ даст назадааст ва шахсият ва ному овозаи ӯ барои хонанда ҳамчунон тира боқӣ мемонад. Барои кумак ба омӯзгорону

толибилмон ва мутахассисони соҳа бо такя ба сарчашмаҳои адабию илмӣ, ба хусус, тадқиқоти донишманд Абдулҳусайни Зарринкӯб «Луқмони Ҳаким» то ҷое хостем ҳайсият ва шахсияти инсонии ин чеҳраи таърихро рӯшан намоем.

Номи Луқмон, пеш аз ҳама, бо он ки дар сарчашмаҳои динӣ ва адабӣ ҳамчун мазҳари ҳикмат ва қаҳрамони ахлоқ зикр шудааст, ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

Вале он муболиғаҳое, ки дар ҳаққи ӯ гуфтаанд, вуҷуди ӯро дар нигоҳи баъзе аз донишмандон мавриди тардид қарор додаст. Бинобар ин ҳам, гурӯҳе Луқмонро мавҷуди хаёлӣ донистаанд. Далелҳое, ки дар кутуби таърихӣ, сарчашмаҳо ва осори адабӣ зикр шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ шахсияте таърихӣ ва воқеӣ будааст.

Нахустин нақлҳоро дар бораи Луқмон мо дар нақлу ривоятҳои арабӣ дармеёбем. Луқмон дар ин сарчашмаҳо на фақат бо унвони як ҳаким, балки ҳамчун пири маъруфи ҷаҳондида зикр мешавад. Илова ба ин, Абдулҳусайни Зарринкӯб бар ин ақида аст, ки «қиссаҳое, ки дар бораи ӯ нақл кардаанд, шояд битавонад ин ҳадисро илқо кунад, ки Луқмони Ҳаким ғайр аз Луқмони Муаммар будааст ва фақат ба воситаи ваҳдати ном достонҳое ин ду шахсро ба ҳам омехта бошанд».[1]

Ин донишманд аз муқоисаи достонҳои Луқмон бар пораҳои ҳикоёти мушобеҳ дар асотир ва адабиёти миллатҳои дигар ба чунин натиҷа мерасад, ки «достони Луқмон бо ҳикоёт ва қиссаи дигаре низ махлут шудааст» Ва ӯ «саъй дар тамйиз ва тафкики ҳайвон ба поён мерасид ва аҷзои мухталифи ин достонҳоро» бефоида медонад. Вале «вуҷуди ӯро дар қаруни гузашта мусаллам ва қатъӣ» медонад.

Дар бораи аслу насаб ва нажоди ӯ низ ихтилофи назар аст. Сабаби ин ду шахсро, ки номи ҳар ду Луқмон будааст,

---

[1] Ниг: ба Абдулњусайни Зарринкўб. Аз чизњое дигар. Наќд, ёддошт, баррасї ва намоишвора. Тењрон, 1379, сањ 69. минбаъд «Аз чизњои …» меоянд.

махлут кардани сарчашмаҳост. Гурӯҳе аз сарчашмаҳо ӯро аз қабилаи Од, гурӯҳи дигар аз бани Исроил дониста, баъзе ба ғуломи ҳабашӣ буданаш низ таъкид варзидаанд. Ривоёти қадими арабӣ ӯро аз қабилаи Од шинохтаанд. Мо аз Қуръон достони қавми Одро, ки ба сабаби куфрону нофармонӣ ба ҳалокат расидаанд, ёд дорем. Ҳикояти зер, ки аз «Маҷмаъуттаворих вал қисас» (с.188) нақл хоҳем кард, гувоҳи он аст, ки Луқмон чӣ гуна аз ғазаби Худо, ки бар қавми ӯ нозил гашт, барканор монд.

Ҳикоят: «Ва пеш аз ҳалок шудан Одиён қурбонӣ фиристода буданд ба Макка аз баҳри қаҳтӣ, ки Худои таъоло бар эшон гумошта буд ва Луқмон бинни Од аз ин сегона буд ва Луқмон бинни Яқим низ ривоят аст ва ӯ яҳуди муъмин буд ва аз худои таъоло умр хост чунон, ки ҳафт каркасро. Пас овоз омад, ки ҳам бибояд мурдан ва ҳоҷаташ раво гашт ва каркас панҷсад сол бимонд…»

Афсонаи дарозумрии Луқмон ҳамин тавр ба вуҷуд омадааст. Муаллифи «Китобул муъамарайн» Абуҳотами Сиҷистонӣ дар бораи Луқмон шарҳе навиштааст, ки хулосааш чунин аст: «Гӯянд баъд аз Хизр умри Луқмон бинни Од аз ҳамаи халқ дарозтар буд, ӯ пансаду шаст сол зист ва умраш баробари умри ҳафт каркас[1] буд, ки ҳар як ҳаштод сол зистанд ва ӯ бозмондагони қавми Од буд… Абӯҳотам аз Абулҷания Зарир овардааст ва ӯ зикр мекунад, ки вай се ҳазору понсад сол зист… ва аз касоне буд, ки қавми Од ҷиҳати истисқо ба ҳарам фиристода буданд ва ӯро умри ҳафт каркас ато карданд. Ӯ чӯҷаи каркаси наре мегирифт ва дар кӯҳ мепарварид, чун умри он мемурд, каркасе дигар бармегирифт ва парвариш медод, то каркаси охирин, ки бад (…) буд беш аз ҳамаи каркасҳо зист».

Аз рӯи ахбори сарчашмаҳо ҳикмати Луқмон низ зоҳиран қабл аз зуҳури ислом дар байни аъроб шуҳрат доштааст.

Қуръони карим низ сурае ба номи Луқмон дорад ва суханони пурҳикмате аз номи ӯ нақл шудааст. Ба-дин ҷиҳат Луқмонро мардуми мусалмон чун ҳаким мешиносанд ва дар

ҳикмат ба ӯ масал мезананд. Андарзҳое, ки Луқмон ба писари худ додааст, дар Қуръони карим омадааст. Дар тафсирҳо низ аз суханони ӯ истифода кардаанд. Андарзҳои зер аз ҷумлаи машҳуртарин суханони Луқмон аст:

«Эй писар, дунёи худро ба охират бифурӯш то аз ҳар ду суд карда бошӣ. Эй писар, аз ёри бад бипарҳез, ки ҳамчун шамшер аст, манзаре зебо ва асаре зишт дорад. Эй писар, мабодо, ки мӯр аз ту зирактар бошад, ки ӯ дар тобистон қути зимистонро ҷамъ оварад (ва ту ғофил бошӣ).

Эй писар, мабодо, ки хурӯс аз ту зирактар бошад, ки ӯ саҳаргоҳон бонги тасбеҳ бароварад ва ту дар хоб бошӣ. Эй писар, аз дурӯғ бипарҳез, ки он аз гӯшти гунҷишк дилпазиртар намояд. Эй писар, худованд дилҳои мурдаро ба нури ҳикмат зинда мекунад, чунон ки заминро ба борон шодоб ва зинда мефармояд. Эй фарзанд, ба султон дар ҳангоми хашму ба дарё дар вақти мад наздик машав.

Эй фарзанд, парҳезро сармоя соз то бе ҳеҷ бозаргоне туро судҳо бозоварад.

Эй фарзанд, бо он кас, ки корозмуда аст, дар корҳо машварат кун, ки ӯ раъю андешаеро, ки худ гарон харидааст, ройгон ба ту арза намекунад.

Эй фарзанд, он ки мегӯяд бадиро бо бадӣ метавон фурӯ нишонд, дурӯғгӯст, агар рост гӯяд, ду пора оташ барафрӯзад ва сипас бингарад, ки оё яке аз он ду метавонад дигареро фурӯ нишонад. Некӣ аст, ки бадиро дафъ метавон кард, чунон ки ҷуз об оташро фурӯ наменишонад»...

Чеҳра ва ҳикматҳои Луқмон дар саросари адабиёти мо ҷойгоҳи хос дорад. Адибони мо нафақат ба номи ӯ масал мезананд, балки аз андарзу ҳикматҳо ва ривоёти ахлоқии ӯ фаровон иқтибос кардаанд.

Инак, пораҳоеро аз ҳикоёте, ки дар бораи Луқмон дар осори адибони мо омадааст, нақл мекунем.

Аз «Гулистон»-и Саъдӣ:

Луқмонро гуфтанд: Адаб аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт: Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз феъли он парҳез кардам.

*Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,*
*К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш.*
*В-агар сад боби ҳикмат пеши нодон*
*Бихонанд, оядаш бозича дар гӯш.*

Аз «Маснавӣ»:

Буд Луқмон пеши хоҷай хештан,
Дар миёни бандагонаш хортан.
Мефиристод ӯ ғуломонро ба боғ,
То ки мева оядаш баҳри фароғ.
Буд Луқмон бар ғуломон чун туфайл,
Пурмаъонӣ, тирасурат ҳамчу лайл.
Он ғуломон меваҳои ҷамъро,
Хуш бихӯрданд аз ниҳеб тамъро.
Хоҷаро гуфтанд Луқмон хӯрд он,
Хоҷа бар Луқмон туруш гашту гарон.
Чун тафаҳҳус кард Луқмон он сабаб,
Дар итоби хоҷааш бикшод лаб.
Гуфт Луқмон, сайидо, пеши Худо,
Бандаи хоин набошад муртаҷо.
Имтиҳон кун ҷумла моро, эй карим,
Серамон дардеҳ ту аз оби ҳамим.
Баъди он моро ба саҳрое калон,
Ту савора, мо пиёда бардавон.
Онгаҳон бингар ту бадкирдорро,
Сунъҳои кошифи асрорро.
Гашт соқӣ хоҷа аз оби ҳамим,
Мар ғуломонрову хурданд он забим.
Баъд аз он мерондашон дар даштҳо,
Медавидандӣ миёни киштҳо.
Кай дарафтоданду эшон даръано,
Об меовард зи эшон меваҳо.
Чунки Луқмонро даромад қай зи ноф,
Медаромад аз дарунаш оби соф.
Ҳикмати Луқмон чу тонад ин намуд,
Пас, чӣ бошад ҳикмати раббулвуҷуд.

**Аз «Бӯстон»-и Саъдӣ:**

Шунидам, ки Луқмон сияҳфом буд,
На танпарвару нозукандом буд.
Яке бандаи хеш пиндошташ,
Забун диду дар кори гил дошташ.
Ба соле сарое бипардохташ,
Кас аз бандаи хоҷа нашнохташ.
Чу пеш омадаш бандаи рафта боз,
Зи Луқмонаш омад ниҳебе фароз.
Ба пояш биафтоду пузиш намуд,
Бихандид Луқмон, ки пузиш чӣ суд.
Ба соле зи ҷудат ҷигар хун кунам,
Ба як соат аз дил бурун чун кунам?
Вале ҳам бибахшоям, эй некмард,
Ки суди ту моро зиёне накард.
Ту обод кардӣ шабистони хеш,
Маро ҳикмату маърифат гашт беш.
Ғуломист дар хийлам, эй некбахт,
Ки фармойиш вақтҳо кор сахт.
Дигар раҳ наёзорамаш сахт дил,
Чу ёд оядам сахтии кори гил.

**Аз «Куллиёт»-и Саъдӣ:**

Касеро аз одамиён умр, чандон ки Луқмони ҳакимро буд, набудааст. Се ҳазор сол умри ӯ буд. Чун ба охир расид ва малакулмавт биомад, ӯро дид дар миёни найбасте нишаста занбил мебофт. Гуфт, эй Луқмон се ҳазор сол умр ёфтӣ, чаро хона насохтӣ.

Гуфт: Эй Азроил, касе, ки ӯро чун туе дар пай буд, парвои хона сохтан кай буд.

Аз «Гулшани сабо»:

Шунидам, ки Луқмон писарро зи меҳр
Ба андарз фармуд, к-эй хубчеҳр.
Махур туъма ҷуз хусравонӣ хуриш,
Ки ҷон ёбадат з-он хуриш парвариш.
Маҷӯ ком ҷуз аз бути нӯшханд,
Маёром ҷуз дар давоҷи паранд.
Ба ҳар хиттае хона бунёд кун,

В-аз он хотири дӯстон шод кун.
Бигуфт, эй падар, панди мумкин сарой,
Бигуфт, эй писар, сӯи маънӣ гарой.
Чунон луқма бар хештан гир танг,
Ки гардад ба комат чу шаккар шаранг.

Ба роҳат махусб он қадар то тавон,
Ки хорат шавад зери тан парниён.
Зи васли парӣ бош чандон барӣ,
Ки дар дида деват намояд парӣ.
Бад-он гуна кун ҷой дар ҳар диле,
Ки ҳар ҷо равӣ бошадат манзиле.
Дар  панди Луқмон бо ройу ҳуш,
Гарат рою ҳуш аст, даркаш ба гӯш.
Чу гул ҳамнишинӣ ба ҳар хор кун,
Бадонро ба некӣ ба худ ёр кун.

Зимнан бояд гуфт, ки зиндагонӣ ва ҳикматҳову суханони дигари Луқмон Эзопро ба хотир меоварад. Он чи ки дар китобҳо оид ба онҳо нақл мешавад, сахт ба ҳам монанд аст. Ватани аслии Эзоп низ маълум нест. Ба шаҳодати муаррих Плутарх вай сурати зишт, вале ақли комил ва ҳуши саршор доштааст. Ӯ ғулом будааст ва охирин хоҷааш Хонтус (ё Ёдмун) озодаш кардааст. Баъди озод шудан чанде ба сайру саёҳати олам баромада, Миср, Бобул ва баъзе кишварҳои Машриқро дидааст. Дар Сорд ба дарбори Карзус меравад. Бо вуҷуди сурати зишт доштанаш ҳуш ва фатонати ӯ муҳаббат ва инояти шоҳи Лидиро ҷалб мекунад. Шоҳ ӯро барои назорат ва ҳидояти маъбади Далоф супориш дод. Вале аз риёкорӣ ва мардумфиребии коҳинони он маъбад сахт ба шигифт омада, дар бораашон суханони таънаомезе гуфт. Коҳинон аз ӯ ба тарзи ноҷавонмардона интиқом гирифтанд. Онҳо ҷоми тиллоиро, ки махсуси худоёни маъбад буд, дар буняи ӯ гузоштанд, ӯро ба дуздӣ айбдор намуданд. Ниҳоят ӯ ба марг маҳкум шуд ва аз девори ҳисор ба поён афканданд.

Масалҳои Эзоп дар бораи ҳайвонот буд, ки аз қадим ба ӯ нисбат медоданд. Ҳатто, Суқрот баъзе масалҳои ӯро ба назм даровардааст.

Гуфтем, ки сарнавишт ва суханҳои Луқмону Эзоп ба ҳам монананд. Аз афсонаҳое, ки дар бораи Луқмон нақл кардаанд, баъзеро айнан дар бораи Эзоп низ оварданд.

Масалан, қиссаи «Дил ва забони гӯсфанд» ва қиссаи «Гарав бастани хоҷа дар бораи ошомидани оби дарёча» ва ғуломоне, ки меваро хӯрданду Луқмонро муттаҳам карданд. Чунон ки дидем, ҳикояти мева хӯрдани ғуломон ва муттаҳам кардани онҳо Луқмонро дар «Маснавӣ».. бисёр ҳам ҷаззоб ба назм омада.

Акнун дар поёни ин навишта ҳикоятҳои «Ғуломоне, ки меваро хӯрданду Луқмонро муттаҳам карданд» ва «Дил ва забони гӯсфанд»-ро меоварем.

Саолабӣ дар «Қисасуланбиё» меоварад, ки:

«…Луқмон назди хоҷаи худ аз хортарин ғуломон буд. Хоҷа ӯро бо ёронаш ба бӯстон фиристод то барои ӯ мева оваранд. Чун бозомаданд бо онҳо чизе набуд ва меваро хӯрда буданд. Ин гунохро ба Луқмон бастанд.

Луқмон хоҷаро гуфт… бифармой то моро оби гарм бинӯшонанд он гоҳ водоранд, ки онро баргардонем. Хоҷа фармуд то чунон карданд. Онҳо меваҳоеро, ки хӯрда буданд, баргардонданд. Аммо Луқмон ҷуз об чизе барнагардонд. Хоҷа ростии ӯ ва дурӯғи ёронашро аз он бишнохт».

Ҳикояти дигар меоварад, ки «…Луқмон ғуломаке зангӣ буд. Рӯзе хоҷааш вайро гуфт: имрӯз гӯсфандеро бикуш. Ӯ гӯсфандеро бикушт. Пас, хоҷа гуфт: Покизатарин чизеро биёвар. Забону дилашро биовард. Гуфт: Чизе аз инҳо покизатар надошт? Гуфт: На! Хоҷа хомӯш монд. Дигар рӯз гуфташ: Барои мо гӯсфанде бикуш. Ҳам бикушт. Пас гуфт: Палидтарин чизҳо аз он биовар. Боз дил ва забонаш биёвард. Гуфташ: Туро гуфтам покизатарин чизаш биёвар, дилу забонаш овардӣ? Посух дод: Чун ин ду покиза бошанд, ҳеҷ чиз аз онҳо покизатар нест ва чун палид бошанд ҳеҷ чиз, палидтари онҳо нест..»

Ҳамин тариқ, сарнавишти Луқмон ва ҳикояти масалҳои ӯ ҳамчунон ҳампои зиндагии инсонҳост, яъне дар хидмати ахлоқи одамизод аст.

## БОБИ 11

## ТАФСИРАИ СУДМАНДИ ХОНИШИ БАДЕӢ

Дар барномаи таълимӣ асосан навиштани иншо ва нақли хаттӣ пешбинӣ шуда, вале дар барнома таҳлили асари бадеӣ ва баланд бардоштани завқи зебошинохтии хонандагон ҷузъи муҳими кору фаъолияти муаллим арзёбӣ шудааст. Агар воқеъбин бошем, аз синфи VII сар карда хонандагон ғайр аз нақли хаттию иншо ба навиштани чизҳои ҷиддитар, аз ҷумла, тақризу мақола ё тафсирае ба ин ё он асар бояд одат кунанд.

Мутаассифона, ин кор дар таҷрибаи мо ба кундӣ пеш меравад ва муаллимони мо низ дар ин самт таҷриба надоранд. Ҳамин ҳолатро ба назар гирифта, мо ҳикояи нависандаи бузурги рус А.П.Чехов «Шодӣ» ва тақризеро ба он, ҳамчунин, ҳикояи Шервуд Андерсон «Китоби пайкараҳои аҷиб» ва нақди онро нашр намудем. Бошад, ки ин таҷриба дар ибтидо барои муаллимону шогирдони онҳо намунаи тақлид қарор гирифта, минбаъд пои андешаи онҳоро дар шинохт ва арзёбии мустақилонаи асари бадеӣ боз намояд.

### А.П.ЧЕХОВ: ШОДӢ

Нимашаб буд. Митя Калдоров барангехта ва бо ҳаяҷон ба суръат дохили хонаи падараш шуд ва шурӯъ ба сар кардан туи утоқҳо кард. Падару модараш мехостанд бихобанд. Хоҳараш дар тахти хоб буд ва охирин сафаҳоти румонеро мехонд. Бародарони

донишомӯзаш хобида буданд. Падару модараш бо тааҷҷуб пурсиданд:

-Аз куҷо меоӣ? Аҳволу саломатиат чӣ тавр?

-Оҳ, напурсед! Чунин фикр намекардам! На, ҳеҷ фикрашро намекардам! Ин… бовар карданӣ ҳам нест!

Митя ханда кард ва рӯи сандалии роҳате нишаст. Аз хушҳолӣ по рӯи по гузошта буд.

-Бовар карданӣ нест! Аслан наметавонед тасаввурашро бикунед! Бубинед!

Хоҳараш аз тахти хоб пойин ҷаст, худро дар малофае печид ва ба бародараш наздик шуд. Бародаронаш аз хоб бедор шуданд.

-Чӣ гап? Ростӣ, ки ту хеле хурсандӣ!

-Аз хушҳолӣ аст, алъон ҳама Русия маро мешиносанд! Пеш аз ин танҳо шумо медонистед, ки дар дунё як Дмитрий Калдоров, корманди идораи сабт вуҷуд дорад ва ҳоло тамоми Русия инро медонад! Оҳ, Худо!

Митя дубора бархост ва боз шурӯъ кард ба давидан тайи утоқҳо, баъд дубора нишаст.

-Охир, чӣ хабар шуд? Дуруст шарҳ бидеҳ!

-Шумо мисли ҳайвоноти ваҳшӣ зиндагӣ мекунед, рӯзнома намехонед, ба иҷтимоъ таваҷҷӯҳе надоред, ин ҳама чизҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар рӯзномаҳо ҳаст! Ҳар иттифоқе биафтад фавран мунташир мешавад, ҳеҷ чиз махфӣ намемонад! Чӣ қадар хушвақтам! Оҳ, Худои ман! Рӯзномаҳо фақат аз одамҳои барҷаста сӯҳбат мекунанд ва алон аз ман ҳарф мезананд!

-Чӣ мегӯӣ? Куҷо?

Ранги падар парид, модар тасвири муқаддасро нигоҳ кард ва салибе кашид. Бародарҳо сари по шуданд ва ҳамон тур бо пироҳанҳои кӯтоҳи шаб ба бародари бузургашон наздик шуданд.

-Оре, рӯзномаҳо роҷеъ ба ман матлабе навиштаанд, алъон ҳамаи Русия маро мешиносад! Модар, ин шумораро ба ёд дошта бошед! Чанд дафъа онро мехонам, гӯш кунед!

Митя рӯзномае аз ҷайб даровард, ба падараш дод ва қисматеро, ки бо қалам даври онро хат кашида буд, нишон дод:

-Бихонед!

Падар айнакашро гузошт.

-Бихонед, дигар!

Модар тасвири муқаддасро нигоҳ кард ва салиб кашид. Падар сурфае кард ва шурўъ ба хондан кард:

Дар таърихи 29 декабр, соати ёздаҳи шаб Дмитрий Калдоров корманди идораи сабт…

-Гўш кунед, бақияро гўш кунед!

...Дмитрий Калдоров, корманди идораи сабт, мавқеи хуруҷ аз ширакашхонае, ки дар хиёбони Барнои кўчак воқеъ аст, дар ҳоли нашъа…

-Бо Семён Петрович будам… то ҷузъиёташро ҳам шарҳ диҳад. Идома бидиҳед! Гўш кунед!

«….ва дар ҳоли нашъа сур мехўрад ва зери даст ва пои аспи коляскае, ки дар истгоҳ буда ва ба Иван Дратов, рустоии деҳкадаи Дриканд, аз иолоти Бухунек тааллуқ доштааст, меафтад. Асп метарсад, Калдоровро лагадмол мекунад ва по ба фирор мегузорад ва саройдорҳо ҷилавашро мегиранд. Калдоровро, ки беҳуш шуда, ба калонтарӣ мебаранд ва пизишк ўро муойина мекунад. Зарбае, ки ба паси гардани ў ворид омада буда…»

-Ин зарба аз ресмон буд, бақияро бихонед!

«…ки ба паси гардани ў ворид омада будааст, ҷузъе ташхис дода шуда. Як бозпурсии шаффофе роҷеъ ба қазия ба амал омада, мазруб таҳти муолиҷоти пизишкӣ қарор гирифтааст…»

-Ба ман гуфтанд пушти гарданамро компреси оби сард кунам. Ҳоле хондед? Ҳон? Ин тур! Алъон ин рўзнома даври Русия мегардад. Бадаш ин ҷо…

Митя рўзномаро гирифт, таҳ кард ва дар ҷайб андохт.

-Алъон мебарам манзили Макаруф, бараш нишон медиҳам…бояд ба Иванитский, ба Наталий Иванова ва ба Анисим Базилевич ҳам нишон дод…рафтам! Худо ҳофиз!

Митя кулоҳашро сар гузошт ва фотеҳу хушҳол ба кўча гурехт.

## ТАҚРИЗЕ ДАР ҲОШИЯИ ҲИКОЯИ «ШОДӢ»

Худнамоӣ ва таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб кардан аз ниёзҳои табиии башар аст. Гоҳе дида мешавад, ки инсон ба ҳар василае мутавассил мешавад то воқеъияти вуҷудии худро дар пеши дигарон ба намоиш гузорад. Бисёре орзуманданд, ки дар маърази таваҷҷуҳи хосу ом бошанд ва дар ин роҳ ҳозиранд даст ба ҳар коре бизананд то худро машҳур ва маъруф кунанд. Ҳатман қиссаи он марди юнониро шунидаед, ки муҷассамаи худои бузурги юнониён Зевсро шикаста буд.

Вақте ӯро гирифтанд ва пурсиданд, ки даст ба ин кор зада ва хабар дошта, ки муҷозоти чунин коре марг аст? Ҷавоб дод:

-Медонам, мехостам коре кунам, ки мардум ба ман таваҷҷуҳ кунанд ва маро ҳамеша ба хотир дошта бошанд.

Ё қиссаи бародари Ҳотам ва шошидан дар чоҳи Замзам.

Гӯянд ин корро бародари Ҳотам кардааст. Он гоҳ ки дид бо сахо овозаи бародар ба даст наоварад, оби чоҳи муқаддаси Замзам биолуд ва бад-ин сабаб машҳур гашт.

Дар ҳикояи «Шодӣ» ҳамин худнамоӣ ва шуҳрат, албатта, ба сурати танзомезаш тарҳ мешавад. Тасаввури маъруф шудан ва аз ӯ дар рӯзномае ном бурдан, шахсияти ҳикоячаро ба ҳаяҷон ва шавқ овардааст.

Нимашаб ҳамаро бедор мекунад, ки рӯзномаро бихонанд, ки номи ӯ дар он омада. Барои ӯ ҳеҷ тафовуте намекунад, ки ба чӣ муносибат ва ба чӣ наҳве аз ӯ ном бурдаанд, ҳамин ки номи ӯ дар рӯзнома чоп шуда, барои ӯ арзиши фаровон дорад. Ҳамин нукта аст, ки ҳикоячаи «Шодӣ»-ро ҷолиби таваҷҷуҳ ва пурмаъно мекунад ва ба он арзиши мондагорро медиҳад, зеро ғайри мустақим ба ҳикмате ишора дорад, ки башар аз дер боз ба он таваҷҷуҳ ва тамойили амиқ доштааст.

## ШЕРВУД АНДЕРСОН:
## КИТОБИ « ПАЙКАРАҲОИ АҶИБ»

Шервуд Андерсон аз бузургтарин нависандагони дунёст, ки барои бачаҳо асарҳои ҷолиб навиштааст. Муҳаққиқон ҳикояи ӯ «Мехоҳам бидонам чаро»-ро «яке аз қавитарин достонҳо» шинохтаанд.

Хондан ва таҳлил кардани ҳикояи «Китоби пайкараҳои аҷиб» ва тақризи ба он навиштаи Л.Трелинг (мунаққиди амрикоӣ), ки мо паси ҳам овардем, дар дарк ва маънидоди осори адабӣ ба муаллимон ёрӣ хоҳад кард.

Нависанда пирамарде бо сабили сафед ба сахтӣ метавонист худашро аз тахт боло бикашад. Панҷараҳои хонае, ки дар он зиндагӣ мекард, баланд буд ва субҳ, ки чашмҳояшро боз мекард, дилаш мехост дарахтҳоро бубинад. Наҷҷоре омад, тахтро болотар бурд, то ҳамсатҳи панҷара шуд.

Барои чунин коре ҳаёҳуи зиёде ба по шуд. Наҷҷор, ки дар давраи ҷанги дохилӣ сарбоз буд, по ба утоқ гузошт ва гуфт, ки барои боло бурдани тахт бояд як саку сохт. Нависанда канори досташ сигорбарг дошт ва наҷҷор сигорбарг дуд кард.

Ду мард муддате дар бораи боло бурдани тахт ҳарф заданд ва сипас ҳарфҳои дигаре пеш кашиданд. Сарбоз аз ҷанг ҳарф зад. Албатта пирамард сӯҳбатро ба ҷанг кашонд. Наҷҷор як бор дар зиндони Андерсунил зиндонӣ шуда буд ва бародарашро аз даст дода буд.

Бародараш аз гуруснагӣ мурда буд ва ӯ ҳар вақт ин мавзӯъро ба миён меовард, ба ҳиқ-ҳиқ меафтод. Ӯ ҳам монанди нависанда сабили сафеде дошт ва вақте гиря мекард, лабҳояш ҷамъ мешуд ва сабилаш боло ва пойин мерафт. Пирамард бо сигорбарги зери лаб ва ҳиқ-ҳиқаш ҳолати хандаоваре пайдо мекард. Тарҳе, ки нависанда барои боло бурдани тахт дошт, фаромӯш шуд ва наҷҷор баъд ба дилхоҳи худ тахтро боло бурд ва нависанда, ки беш аз шаст дошт, шабҳангом маҷбур шуд, по рӯи як сандалӣ бигзорад то дар тахт дароз бикашад.

Нависанда рӯи тахти худ ба паҳлӯ ғалтид ва комилан ором дароз кашид. Солҳо буд, ки фикри нороҳатии қалбӣ озораш медод. Зиёд сигор мекашид ва қалбаш номураттаб мезад. Гумон мекард, ки рӯзе ногаҳон пас меафтад ва ҳар бор, ки рӯи тахт дароз мекашид, дар бораи ин мавзӯъ фикр мекард. Пеши худ мегуфт, ки ин нороҳатӣ одамро хабар намекунад. Ин фикр, ки ба содагӣ қобили тавзеҳ набуд, дилмашғулаш мекард ва сабаб мешуд, ки дар рахти хоб беш аз ҳар ҷойи дигар худашро зинда

эҳсос кунад, ӯ комилан ором дароз кашида буд ва танаш пир буд ва дигар ба коре намеомад. Аммо рӯиҳамрафта чизе дар дарунаш ҷавон буд. Ба зани обистане мемонд. Аммо чизи дарунаш кӯдак набуд, балки писари ҷавоне буд, на, писари ҷавоне ҳам набуд, зани ҷавоне буд, ки монанди силоҳшӯрҳо зиреҳ ба тан дошт. Бубинед, кори беҳудае аст, ки бихоҳем бубинем чӣ чизе дар даруни пирамард буд ҳамчунон ки он ҷо рӯи тахти баландаш гӯш медод. Нависанда ё чизи ҷавони даруни нависанда мехост таҳу тайи онро дар биоварад.

Нависандаи пир монанди ҳамаи мардуми дунё дар зиндагии тӯлонии худ хаёлҳои зиёде дар сар парваронида буд. Рӯзе бисёр зебо буд ва занҳои зиёде дилбохтааш шуда буданд. Ва албатта, дар он вақт одамҳоеро мешинохт, одамҳои зиёдеро, онҳоро бо самимияти аҷибе мешинохт, ки бо шинохти ману шумо аз одамҳо тафовут дошт. Даст кам нависанда ин тур фикр мекард ва аз ин фикр дилшод буд. Охир намешуд бо пирамард бар сари фикрҳояш куланҷор рафт.

Нависанда дар рахти хоб рӯъёҳое дид, ки рӯъё набуд. Вақте андаке хоболуд шуд ва ҳанӯз ҳушёр буд, пайкараҳое пеши чашмҳояш зоҳир шуд.

Дар хаёл дид, ки чизи ҷавони васфнашуданӣ дарунаш сафи дарозе аз пайкар ҷилуи чашмҳояш пеш мебарад.

Бубинед, чизи тамошоӣ ин буд, ки пайкарҳо ҳама аҷиб буданд. Ҳамаи мардҳову занҳое, ки мард дар умраш шинохта буд, одамҳои аҷибе шуда буданд.

Пайкараҳои аҷиб ҳама тарснок буданд. Баъзе саргармкунанда буданд, баъзе камобеш зебо буданд ва яке аз онҳо зане буд, ки аз рӯъё берун омад ва бо тани аҷибаш пирмардро ранҷонд. Вақте ки ӯ гузашт, мард садое кард, ки шабеҳи лойидани саг буд. Агар шумо ба он утоқ по мегузоштед, шояд гумон мекардед, ки мард хобҳои ошуфта мебинад ё шояд сардил дорад.

Сафи пайкараҳои аҷиб як соате аз ҷилуи чашмҳои пирамард гузашт ва он вақт бо нороҳатӣ аз тахт пойин хазид ва даст ба қалам бурд. Чанд то аз пайкараҳои аҷибтаъсири зиёде рӯяш

гузошта буданд ва ӯ мехост онҳоро тавсиф кунад. Нависанда як соате пушти мизаш кор кард. Даст охир китобе навишт, ки исмашро китоби ПАЙКАРАҲОИ АҶИБ гузошт. Китоб ҳаргиз чоп нашуд, аммо рӯзе ба дасти ман афтод ва таъсираш барои ҳамеша дар зеҳни ман боқӣ монд. Китоб як фикри аслиро дунбол мекунад, ки бисёр аҷиб аст ва ҳамеша дар фикри ман аст.

Бо ёдоварии он фикр тавонистаам одамҳо ва чизҳои зиёдеро бишносам, ки дар ҳамаи умр аз ӯҳдаи шинохтанашон барнаёмада будам. Фикри печида буд, аммо хулосаи содааш ин аст.

Дар оғози дунё фикрҳои зиёде вуҷуд дошт, аммо чизе ба исми ҳақиқат дар миён набуд. Инсон худаш ҳақиқатҳоро сохт. Ҳар ҳақиқат таркибе буд аз фикрҳои мубҳам бисёр зиёд. Ин ҳақиқатҳо дар ҳама ҷои дунё дида мешуданд ва зебо буданд.

Пирамард чандсад ҳақиқатро дар китобаш овард. Ман намехоҳам ҳамаи онҳоро бароятон бозгӯ кунам. Дар он вақт ҳақиқат покӣ буд ва ҳақиқат шӯр, ҳақиқат сарват ва ҳақиқат тиҳидастӣ, ҳақиқат сарфаҷӯӣ ва велхарҷӣ (исрофкорӣ), ҳақиқат бедиққатӣ ва навмедӣ. Садҳо ва садҳо ҳақиқат вуҷуд дошт ва ҳама зебо буданд.

Он вақт одамҳо аз роҳ расиданд ва ҳар кадом яке аз онҳоро ба чанг оварданд ва баъзеҳо, ки қавӣ буданд, то дувоздаҳ ҳақиқат ба чанг оварданд.

Ҳамин ҳақиқатҳо буд, ки мардумро ба сурати пайкараҳои аҷиб даровард. Пирамард фарзияи сохта ва пардохтае барои ин мавзӯъ дошт.

Ба гумони ӯ, ҳамин ки яке аз мардум ҳақиқатеро ба чанг овард, онро ҳақиқати худ намуд ва саъй кард зиндагиашро бар пояи он бино кунад. Ин буд, ки одами аҷибе шуд ва ҳақиқате, ки ба чанг оварда буд, дурӯғ аз об даромад.

Рӯшан аст, ки пирамард, ки умре чиз навишта буд ва анбошта аз вожа буд, метавонист дар бораи ин мавзӯъ садҳо сафҳа сиёҳ кунад ва кард. Мавзӯъ чунон аҳамияте дар зеҳнаш пайдо кард, ки чизе намонда буд худаш ҳам одами аҷибе бишавад. Ба гумонам, ӯ ба ин далел одами аҷибе аз кор

дарнаёмад, ки китобро чоп накард. Ҳамон чизи ҷавони даруни пирамард наҷоташ дод.

Ман аз наҷҷори пире, ки тахти нависандаро дуруст кард, фақат ба ин далел исм бурдам, ки ӯ ҳам монанди бисёре аз одамҳое, ки  номашон мардуми оддӣ аст, дӯстдоштанитар ва маъмулитар аз ҳамаи пайкараҳои аҷиби китоби нависанда буд.

## ЛОУНЕЛ ТРЕЛИНГ:
## НАҚДИ КИТОБИ «ПАЙКАРАҲОИ АҶИБ»

Шервуд Андерсон ба суннати мардоне вобастааст, ки бо ҷомиаи «обрӯманд» даргирии мудовиме дорад ва хиради мантиқиро мавриди сарзаниш қарор медиҳанд. Ин суннат бисёр куҳан аст ва ба асинҳо[1] ва нахустин тарафдорони Фронсис Қадис ва низ нахустин пайравони Ҳосидим[2] мерасад. Дар даврони муосир ин суннат бо Вилям Флик, Воят Витман ва Диэч Лорнис дунбол шудааст. Пайравони ин суннат касоне ҳастанд, ки сирфан ба сарзаниши роҳи нодурусте, ки мардуми ҷаҳон дар пеш гирифтаанд, намепардозанд, балки ба коре низ даст мезананд. Инон сарзаниши хешро ба сурати амал дармеоваранд ва нақшеву роҳе дигар дар зиндагӣ пеш мегиранд ва кулабори худро бар пушт мегузоранд ва шаҳри обрӯманди мӯҳтарамро тарк мегӯянд. Коре, ки Андерсон ба он даст зад. Аммо Андерсон фоқиди чизе буд, ки ҳамқаторони маънавиаш аз он бархурдор буданд, чизе ки бад-он номи хирад метавон дод. Андерсон ҳеҷ гоҳ дарнаёфт, ки лаҳзаи огаҳӣ ва дигаргунӣ- лаҳзаи буридан аз шаҳр-сарфан дархӯри ситоиш нест, балки бояд онро парваронд, то чизе ки дар оғоз амале иродӣ аст, ба сурати амале таъақулӣ дарояд. Мардони хирадситези суннатӣ иддаъоҳои худро мавриди тамасхур қарор медиҳанд ва ба маҳдудияти он метозанд, ҳол он ки худ намояндаи қудратмандтарин андешаанд. Албатта, онон ба ҳеҷ ваҷҳ хирадро мавриди ҳамла қарор намедиҳанд, балки хирадеро мардуд мешуморанд, ки мавриди

---

[1] Асинњо- афроди табаќаи зоњидон ва фаластиниёне, ки дар ќарни дувуми пеш аз милод мезистанд.

[2] Њосидим- пайравони фирќаи яњудї дар ќарни дувуми пеш аз милод, тобеъи ташрифот ва шаъойири динї ва мухолифи андеша ва одоб ва русуми  куњан.

назари ҷомеъаи обрӯманд аст. Онон дар ҳоле ки ба сарзаниши хирад мепардозанд, нубуғи худро дар қолиби калом, мавзӯъ ва кашф боз менамоянд.

Шервуд Андерсон аз ин назар шабеҳи онон набуд. Ӯ марде «оқил» нашуд. Аз ин истеъдод низ бебаҳра буд, ки бо овардани як ҷумла ё як истиъора ногаҳон гӯшае торик аз зиндагиро рӯшан кунад. Нақши ӯ иҷоб мекард, ки саршор аз «гуфта» ва биниши амиқ бошад; аммо чунин набуд. Бо ин ҳама, дар муқаддимаи маҷмӯъа достони Войнзберг Уҳойу яке аз чанд гуфтаи «оқилона»-и осорашро бо навъе таъна, боз мегӯяд, ки ба навъе баёни нотавонии худи ӯ низ ҳаст. Муқаддима шомили достони кӯтоҳе аст. Дар хусуси пирамарде, ки матлабе ба номи «Китоби пайкараҳои аҷиб» менависад. Ақидаи пирамард чунин аст:

Дар оғози дунё фикрҳои зиёде вуҷуд дошт, аммо чизе ба исми ҳақиқат дар миён набуд. Инсон худаш ҳақиқатҳоро сохт. Ҳар ҳақиқат таркибе буд аз фикрҳои мубҳами бисёр зиёд. Ин ҳақиқатҳо дар ҳама ҷои дунё дида мешуданд ва зебо буданд.

Пирамард чандсад ҳақиқатро дар китобаш овард. Ман намехоҳам ҳамаи онҳоро бароятон бозгӯ кунам. Дар он вақт ҳақиқат покӣ буд ва ҳақиқат шӯр, ҳақиқат сарват ва ҳақиқат тиҳидастӣ, ҳақиқат сарфаҷӯӣ ва велхарҷӣ (исрофкорӣ), ҳақиқат бедиқатӣ ва навмедӣ. Садҳо ва садҳо ҳақиқат вуҷуд дошт ва ҳама зебо буданд.

Он вақт одамҳо аз роҳ расиданд ва ҳар кадом яке аз онҳоро ба чанг оварданд ва баъзеҳо, ки қавӣ буданд, то дувоздаҳ ҳақиқат ба чанг оварданд.

Ҳамин ҳақиқатҳо буд, ки мардумро ба сурати пайкараҳои аҷиб даровард. Пирамард фарзияи сохта ва пардохтае барои ин мавзӯъ дошт. Ба гумони ӯ ҳамин, ки яке аз мардум ҳақиқатеро ба чанг овард, онро ҳақиқати худ номид. Ва саъй кард зиндагиашро бар пояи он бисозад. Ин буд, ки одами аҷибе шуд ва ҳақиқате, ки ба чанг оварда буд, дурӯғ аз об даромад.

Андерсон танҳо яке аз ин ҳақоиқро ба чанг овард ва ба мафҳуми латиф ва меҳромези худ аз вожаи «аҷиб» одаме аҷиб шуд ва дар натиҷа он ҳақиқат ба сурати навъе дурӯғ даромад. Ин

ҳақиқат, ки шояд беҳтар бошад, онро таркибе аз ҳақоиқ биномем, ҳақиқати ишқ-шӯр-озодӣ буд, ки аз ин «фикрҳои мубҳам» ҳосил омада буд: ҳар фард гавҳари арзишманде аст, ки муғойир бо ҳамаи гавҳарҳои дигар аст; ҷомеъа ва ба вижа ҷомеъаи кунунӣ ин гавҳарҳоро мавриди таҳдид қарор медиҳад; арзишҳои хуби куҳан аз миён рафтаанд ва мардум аз якдигар ва ҳатто аз худ буридаанд.

Дар ин ки ин андешаҳо ҳақиқатеро ташкил медиҳанд, сухане нест ва дар аҳамияти он низ сухане нест. Аммо бубинем чӣ гуна ба сурати дурӯғ даромада ва дорандааш «аҷиб» шудааст.

Ба назар мерасад, ки табиати дурӯғин будан дар ин нуқта нуҳуфта бошад, ки Шервуд Андерсон зиндагиро дар сояи ишқ, шӯр ва озодӣ пазируфтанӣ медонад ва ин худ ба гунае таноқизомез нафйи зиндагӣ аст, зеро бад-ин тартиб зиндагӣ касолатбор, тиҳӣ ва орӣ аз маънӣ мегардад.

Борҳо шунидаем, ки ин кор ҳосили тааққули беш аз андоза аст, аммо ҳеч кас бар ин нуқта чандон таъкид накардааст, ки отифа, чунончи, ба гунае вижа ҷилва кунад, ба ҳамон андоза вайронкунанда аст.

Бо ин ҳама, ҳангоме ки эҳсосро навъе посух, навъе дармон ба шумор оварем, ҳангоме ки онро навъе абзори интиқод бидонем ва тасаввур кунем, ки метавонад дигар фаъолиятҳои зиндагиро ба каноре ниҳад; дар ҳақиқат ҷаҳонро ба сурати таҷридӣ ва тиҳӣ даровардаем. Ишқу шӯр, агар он гуна ки Шервуд Андерсон мепиндорад, ба сурати абзоре дарояд, ки ба ёрии он бар назми ҷаҳони обрӯманд битозем, ҷаҳоне сохта ва пардохта мешавад, ки дар амал аз ишқу шӯр тиҳӣ аст ва арзиши онро надорад, ки дар он «озод» бошем.

## ЯТИМИҲОИ ПИРӮЗ ВА ХУШБАХТ

Ин ду мақола, ки аз китоби Аҳмад Содиқии Ардистонӣ «Достонҳои кӯдакии мардони бузург» иқтибос кардем, бешак, дар парвариши суботкорӣ, собитқадамӣ ва ҷои худро дар дунё ёфтани кӯдакон ба муаллим ёрии бевосита мерасонанд. Аз он

муаллим метавонад дар ҷараёни дарс ва ё машғулиятҳои амалӣ истифода барад.

Фазои босафои хонавода, конуни гарми зиндагӣ ва дунёи ишқу умеди ҳастӣ гоҳе ба хотири аз даст додани падар ё модар ба як водии торик ва ғамгирифта ва ба як дахмаи махсус ва дардолуд табдил мегардад ва барои афрод, махсусан, барои кӯдакони хурдсол зиндагӣ ба сурати як ҷараёни талху пурранҷ ва гоҳе марги тадриҷӣ дар меояд.

Ростӣ ҳам чунин аст ва кӯдакон, ки падар ё модарро аз даст медиҳанд, усулан ғайр аз мубтало шудан ба мушкилоти моддӣ ва иқтисодии зиндагӣ, чизе, ки бештар қалби онҳоро меозорад ва рӯҳияи онҳоро ранҷуру афсурда месозад, аз даст додани ҳидоят ва ҳимояту паноҳгоҳи рӯҳӣ аст, ки умуман камтар чизе пайдо мешавад, то ин холо ва камбудро ҷуброн намояд ва ҷои падар ва паноҳгоҳи рӯҳиву отифии кӯдакони ятимро пур кунад.

Аммо нақши бисёр муҳиме, ки набояд нодида гирифта шавад, агар кӯдаке ё кӯдаконе ба марги табиӣ ё дар асари беморӣ ё тасодуф ва ё ба хотири дифоъ аз ормону мактаб, ё ба навъи дигаре падар ва паноҳгоҳ ва ҳатто модари хешро аз даст доданд ва бо ин нақиса ва камбуди бузург дар зиндагӣ даст ба гиребон шуданд, ҳаргиз напиндоранд дар чунин вазъе барои онон дунё поён ёфта, ҳамаи равзанаҳои умед баста шуда, роҳи хайру саодат масдуд гашта ва ночор роҳи беҳудагӣ ва ҳарҷо рафтан, сӯи истифода ва тан додан ба инҳироф ва табоҳӣ ва бесаводиву бадбахтӣ барои онон боз монда бошад.

Зеро зиёд ҳам иттифоқ афтода, ки дарди ятимӣ роҳи хайри дигареро гушуда ва кӯдаконе бо эҳсоси ин дард ва барои эҳсоси ин дард ва барои ҷуброни ин камбуд дар ҳоле ки ноновару сарпарасти дурусте наёфтаанд, ба худ фурӯ рафтаанд, ба фикри сарнавишт ваояндаи худ афтода, ҳуш ва истеъдоди худро санҷида, эътимод ба нафс карда ва талхии ин камбуди муҳим дар зиндагиро бо ба коргирии завқу ибтикор ва кору кӯшиш, дароз мутолиъа ва таҳсилу тараққӣ ҷуброн кардаанд.

Оре, ин кор зиёд иттифоқ афтода ва кӯдаконе, ки фишори дарди ятимӣ бар қалби онон сангинӣ карда ва камбудии бузургеро эҳсос намудаанд, ба фикри чораи ин камбуд афтодаанд ва барои ҷуброни он истеъдод ва ҳуши хешро ба кор гирифтаанд ва изофа ба ин ки тавонистаанд гилеми хешро аз об дароваранд, гоҳо мухтареъ ва мукташиф, донишманду ҳаким, файласуф, ориф, нависанда, таърихнавис, адибу шоир, пешвову муҷоҳид ва билохира мунҷӣ ва роҳнамои ҳидоят ва хидмат ба миллиардҳо инсон дар тӯли таърихи башарият гардидаанд! Аз ин миён сарнавишти шоири бузурги мо  Саъдӣ ва нависандаи нобиғаи рус Лев Толстой дарси ибрат аст.

## САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Шайх Мушрифиддин Муслиҳ ибни Абдуллоҳи Шерозӣ, ки  лақаби ӯ «афсаҳул мутакаллимин» аст, ҳанӯз кӯдаке беш набуд, ки аз сарпарастии падар маҳрум гардид ва дар асари мушкили фақр тавоноии рафтан ба мактабро надошт. Он тавре ки нигоранда дар китобе мехондам, Саъдӣ дар як нонвое машғул ба кор шуд, аммо дар асари шавқу алоқае, ки ба хондан ва навиштан дошт, гоҳе қитъаҳое кӯчаки коғазро дар кӯчаҳо бармедошт ва хона мебурд ва рӯи он чиз менавишт ва машқ анҷом медод ва нахуст бад-ин васила хондану навиштанро омӯхт.

Ба ҳар ҳол, Саъдӣ бо вуҷуди он ки падар ва сарпарасти зиндагии худро аз даст дода ва бо мушкилоти сахти пулӣ ҳам дастбагиребон буд, дар Шероз ба таҳсил пардохт, барои касби маориф ва такмили таҳсилот ба Ироқ сафар кард ва дар мадрасаи Низомияи Бағдод ба таҳсил идома дод, ба мусофиратҳои зиёратӣ ва саёҳатии Макка, Сурия, Лубнон, Ҳиҷоз, савоҳили Мадитарона ва ҳудуди шимоли Африқо пардохт ва ба ҳузури уламо ва донишмандони бузург расид, дар соли 655 китоби «Бӯстон»-ро навишт ва ӯ, ки дар соли 604 қамарӣ ба дунё омада буд ва як умри навадсолиро падруд гуфт ва дар маҳалле, ки ба Саъдияи Шероз маъруф аст, мадфун гардид. Ва акнун, ки ҳафт қарн аз тулӯъи ӯ мегузарад, Саъдӣ ба василаи китоби мондагори

«Гулистон» ва қасоид ва ғазалиёти хеш ба унвони як чеҳраи нуронӣ дар осмони илму адаби форсӣ медурахшад.

Он вақт аз ин ҷиҳат, ки Саъдӣ худ дарди ятимиро эҳсос карда буд, тайи як силсила тавсияҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба ятимон сурудааст:

Падармурдаро соя бар сар фикан,
Ғубораш биафшону хораш бикан.
Чу бинӣ ятиме сарафканда пеш,
Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.
Ятим ар бигиряд, ки нозаш харад,
В-агар хашм гирад, ки бораш барад.
Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок,
Ба шафқат биафшонаш аз чеҳра хок.
Агар сояи худ бирафт аз сараш,
Ту дар сояи хештан парвараш.
Ман он гаҳ сари номвар доштам,
Ки сар бар канори падар доштам.
Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар.

## ЛЕВ НИКОЛАЕВИЧ ТОЛСТОЙ

Толстой нависандаи баландпояи рус соли 1828 милодӣ дар деҳкадаи Ясная Поляна воқеъ дар шаҳристони Тула дар 110 километрии Маскав по ба арсаи вуҷуд гузошт.

Толстой таҳсилоти давраи мутавасситаро дар гимназия ба поён расонида ва дар соли 1844 вориди донишгоҳи Қазон шуд ва дар муддати се сол забонҳои шарқӣ ва ҳуқуқро омӯхт. Дар 1851 довталабона ба сарзамини  Қафқоз рафт ва ба ҳанге, ки бародари ӯ афсари он буд, ба хидмат ворид шуд, то соли 1854 дар ҷангҳое, ки дар он сомон вуҷуд дошт, ширкат кард ва достонҳои «Кӯдакӣ ва даврони навҷавонӣ»-ро дар Қафқоз навишт, ки боиси шуҳрати ӯ шуд ва ӯро дар радифи барҷастатарин нависандагони рус қарор дод.

Вай тайи солиёне мусофиратҳои илмӣ ва саёҳатии зиёде анҷом дод ва ба кишварҳову шаҳрҳои Суис, Олмон, Маскав, Итолиё, Бруссел, Лондон ва Урупои Шарқ рафт.

Дар соли 1862 издивоҷ кард ва дар охири соли 1863 ба навиштани бузургтарин китоби адабии худ, ки дар ҳақиқат онро бузургтарин асари адабии қарн метавон номид, ба номи «Ҷанг ва сулҳ» пардохт ва ба қавли худаш, панҷ соли тамом барои навиштани ин китоб ранҷ бурдааст.

Толстой дар Маскав ба таълим ва тарбияти ҷавонон пардохт ва дар қаҳтии мудҳише, ки дар соли 1891 ва 1892 гиребонгири миллати рус гардид, вай дар чаҳор ноҳия 188 хона доир кард, ки дар он ҷо қаҳтизадагон ғизои кофӣ дарёфт мекарданд, дорулятимиҳое барои атфоли то синни ду сол таъсис намуд ва барои кишти баҳора базраҳое тақсим кард ва нонвойҳое барои фурӯши нонҳои арзон ба вуҷуд овард ва ҳатто, барои анҷоми ин корҳо аз хӯроки рӯзонаи худ кост ва билохира, дар ҳафтуми ноябри 1910 дар соати шашуними субҳ шамъи рӯшноии бузургтарин навобиғи илму адаби Русия хомӯш шуд.

Аз китобҳои ӯ ғайр аз се китоби боло 18 ҷилдро метавон номбурд: «Анна Каренина», «Эътироф», «Ҳоҷӣ Мурод», «Асираи Қафқоз», «Нируи ҷанг», «Ростохез», «Ҳунар чист?», «Шайтон», «Як тири кишвари дӯзах», «Тобиши нур ва зулмат», «Интиқоми шавҳар», «Заношӯии нописанд» «Меваҳои хирад», «Се марг», «Ду сарбоз» ва ғайра.

Аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, Толстой, ки дар зиндагии худ маншои ин ҳама осори хадамотӣ ва фарҳангӣ шуд ва ба мақоми баланди нависандагӣ ва шахсияти ҷаҳонӣ расид, касе буд, ки пеш аз он ки ба дусолагӣ бирасад, модари худро аз даст дод ва ҳанӯз нӯҳ соли тамом надошт, ки падари ӯ чашм аз ҷаҳон фурӯ баст. Ва тӯл накашид, ки сарпарасти ӯ ҳам аз ҷаҳон даргузашт ва ин кӯдаки ятим дар сояи ба коргирии истеъдод ва қудрати иродаи хеш тавонист ба он ҳама мақоми баланди илмӣ ва фарҳангӣ даст ёбад.

## ЗИНДОНҲОИ МАСЪУД

Аз миёни шоирони порсигӯй ҳеҷ кас ба андозаи Масъуди Саъди Салмон дарди зиндон ва машаққати занҷирро таҷриба ва таҳаммул накардааст. Зиндонҳои Хоқонӣ, бемориҳои Анварӣ, дилтангиҳои Фирдавсӣ, дарбадариҳои Носири Хусрав, риёситезиҳои Ҳофиз дар муқобили солҳои сол маҳбаснишинӣ ва дардошноии Масъуди Саъд кӯчак менамояд. Ҳарчанд ки зиндони махуфи ҷаҳон даруни ҳамаи аҳли дилро пайваста аз дард пур кардаву мекунад.

Чунон ки дар таворих омадааст, сиёҳчолҳои тарснок ва раъбангез дар дили кӯҳҳо ё дар қалъачаҳо таъбия мешуд, ки шакли аслии он иборат буд аз чоҳи баланд ба умқи даҳ ё бист метр, ки дар таҳи он ғорҳоеро эҷод мекарданд ва маҳкум ё бегуноҳ ё гунаҳкорро дар он ҷо маҳбус месохтанд. Ба тавре ки зиндонӣ осмонро бар болои сари худ ҳамчун синӣ (зарфи гирда) ё табақи мудавваре медид ва фақат метавонист як ситорaро дар осмони паҳновар аз даҳанаи  чоҳ назар кунад. Ғолибан ин маҳбусон дар дили чоҳ фаромӯш мешуданд ё аз гуруснагиву ташнагӣ ва беморӣ мемурданд. Гоҳе маҳбусинро дар қалъаҳои махуф ва матрук ба занҷир мекашиданд ва мунисн онон зиндонбон ва донаҳои занҷир буд. Масъуди Саъд муддати ҳаждаҳ сол ва ба қавле бист ё бисту ду сол дар чунин зиндонҳо асир буд. Албатта, худи Масъуд ба нуздаҳ сол ишорат дорад.

Масъуди Саъди Салмон дар асри Ғазнавиён мезист, Ғазнавиён эронитабор набуданд, дар натиҷа ҳамосаҳои Фирдавсӣ ва покдилиҳои Масъудро наметавонистанд бартобанд. Масъуд дар Лоҳур- маркази ҳукумати Ғазнавиёни Ҳинд ба дунё омад, ба дарбори Султон Иброҳим, фарзанди султон Масъуди Ғазнавӣ, шитофт ва ӯро мадҳ кард. Шоҳзода Сайфуддавла Маҳмуд бинни Иброҳим Масъудро муқарраб ва муҳтарам дошт ва бо ӯ дӯстӣ ва ҳамнишинӣ гузид ва ҳангоме ки ин амирзода ба ҳукмронии Ҳинд расид, Масъуди Саъдро ҳам бо худ ба мақарри ҳукумат бурд. Се сол баъд Сайфуддавла муттаҳам ба ҳамкорӣ ва тақарруб ба даргоҳи Маликшоҳи салҷуқӣ шуд ва роҳии зиндон гардид ва бад-ин хотир надимону ҳамдамони вай низ, аз ҷумла Масъуди Саъд ба банд кашида шуданд. Аммо пас аз чанде

Сайфуддавла мавриди авф қарор гирифт ва Масъуд дар зиндон боқӣ монд ва фаромӯш шуд ва муддати даҳ сол аз беҳтарин солҳои зиндагии худро дар қалъаҳои «Су», «Даҳак» ва «Ной» гузаронид.

Ҳафт солам бисӯхт сую Даҳак,
Пас аз онам се сол  қалъаи Ной.

Ҳабси Масъуд бештар ба туҳмат ва саъояти рақибон ва ҳосидон будааст. Яке аз ин саъояткунандагон шоири муосири ӯ (Абулфарачи Рунӣ) буда, ки  ҳарчанд дар назди Масъуд эҳтироми хос дошта, аммо дар бораи Масъуд ба бадзабонӣ пардохта, ба тавре ки ӯро дар назари подшоҳ андохтааст. Зоҳиран забони фасеҳ ва баёни шевои Масъуд мучиби ҳасодат ва саъояти бадгӯён будааст.

Булфарач, шарм н-оядат, к-аз хубс
Дар чунин ҳабсу бандам афкандӣ.

Ба эътиқоди шодравон Ғуломризои Ёсимӣ, шоире ба номи Рошидӣ беш аз ҳама ба тираӯзӣ ва бадбахтии Масъуд даст задааст.

Ҳар он қасида, ки гуфтиш Рошидӣ як моҳ,
Ҷавоб гуфтам з-он бар бадеҳа ҳам ба замон.
Агар на бими  ту будӣ, шаҳо, ба ҳаққи худой,
Ки Рошидиро бифкандаме зи ному нишон.

Рошидӣ нақиби дарбор буда ва Масъуд дар девони худ ду бор аз ӯ таъриф ва тамчид карда, аммо хашми вай нисбат ба Рошидӣ ба воситаи  бадзабонӣ ва саъоияти ин шоир дар бораи Масъуд рӯй додааст.

Масъуд дар қалъаи «Даҳак», ки шарҳи он хоҳад омад, таҳти назар қарор гирифт ва дар муддати ҳабс дар ин қалъа аз тафаққуди Алии Хос, ки яке аз муқаррабони султон буд, бархурдор мешуд. Пас аз Даҳак боз ҳам ба саъоияти ҳосидон ба қалъаи «Су», ки хорич аз Ҳиндустон буд ва бандгоҳе саъб ва сиёҳчоле махуф дошт, мунтақил шуд. Дар ин зиндон, ки ҳамеша

банд бар пой дошт, бо мунаҷҷиме ба номи Баҳромӣ ошно шуд ва илми нуҷумро аз ӯ фаро гирифт.

Масъуд дар тамоми тӯли ин даҳ сол аз дӯстон ва муқаррабони дарбор талаби ёрӣ ва раҳоӣ мекард. Амидалмулки Имодуддавла Абулқосими хос назди султон Иброҳим аз ӯ шафоъат ёфт ва ба Лоҳури Ҳинд рафт ва ба нигоҳдории амлоки мусодирашудаи худ ва боқимондаи мулки падарӣ пардохт. Се сол пас аз ин моҷаро султон Иброҳим даргузашт ва писараш шоҳзода Масъуд ба номи Масъуди савум ба подшоҳӣ нишаст. Масъуди савуми Ғазнавӣ ҳукумати Ҳиндро ба фарзанди худ амир Аздуддавлаи Шерзод супурд ва қивомулмулк Абӯнасри Порсиро ба вазорат ва сипаҳсолории вай баргумошт. Бӯнасри Порсӣ ба сабаби дӯстӣ бо Масъуди Саъд, ӯро аз муқаррабини худ сохт ва пас аз фатҳи шаҳри Чоландар дорулмулки Панҷоб, тавассути Абӯнасри Порсӣ, ҳукумати он ҷо ба Маъуди Саъд, ки илова бар шоирӣ дар диловарӣ ва шуҷоат низ шӯҳра буд, супурда шуд. Масъуд аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромад, ин бор низ ба бадбахтии дигаре мубтало шуд ва ҳанӯз замоне аз ҳукумати ӯ нагузашта буд, ки Бӯнасри Порсӣ мағзуб ва маҳбус шуд ва ҳамаи умол ва ёрони вай низ ба банд афтоданд, аз ҷумла, Масъуди Саъд, ки аз тахти ҳукумат маъзулаш сохтанд ва зиёъу иқорашро ба яғмо бурданд ва ба фармони султон Масъуд бини Иброҳим Ғазнавӣ дар қалъаи Маранҷ, ки дар махофат ва сахтҷойӣ аз бандигоҳҳои нахустин дасткамӣ надошт, ба ҳабс афтод, дар ҳоле ки худ намедонист гуноҳаш чист.

Маҳбус чаро шудам, намедонам,
Донам, ки на дуздаму на айёрам.

Ва ҳашт соли дигар (аз соли 492 то 500) дар зиндони Маранҷ боқӣ монд, то оқибат ба шафоати сиқатулмулк Тоҳир бини Алии Машкон, бародарзодаи Абунасри Машкон, аз ҳабс раҳойӣ ёфт, дар ҳоле ки дигар тобу тавон ба тан надошт ва ҷавониро аз даст дода буд. Муддати ҳабси ӯро ҳаҷдаҳ, нуздаҳ ё бисту ду сол гуфтаанд, аммо худ ба нуздаҳ сол ишорат дорад ва хитоб ба Абдулфараҷи Рунӣ, ки мусаббати ҳабси ӯ буда, гуфтааст.

Мар туро ҳеҷ бок н-омад аз он-к
Нуздаҳ сол будаам бандӣ.

Гуфтаанд: пас аз раҳоӣ аз ҳабс узлат гузид ва дигар мадҳе нагуфт ва ба муҷоҳидат ва муноқибат пардохт ва ба ирфон рӯй овард. Аммо медонем, ки Масъуди Саъд аз соли 500, яъне пас аз ҳабс то поёни ҳаёт, симати китобдории султон Масъуди савум ва баъд аз ӯ ҷонишинаш Шерзод бини Масъуд ва Арслон бини Масъуд ва Баҳромшоҳ бинни Масъудро ба ӯҳда дошт ва ононро мадҳ гуфт ва дар камоли тақарруб мезист, то соли 515, ки дар синни 80 даргузашт.

Масъуди Саъд каломе расо ва сухане шево дошт. Ӯ ба се забон-порсӣ, ҳиндуву тозӣ шеър месуруд ва дар ҳар се забон соҳиби девони шеър буд, ки албатта, аз ашъори ҳиндии ӯ асаре барҷой намонда ва аз ашъори тозии вай чанд байте дар даст аст, аммо девони шеъри порсии Масъуд, ки шомили шонздаҳ ҳазор байт аз қасида, маснавӣ, қитаъот, тарҷеъот, мусамматоту ғазал ва рубоӣ аст, имрӯз мавҷуд мебошад.

То зодаам, эй шигифт, маҳбусам,
То ҳаст магар ки вақт зиндонам?

Масъуди Саъд дар бештар абёти қасоид ба зиндонҳои худ ишорат дорад, хоса зиндони Ной ва Маранҷ, ки дилтангиҳо ва ғурбатгазойиҳои ӯ аз ин ду банд, беш аз Суву Даҳак будааст. Иттиҳоми Масъуд илова бар бадзабониҳои рақибон, ҳамкорӣ ва ҳамнавоии вай бо Сайфуддавла буд, ки дар пинҳонӣ алорағми майли падараш Иброҳим сар ба Салҷуқиён хуш кард ва бо Маликшоҳ мукотиба дошт ва дар ҳақиқат ин иттиҳом бӯҳтони сиёсӣ буд ва қалъаи Нойу Маранҷ бандихонаи касоне буд, ки туҳмати сиёсӣ доштанд. Ин буҳтони сиёсӣ аз саъояти ҳосидон ва бадгӯйии суханчинон гармии бештар гирифт ва султон Иброҳимро, ки марде сахтгиру бегузашт буд, ба узли писараш ва ҳабси ӯву ёронаш мусаммам сохт. Гарчи муҳаққиқон ҷойи қалъаҳои маҳалли ҳабси Масъудро ба дурустӣ наёфтаанд, аммо махофат ва ҳавлангезии ин ҷойҳоро дар лобалои ашъори Масъуд дармеёбем.

## ДАҲАК ВА СУ

Абдулҳай Ҳабибӣ дар таъликоти китоби «Табақоти Носирӣ» навиштаи Минҳоҷи Сироҷ маҳалли зиндони Даҳакро дар Ҳиндустон дониста ва забтҳои мухталифи номи онро ба кор бурдааст: Даҳмик, Маҳик, Даҳик, Дамик ва Даҳак. Даҳак ҳамон ҷой аст, ки мақтул ва машҳуди султон Муъизиддини Ғурӣ аз подшоҳони силсилаи Ғўриёни Ҳиндустон будааст. Муҳаққиқон аз ду рустои Даҳак ном бурдаад, яке дар вилояти Систон, наздики шаҳри Буст, ки албатта, қалъаи Даҳак дар он ҷо набудааст ва дигар дар Ҳиндустон ва баъзе дигар Даҳакро наздики шаҳри Ғазнин-пойтахти Ғазнавиён донистаанд. Ин русто ва қалъаи он дар дили кўҳҳои саъбулъубур ва хавфнок қарор гирифта буд, ба тавре ки Масъуд метавонист аз миёни кўҳҳо ба заҳмат ситораҳоро дар болои сари худ бубинад, бо ин ҳол гўё қалъаи Даҳак бо ҳама сахтӣ, дар баробари зиндонҳои дигари ў роҳаттар будааст ва чунонки аз як байти дар девони Масъуд ошкор аст, ду нафар ба номи Ризо ва Маҳмуд, ки ҳувияти бештари он ду ошкор нест, ба султон хабар медиҳанд, ки зиндони Даҳак барои Масъуд монанди истироҳатгоҳ аст ва беҳтар аст ўро ба ҷойи саъбтаре мунтақил созанд. Бинобар ин Султон дастур медиҳад то ўро ба қалъаи Су, ки ҷойгоҳе бас сахттар ва бар фарози кўҳе баландтар буд, мунтақил намоянд. Дар ин зиндони сахту торик ва мутаъафин Масъуд пайваста занҷир бар пой дошт. Ҷойи дақиқи ин қалъа ошкор нест, аммо Масъуд дар ин зиндон қасойиди бисёр гуфтааст.

Ман дар ин ҳабс чанд хоҳам буд,
Монда банде гарон чунин бар пой.
Ҳафт солам бикўфт Суву Даҳак,
Пас аз онам се сол қалъаи Ной.
Банд бар пойи ман чу мори дусар,
Ман бар ў монда ҳамчу морафсой.
Нохун аз ранҷи ҳабс рўйхарош,
Дида аз дарди банд хунполой.
Дар Маранҷам кунун се сол буд,
Ки бибандам дар ин чу дўзах ҷой.

Гар маро аз миёнаи зиндон,
Даррабояд ҷаҳони мардрубой.
Бахудо гар дигар чу ман ёбанд,
Пас аз ин ҳеҷ подшоҳситой.
Эй гушода ҳазор бастаи чарх,
Бастаи меҳнати маро бигшой.
Дасти бахшоиши ту нек қавист,
Бар мани пири нотавон бахшой.
Дили ман шод кун ба фарзандон,
Рӯйи он хурдакон ба ман бинмой.

Муддати ҳабси Масъуд дар қалъаҳои Даҳаку Су ба қавли худи ӯ ҳафт сол будааст.

***Ной ва Маранҷ***

Ҷойи қалъаи Нойро дар Ҳиндустон донистаанд, аммо маҳалли дақиқи он номаълум аст. Он чи медонем, ин аст, ки қалъаи охир аз ду қалъаи қаблӣ саъбноктар ва хавфангезтар будааст ва ончунон дар дили кӯҳ қарор дошта, ки Масъуд осмонро ба дурустӣ намедидааст ва он чунон бар баландӣ ҷой гирифта буд, ки бодро бар он гузар набуд, дар ин зиндон буд, ки Масъуд ба ҷойи навиштани рӯйи қоғаз бар рӯйи хокистари нарми уҷоқ, ки онро соф карда буд, менавишт.

Масъуд беш аз тамоми зиндонҳояш аз ин зиндон нолида ва дар ашъори сӯзноке сурудааст.

Нолам ҳаме чу ной ман андар ҳисори Ной,
Пастӣ гирифт ҳиммати ман з-ин баланд ҷой.
Орад ҳавои Ной маро нолаҳои зор,
Ҷуз нолаҳои зор чӣ орад ҳавои Ной.
Гардун ба дарду ранҷ маро кушта буд агар,
Пайванди умри ман нашудӣ назми ҷонфизой.
Аз дидагоҳ пошам дурҳои қимате,
В-аз табъ гаҳ хиромам дар боғи дилкушой.
Аз ранҷи тан тамом наёрам ниҳод пой,
В-аз дарди дил баланд наёрам кашид вой.
Гардун чӣ хоҳад аз мани бечораи заъиф,
Гетӣ чӣ хоҳад аз мани дармондаи гадой,
Масъуди Саъд! Душмани фазл аст рӯзгор,

Ин рӯзгори шефтаро фазл кам намой.

Боз дар дилтангӣ аз ҳисори Ной ва дурӣ аз модару падар ва ҳамсару фарзандон менолад.

Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам,
Ғаму тимори духтару писарам.
Ҳам бад-ин сон гудозадам шабу рӯз,
Ғаму тимори модару падарам.
Ҷигарам пора асту дил хаста,
Аз ғаму дарди он дилу ҷигарам.
На хабар мерасад маро з-эшон,
На бад-эшон ҳамерасад хабарам.
Боз гаштам асири қалъаи Ной,
Суд кам кард бо қазо қадарам.
Камари кӯҳ то нишасти ман аст,
Бар миёни ду даст шуд камарам.
Аз баландии ҳусну тундии кӯҳ,
Мунқатеъ гашт аз замин назарам.
Ман чу хоҳам, ки осмон бинам,
Сар фуруд ораму замин нигарам.

Масъуд миёни сози маъруф-ной ва зиндони Ной пайванде эҷод карда ва ба қавли марҳум Қазвинӣ, ӯ нойро баҳона карда ва бад-ин васила аз зиндони Ной гилаву шикоят намудааст.

Эй Ной, ҳаво буридам аз ной даме,
Ӯро дами гарм буду ту сарддамӣ.
З-ӯ буд маро хуррамӣ, аз ту дижамӣ,
Ӯ нойи нишот буду ту Нойи ғамӣ.

***

Ноландатар аз ноям дар қалъаи Ной,
Ҳамсояи моҳ гаштам аз тундии ҷой.
На табъ маро ба ҷову на дасту на пой,
Эй шоҳи ҷаҳон, раҳм кун аз баҳри Худой.

***

Эй қалъаи Ной, мо дар мулки туе,
Донад, ки кони гавҳар мулки туе.

Имрӯз ба ном ханҷари мулки туе,
Оё дидӣ, ки мо дар мулки туе?

***

Бихусбанд мурғону ту шаб нахуфтӣ,
Магар ҳамчу ман бастаи ҳусни Ной?

***

Бидеҳ инсоф он чӣ мебинӣ,
Ман бигуфтам туро ба қалъаи Ной.

## МАРАНҶ

Ҳабсгоҳи Маранҷ аз ҳама ҷойи саъбтар ва дардноктар буд. Ин ҳамон қалъае аст, ки ба воситаи истеҳком ва дур будан аз дастрас Маҳмуди Ғазнавӣ ганҷҳо ва хазойини худро, ки аз Ҳинд оварда буд, дар он ҷой дода буд ва пас аз марги писараш Масъуд онҳоро ба Ғазнин мунтақил сохт. Ҷойи ин қалъаро низ дар Ҳиндустон зикр кардаанд. Дар ин зиндони махуф ранҷи Масъуд бештар аз ҳар ҷойи дигар буд, зеро ки фарши ӯ пораи бурёе буд ва ғизои ӯ нони кашкин, тоза агар меёфт.

Ба Худо, гар маро дар ин зиндон
Ҷуз яке пора бурё бошад.
Нони кашкин агар биёбам,
Рост гӯйӣ, зи лӯбиё бошад.

Ҳавои ин зиндон чун нафаси аждаҳо гарму бадбӯй буд.

Рост гӯӣ, ҳавои зиндонам,
Деву афъиву аждаҳо бошад.

Ва нигоҳбони ӯ сангдилу бераҳм ва гароне банду занҷир ба шиддат озораш медод.

Мар-маро гӯӣ аз гаронии банд,
Пой дар санги осиё бошад.
Пеши чашм ор ҳоли ман, чу маро
Ҷумла ин баргу ин наво бошад.
Ҳабсро зодаму маро гӯӣ
Ранҷу ғам модару ниё бошад.
Шоир охир чӣ гӯяду чӣ кунад,
Ки аз ӯ фитнаву бало бошад.

*Ва дар ҷои дигар аз гаронии банд шиква дорад:*

Бар санги хора банди гаронам чунон бидӯхт,

К-аз бори он бимондам бар санг сангвор.

***

Аз гӯшти пур карда маро ба ду соқи пой,
Ин мор буда, оҳан гашта газанда мор.

Хоқонии Шервонӣ низ, ки муддате дар зиндон ба сар бурда ва қасоиди ҳабсияи сӯзнок дорад, ашъоре наздик ба ҳамин мазмун дар бораи занҷири пойи худ дорад.

Мор дидӣ дар гиё печон, кунун дар ғори ғам,
Мор бин печида ба соқи гиёосои ман.
Аждаҳо бин, ҳалқа гашта, хуфта зери доманам,
З-он наҷунбам тарсам огаҳ гардад аждарҳои ман.
Дасти оҳангар маро дар мори заҳҳокӣ кашид,
Ганҷи Афридун чӣ суд андар дили донои ман.
Чун канори шамъ бинӣ соқи ман дандонадор,
Соқи ман хойид гӯӣ банди дандонҳои ман.
Пойи ман гӯӣ ба дарди качравӣ мохуз буд,
Пойро ин дарди сар буд аз сари савдои ман.
З-он ки доғи оҳанин охир давои дардҳост,
З-оташин оҳи ман оҳан доғ шуд бар пои ман.

Ногуфта пайдост, ки дар шеъри Хоқонӣ сӯзи банд ва дарди зиндон дардмандонатар баён шудааст, ҳарчанд ки ранҷи ҳабси ӯ беш аз ҳафт моҳ ё яксол набудааст, аммо дар ҳабс аст, ки рӯзе солеву соле қарне менамояд ва табиӣ аст, ки Масъуди Саъд дар ин ҳаҷдаҳ ё нуздаҳ соли ҳабс дарду ранҷи бисёрро таҳаммул кардааст. Дар зиндони Маранҷ ҳатто ду хидматкоре, ки маъмури расидагӣ ва хидмат ба ӯ будаанд, низ аз беқувватӣ рамақ дар тан надошта ва аз сар бар худ меларзидаанд, зеро либосе муносиб ба тан надоштаанд ва хӯроки онҳо ҳар се тан се рӯз якбор як мани говрас (арзон) будааст.

Гар хурдание ёбам ҳар ҳафта яке рӯз,
Аз даст маро косаву аз зону хон аст.
В-ар ҳеҷ ба зиндонбон гӯям, ки чӣ дорӣ,
Гӯяд, ки махур ҳеҷ, ки моҳи рамазон аст.
Гӯям-ш, ки беморам рав, шарбату нон ор,

Ханда занаду гӯяд: худ кор дар он аст.
Ҳарчанд ки маҳбус аст ин бандаи мискин,
Бе нон назияд ҳар ки чу банда ҳаявон аст.
Бадбахт касеам, ки аз он чандон неъмат,
Имрӯз ҳама қиссаи ман қиссаву нон аст.

Дар ҳақиқат, он гоҳ ки Масъуд аз торикии зиндон ва дарду ранҷу вожгунбахтии худ менолид, ҳеҷ диле нест, ки дардманд нашавад ва касе нест, ки мутаассир нагардад.

Чу боди дай дами ман сарду дам наёрам зад,
Ки дил ба тангӣ мим асту тан ба кажжӣ дол.
Дар ин ҳисору дар ин самҷи тореам, ки ҳаме
Наёрад омад наздики ман зи дӯст хаёл.
Зи ранҷ ларзон чун барги ёфта осеб,
Ба дард печон чун мори кӯфта дунбол.
Дилам зи меҳнати ӯ хун шуду ҳаме гирям,
Ҳама шаб аз ғами авроту андӯҳи атфол.
Танам ҳанӯз нагашта суст ҳам ба пирӣ, пир,
Валек рӯйе дорам чу рӯйи золе зол.
Нигоҳ кун, ки чӣ гуна зияд касе дар ҳабс,
Ки фаршу ҷомаи ӯ аз билол бошаду шол.
Зи кас нанолам, ҷумла ман аз ҳунар нолам,
Аз он ки бар тани ман ҷуз ҳунар нагашт вубол.
Дарахти ман, ки ҳаме соя бар ҷаҳон густурд,
Наёфт обу ҳама хушк шуд ба истисол.

Нолаҳои дигари Масъуд дар ин мақола намеғунҷад. Аммо дар бораи ҳабсҳои ӯ чӣ гуна бояд қазоват кард.Ӯ, ки илова бар шоирӣ далере бебок ва диловар, чолок буд ва худ дар баъзе аз абёт бад-ин матлаб ишорат дорад. Сухан ин ҷост, ки Масъуд воқеан сазовори ин банду занҷир буд? Агарчи табъе қавӣ ва ҳиммате баланд дошт, ҳиммати баланд ва маноъати табъ, ки аз лавозими кори шоирӣ аст. Аммо ҳиммати баланд ва сар соидан ба афсари хуршед то сар соидан ба остони хокиён, замин то

осмон тафовут дорад. Масъуд дар қасоиди худ ончунин подшоҳони бераҳм ва сангдили Ғазнавиро сутудааст, ки имрӯз одамӣ бо хондани онҳо наметавонад шармгин нашавад, агар бигӯем, ки мадҳ дар он замонҳо пойгоҳе барои амнияти шоир ва паноҳгоҳе барои ӯ ба шеъраш будааст, мебинем, ки Масъуд аз ин паноҳгоҳ амнияте наёфт, бо ин ки на танҳо дар ҳангоми фароғат ва озодӣ, балки дар қасоиди ҳабсияе, ки дар зиндон сурудааст, низ аз мадҳ ва ситоиш ва илтиҷо рӯй барнатобидааст. Пас, чӣ чизе ӯро мустаҳақи банду занҷир ва кундаву зиндон сохтааст? Худ гуфтааст, қурбу манзалат дар дарбор ва сипас доштани ҳукумати Чоландар ба ҳасодати бадхоҳон, майдон дода, то дар ду навбат масъалаи ба зиндон рафтанашро ҳимоят кунанд. Гуфтааст: Ғурури ман боиси фиреби ман шуд. Гуфтааст: Ба ман гуфтанд: шодхориву мастиву комгирӣ камтар кун, аммо ман эътимод ба санои султону ҳимояти девон, эътиное ба ҳарфи дигарон намекардам. Лекин баъдҳо аз ин ғуруру мастӣ чунон пушаймон шуд, ки худро аблаҳ ва нодону говриш хонд, ки чаро то кунун ба дунболи илм рафтааст. Фарзандаш Саодатро панд медиҳад, ки мабодо ба дунболи фазлу ҳунар биравад, ки ба дунболи фазлу ҳунар рафтан ҷуз бадбахтӣ дар пай нахоҳад дошт ва ба ӯ тавсия мекунад, ки агар ба дунболи фазлу ҳунар биравад, бахраи ӯ гуруснагӣ ва дарбадарӣ хоҳад буд ва ин суханонро дар ҷавоби қасидаи Муҳаммад Хатибӣ, ки муддате бо ӯ дар ҳабс буда ва сипас озод шуда баён медорад ва аҳд мебандад, ки агар аз ҳабс наҷот ёбад, ба нону ҷома қаноат кунад ва ин қасида воқеан дардноку сӯзнок аст.

Манам, ки ушре аз умри шуми ман нагузашт,
Магар ба меҳнату дар меҳнатам ҳанӯз эдар.
Ба ҷой мондаам аз бандҳои сахти гарон,
Заъиф гаштаам аз ранҷҳои бас мункар.
Навону суст шуда рӯям аз тапонча кабуд,
Дар оби дида намонам магар ба нилуфар.
Балову меҳнату андӯҳу ранҷу меҳнату ғам,
Дамодаманд ба ман бар чу қатраҳои матар.
Чаро ба умр чу кафтор бастаам доранд,
Агар якеам азумматони пайғамбар.

Чу ҳоли фазл бидидам, ки чист, бигзидам
Зи кор пешаи ҷулоҳагӣ барои писар.
Бад-ӯ навиштаму пайғом додаму гуфтам,
Ки эй Саодат дар фазл ҳеҷ ранҷ мабар.
Агар саодат хоҳӣ, чу номи хеш ҳаме
Ба сӯи накс гарою тариқи ҷаҳл сипар.

Ва дар қасоиди дигаре менолад, ки:

Чун умедам бурида шуд зи халос,
Чӣ нависам зи ҳоли худ дигар?!
Ҳоли тифлони ман чӣ гуна бувад,
Гар расадшон зи ман ба марг хабар.
Беш аз ин ҳоли худ нахоҳам гуфт,
Розиям, розиям ба ҳар чи батар.

Аммо Масъуди Саъд як шоири баландовоза ва гирем, ки борҳо «лафзи дурри дариро ба пои хукон рехт», лекин аз ин хукон ҳам дили хуше надошт ва гоҳ-гоҳ дар лобалои абёти қасоид ба рагаҳое аз шақовати онон бармехӯрем, ки дар канори мадеҳаҳо ҷой гирифтанд ва албатта, баррасию таҳлили мадеҳи шоирон ба фурсате бештар ниёз доранд.

## БОБИ 12

## КОРҲОИ ХАТТӢ, МАХСУСИЯТ ВА МЕЪЁРҲОИ ОНҲО АЗ ФАННИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Корҳои хаттӣ ва ҳунари эҷоди онҳо дар таълими адабиёт мавқеи муҳим ва арзиши зиёд дошта, дар ташаккули тафаккур, ҷаҳонбинӣ, нутқи шифоҳию хаттӣ ва дараҷаи саводнокии хонандагон нақши созанда мебошанд. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки саводнокӣ ва нутқи хаттию

шифоҳии хонандагон яксон набуда, аксаран ниҳоят пурғалат аст, дар навишт хатоҳои зиёди услубӣ, имлоӣ ва китобатӣ содир менамоянд. Аз ин сабаб баёни фикр ва нутқи хонандагон ниҳоят заиф ва хушк буда, равон ва мантиқӣ нест. Омилҳои ба ин вазъ гирифтор шудани ҷомеа гуногун аст ва бештар ба истифода нагардидани роҳу усулҳои самараноки таълим, аз мутолиаи асарҳои бадеӣ дур шудани афроди ҷомеа, риоя нагардидани меъёрҳои гуфтугӯии забони адабӣ ва истифодаи шеваҳои гуногун алоқаманд мебошад.

Корҳои хаттӣ марбут ба адабиёт навъҳои гуногун доранд, ки аз инҳо иборат мебошанд: аз рӯи матн мураттабсозии нақша ва фикри хонанда, навиштани ҷавоби хаттӣ ба саволҳо, рӯйнависи қисмати матн ва ё иқтибоси асар, тавсифнома, мақола, тезис, тақриз, маърӯза, реферат, кори курсӣ, рисолаи хатм, кори дипломӣ, нақли хаттӣ ва иншо. Аз ҳама навъҳои кори хаттии адабиёт иншо ва нақли хаттӣ ҷойгоҳи намоён ва нақши босазо доранд.

Иншонависӣ ҳамчун усули санҷиши савод дар таърихи маорифи тоҷик танҳо баъди Инқилоби Октябр шурӯъ шуд. Ҳарчанд ҳунари навиштанро аҷдодони мо давоми асрҳо ривоҷ додаанд ва қимати онро аз ифодаву баён муҳимтар ҳисобидаанд, тарзу роҳи иншонависиро дар алоҳидагӣ дар барномаҳои мактабу мадрасаҳо таълим нододаанд. Дар ин робита Масъуди Саъди Салмон таъкид намудааст:

Навиштан зи гуфтан муҳимтар шинос,
Ба гоҳи навиштан ба ҷо ор ҳуш.

Муназзам ва мантиқӣ хондани матни асар ба хонанда имконият медиҳад, ки фикрашро дуруст баён кунад, услуби нигориш ва малакаи далеловариро тақвият бахшад, мушоҳидакорӣ, тавлиди андеша, ангезаи зеҳн, малакаи хониши бошууронаро инкишоф диҳад ва дар маҷмӯъ дониш ва савод омӯзад. Дар муайян ва дарк намудани усулҳои инкишофи малакаҳо, мақсад ва вазифаҳои навишт омӯзиши забону услуби асарҳое чун «Ҷомеъ – ул – ҳикоёт», «Самаки

айёр», «Бӯстон» - у «Гулистон» - и Саъдӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҳатмӣ дониста шудани иншо ҳангоми имтиҳони дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ амри воқеист.

Чаро хатмкунандагони мактаб ва дохил шавандагони мактабҳои олӣ иншоро имтиҳони душвортарин меҳисобанд? Ин ҷо сабабҳои воқеӣ ва ғайривоқеӣ мавҷуданд. Вале дониши хуб аз фанҳои адабиёт ва таърих, ҳунари фикри худро мантиқан дуруст, равшан баён карда тавонистан бошад, маълум мешавад, ки навиштани иншо на он қадар душвор аст, ки хонандагон тасаввур мекунанд.

Баъзе норасоиҳои асосии хонандагонро ҳангоми навиштани иншо хотиррасон мекунем: такроргӯӣ (рӯйбардоркунӣ), муғлақбаёнӣ ва адабгуфтории ноҷо, ки дар ин бобат таъсири баъзе китобу дастурҳои солҳои охир дида мешавад; ба ҷойи таҳлил баёни мазмуни асар; аз ҳад танг ё фарох гирифтани домани мавзӯъ; парешонгӯӣ; надонистани истилоҳоти адабиётшиносӣ; оҷизӣ дар баёни фикр; камбағалии забон; набудани пайдарҳамии мантиқӣ; хатоҳои услубӣ; баёни хушку холӣ ва беобу ранги мазмуни асари бадеӣ...

Бо истифодаи ҳамаи ин таҷрибаҳо моро лозим меояд, ки шакли намунавии иншоро ба вуҷуд оварем. Ҳарчанд ки иншо кори эҷодист, шаклу услуби ягона надорад. То ба имрӯз дар бораи қоида, шакл, мундариҷа, талаботи иншо дар ягон китоби дарсӣ маълумоти пурра пайдо кардан мумкин нест. Чанде китоб дастурҳои таълимӣ барои омӯзиши иншонависӣ ҳастанд, ки онҳо ҳам танҳо баъди солҳои 90-ми асри гузашта ба майдон омадаанд. Манфиати ин дастурҳоро касе инкор намекунад. Хусусан, дастури методии Латофат Сироҷева «Таҷдиди назар ба иншо ва иншонависӣ» аз ҷиҳати фарогирии маълумоту маслиҳатҳои муфид оид ба қоидаҳои иншонависӣ, интихоби намунаи иншоҳо назаррас мебошад. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи омӯзгории хеш оид ба назари

мутахассисон дар бораи иншо, мушкилоти он, тақсимбандии иншо, шарҳи ҳар қисмати он маслиҳатҳои судманд додааст. Илова ба ин, дар ин китобча намунаҳои беҳтарини иншоҳои талабагӣ ҷамъ оварда шудааст. Бартарии дигари дастури мазкур аз он иборат аст, ки чанд варианти як иншо пешниҳод гашта, онҳо бо ҳам муқоиса шудаанд. Баробари ин, хатоҳои услубии иншои қолабӣ нишон дода, шакли дурусти баёни фикр оварда шудааст. Дар дастур намунаи иншоҳо аз дафтари талабагӣ оварда шудаанд, аз ин рӯ, хоси фаҳмишу ҷаҳонбинии хонандагон мебошанд.

Мутаассифона, дар дастурҳои дигар талаботи мазкур риоя нашудааст. Дар сарсухани ин китобҳо оид ба аҳамияти иншо, қисматҳои он андешаҳои ҷолиб баён шудаанд. Вале норасоии асосӣ он аст, ки намунаҳои иншо маҳсули фикру андеша ва қалами талаба нестанд. Муаллифон иншоҳоро тибқи фаҳмишу ҷаҳонбинии хеш интихоб кардаанд.

Ба болои ин, олимон тамоми ҳунарашонро кор фармуда, аз вожаҳои илмӣ, китобӣ фаровон истифода кардаанд, ки на танҳо хонандаи мактаб, балки шахси калонсол низ баъзеи онҳоро намефаҳмад. Бовари кас намеояд, ки хонандаи мактаб чунин ҷумлаҳои печдарпеч, калимаҳои душворфаҳмро ба ёд овардаю навишта тавонад.

Чунончи, дар дастури «Иншо бинависем» (муаллиф Умар Сафар) навиштаҳое ҷой дода шудаанд, ки ба талаботи иншои хонанда на ҳамеша ҷавоб медиҳанд. Аз ҷумла, дар иншое дар мавзӯи қасидаи «Шикоят аз пирӣ» - и Рӯдакӣ калимаву ибораҳо аз қабили **авомил, барандоз, сарсупурдагӣ, умқ, аъмол, ғариза, лаҳазот, тардид, мабзул, тааммул, тааммуқ, таҳаввул, мунъакис** ва ғайра истифода шудаанд. Устодони азиз, лаҳзае худро дар ҷойи хатмкунандаи мактаб гузоред. Оё ӯ метавонад, дар як муддати маҳдуд чунин калимаҳоро ба ёд орад? Баъдан фаромӯш набояд кард, ки адабгуфтории зиёд касро аз мақсад дур месозад. Яке аз ҳадафҳои иншо ба фикрронӣ ҷалб намудани хонанда, омӯзонидани малакаи баён карда

тавонистани фикр аст. На ёд додани адабгуфтории бемаъниву зиёдатӣ. Чунин усул як вақтҳо, хусусан дар асри 19 расм буд. Он услуб ҳамон вақт ва имрӯз ҳам ягон ҷиҳати хуб ва манфиатбахш надошту надорад. Аз мутолиаи намунаи иншоҳои дар дастурҳо ҷой додашуда маълум мешавад, ки онҳоро талаба нанавиштааст. Олимони тоҷик чунон аз ҷаҳонбинии талаба дур шудаанд, ки дар иншое, ки мавзӯаш достони Рустаму Сӯҳроб аст, чунин ҷумла овардаанд: **«Амали нахустини ӯ (Рустам) дар ҳолати мастӣ бо Таҳмина издивоҷ намудани вай аст, ки оқибат ба фоҷеа анҷом ёфт»** (аз дастури «Иншо бинависем»).

Нахуст, ин андеша баҳсталаб аст. Баъдан, барои олим ва эҷодкор ғайри ёфтани гуноҳҳои Рустаму кӯрии Рӯдакӣ дигар мавзӯе нест магар?! Дар натиҷа онҳо на танҳо баъзе ақидаҳои нодурусту шахсии худро ба гардани хонанда бор мекунанд, балки онро ба китоби дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ворид сохта, аз забони мактаббачаи бегуноҳ гуфтанӣ мешаванд. Ҳамин тавр, дар баробари намунаҳои хуби корҳои эҷодӣ дастурҳои сохтаю бофта низ хеле зиёд шуданд.

Оё иншо зарур аст? Ин саволро баъзе мактаббачагон, ҳатто калонсолон низ медиҳанд. Ҷавоб медиҳем: Имтиҳони иншо барои он лозим аст, ки:

1. Дараҷаи саводи муҳассилинро дақиқ аён месозад;
2. То чӣ андоза мантиқан, мустақилона фикр кардани шахс маълум мешавад;
3. Дониши аз худ намудаи хонандаро қавӣ месозад;

Талаботи иншо кадомҳоянд?

1. Мувофиқат ба мавзӯъ;
2. Мазмуннокии иншо;
3. Исбот карда тавонистани фикри худ;
4. Тибқи нақша, пайдарҳам омадани ҷумлаҳо;
5. Мустақилият;
6. Услуби хос;
7. Ба матни асар мутобиқат кардани эпиграфу иқтибосҳо;

8. Аниқии фактҳои адабӣ ва таърихӣ;

9. Риояи қоидаи имло, меъёрҳои забони адабӣ ва саводи грамматикӣ – услубӣ.

Баъзе аз ин талаботро алоҳида – алоҳида шарҳ медиҳем:

***Мувофиқати мавзӯъ***

Барои хуб эҷод шудани иншо талаботи асосӣ нағз донистани мавзӯъ аст. Бисёриҳо мавзӯъро надониста, дар бораи ин ё он мавзӯъ иншо менависанд. Яке аз нишонаҳои хуб донистани мавзӯъ пайдо карда тавонистани **«калимаи калидӣ»** аст.

Калимаи калидӣ чист? Фарз кардем, ки номи мавзӯъ «Симои Фирдавсӣ дар романи «Фирдавсӣ» - и С. Улуғзода» аст. Дар ин мавзӯъ калимаи калидӣ **симо ва шахсияти Фирдавсӣ** аст, ки дар роман мақсади асосии нависанда ба он нигаронида шудааст.

Ё ин ки аз адабиёти рус дар иншое, ки мавзӯаш «Евгений Онегин» - и А. С. Пушкин аст, калимаи «энсиклопедия» **калимаи калидӣ** аст. Зеро В.Г. Белинский дар вақташ ин асарро «энсиклопедияи ҳаёти рус» номида буд. Чаро? Зеро нависанда тавонистааст урфу одат, анъана, тарзи ҳаёти мардуми ашрофи русро дар асри 19 ба таври барҷаста инъикос созад.

Дар мавзӯи «Дувозаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ ва «Ҷанг ва сулҳ»-и Л. Толстой **калимаҳои калидӣ** «роман – эпопея» ва «махсусияти жанрӣ» мебошанд. Жанри ин асарҳо, бешак, роман – эпопея аст. Иншонавис бояд ҳамин махсусиятро исбот карда тавонад. Дар роман – эпопея ҳамчун жанри алоҳида хусусиятҳои зер ба назар мерасанд: инъикоси воқеаҳои таърихӣ; шумораи зиёди иштирокчиён ва хатти сужети фарогир; тасвири қишрҳои гуногуни ҷомеа, фарохии вақт.

Агар мавзӯи иншо «Шоир ва шеър дар осори Турсунзода» бошад, калимаҳои калидӣ **шоир** ва **шеър** мебошанд. Бояд хотиррасон кард, ки ин мавзӯъҳо дар адабиёт мавзӯи анъанавӣ мебошанд. Он дар асарҳои аксар

шоирон чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Пушкин, Лермонтов, Некрасов, Лоҳутӣ, Маяковский, Турсунзода, Муъмин Қаноат ва дигарон акс ёфтаанд. Барои хуб баромадани иншо метавон аз унвони асарҳои ҷудогонаи ин шоирон ва ашъори шоирони машҳур ёдовар шуд.

Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ ва ёфтани калимаи калидӣ қадами аввалин аст дар кори навиштани иншо.

***Мазмуннокии иншо***

Масъалаи дигари муҳим интихоби лаҳза ё воқеа аст. Барои иншо вақти кам ҷудо мешавад. Довталаб бояд дар муҳлати маҳдуд лаҳзаи зарурӣ, муҳимро, ки хислати асосии қаҳрамон ё маънии асарро хуб ифода карда метавонад, пайдо намояд. Чунончи, барои ин ки мавзӯи «Эҳтироми падар» дар романи К. Мирзоев «Дар орзуи падар» кушода дода шавад, мо бояд ҷараёни ҳодиса, мақсади нависандаро хуб донем. Ин лаҳзаҳо кадомҳоянд?

1. Таваллуди Меҳрубон ва шодии қаҳрамон;
2. Риштаи мустаҳками байни аъзои оила;
3. Ғуссаи падару модар аз бемории фарзанд;
4. Ба ҷустуҷӯи падар баромадани фарзанд;
5. Азоби бепадарӣ;
6. Риштаи ногусастании оилавӣ, ки новобаста ба душвориҳо Меҳрубонро боз ба назди падар овард.

Агар иншо дар мавзӯи «Таърихи муҳаббати Евгений Онегин» бошад, чунин лаҳзаҳои муҳими муҳаббати онҳоро ба ёд меорем:

1. Ишқ ҳамчун ҳисси нозуки инсонӣ;
2. Шиносоии қаҳрамон бо оилаи Татяна Ларина, таассуроти Онегин аз вохӯрӣ бо Татяна;
3. Мактуби Татяна ва руҷӯи Онегин;
4. Саҳнаи ҳунар ва дуэл;
5. Эҳёи қаҳрамон;
6. Вохӯрӣ дар Санкт - Петербург;
7. Вохӯрии охирин.

Дар таҳлили мавзӯъҳои дигар низ аз чунин намуна метавон истифода бурд.

## Нақша ва мантиқу пайдарҳамии фикр

Иншо дар асоси нақша бояд мақсаднок ва мантиқӣ мураттаб гардад. Нақша тарҳи муайяни иншои хуб аст. Таҳияи нақшаи иншо маънои ба қисматҳо муназзаму мантиқи дарҷ намудани андешаро дорад. Ҳар як қисмати иншо мақсад ва ва вазифаҳои муайян дошта, дар алоқамандии ҳамдигар мазмун ва муҳтавои иншоро тақвият мебахшад. Қисмат, боб ва зербобҳо (прграфҳо) ҷудогона номгузорӣ мешаванд ва дар умум маънои том ва ягонаи кори эҷодиро таъмин менамоянд. Тамоми фикру андеша дар атрофи мавзӯъ асоснок ва бо далелҳои мушаххас исбот бояд шавад. Яъне, ягон ҷумла «тарошаи аз бом афтода» набошад. Факту рақамҳо, мисолҳо аз асар, гуфтори мунаққидон, фикрҳои шахсии иншонавис мазмун ва мантиқи асосии иншоро пурра созанд.

Хонандагон мепурсанд: оё дар иншо нақша шарт аст? Нақша аслан шарт нест, вале ба фикри бисёр мутахассисон бе нақша навиштани иншои муназзаму мантиқӣ ва бутун душвор аст. Ба назари мо, як ҷиҳати хуби нақша аз он иборат аст, ки он барои пайдарҳамӣ ва мантиқӣ баромадани фикр кумак мерасонад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки нақшасозиро ёд гирем. Бигзор нақша ба таври пешнавис бошад. Нақша, агар ҳамеша дар пеши чашми нависанда аён бошад, ӯ аз мавзӯъ дур намеравад, фикр ва далелҳоро аниқ баён мекунад.

Нақшаи иншо аз се қисмати асосӣ иборат аст:

1. Муқаддима.
2. Қисми асосӣ бо фарогирии боб ва зербобҳо.
3. Хулоса ва натиҷагирӣ.

Сохтор ва шакли иншо, яъне компазитсияи он бояд дар асоси риояи мантиқии нақшаи иншо сурат гирад. Муқаддима, сарсухан ва хулоса ҳамчун қисм ва ё боби нақшаи иншо ҳисобида намешаванд.

## Пешнавис барои чист?

Вобаста ба нақша саволи дигар низ ба миён меояд: Оё шарт аст навиштани пешнавис (сиёҳнавис)? Шарт аст. Пешнавис барои он лозим аст, ки иқтибосҳо аз ёд нараванд. Албатта, пурра як бор пешнавис кардани иншо ва баъд покнавис (тозанавис) кардани он зарурият надорад. Зеро мумкин вақт камӣ кунад. Вале хуб аст, ки баъзе фикрҳои асосӣ дар пешнавис навишта шаванд.

Пешнавис фоидаи дигар ҳам дорад. Агар шумо дар покнавис ягон хатои грамматикӣ, ё синтаксисӣ карда бошеду дар сиёҳнавис он хато набошад, метавонед коратонро дуруст шуморед. Зеро одатан дар ин ҳолат хатои дар покнавис омада ба назар гирифта намешавад.

## Дурустии эпиграф ва иқтибосҳо

Эпиграф калиди маъноии асари бадеист. Агар он дуруст ёфта шавад, ба манфиати кор аст. Бо вуҷуди ин, эпиграф шарт нест. Чизи муҳим дар иншо дуруст ва аниқ овардани иқтибос аст.

Бисёр вақт хонандагон суол медиҳанд: иқтибос бояд чандто бошад, чӣ бояд кард, агар тамоми гуфторро дар ёд надошта бошӣ? Ҷавоб медиҳем. Дар иншо иқтибос аз 4 – 5 адад набояд кам бошад. Дар ин ҳолат шарт нест, ки тамоми як порчаи бутун ҳарф ба ҳарф оварда шавад. Басанда аст, ки мазмуни ҷумлаҳо нигошта шавад. Иқтибосҳо метавонанд дар дохили ҷумла оянд. Ҷумлаҳоро қориазёд кардан, ақидаи бегонаро чун ақидаи худ баён кардан дуруст нест.

## Қоидаҳои иқтибос

1. Иншоро аз иқтибос пур накунед;
2. Иқтибос метавонад ба шакли сухани бевоситаи қаҳрамон бошад;
3. Метавонед, дар ҳолати ба ёд оварда натавонистани калима ва ҷумлаю мисраъ ба ҷойи он сенуқта монда

фикратонро идома диҳед, вале шарт он аст, ки маънии ҷумла ва ё фикри том вайрон нашавад;

4. Агар ба аниқии калима ё маънӣ пурра бовар надошта бошед, метавонед ба ҷойи он калимаи ҳаммаъноро истифода баред.

Иқтибос зеби иншо аст, бо кумаки он маънию ғояи асари бадеӣ равшан инъикос меёбад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки хатоҳои маъмулӣ дар иншо аз услубӣ, грамматикӣ, синтаксисӣ иборатанд. Дар бораи баъзеи онҳо истода мегузарем.

Чи тавре мегӯянд, як сухан сесаду шасту шаш паҳлу дорад. Бинобар ин, иншонависро лозим аст, ки маъноҳои калима, истифодаи онро донад.

Кӯшиш кунед, ки аз калимаҳои калкавӣ, забонзад, умумӣ, ба монанди «ба фикри ман», «ман фикр мекунам, ки», «масалан», «шояду бояд», «эҳтимол», «дар ҳақиқат», «шоири бузург», «шоири ширинсухан», «намояндаи бузурги» ва ғайраҳо дурӣ ҷӯед. Аз такрор ва умимибаёнӣ, носаҳеҳ суханчинӣ, истифодаи калимаҳои арабӣ, ҷамъбандиҳои арабӣ, калимаҳое, ки хоси забони тоҷикӣ нестанд, ҳазар намоед. Ҳоло расм шудааст, аксарият кӯшиш мекунанд, ки барои ифодаи фикр калимаи зебо ёбанд. Меёбанд, вале он як калима иншоро зеб намебахшад, зеро дар ҷояш наомадааст.

Хато дар далелҳо ҳамон вақт пайдо шуданаш мумкин аст, ки агар хонанда бо асар, эҷодиёти нависанда, давраи зиндагии вай дуруст шинос набошад.

Чунончи, дар иншо чунин ҷумла омаданаш мумкин аст: «Гогол муқобили коммунистон буд», «Рӯдакӣ «Шоҳнома»-ро азёд медонист»...

Ё метавонад, рақамҳо хато бошанд: «Дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1942 – 1945 Шолохов иштирок кард», «Воқеаҳои дар асари Аҳмади Дониш тасвирёфта дар асри 18 рӯй дода буданд»...

Дар ному насаби нависандагон, қаҳрамонон низ хато шуданаш мумкин аст.

Баъзан сухани як қаҳрамон ба қаҳрамони дигар нисбат дода мешавад. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки хонанда бо асар ба хубӣ шинос нест.

Дар иншо хатоҳои имлоӣ аз ҳама зиёд ба чашм мерасанд. Чӣ тавр онро кам кардан мумкин? Ҳар як иншонавис бояд қоидаи зерро фаромӯш накунад: **Ба дурустии калима бовар надорӣ, истифода набар.**

Тарзи навишти калимаҳои серистифодаро бояд беҳтараш азёд донист. Хуб мешуд, ин калимаҳоро ҳар як хонанда барои худ навишта гирад. Аз зиёд навиштани калима шакли он дар ёд мемонад. Бисёр вақт хатоҳои грамматикӣ аз як дафтари талабагӣ ба дафтари дигар мегузаранд. Бинобар ин, ҳар як талаба бояд кӯшиш кунад, ки шакли дурусти калимаҳои серистеъмолро ба дафтараш рӯйбардор намояд.

## Намудҳои иншо

Ин тақсимот то андозае нисбӣ аст. Дар як иншо метавонад хусусияти гуногун ба чашм расад. Чанд намуди иншоро мавриди назар қарор медиҳем.

1. Иншо аз рӯи тасвир.
2. Иншо аз рӯи нақл.
3. Иншо дар мавзӯи озод.
4. Эссе (иншои кӯтоҳ).

Тасвир қисмати алоҳидаи ҳар як асари бадеӣ буда, дар дохили андеша метавонад истифода шавад ва номбар кардани сифати асосии предмет (ашё, одам, ҳайвонот, ҳодиса... ) мебошад.

Дар бораи иншо аз рӯи нақл дар мактаб хонандагон баъди хондани ҳикоя тасаввурот пайдо мекунад. Вале иншо ба тарзи ҳикоя дар имтиҳонҳои дохилшавӣ кам ба назар мерасад.

Ҳангоми омӯзиши сохтори ҳикоя ҳамчун намуди жанри бадеӣ хонандаи хушсалиқа дар бораи тарзи баёни образноки фикр маълумот пайдо карда, кӯшиш мекунад, фикру ақидаашро ба таври бадеӣ ва образнок ифода намояд ё нақл кунад. Дар натиҷа иншо ба намуди нақл эҷод мешавад.

Дар он хонанда метавонад, оид ба зиндагиномаи қаҳрамон муфассал нақл кунад. Дар чунин намуди иншо барои хонанда имконияти васеъ пайдо мешавад.

Ин навъ иншо озодона аз рӯи тасвири манзара ва ё ҷузъиёти муайян сурат мегирад ва дар замони муосир хеле зиёд ба чашм мерасад. Дар имтиҳонҳои дохилшавӣ аксари довталабон дар мавзӯи озод иншо менависанд. Солҳои пеш баръакс фақат хатмкунандагони болаёқати мактабҳо ба навиштани андеша аз рӯи тасвир ҷуръат мекарданд.

Иншо дар мавзӯи адабиёт дар жанрҳои гуногун буда метавонад. Масалан, андешаҳо дар бораи китоби хондашуда, мақолаи бадеӣ – адабиётшиносӣ ва ё шарҳи мухтасари адабӣ.

Бинобар ин, шиносоии хонанда бо адабиёти бадеӣ ва дастурҳои методӣ аз аҳамият холӣ нест.

Дар асри авҷи илму техника рӯй овардан ба ҳунари иншонависӣ гувоҳи аҳамияти бузурги он дар тарбияи насли наврас аст. Моро лозим меояд, ки насли ҷавонро ба сухангӯӣ, китобхонӣ, фикри худро баён карда тавонистан ҳидоят намоем. Роҳи асосӣ дар ин бобат талқини иншонавист. Баъдан, беҳтар аст, хонандаро ба ҳолаш гузорем. Бигзор, дар қадами аввалин, ҳар чиз мехоҳад, нависад. Аслан, иншонависӣ аз кӯдакӣ оғоз меёбад. Мураббия ашёеро нишон дода номи онро мепурсад, ин аст қадами аввал. Баъдан, нақл, диктант ва сипас, дар синфҳои болоӣ – иншо.

Ҳамаи он чи гуфтем, давраи тайёрӣ ба имтиҳон ба ҳисоб меравад. Албатта, пеш аз имтиҳон асари бадеиро пурра хондан, таҳлил намудан, дар хотир нигоҳ доштан душвор аст. Бинобар ин, ба иншонависӣ пешакӣ тайёр мешаванд.

Вақте давраи тайёрии пешакӣ паси сар мешавад, имтиҳон дар пеш аст, аз маслиҳатҳои амалии зер метавон истифода бурд:

1. Номи мавзӯъҳои иншоро оромона хонед, таҳлил намоед, ки ба кадомаш беҳтар тайёред. Ҳамонашро интихоб намоед, ки ба фаҳмиши шумо наздик аст.

2. Дар пешнавис нақшаи тахминии корро созед. Агар ба назар намояд, ки вақт танг аст, бе даромади сухан ва охирсухан дар пешнавис ба ифода кардани мақсади асосӣ, яъне қисмати асосии иншо сар кунед.

3. Кӯшиш кунед, ки гуфтаҳо, иқтибосҳо, гуфтаи мунаққидон, ҳамдавронро ба ёд оваред ва нависед. Ин барои далелнок кардани фикр, баёни андешаи шахсӣ кумак мерасонад.

4. Кӯшиш кунед, аз нақша берун набароед, дар атрофи ғояи асосӣ, ки онро бояд исбот намоед, мулоҳиза ронед. Аз такрори тезис – мақсади асосиатон натарсед, метавонед онро чанд бор ба тарзи дигар такрор кунед.

5. Дар бораи сарсухан ва охирсухан.

Сарсухан барои чӣ лозим аст? Нахуст, он бояд таваҷҷуҳи хонандаро ба чизи навишта бедор кунад. Дуюм, баъзан чунин зарурият ба миён меояд, ки худи иншо - андеша сарсуханро металабад.

Охирсухан барои он лозим аст, ки андешаҳо дар атрофи тезиси муайян бошанд ва онҳоро ҷамъбаст карда шавад. Он ҷамъбасти мухтасари андешаҳои муаллиф мебошад.

Сарсухан ва охирсуханро баъди тамом кардани пешнавис ҳам метавон навишт. Дар ин ҳолат сарсухан ва охирсухан якбора дар покнавис навишта мешаванд.

Баъди он ки иншоро навишта тамом кардед, кӯшиш намоед, ки на кам аз як бор онро тафтиш намоед. Дар тафтиши аввал диққатро бештар ба рафти андешаронӣ, мантиқи сухан, риояи қоидаҳои забони адабӣ равона созед. Дар дафъаи дуюм танҳо ба ёфтани хатоҳо (грамматикӣ, имлоӣ, пунктуатсия) шуғл варзед.

Як роҳи осони тафтиши савод аз ҷумлаи охир тафтиш кардани иншо аст. Дар ин вақт диққати шумо аз рафти сухан, мазмун дур шуда, танҳо ба хатоҳои имлоӣ равона мегардад. Ин усул хеле самарабахш аст, бисёр хатоҳои имлоӣ ва грамматикӣ дарёфт мешаванд.

Ҳеҷ гоҳ дар бораи чизе ки намедонед ё хуб намедонед, нанависед.

Калимаҳоеро, ки тарзи навиштанашонро намедонед, истифода набаред, ба ҷойи он калимаи ҳаммаъноро истифода баред.

Адабгуфторӣ накунед, дар ин ҳолат вақтатон ба калимакобӣ мегузарад. Беҳтараш, суханронии калонсолонро ба ёд оред ва тибқи он амал кунед.

Сода ва фаҳмо нависед, кӯшиш кунед, ки мазмуни асарро ба ёд оваред, калимаҳои калидии асарро дар ёд дошта бошед ва дар атрофи он бо забони одӣ, фаҳмо ва таъсирбахш андеша ронед. Чизи заминӣ ва асил ҳамеша таъсирбахш аст ва ба хонанда таассуроти нек мегузорад.

Нақли хаттӣ  аз навъҳои маъмул ва серистифодаи дарси адабиёт буда, саводнокӣ, шеваи гуфтор, муназзамӣ ва мантиқии каломро устувор месозад, малакаҳои навишт ва нутқи хаттию даҳонии хонандагонро такмил медиҳад. Вобаста ба хусусияти матн навъҳои нақли хаттӣ  ҳикоягӣ, тасвирӣ ва таҳлилӣ буда,  ба шакли мухтасар ва муфассал навишта шуда, имконият медиҳад, ки хонанда фикрашро мустақилона дарҷ намояд, малакаҳои навишт, хониши бошуурона, тавлиди андеша, мушоҳидакорӣ ва шарҳи далел ва санадҳоро тақвият мебахшад.

Дар нақли мухтасар ҷузъиёти муҳими матни бадеӣ дарҷ гардида, зимни нақшаи сода тарҳрезӣ мегардад. Дар нақли хаттии мураккаб бошад дар асоси нақшаи муфассал матни бадеӣ ҳамаҷониба таҳлил ва инъикос меёбад. Дар синфҳои 5-6 мураттабсозии нақшаи нақли хаттӣ  бо кумаки омӯзгор ва синфҳои 7-8 мустақилона сурат мегирад.

Дар нақли хаттӣ марҳилаҳои зерин риоя мегарданд:

- интихоби матн ва муайян намудани навъи нақли хаттӣ;
- хониши муассир ва ифоданоки матн;
- шарҳи калима ва ибораҳои калидӣ ва душворфаҳм;
- навишти матн ва арзёбии нақли хаттӣ.

Нақли хаттӣ рӯйнависи айнани матни асари бадеӣ набуда, инъикосгари андеша ва фикри хонанда оид ба мавзӯъ, ғоя ва симои асосии матни муайяни порча ва ё лавҳаи асари бадеӣ мебошад.

Дар нақли хаттӣ интихоби лавҳа ва ё порчаи матни асарои бадеӣ арзишманд аст ва қабул, дарк, пешниҳоди муҳтавои матн ва хусусияти адабию услубии он риоя мегардад. Матни нақли хаттӣ аз порча в ё қисматҳои таъсирбахши китобҳои дарсӣ, асарҳои бадеӣ ва мусаввараҳои ҷудогона интихоб карда мешавад. Матни нақли хаттӣ метавонад хусусияти гуногун дошта бошад. Масалан, дар матни ҳикоягӣ унсурҳои тасвир ва дар матни тасвирӣ хусусиятҳои таҳлилӣ ва дар матнҳои ҷудогона хусусияти муштаракро дошта метавонад.

Дар нақли хаттии ҳикоягӣ соддагии баён ва ифода мушоҳида шуда, ҳодиса ва лаҳзаҳои тасвирёфта ба зиндагинома ва ё сифати фаъолият бахшида мешавад. Маҳаки асосии ин навъи нақл ахбор ва ивазшавии ҳодиса ва воқеаҳо буда, афкори хонандагонро муназзам ва мантиқӣ мегардонад, пайдарҳамии дарки ҳодисаву воқеаҳоро таъмин намуда, ба инкишофи малака ва маҳорати донишомӯзӣ ва саводнокии хонандагон мусоидат менамояд.

Нақли хаттии тасвирӣ нисбатан мушкилтар буда, навишти пурратари сифату хусусияти ашё, унсурҳои тасвир, ҳодисаву воқеот, симои зоҳирию ботинӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар ин намуди нақли хаттӣ дарки унсурҳои тасвир ва воситаҳои баён, ки дар матн истифода шудааст, шарт мебошад.

Масалан, ҳангоми мутоилаи порча аз романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода сарнавишти ибратомӯз ва пурмашаққати шоирону олимон, заҳматҳои кори эҷод, рӯҳия

ва набзи замони тасвирёбанда дар алоқамандӣ бо шахсияти шоир, симои қаҳрамон ва нависандаи асар идрок мегардад.

Дар эҷоди корҳои хаттӣ ва малакаҳои навишт хонандагону толибилмон бояд пуртоқату таҳамулпазириро пеша намуда, ҳамеша парвози андеша ва шуури хаёлангезро устувор созанд.

## БОБИ 13

## МЕЪЁРИ БАҲОДИҲӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН АЗ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Нақли хаттӣ ва иншо воситаи муҳим ва арзишманди саводомӯзӣ, такмили истеъдод, балоғати калом, тақвияти андеша ва ҳофиза, муназзамии лафзу маънӣ, равонии нутқ ва умуман инкишофи малакату маҳорати толибилмон маҳсуб меёбанд.

Дар барномаи таълимии забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик омӯзиш ва фаҳмиши асолати забон ва балоғати калом бо дақиқ азхудкунии асосҳои илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ, махсусан, қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат, риояи меъёрҳои забон ва каломи бадеӣ, қисматҳои таркибии фонетика, калимасозӣ, услуб, тарзи баён, истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ ва монанди инҳо муайян шудааст. Дар барномаи ҳар як

синф дар баробари дарсҳои ҷудогона ба иҷрои корҳои хаттӣ дар бобҳои алоҳида, ҳамзамон ҷиҳати мустаҳкамкунии дониши хонандагон корҳои хаттии санҷишӣ (мустақилона ва нақшавӣ) муҳлат пешбинӣ шудааст. Дар ин радиф танҳо омӯзгорон бо баҳисобгирии самараноки раванди тадрис микдори соатҳои фаслу бобҳоро каму зиёд карда метавонанд.

Дар ҷаҳони муосири таҳсилот дар назар бояд дошт, ки таъмини иттилооту ахбори фаврӣ тавассути воситаҳои техникӣ таъмин мегардад. Дар баробари ин малакаву маҳорат, инкишофи тафаккур ва саводомӯзии хонандагон дар дарсҳои забон ва адабиёт ҳамаҷониба танҳо тавассути фаъолияти омӯзгору хонанда, такмилу таҳрир, худомӯзӣ, такрор, риояи меъёрҳои талаффуз, имло, калима, ибораю ҷумласозӣ, шакл, таносуб, муносибати лафзу маънӣ, санъати нигориш, муназзамӣ, оҳангнокӣ, ва монанди онҳо сурат мегирад. Ин ҳама амалҳо навъҳои меъёрҳои муайянкунандаи дониш, истеъдод, маҳорат ва малакаи хонандагон маҳсуб меёбанд.

Нақли хаттӣ ва ҳунари иншонависӣ ба мақсади инкишоф ва риояи талаботи меъёрҳои имло, баён, фасоҳату балоғати суханварӣ ва вусъати назари толибилмон анҷом дода мешавад. Матнҳо дар асоси риояи талаботи замони муосир, асосҳои педагогию психологии зинаҳои таҳсил, синну сол ва дараҷаи фаҳмиши хонандагон, супоришҳои грамматикӣ, намунаи калима, ибора ва таъбирҳо интихоб мегарданд.

Ташкили корҳои хаттӣ, навъҳо, марҳилаҳо ва тартиби гузаронидан, тарзи талаффуз, баёни мантиқӣ, шарҳи калимаҳои душворфаҳм, супоришҳо, санҷиш ва риояи талаботи баҳодиҳӣ аз ҷониби омӯзгор сурат гирифта, ба қобилият ва соҳибҳунарии ӯ вобастагӣ дорад.

Муайян намудани меъёри баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон яке аз шаклҳои асосии баланд бардоштани сифати таълими фанҳои адабиёти тоҷик дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад.

Санҷиши шифоҳӣ баҳисобгирии дониши хонандагонро аз рӯйи фанни таълимӣ муайян менамояд ва бояд омӯзгор ба

дониш, малака ва маҳорати хонандагон мутобиқи барномаи таълими, дар асоси талаботи ягона баҳогузорӣ намояд. Тарзи пешниҳоди савол ва муайян намудани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар инкишофи нутқи хонандагон хеле муҳим мебошад. Омӯзгор ё шахси саволдиҳанда бояд саволро ба хонанда тарзе пешниҳод намояд, ки хонанда барои ҷавоб додани вай ҳавасманд ва барои ҷавоб додан омода шавад. Савол бояд аз ҷиҳати мазмун ва мантиқ фаҳмо буда, дар доираи он мавзӯъҳое бошад, ки хонанда дар давоми таҳсил аз худ кардааст. Ҷавоби хонанда бояд мураттабу мантиқан дуруст бошад.

Ҳангоми баҳо додан ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон аз фанни адабиёти тоҷик чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

– мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;

– дараҷаи фаҳмиши хонанда;

– тарзи баён;

– барои тасдиқи фикри гуфташуда мисолҳо овардан;

– риоя ва фаҳмиши меъёрҳои каломи бадеъ, баён, талафуз, хониш, вазни шеър, қофия ва санъатҳои бадеӣ;

– аз дарсҳои гузашта бохабар буда, барномаи таълимиро аз худ карда бошад;

– дар вақти ҷавоби савол худро озод ҳис карда тавонад;

–фикри худро тасдиқ карда тавонад, дар мубоҳисаи мавзӯъ иштирок намояд.

**Баҳои «5» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– ба савол пурра ҷавоб диҳад; фикрашро озод баён карда тавонад;

– мулоҳиза ва андешаҳои худро бо мисолҳо мушаххас исбот кунад;

– нутқаш бурро, равон ва тоза бошад;

– ба саволҳои иловагии муаллим, ба пуррагӣ ҷавоб дода ҷумлаҳоро ба пуррагӣ таҳлили шифоҳӣ кунад; панду ахлоқ шеърҳои шоирон ва адибонро таҳлил намояд;

– аз порчаҳои насрӣ ва назмӣ калимаҳои душворфаҳм, луғатҳоро маънидод карда тавонад;

– дар ҷавоби гуфташудааш мустаҳкам бошад;

– дар вақти баёни фикр ба забони гуфтӯгуй ва лаҳҷа роҳ надиҳад.

**Баҳои «4» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– дар ҷавоб ҳамаи он талаботеро, ки барои баҳои «5» лозим аст, ҷавоб дода, як - ду ғалат содир карда бошад;

– баъзе ғалатҳои содиркардаашро ҳангоми қироати шеърҳо бо ёрии муаллим ислоҳ карда тавонад;

– мазмуни матн ва мафҳумҳои асосиро донад;

– мазмуни саволҳои додашударо фаҳмида, мисолҳо оварда тавонад;

– шеърро ифоданок хонда, танҳо ба 1-2 ғалат роҳ диҳад;

– дар мураттабии фикр ва тарзи баён ғалатҳои саҳл содир кунад;

– дар вақти баёни фикр ба забони гуфтугӯй роҳ диҳад.

**Баҳои «3» ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– мазмун ва мафҳумҳои асосии мавзӯъро ба тариқи умумӣ фаҳмад;

– шеърҳоро аз ёд донад, лекин дар вақти хондан ба ғалатҳо роҳ дода бошад;

– ба мавзӯъ ва мазмуни матн сарфаҳм рафта, бо ёрии омӯзгор нақл карда тавонад;

– ба оҳанги ҷумлаҳо риоя намояд;

– ба саволи додашуда нобоварона ҷавоб диҳад;

– мазмуни мавзӯъро пурра нақл карда натавонад;

- ҳангоми баён ба ғалатҳо роҳ дода, аз забони гуфтугӯӣ ва лаҳҷа истифода намояд.

**Баҳои «2»** ҳамон вақт гузошта мешавад, ки:

– агар ҷавоби хонанда ба талаботи баҳои «3» ҷавобгӯ набошад;

– дар таърифи мафҳум ва қоидаҳо ғалат содир кунад;

– моҳияти масъаларо кушода натавонад;

– тарзи баёнаш нобоварона бошаду ба мазмуни фикри гуфташуда сарфаҳм наравад.

**Баҳои «1»** он гоҳ гузошта мешавад, ки агар хонанда мавзӯъро тамоман азхуд накарда башад.

**Намунаи тақриз ба баҳои мусбат**

Хонанда мавзӯъро ба нақшаи тартибдодашуда мувофиқ кунонида, ба ҳодисаҳо холисона баҳо дода тавонистааст, фикрашро озодона баён намудааст. Кор бо забони фаҳмо ва равшан навишта шуда, ҳусни хат, ҳошиягузорӣ, мураттабии ифодаи фикр мувофиқи мақсад бошад. Кори хананда дар интихоби калимаю ибора ва ҷумласозӣ нуқсон надошта, калима ва ибораҳо аз рӯйи мавқеи истифадабариашон гузошта шуда, мақсади хонанда ба далелҳо исбот гардидааст. Дар кори хаттӣ ғалатҳои грамматикӣ мушоҳида нашуда, ҳаҷми кор ба меъёрҳои муайяншуда мувофиқ аст. Ислоҳ ва хатзанӣ,м навишти дуқалама мушоҳида нашавад. Хонанда дар навиштани кори хаттӣ имлои забони тоҷикиро риоя намудааст.

**Намунаи тақриз ба баҳои манфӣ**

Хонанда мавзӯъро нафаҳмида, дар доираи маводи адабӣ корашро ба анҷом нарасонидааст. Мавзӯъ мувофиқи талаб баён нашуда, дар кори хаттӣ ба рӯйбардории китоби дарсӣ роҳ додааст.

Мазмун ба нақшаи кор мувофиқат накарда, хонанда бе алоқамандию пайдарҳамӣ фикрашро ифода кардааст.

Дар кори хаттӣ ғалатҳои грамматикӣ ва услубии зиёд содир шудаанд.

Ҳаҷм ва мураттабии баён дар кор мувофиқи талаб нест. Ба гузоштани аломатҳои китобатӣ риоя накардааст.

**Баҳо ба нақли хаттӣ**

Нақли хаттӣ яке аз воситаҳои муҳими омӯзиши нутқи адабии хонанда ба шумор рафта, бо туфайли он хонандагон доир

ба услуб, малака ва маҳорат ҳосил карда, ба меҳнати мустақилона ва эҷодӣ омода мегарданд.

Мундариҷаи нақл ва талаботи он мувофиқи тақозои мавзӯъҳои барномаи таълим ва синну соли хонанда таври зайл мешавад:

1.Хонандагон мувофиқи мазмуни матн ё ҳикояте, ки дар синф хонда мешавад, нақшаи онро тартиб медиҳанд.

2.Дар нақли хаттӣ фикри хонандагон равшану фаҳмо ва мураттабу асоснок баён мешавад.

3.Хонандагон мувофиқи талаби муаллим нақлро аз рӯйи нақша мухтасар ва фаҳмо менависанд.

4.Дар кор воқеа, тасвири макону замон, мундариҷаи муколамаҳо, феълу атвори персонажҳо, мураттабии баён риоя карда мешавад.

5.Ҳангоми истифодаи калимаю ибора ва ҷумлаҳо муаллим ба дуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ эътибор медиҳад.

6.Бояд нақл хусусияти эҷодӣ дошта бошад.

7.Матни нақли хаттӣ мувофиқи вазифаҳои таълимӣ тарбиявӣ буда, аз ҷиҳати забон ва мазмун бояд ба хонандагон шинос бошад.

8.Матни нақл вобаста ба мавзӯъҳои барномаи таълим ва берун аз он интихоб карда мешавад.

Барои нақл машқҳо истифода шуда, дар синфҳои 5-9 миқдори калима ба тарзи зайл муайян карда мешавад:

| № | Синфҳо | Миқдори калима |
|---|---|---|
| 1 | Синфи 5 | 100-150 калима |
| 2 | Синфи 6 | 150-200 калима |
| 3 | Синфи 7 | 200-250 калима |
| 4 | Синфи 8 | 250-300 калима |
| 5 | Синфи 9 | 350-450 калима |

Муаллим, пеш аз он ки ба нақли хаттии хонандагон баҳо гузорад, масъалаҳои зеринро бояд ба назар гирад:

1.Хонандагон мазмуни ғоявии матнро чӣ тавр аз худ кардаанд.

2.Матн аз тарафи хонанда мазмунан пурра ва возеҳ ифода ёфтааст ё не?

3.Интихоби калимаю ибора ва ҷумласозӣ, истифодаи дурусти калима ва ибораҳо, алоқамандии фикр дар ҷумлаҳо, истифодаи ҷумлаҳои мураккаб ва аломати китобатӣ, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ва ғайра.

4.Услуби кор (якмаъноӣ ва сермаъногии калима ва ибора, равонии ифодаи фикр, дуруст ё нодуруст истифода кардани муродифҳо, овардани иқтибос ва ғайра).

5.Микдори ғалатҳои нақл (услубӣ, имлоӣ ва аломатҳои китобатӣ).

**Баҳои «5» ба нақли хаттие гузошта мешавад, ки:**

– мазмунан мураттаб навишта шуда бошад;

– дар баёни воқеъ иштибоҳ ва норавшанӣ дида нашавад;

– дар кор равонии фикр, таъсирноку аниқии услуби ҷумласозӣ мушоҳида карда шавад;

– дар интихоби калимаю ибора комил будани захираи луғавии хонанда маълум шавад;

– мазмуни кор ба мавзӯи нақл ва нақшаи тартибдода мувофиқат кунад;

- кор тозаю озода бошад;

– дар навишти калима, ибора ва ҷумла хатогиҳои имлоӣ ва аломатҳои китобатӣ на кам аз якто ба чашм расад.

**Баҳои «4» ба нақли хаттие гузошта мешавад, ки:**

– мазмун дуруст ифода шуда, баёни рафти воқеа тартиби муайян дошта ва иштибоҳе дида нашавад;

– тарзи ифодаи фикр таъсирнок дар интихоби калимаю ибора ё сохти ҷумла саҳве содир нашуда бошад;

– ду ғалати имлоӣ, ду ғалати аломати китобатӣ ва як ғалати услубӣ дошта бошад.

**Баҳои «3» ба нақли хаттие гузошта мешавад, ки:**

– мазмун дурусту баёни воқеа аз ҷиҳати мураттабӣ каме нуқсон дашта башад;

– ҳангоми овардани далелҳо 1-2 ғалати услубӣ дида шавад;

– дар интихоби калима ва ҷумласозӣ 4 ғалати имлоӣ ва 4 ғалати аломати китобатӣ дошта бошад. Ҳангоми баҳо додан ба корҳои хаттӣ - санҷишии хонандагон ҳусни хат, гузориши ҳошия ва ҳаҷми кор пурра ба назар гирифта мешавад. Бинобар ҳамин, агар нақли хаттӣ аз ин ҷиҳат солим бошад, ба 9 (нўҳ) ғалат ҳам баҳои «3» гузаштан мумкин аст.

**Баҳои «2» ба нақли хаттие гузошта мешавад, ки:**

– мазмун хароб буда, аз ҷиҳати ҳаҷм ноқис бошад (ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва аломати китобатӣ содир шуда бошанд).

**Баҳои «1» ба нақли хаттие гузошта мешавад, ки:**

– мазмуни нақл умуман баён наёфта бошад ва хонанда доир ба мавзўи нақли хаттӣ тасаввурот надошта бошад.

**Баҳо ба мазмуни иншо**

Иншо ду хел мешавад: мавзўӣ ва озод. Албатта, ин тақсимоти шакливу мундариҷавист. Зеро ҳама гуна иншо кори эҷодӣ ва заҳмати зиёд металабад.

Меъёри баҳогузорӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳснок аст. Хатоҳо имлоӣ, услубӣ ва китобӣ мешаванд. Дар рўйбардор ё баргардон, ҳатто, донишмандони матншинос иштибоҳ мекунанд ва дар ин бора баҳсҳои байни устодонро ба хотир овардан кофист. Ҳадаф дар навиштан озод буданро талқин намудан аст, на такрор намудани ҷумлаҳои китоби дарсӣ. Албатта, чӣ гуна навиштан аз донишу ҳунар, китобхонӣ, ҷаҳонбинӣ, тарбияи хонанда вабаста аст. Вале иқрор бояд шуд, ки ҳар шогирди солимақл метаванад мушоҳида, андеша, мулоҳизаи худро дошта бошад ва ўро агар озод гузоред, онро баён карда тавонад. Фақат ба ў роҳ нишон бояд дод. Дар ин бобат аз ёд кардан, қолаб гирифтан аз иншоҳои навишташуда ё китоби дарсӣ ба манфиати кор нест. Бояд фаҳмонид ва роҳ нишон дод.

Мавзӯъ ва ҳаҷми иншо аз синфи VIII сар карда тадриҷан мураккаб шудан мегирад, ҳаҷми иншо дар синфҳои VIII - XI бояд 5-6 саҳифаро ташкил диҳад.

Аз иншоҳои ханандагони синфҳои X-X1 бояд маълум шуда истад, ки:

1.Хонанда нақшаи иншоро вобаста ба мазмун дуруст тартиб додааст, ё не?

2.Ҷавоби ҳар нақшаи кор ба мавзӯъ ва мазмун мувофиқ бошад.

Аз он ҷумла:

– мураттабӣ ва пайдарҳамии фикр;

– таҳлили нақш ва порчаҳои он;

– мисолҳо барои далели фикр;

– қаноатбахшии хулоса ва ҷамъбасти иншо.

3.Кори худро аз ҷиҳати услуб дуруст ва бо имлою аломати китобати беғалат иҷро намояд.

4.Иншоҳое, ки муаллим ба онҳо тақриз навишта, баҳо мегузорад, баяд талаботи зеринро дошта бошанд:

1. Иқтибосе, ки дар матлаи иншо оварда мешавад, ба мазмуни кор алоқа дошта башад.

2. Нақшаи иншо тавре тартиб дода шуда бошад, ки аз ҷиҳати мураттабӣ ва тарзи ҷобаҷогузорӣ мундариҷаи корро дар бар гирад. Дар бандҳои нақша набояд нофаҳамӣ ва норавшаниҳо бошад.

3. Муаллим ҳангоми санҷиш ба ҳар як ҷузъи нақша ҷавоби саҳеҳ пайдо карда тавонад.

4. Дар иншо алоқамандии фикр, давру замон пурра дида шуда, хулосаи он бояд фикри муаллифро ҷамъбаст намояд.

5. Матни асари бадеӣ, ки дар иншо истифода бурда мешавад, аз ҷиҳати бадеият ва воқеияту ғоянокӣ ҷавобгӯи замон бошад.

6. Қувваи эҷодии муаллиф дар навиштани иншо ва мазмуну кор аён гардад. Маълум шуда истад, ки иншо то чӣ андоза хусусияти эҷодӣ гирифтааст.

7. Муаллиф ҳангоми навиштани иншо то кадом дарача ба далелҳои адабию таърихӣ риоя кардааст.

8. Мустақилӣ ва фаъолиятнокии муаллиф ҳангоми навиштани иншо.

9. Дар кор ҳисси таваҷҷуҳи муаллиф, фаҳмиш ва хусусияти эҷодии ӯ то кадом андоза инъикос ёфтааст.

10. Нақшаофаринии иншоро чӣ тавр бояд баҳо дод?

11. Дар иншо фикрҳои ҷудагонаи бадеӣ дучор меоянд, агар дучор оянд, ба кадом мақсад.

12. Ба тартиб даровардани иишо (сарсатр, тартиби рақамҳо, иқтибосҳо, сохти ҷумлаю ҳусни хат, мураттабии мазмун, гузоштани ҳошияю ҳаҷм ва ғайра) ба назар гирифта шаванд.

Инчунин, дар синфҳои VIII – XI оид ба мавзӯъҳои адабӣ-публисистие, ки аҳамияти таълимию тарбиявӣ доранд, дар гузаронидани иншои синфӣ ва хонагӣ мувофиқи мақсад аст.

Масалан, доир ба чунин мавзӯъҳо: «Инъикоси қаҳрамонони халқ дар асари нависандагони тоҷик», «Адабиёт дар мубориза барои ваҳдат» ва ғайра.

Муаллим, ки ҳар рӯз дараҷаи азбаркунии маводи барномаи таълимиро аз рӯйи ҷавобҳои даҳонӣ ва корҳои хонандагон муайян мекунад, дар ҳар як синф ба миқдори зерин бояд иншо гузаронад: синфи VIII 4 иншои синфӣ, 3 иншои хонагӣ, дар синфи IX камаш 5 иншои синфӣ ва 4 хонагӣ ва дар синфҳои X-XI камаш 5 иншои синфӣ ва 4 иншои хонагӣ.

Ҳангоми санҷиши иншои хонандагони синфҳои IX- XI ҳам ба адабиёт, ҳам ба забон, ба мазмун ва саводнокӣ баҳо гузашта мешавад.

**Баҳои «5» ба иншое гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– мавзӯъро бевосита ва комилан дар бар гирифта, маводи адабиро пурра фаҳмида ва дониста, ба ҳодисаи баёншаванда баҳо дода тавониста ва мустақилонаю мураттаб фикр ронда бошад;

– бо забони фаҳмо ва равшан навишта бошад;

– хулосаи дуруст бароварда башад;

– дар иншо ғалатҳои грамматикӣ содир накарда бошад;

– мазмуни иншоро ба нақшаи корӣ мувофиқ ифода карда бошад;

– дар иншо ба навишти дуқалама роҳ надода ва навиштаҳоро ислоҳ накарда башад.

**Баҳои «4» ба иншое гузошта мешавад, ки агар хонанда**:

– маводи адабиро нағз азхуд карда, фикрашро мураттаб бо далелҳо исбот карда тавониста бошад;

– хулосаи иншо мушаххас бошад;

– ба забани адабӣ навишта шуда бошад, бо вуҷуди ин, дар баёни фикр ягон ғалате содир шуда бошад.

**Баҳои «3» ба иншое гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– мавзӯъро баён намуда, ба саволҳои он ҷавоби рӯякӣ гардонидааст;

– дар баёни мақсад ва овардани далелҳо саҳве кардааст;

– мазмуни иншоро аз рӯи нақша ифода нанамуда аст;

– ҳаҷми корҳо ба талабот мувофиқ иҷро накардааст.

**Баҳои «2» ба иншое гузошта мешавад, ки агар хонанда:**

– мавзӯъро нафаҳмида, маводи адабиро дар кор пурра фаро нагирифта бошад;

– мавзӯъ мувофиқи талаб баён накарда, ба нақли одӣ ва рӯйбардори китоби дарсӣ роҳ дода бошад.

**Баҳои «1» ба иншое гузошта мешавад, ки на нақл дораду на мазмун.**

Муаллим ҳуқуқ дорад, ки ба иншои хонанда бо назардошти ҳаҷми кор нисбат ба меъёри муқарраршуда (як ё ду хатои имлоӣ ва аломати китобатӣ) баландтар баҳо гузорад.

**Миқдори корҳои хаттӣ аз адабиёт дар як сол**

| Синфҳо | V | VI | VII | VIII | IX | X | XI |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфӣ | 4 | 4 | 4 | 4 | 5 | 5 | 5 |
| Хонагӣ | 1 | 1 | 2 | 3 | 3 | 4 | 4 |
| Ҷамъ | 4 | 5 | 6 | 7 | 9 | 10 | 11 |

# БОБИ 14

## КОҲОИ БЕРУН АЗ СИНФ ВА ФОРИҒ АЗ ДАРСИ АДАБИЁТ

Корҳои берун аз синф ва ё берун аз мактаб, яъне фориғ аз таҳсил як ҷузъи муҳими фаъолияти таълим ва тарбия буда, ҳадафи асосии он бунёди тафаккури маънавӣ, фаҳмиши ғановат ва муҳимияти осори адабӣ, инкишофи қобиляти эҷодкорӣ ва завқи зебоишиносӣ, нерумандии фардият, мустақилият ва мустаҳкам намудани дониш ва малакаҳои хонандагон аст. Ташкили корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб аз фанни адабиёт ба рушди камолоти маънавию эстетикии хонандагон мусоидат менамояд.

Корҳои берун аз синф ва беруназмактаб аз фанни адабиёт низоми муайян, гуногунҷабҳа ва мураккабро доро буда, дар баргузории онҳо усул ва шаклу воситаҳои мухталиф истифода мешаванд. Қисме аз онҳо , аз ҷумла, чорабиниҳои мактаб, маҳфилҳои адабӣ, хониши мустақилона, хониши берунazсинфӣ, семинару конфронсҳо, мубоҳиса, озмун, викторинаҳои адабӣ, ҷашнҳо ва ғайраҳо дар мактаб баргузор мегарданд. Самти дигари корҳои берунazмактабӣ худфаъолиятии шахсро дар чорабинӣ ва ҷашнҳои таърихии миллӣ, тамошои музей, театр, сайру саёҳат ва мутолиаи фардии асарҳои бадеӣ амалӣ мегардонанд.

Корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб аз адабиёт дар фаъолияти рӯзмарра (раҳнамоии омӯзгор ва мураббӣ, волидон), лаҳзавӣ (хониши мустақилона, хониши муассир, шабнишинӣ, суҳбату мубодилаи афкор, саёҳат, мубоҳиса ва ғайра), муназзам ба нақшагирифташуда (хониши озоди берунazмактабӣ, маҳфил, созмону ташкилот ва ғайра) мураттаб мегардад. Аз ҷониби дигар, корҳои берун аз синф аз адабиёт дар муҳайёсозии муҳити эҷодии хонандагон (озмуни хониши шеър ва хониши муассири наср, озмуни иншои

беҳтарин, вохӯрӣ ва шабнишиниҳои эҷодиву ҳунарӣ ва таҳияи намоишнома, викторина, мақола ва асари илмиву адабӣ) судманд аст.

Корҳо ва ё машғулиятҳои берун аз синф дар шакли фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ баргузор мегарданд ва ташкил ва назорати онҳоро омӯзгор, роҳбари синф ва муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ ба уҳда доранд. Корҳои берун аз синф ва ё берун аз мактаб ба дарси адабиёт алоқамандии нагусастанӣ дошта, идомаи мантиқии ҳамдигаранд, якдигарро пурра ва дақиқ месозанд. Ташкили самараноки ин намуди фаъолият ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дониш ва малакаҳои пайдонамудаи хонандагонро мушаххас ва муназзам такмил ва инкишоф диҳад.

Дарси адабиёт ҳамеша ба хазина ва ҳосили корҳои берун аз синф ва ё берун аз мактаб, махсусан, хониши мустақилонаи хонандагон такя дорад ва тавассути дониши азхуднамуда дар раванди таълим ва бозтоби ҳунарии осори адабӣ муяссар мегардад. Дар дарси адабиёт нақл ва муҳокимаи асари хондашуда, ахбор, маърӯза, тақриз ва бозёфтҳои эҷодии фардии хонандагон мунтазам баррасӣ мегардад. Дар умум хониши мустақилонаи асари бадеӣ ба шахс мавод ва масолеҳи бунёдкории қасри тамаддун, мактаби одамият ва иморати суханро медиҳад.

Дар корҳои берун аз синф аз ҳама бештар фардият ва шахсияти хонанда ҷилвагар гашта, худфаъолиятӣ ва худшиносии инсон такмил меёбад. Маҳз ҳамин самти фаъолият барои шинохти шахсияти хонанда, камолоти касбӣ ва татбиқи қисмати фаъолияти мушоҳидакирӣ ва илмии вай мусоидат менамояд. Дар ин замина вазифаҳои омӯзгорро дар раванди фаъолият бо чунин нишондодҳо метавон муайян намуд:

-омӯзиш, дарк ва ташаккули тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоишиносӣ ва ҷомеашиносӣ тавассути чорабиниҳои гуногуни берунazсинфӣ дар алоқамандии манбаъ ва маводи осори адабӣ;

-тарбияи асосҳои маданияти суханварӣ, таҳаммулпазирӣ, рафтору гуфтор ва пиндори нек, одоби муоширaт, риояи ҳусни калом ва фасоҳати баён;

- азхудкунӣ ва фаҳмиши асосҳои дониш, салоҳият ва инкишофи малакаҳои маданият ва маърифатнокии ҷомеа;

- ташаккул ва рушди сифатҳои равоншиносӣ ва ботинии наврасону ҷавонон, шахсият ва нерумандии он;

-бунёд ва устуворсозии фаъолияти илмӣ ва амалии хонандагон, мутобиқсозии он ба навгониҳои илму технологияи муосир ва раванди ҷаҳонишавии тамаддунҳо;

- парвариши муносибатҳои шоиста ва ибратомӯзи ҷомеадорӣ, ҷаҳоншиносӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ташаббускориву масъулиятшиносӣ.

Тавассути корҳои берун аз синф амиқ ва васеъ намудани дониш ва малакаҳои адабӣ ва сухангустарӣ имконпазир мегардад ва ин дар бунёд ва рушди шахсияти инсон ва камолоти он нақши сазовор дорад. Намуд ва вазифаҳои корҳои беруназсинфӣ мавод ва озуқаи созмондиҳии фаъолияти эҷодкорӣ ( ташкили намоишнома, викторина, таҳияи албому мусаввараҳо, ташкили маҳфил, машварату конфренсия ва ғайраҳо) мебошад.

Дар баробари ин, омӯзгори эҷодкор дар ташкили корҳои фориғ аз таҳсил раҳнамои хонандаи боистеъдод буда, на танҳо ба омӯзиши асосҳои назарӣ ва илмии адабиёт, балки ба устуворсозии маҳорат ва малакаҳои фардии хонанда ва камолоти шахсияти вай тавассути ба роҳ мондани корҳои берун аз синф муваффақ мегардад.

Корҳои берун аз синф ва фориғ аз мактаб аз фанни адабиёт шакл ва намудҳои ҷудогона дорад, ки ба тариқи зайл аст:

1. Хониши мустақилонаи беруназсинфӣ ва хониши озод.
2. Ташкили суҳбат, бозиҳои адабӣ, мусобиқаҳои ҳунарӣ, викторинаҳо, шабнишиниҳо, вохӯрӣ бо адибон, семинару конфронс ва ҷамъомадҳои адабӣ.

3. Таҳлили асарҳои ҷудогона бо иштироки омӯзгорон ва адибон ва арзёбии онҳо
4. Таҳлил ва тақризонидани корҳои хаттии хонандагон (нақли хаттӣ, иншо, реферат, тақриз, кори курсӣ, рисолаи хатм ва дипломӣ)
5. Ташкили озмун (олимпиада)-и фаннии хонандагон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва ҳаракати мунтазами намудҳои гуногуни олимпиада ва натиҷагирӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорону хонандагони фаъол.
6. Ташкили ҳафтаи фании адабиёт, маҳфилҳои доимоамалкунандаи адабӣ, аз қабили «Анвори дониш», «Истеъдодҳои ҷавон», «Фурӯғи дониш», «Сабақи ҳунар», «Сеҳри қалам» ва ғайраҳо.
7. Иштирок дар ҷашнҳо ва чорабиниҳои таърихиву адабӣ, идҳо ва рӯзҳои фарҳангӣ.
8. Саёҳат ба мавзеъҳои таърихӣ, музей ва осрхонаҳои адибон, китобхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳои эҷодиву ҳунарӣ.

Дар ин радиф, махсусан, ташкили хониши мустақилонаи осори адабӣ асоси корҳои беруназсинфии хонандагон ва ташкили самарабахши он аз самтҳои муҳими фаъолияти омӯзгори адабиёт маҳсуб меёбад. Дар методикаи таълими адабиёт дақиқ муайн гардидааст, ки тадриси адабиёт дар алоқамандӣ ба хониши мустақилонаи фориғ аз таҳсил ба хонанда шавқу рағбати мутолиаи адабиёт, мушоҳидакорӣ ва андешапарвариро тақвият дода, хониши асари бадеиро муназам ва ҷаҳони маънавии ӯро бой мегардонад.

Дар шинохт ва ташвиқу тарғиби мероси адабӣ мутолиаи осори адибон ва раҳнамоии омӯзгор мавқеи созанда дорад. Дар раванди хониши асари бадеӣ симои адиб ва шахсияти омӯзгор маҳаки асосии худогоҳии хонанда қарор мегирад. Бинобар ин, муносибати дақиқназарона ва таҳаммулгароёнаи омӯзгор, ки баёнгари шахсияти ӯст, ҳамеша роҳбаладу воқеии хонанда дар фаъолияти беруназмактабӣ қарор мегирад.

Аз ин рӯ, муваффақ бояд шуд, ки хониши асари бадеӣ на танҳо бо супориши ҳатмии омӯзгор ва ё иҷрои талаботи нақшаи муайяншудаи барномаи тадрис сурат гирад, балки ифодагари хоҳиш ва талаботи рӯзмарраи хонанда қарор дошта, маводи ғайрибарномавиро низ фаро гирад. Яъне, фаъолияти хонанда дар давраи таҳсил бо иҷрои вазифаҳои тарҳрезишуда маҳдуд нагашта, ҳангоми истироҳат ва лаҳзаҳои фароғатӣ табиӣ ва мақсаднок бо хониши асари бадеӣ созмон гирад. Дар ин радиф омӯзгори адабиётро зарур мебояд, ки ин василаҳоро ҳамчун воситаи иқтидорманди донишомӯзӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, майлу рағбат, малакаву маҳорат ва тарбияву камолоти хонандагон истифода намояд.

Мушоҳида аз таҷрибаи омӯзгорони соҳибкасб ва эҷодкори адабиёт собит месозад, ки ташкили хониши мустақилонаи асари бадеӣ ва муҳокимаи он аз ҳама бештар таваҷҷуҳи хонандагонро ба олами рангини осори бадеӣ, назокат ва балоғати каломи бадеӣ афзун мегардонад ва такягоҳи муътамаде барои шинохти маърифати ҳусн ва олами пурасрори рӯҳонӣ шинохта мешавад. Дар муҳокимаи асари бадеӣ таъкид ва шарҳи пора аз матни аслии асар, яъне сухани адиб ва хониши муассири порчаҳои он самаровар аст. Ҳамзамон, ҳангоми таҳлили асарҳо талаботи зинаҳои таҳсилот, синну сол, қобиляти зеҳнӣ ва равонӣ, дараҷаи дониш малакаву маҳорат, шавқу рағбат ва ҳавасмандии хонандагон ба инобат гирифта мешавад.

Омӯзгори адабиёт ҷиҳати эҳё ва идроки ҳаёти маънавию олами пуртуғёни ботинӣ, эҳсоси назокату зебоии зиндагӣ мувазааф аст ва ҳамеша барои азхудкунии дониш ва бедорсозии тафаккур ва худшиносии хонанда саъю кӯшиш менамояд. Зеро ангезаҳои зеҳнию ҳиссӣ ва тахайюлотии хонанда бештар дар лаҳзаҳои худфаъолиятӣ тавассути хониши осори адабӣ сайри маънӣ мекунад ва рушду намо меёбад.

Дар осори адабӣ ва зиндагиномаи адибону қаҳрамонони замон ва даврони гуногуни таърихӣ панду андарзҳои

ҳакимона, андеша ва афкори хирадмандона, симои ибратомӯз ва шахсияти тавонои инсонҳои неруманд инъикос ёфтааст. Бинобар ин, дар ташкили корҳои беруназсинфӣ ва хониши мустақилонаи асари бадеӣ таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии хонандагон ба асари хондашаванда, муҳимияти мавзӯъ, арзиши ғоявӣ ва қимати бадеии асар бояд ба инобат гирифта шавад.

Аз ҳамин сабаб омӯзгор номгӯи асрҳои фориғ аз таҳсил хондашавандаро муайян менамояд ва пурсишномаҳои гуногунро мураттаб сохта, ба хонандагон пешниҳод менамояд. Номгӯи асарҳо барои хониши мустақилона тибқи талаботи стандарт ва барномаи таълими адабиёт тавсия мегардад. Намунаи пурсишнома барои ин самти фаъолият чунин аст:

1. Кадом асарҳои бадеиро фориғ аз дарс хондаед?
2. Ба шумо кадом симои асар таъсиргузор ва хотирмон аст?
3. Аз хониши асари интихобнамудаатон чӣ таассуроте бардоштед?
4. Дар мутолиаи аср чӣ мушкилотро эҳсос намудед?
5. Кадом асар ба шумо писанд аст?
6. Асари бадеии дӯстдоштаи шумо кадом аст?
7. Хониши асари бадеӣ чӣ аҳамият дорад?
8. Кадом намуди асарро бештар мутолиа менамоед?
9. Нақши китоб дар ҳаёти инсон аз чӣ иборат аст?
10. Ба кадом китобхонаҳо аъзо ҳастед?

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар тарғибу ташвиқи хониши асарҳои бадеи китобхонаи мактаб ва оила бо роҳнамоии омӯзгору волидон, намудҳои гуногуни машғулиятҳои берун аз синф ва фориғ аз мактаб , аз қабили семинару конфренсия, ҳафтаҳои фаннӣ ҷамъомад, шабнишинӣ ва маҳфилҳои адабӣ, таҳияи мақола, тақриз, намунаҳои эҷоди бадеӣ ва ташкили намоишу саёҳат кумак мерасонад.

## БОБИ 15

## КАБИНЕТИ МЕТОДИИ АДАБИЁТ

Кабинети методии адабиёт (дар аксар мактабҳо кабинети забон ва адабиёти тоҷик) дар раванди таълиму тарбия аз сохторҳои муҳим, пурмаҳсул ва ёрирасони муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаи кабинети методии адабиёти тоҷик ташкилу такмили корҳои методӣ, чорабиниҳои гуногуни методӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти нақшаи кории солона, баргузории корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, конференсия, рӯзномаҳои деворӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, олимпиада ва озмунҳои фаннӣ, вохӯриҳо бо падару модарон ва адибон, ёрӣ ба омӯзгорони ҷавон, баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбии омӯзгорон, табодули таҷрибаи пешқадами педагогӣ, шиносоӣ бо дастовардҳои муосири илму фановарии педагогӣ ва адабиётшиносӣ, технология ва инноватсия ва иҷрои саривақтии барномаҳои таълимӣ иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар кабинети методии адабиёт ба роҳ мондани фаъолияти иттиҳодияи методии фанни адабиёт, ташкил ва гузаронидани дарсҳои асосӣ ва иловагии адабиёт, машғулиятҳои фаннӣ ва санҷишу имтиҳонот ва кор бо хонандагони сустхон судманд ва таъсирбахш хоҳад буд.

Кабинети методии адабиёт дар муассисаи таълимӣ маркази корҳои методии фаннӣ буда, ҳамчун танзимкунандаи дастуру ҳуҷҷати меъёрӣ, барномаҳои таълимӣ, маводу аёният, адабиёти таълимию методӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, кабинет бояд бо маводи зарурии фаннӣ, таҷҳизоти муосири технологӣ: магнитофон, телевизор, маҷмӯи асбобҳо, дастгоҳи компютерӣ, силсилаи воситаҳои аёнӣ,

адабиёти илмию методӣ ва монанди инҳо таъмин бошад. Таҷҳизот ва ороиши кабинет барои тайёрии самараноки омӯзгорон ба дарсҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ, корҳои методии фардӣ, гузаронидани вохӯрӣ, машварату суҳбатҳо, хоншҳои педагогӣ ва амсоли инҳо мусоидат менамояд. Дар кабинет мунтазам адабиёти илмию методӣ, маводи дидактикӣ, воситаҳои таълим ва матбуоти рӯзмарра ҷамъоварӣ мегардад ва хазинаи иттилоотию тарғиботӣ ба вуҷуд оварда ба тартиби муайян ба намоиш гузошта мешавад.

Дар баробари ин, дар кабинет гӯшаҳои «Маҳфили адибони ҷавон», «Суханшинос», "Муқаддасоти миллӣ", «Ифтихори мо», «Дастовард ва навгониҳо», "Бузургон дар бораи забон ва адабиёт", "Чиро бояд хонд", "Таҷрибаи ибратомӯз" , симоҳои адибон ва монанди инҳо бояд ороиш ёфта бошанд. Ҳамчунин, дар кабинет дафтарҳои корҳои хаттии санҷишӣ, нақли хаттӣ ва иншо, албом, аёният ва расму овезаҳо нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар кабинети методии адабиёт мудири кабинет масъул буда, раванди фаъолияти кабинетро ба танзим меоварад. Тарзи ороиш ва танзими кабинети методӣ ба салоҳдиди мудири кабинет ва маслиҳати омӯзгорони муассисаи таълимӣ вогузошта мешавад.

Ҳамзамон, бо имконияти таъмини синфхонаҳо дар якҷоягӣ ташкил намудани кабинети забон ва адабиёт низ тавсия дода мешавад. Кабинет таҳти роҳбарии директори мактаб дар ҳамкорӣ бо мудири кабинет ва омӯзгорон ба кормандони педагогӣ ва хонандагон кумак мерасонад.

Дар маҷмӯъ кабинети методии адабиёт дар муассисаи таълимӣ ҳамчун маркази ёрирасони таълимӣ ва тарбиявӣ ва танзимкунандаи корҳои фориғаздарсӣ фаъолият ва ҷиҳати рушди корҳои таълимию методӣ ва таъмини таҳсилоти босифат ба омӯзгорон ва хонандагон мусоидат менамояд.

Дар замима намунаи силсилаи воситаҳои аёнӣ- ҷадвалҳои фанни адабиёти тоҷикро, ки дар ҳамкорӣ бо омӯзгори равоншинос Ҳ. Саидов мураттаб гардидааст, пешкаш менамоем. Умедворем, ки омӯзгорони арҷманд аз онҳо самаранок истифода намуда, минбаъд ҷиҳати такмил бахшидан ва бештар саҳеҳ таҳия кардани ин ҷадвалҳо кумаки амалии хешро дареғ намедоранд.

# Мундариҷа

**Сарсухан……………………………………………………….3**

1. **Мақсад, ва вазифа{ои таълими адабиёт……………………5**
2. **Мушкилоти назариявӣ ва методии таълими адабиёт………..17**
3. **Талаботи шахсият, фаъолият ва маҳорати касбии омӯзгори адабиёт.......................................................29**

**4.. Дарси муосири адабиёт ва хусусияти он…..............................42**

**4.1. Дарси адабиёт ва фанҳои ёрирасон…………………………...60**

**4.2. Зинаҳои таълими осори бадеӣ……………………………......66**
**5. Таълими вазнҳои шеъри тоҷикӣ ............................................76**
**6. Равиш, усул ва воситаҳои таълими адабиёт………………..........87**
**6.1. Таълим ва таҳлили осори ғиноӣ (лирикӣ) …………………131**
**6.2.Усули таълими адабиёт дар синфҳои 5-7……. ....……….......153**
**6.3.Таълими шеъри Эраҷ Мирзо …………………………........162**
**6.4. Таълими жанр{ои фолклорӣ...............................................166**
**6.5.Таълими афсонаи "Эраҷи тилисмшикан" ………………..169**
**6.6.Таълими зарбулмасалу мақолҳо ………………………..........175**
**6.7.Таълими порча аз повести "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» -и С. Айнӣ…………………………......181**
**6.8.Таълими порчаҳо аз достони «Чароғи абадӣ»-и М.Турсунзода……………………………………….................186**
**6.9.Таълими «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус…......195**
**6.10.Таълими порча аз повести « Бӯи ҷӯи мМӯлиён»-и Р. Ҳодизода……...............................................................201**
**7. Махсусят ва усули таълими адабиёт дар синфҳои 8-11…………………………………………..........207**
**7.1 Мавзӯъҳои тафсирӣ ва рисолавӣ…………………….........214**
**8. Омӯзиши зиндагинома ва шахсияти адиб ……………..........228**
**9. Таълими ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 8..........................................................................246**
**10. Хониши адабӣ, хусусият ва талаботи он……………………258**
**10.1. Пайванди хониши муассир ба адабиётшиносӣ……………279**
**10.2. Алоқамандии идрок ва эҳсос дар хониши асари бадеӣ…..285**
**10.3. Хониши ёрирасон ва мустақилонаи осори бадеӣ…………298**
**11. Тафсирҳои судманди хониши бадеӣ…………………………306**
**12. Корҳои хаттӣ, махсусият ва меъёрҳои он{о аз фанни адабиёти тоҷик ………… ...........................………….............332**

**13. Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон   аз фанни адабиёти тоҷик.......................................347**
**14. Корҳои берун аз синф ва фориғ аз дарс.................................358**
**15. Кабинети  методии адабити тоҷик..........................................364**
**16. Таблитса- аёнияти дарсии  адабиёти тоҷик...........................367**

**АБДУСАМАДИ  МУЛЛО**

**МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК**

**Му{аррир: Абдурауф Муродӣ**
**Му{аррири техникӣ  Қӯзиев Ҷ.**
**Муқарризон: Абдуллоев М.,А{мадов М., Шербоев С.**
**Мусаҳеҳ: Абдулҳаева Маҳҷуба**

**БИ№ 5184**

Ба чоп 04.08.14 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/16.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 25,0. . Адади нашр 500.
Супориши № 211. Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17.
***E-mail:***_irfon_company@mail.ru_